# АБУЛФАЙЗИ ФАЙЗӢ

# *Ашъори мунтахаб*

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК-83.3(0)9
УДК-8Т1
Ғ-46

Мураттиб ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот:
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
***Замира Ғаффорова***

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

**Абулфайзи Файзӣ. Ашъори мунтахаб.**
– Душанбе: «Адиб», 2015. – 368 саҳ.

Абулфайзи Файзӣ яке аз симоҳои забардасти адабиёти форсизабони Ҳиндустон дар асри XVI буда, бо осори гаронмояи адабӣ, ашъори саршор аз ҷаззобияту салосат, маонии тоза ва бикр, инчунин андешаҳои ғаноманди инсонпарварона дар қаламрави фарҳангу тамаддуни Шарқ мақоми шоистае касб намудааст. Инак, мунтахаби ашъори ӯро манзури хонандагон мегардонем.

ISBN 978-99947-2-378-2

© Нашриёти «Адиб», 2015

*Файзӣ, аҳсант аз ин нуктаи ширин, ки ба Ҳинд*
*Натавон ёфт чунин тӯтии шаккархое.*

# МУҚАДДИМА

Номи Шайх Абулфайз ибни Муборак мутахаллис ба Файзии Файёзӣ (1547-1595) дар радифи машҳуртарин соҳибназарон ва мутафаккирони забардасти асри XVI қарор дорад, ки бо осори гаронбаҳои худ дар ривоҷу равнақи илму адабиёти форсизабони Ҳинд, фарҳангу ҳунар, таблиғи дӯстӣ ва ҳамфикрии қавму нажодҳои Ҳиндустон саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ сиёсатмадор, нависанда ва шоири маъруфи форсигӯи дарбори Ҷалолуддин Муҳаммади Акбарподшоҳ (1556-1605) буд, ки пас аз вафоти Ғазолии Машҳадӣ (980/1572) ба унвони «Маликушшуаро»-и дарбори Акбар сарфароз гаштааст (993/1585).

Тақрибан ҳамаи тазкиранигорон ва муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ҳунари шоирӣ ва шеваи баёни Файзиро мавриди ситоиш қарор додаанд. Аз ҷумла, муаллифони «Ойини Акбарӣ» (3, ҷ.3, 235-242), «Акбарнома» (4, ҷ.2, 237-243; 4, ҷ.3, 366-368, 452-453, 461-474, 673-675), «Табақоти Акбарӣ» (5, 486-488), «Ҳафт иқлим» (15, ҷ.1, 374), «Шамъи анҷуман» (28, 361-364), «Тазкираи Ҳусайнӣ» (7, 249-250), «Натоиҷ-ул-афкор» (10, 532-537), «Майхона» (21, 247-257), «Маосир-ул-умаро» (34, ҷ.2, 587-594), «Маҷмаъ-ул-хавос» (9, 52-53), «Ништари ишқ» (25, 1165-1172), «Махзан-ул-ғароиб» (33, 1097-1110), «Риёз-ул-орифин» (16, 109), «Тазкираи шуарои Кашмир» (17, 1098-1222), «Тазкираи шуарои Панҷоб» (2, 283-287), «Порсигӯёни Ҳинду Синд» (18, 65-73), «Сарви Озод» (13, 210-217), «Миръот-ул-хаёл» (11, 79-81) ва ғ. нубуғи Файзиро дар шеъру ҳунарҳои дигарситуда, шоҳкорҳои азими адабӣ ва фарҳангӣ аз худ ба ёдгор гузоштани ӯро таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Хоҷа Низомиддин дар «Табақоти Акбарӣ» азамати Файзиро дар мақоми як шоир эътироф намуда, ӯро ҳамчун «ягонаи аср», «аз уламои кибор

ва машоихи бузургвор», «дар макорими ахлоқ ва инбисоти табъ беҳамто», «дар шеър саромади шуарои вақт», «дар иншо мунфарад ва ягона» ба қалам овардааст (5, 486-488).

Дигар нависандаи ҳамзамони вай Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» дар хусуси табъи баланд ва абёти нафису дилписанди Абулфайзи Файзии Файёзӣ ситоиши худро чунин иброз доштааст: «... дар фаҳму диққат ва ҷомеъияти улум ва лутфи шеър ва ҳусни мақол адимулмисл аст ва дар ҳиддати табъ ва касрати фаҳм ва диққати хаёл мушарраф бар мартабаи камол...» (15,1153-1154 )

Тақии Авҳадӣ, ки «Арафот-ул-ошиқин»-ро чанд сол пас аз вафоти Файзӣ навиштааст, дар таълифи осори гаронмоя маҳорати фавқулода нишон додани Файзиро таъкид намуда, ӯро «султон-ул-уламо ва-л-фузало», «шаҳриёри иқлими сухан», «устод-ул-калом», «тозасози исмҳои куҳан», «гавҳари румузи дақоиқ» ва «ҷавҳари арӯзи ҳақоиқ» ном бурдааст.

Ҳатто Абдулқодири Бадоунӣ, ки душман ва бадбини тамоми хонадони Муборак, аз он ҷумла ду писари ӯ – Файзӣ ва Абулфазл буда, эшонро сабаби асосии аз дини ислом «мунҳариф» шудани Акбар медонист, дар баробари талхтарин нақдҳо дар «Мунтахаб-ут-таворих» аз изҳори чанд калимаи ҳасана дар бораи ҳунар ва мартабаи воқеии илмии Файзӣ сарфи назар накарда чунин гуфтааст: «Дар фунуни ҷузъия аз шеъру муаммо ва арӯзу қофия ва таъриху луғат ва тиббу иншо адил дар рӯзгор надошт» (1, ҷ.3, 299).

Адабиётшиносон дар салосати сухан ва матонату истеҳкоми шеърӣ Файзиро пас аз Амир Хусрави Деҳлавӣ бузургтарин шоири форсигӯи Ҳинд донистаанд. Шиблии Нуъмонӣ низ нубуғи Файзиро дар шеър ва ҳунарҳои дигар ситудааст. Ӯ Файзиро дар радифи хамон шуарои форсигӯи Ҳинд медонад, ки пажӯҳишгарон низ онҳоро дар ҳунари шоирӣ устод хондаанд. «Шоирии форсӣ, – менависад ӯ, – дар муддати мадиди шашсад сол дар Ҳиндустон ду шахс падид оварда, ки худи аҳли забон, яъне, гӯяндагони Эрон ҳам ночор шуда онҳоро тасдиқ ва қабул намоянд ва он ду яке Хусрав ва дигаре Файзӣ аст» (72, 26).

Забеҳуллоҳи Сафо ситоиши худро нисбат ба Файзӣ ва

шеъри вай иброз дошта, ӯро «аз шоирон ва адибони бузурги Ҳинд» ва «аз саромадони сухани порсӣ дар он сарзамин» хондааст (67, 839).

Воқеан, Файзӣ аз зумраи шуарои соҳибноми сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад, ки дар силки дигар соҳибназарон ва суханварони ин шеваи пурбори адабӣ бо офаридани осори гаронмоя ва сурудани ашъори пурмаънӣ мақоми арзандае дарёфтааст. Азамати Файзӣ дар миёни шуарои бузург ва маъруфи аҳди Темуриёни Ҳинд аз он низ мусаллам аст, ки Соиби Табрезӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва дигар суханварони маъруф назари худро дар ҳаққи Файзӣ ва тавоноии шеъри ӯ иброз намудаанд. Масалан, Соиби Табрезӣ Файзиро бо сифати ширинкаломӣ дар сухан васф намуда, ба ғазале аз ӯ ҷавобияи таҳсиномез сурудааст:

*Ин он ғазал, ки Файзии ширинкалом гуфт:*
*«Дар дидаам халидаву дар дил нишастаӣ» (17, 1183).*

Мулло Шукӯҳии Ҳамадонӣ дар як рубоӣ роҷеъ ба камол ва маҳорати суханварии Файзӣ дар қиёс ба сабку шеваи шоиронаи Урфии Шерозӣ чунин навишта:

*Файзӣ омад, ҷоми сухан комил зад,*
*Урфӣ зи паи шуъла дар ин маҳфил зад,*
*Он оби сухан фузуд, ин доди намак,*
*Он нохун тез кард, ин бар дил зад.*

Ҳамчун шоири соҳибзавқ ва соҳибҳунар дар он рӯзгор маҳбубияти тамом дарёфтани Файзӣ аз байти зерини Расмии Қаландар низ бармеояд, ки дар қасидаи дар мадҳи Абдурраҳими Хонихонон навиштааш дар ҳаққи ӯ чунин овардааст:

*Зи файзи номи ту Файзӣ гирифт чун Хусрав*
*Ба теғи ҳиндӣ иқлими саъбаро яксар (44, 208-209).*

Маликушшуаро Баҳор дар маснавии «Ба ёди Ҳинд» мақоми Файзиро дар маҳфилҳои шоиронаи дарбори Акбар

чунин муқаррар кардааст:

*Базми Акбар шуд зи Файзӣ комёб,*
*Даккан аз Булфазлу Файзӣ ёфт об.*

Худи Файзӣ роҷеъ ба азалияти истеъдоди шоирӣ ва лутфи худодода будани он низ назарҳое дорад, ки нуктае аз он ин гуна шарҳ ёфтааст:

*Ин қасри сухан ёфт иморат аз ман,*
*Дарёфт зи аҳбоб ишорат аз ман.*
*Ҳар нукта, ки мерехт зи нӯки қаламам,*
*Маънӣ зи Худо буд, иборат аз ман.*

Ин матлаб дар мавриди дигар бо шевае дигаргуна маънигузорӣ шуда, шоир сухани худро маншаъгирифта аз пештоқи арш медонад, ки ҳамон маънии истеъдоди фитрӣ доштанро баён месозад:

*Овехтанд агар зи дари Каъба назми ғайр,*
*Овехтам ҳадиси худ аз пештоқи арш.*

Файзӣ бо ҳамон равиши суханварони пешин ба ҳунари шоирии худ меболад ва дар заминаи сурудани чунин ифтихорияҳо худро дар хаёл ба Ҳофизи Шерозӣ баробар медонад, ки, албатта, ин, пеш аз ҳама, аз рӯи иродат ва ихлоси вай баён гардида:

*Тӯтии нуктапарвари Ҳиндам, ки дар хаёл*
*Бо андалеби нағмазани Форс ҳампарам.*

Файзӣ сарири килкашро болотар аз навои арғануннавози базмгоҳи Масеҳо мешуморад ва гоҳи дигар онро ба забони мурғон ташбеҳ мекунад, ки дар натиҷаи он хаёлоти борикаш афсункорӣ месозад:

*Сарири килки ту, Файзӣ, ба базмгоҳи Масеҳ*
*Наво баланд кунад арғануннавозонро.*

* * *

*Сафири килки ту, Файзӣ, забони мурғон баст,*

*Фасонаҳои хаёли ту аз фусун кам нест.*

Файзӣ аз камолоти суханварии хеш ситоиш намуда, бо ифтихор худро «тӯтии мулки Ҳинд», «тӯтии хушнаво» ва «тӯтии шаккархо» меномад:

*Бувад Файзӣ он тӯтии мулки Ҳинд,*
*К-аз он лаб басе шаккари ноб бурд.*

* * *

*Тӯтии Ҳинд чун туӣ, Файзӣ,*
*Зоғро раҳ дар ин савод мадеҳ.*

* * *

*Тӯтии хушнаво туӣ, Файзӣ,*
*Чанд чун андалеб менолӣ?*

* * *

*Файзӣ, аҳсант аз ин нуктаи ширин, ки ба Ҳинд*
*Натавон ёфт чунин тӯтии шаккархое.*

* * *

*Тӯтии нуктапарвари Ҳиндам, ки дар хаёл*
*Бо андалеби нағмазани Форс ҳампарам.*

Ва ё:

*Шунидам, дар Хуросон Файзие буд,*
*Ки гуфтӣ, булбули ин бӯстонам.*
*Агар ӯ буд булбул дар Хуросон,*
*Кунун ман тӯтии Ҳиндустонам.*

Дар мавриди дигар Файзӣ каломи маҳсули хомаи худро ба ҳадде муассир мебинад, ки агар дар дасти ӯ қалам ба ҷунбиш, яъне, кӯшиш барои нигоштани ашъор ояд, он гоҳ дарахти тӯбо дар биҳишт аз хиромидан бозмемонад:

*Ба биҳишт шохи тӯбо зи хиром бозмонад,*
*Чу қалам ба дасти Файзӣ зи паи рақам биҷунбад.*

Шеъри Файзӣ дар андешаи вай, ки дар ифтихорияаш таҷассум пайдо намудааст, фаротар аз таронаи чангу нағмаи барбат дар базми хусравони Ҳинд аст. Ин ҷо равшан меша-

вад, ки дар муҳити зиндагонии Файзӣ дар қаламрави Ҳинд нуфузи шеър болотар аз ҳамаи дигар анвоъи ҳунар пеши подшоҳон будааст:

*Навои килки ту, Файзӣ, ба базми хусрави Ҳинд*
*Беҳ аз таронаи чанг асту нағмаи барбат.*

Файзӣ дар адаби форсӣ соҳиби шуҳрати азим гардиданашро дар сеҳри суханаш медонад:

*Файзӣ, чӣ соҳирӣ ту, надонам, ба ин нафас,*
*К-аз Ҳинд ҷодуи ту ба Кашмир меравад.*

Ӯ аз он ифтихор дорад, ки сеҳрбаёнӣ ӯро дар байни мардум соҳибиззат гардонид, ба ҳадде, ки ҳатто ҳосид ба номи ӯ таҳсин мехонад:

*Файзӣ, ин шеър чӣ сеҳр аст, ки дар маҷлиси шоҳ*
*Дид девони туро ҳосиду таҳсинаш кард.*

Файзӣ дар қатори дигар суханварони аҳди хеш барои равнақи сабки ҳиндӣ хидматҳои шоистаеро ба сомон расонид ва вобаста ба таваҷҷуҳаш ба тозакориҳо дар шеваи сабки ҳиндӣ миёни шоирони ин сабки адабӣ поя ва мақоми хоссаеро касб намуд.

Худи шоир борҳо ба тозагии сабки суханаш ишорат фармудааст. Аз ҷумла, дар байте аз маснавии «Нал ва Даман» тозакориҳои хешро дар сабки ҳиндӣ ба унвони шеваи худ ихтироъкарда ва нав муаррифӣ менамояд:

*Тарзи дигарон видоъ кардам,*
*Тарзе зи худ ихтироъ кардам.*

Мавриди дигар ба шеваи диловези сухани хеш таъкид меварзад, ки ба таъбири худи ӯ «аз шӯхи сухандонаш омӯхтааст»:

*Файзӣ, ин тарзи диловез, ки дорӣ ба сухан,*
*Магар аз шӯхи сухандони ман омӯхтаӣ?*

Баррасии вижагиҳои ашъори Файзии Файёзӣ ошкор месо-

зад, ки бешак, хидмати ин шоири соҳибном дар ривоҷи сабки ҳиндӣ кам набудааст. Нуктаи мазкур дар аксари ашъори ӯ ҷилваи равшане дарёфтааст.

* * *

Номи шоир Абулфайз буда, ибтидо «Файзӣ» тахаллус доштааст:

*Тахаллус ба ширкат бувад аксареро,*
*Шуд ин нукта маълум баъд аз тафаҳҳус.*
*Маро гар ба ному тахаллус бихонӣ,*
*Абулфайз ном асту Файзӣ тахаллус.*

Файзӣ дар «Нашид-ус-сафир» низ дар ин маврид навиштааст:

*Абулфайз номам ниҳод аз тафаъъул,*
*Зи файёзи кул баҳри ман хост файзон.*

Шоир таъкид бар он намуда, ки маҳз номаш ӯро ба тахаллуси Файзӣ раҳнамун кард:

*Аз осмон расид Абулфайз номи ман,*
*То дар замона ном ба Файзӣ бароварам.*

Аммо дар поёни зиндагии хеш Файзӣ тахаллусашро ба Файёзӣ тағйир додааст. Бино ба маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ дар «Мунтахаб-ут-таворих» иваз намудани тахаллуси шоир аз Файзӣ ба Файёзӣ ду ва ё се моҳ пеш аз вафоти ӯ сурат гирифтааст (1, ҷ.3, с.301).

Абдулқодири Бадоунӣ ваҷҳи дар охири ҳаёти худ тағйир намудани тахаллуси Файзиро дар он донистааст, ки вақте бародараш – Абулфазл ба гирифтани хитоби «Алломӣ» сарафроз гашт, Файзӣ барои мувофиқ намудан ба вазни «Алломӣ» тахаллусашро «Файёзӣ» ихтиёр намуда (1, ҷ.3, 301). Забеҳулло Сафо тахмин мебарад, ки сабаби аз Файзӣ ба Файёзӣ иваз намудани тахаллуси шоир дар он буд, ки он замон дар дарбори Акбар чанд нафар шоири дигар бо тахаллуси Файзӣ зиндагӣ ба сар мебурданд, ба монанди Файзии Турбатӣ, Файзии Сирҳиндӣ, Файзии Исфаҳонӣ ва ғ. Аз ин

лиҳоз, Забеҳуллоҳи Сафо чунин навиштааст: «Шояд сабаби касрати ҳамин «Файзиҳо» буд, ки Абулфайз дар авохири ҳаёт тахаллуси худро ба «Файёзӣ» тағйир дод» (67, 843-44).

Худи Файзӣ дар достони «Нал ва Даман» чунин ишора дорад:

*З-ин пеш, ки сиккаам сухан буд,*
*Файзӣ, рақами нигини ман буд.*
*Акнун, ки шудам ба ишқ муртоз,*
*Файёзиям аз муҳити файёз.*

Чун «Нал ва Даман» соли 1002/1593 тасниф шуда буд, бармеояд, ки Файзӣ низ ҳамон вақт тахаллуси худро ба Файёзӣ иваз кардааст ва сабаби ончунон ки худи шоир таъкид бар он намуда, эҳсоси мақоми шоёни ирфонӣ тавассути расидан ба дараҷаи олии ишқ, ки дар тариқат мақоми шоистае шинохта мешавад, будааст. Маълум аст, ки вақте сухан дар мавриди ба ишқ муртоз шудан меравад, ҳамоно дараҷаи камолоти инсонӣ дар тариқати ирфонӣ дар назар аст ва дар ҳамин мақом аст, ки инсон метавонад аз муҳити файз, яъне, офаридгор файз бардорад.

Дуктур Дасай роҷеъ бо нисбаи Даканӣ шинохта шудани Файзӣ навиштааст, ки адабиётшиносони муосири Эрон, чун Маликушшуаро Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Ризозода Шафақ, Ваҳиди Дастгирдӣ ва ғ. Файзиро ҳамчун Даканӣ ном бурдаанд. Мавсуф сабаби ба Даканӣ маъруф будани Файзиро дар он мебинад, ки ӯ чанде ба ҳайси фиристодаи Акбарподшоҳ дар Дакан зиндагӣ ба сар бурдааст. Эҳтимолан, ҳангоми иқомати Файзӣ дар ин минтақа шуарои ҳамасри ӯ, ки аз Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр ба Дакан муҳоҷират намуда буданд, маълумотро дар бораи Файзӣ ё мулоқоташонро бо ӯ дар мактубот ба дӯстони худ навишта бошанд ва мардуми ин мамолик гумон бурдаанд, ки Файзӣ Даканист. Донишманди мазкур такя ба навиштаи тазкиранигор Алиқулихони Волеҳ мекунад, ки дар «Риёз-уш-шуаро» (соли таълифаш 1748) дар ин маврид чунин навиштааст: «Ва ин ки дар Эрон ба Даканӣ иштиҳор дорад, ғалати маҳз аст» (49, 34).

Ба андешаи мо низ сабаби бо нисбаи Даканӣ маъруф гар-

дидани Файзӣ шояд муддате иқомат намудани ӯ дар ин вилоят бошад. Ин дар ҳолест, ки Файзӣ аслан дар Агра ба дунё омада, муддати зиёде дар Деҳлӣ зиндагӣ ба сар бурдааст Аз ин рӯ, муддати кӯтоҳи иқомати шоир дар Дакан далеле барои маъруфияти вай ба Даканӣ наметавонад буд.

Файзӣ соли 954/1547 дар шаҳри Аграи Ҳиндустон ба дунё омадааст. Гузаштагонаш арабнажод буда, аз Яман ба Синд муҳоҷират карда буданд. Бародараш Шайх Абулфазли Алломӣ (1550-1602) дар муқаддимаи «Ойини Акбарӣ» роҷеъ ба шарҳи ҳоли худ ва аҷдоди хеш хабар додааст, ки тамоми тазкиранигорон ва муҳаққиқон матлаби таълифии хешро бо каме тағйирот аз он муқаддима ва такя ба маълумоте, ки дар ин асар роҷеъ ба Файзӣ мундариҷ аст, нақл кардаанд. Шайх Муборак низ дар яке аз номаҳояш ба Файзӣ роҷеъ ба гузаштагонаш чунин навиштааст: «Фақир Муборак ибни Ҳазрат ибни Рукниддин ибни Абдуллоҳ ибни Мӯсо ибни Абдулқайюм ибни Абдуллоҳи Қурайшӣ аст. Ва ин Шайх Мӯсо ва падаронаш аз Араб буданд ва дар Яман сукунат доштанд. Ва ин Шайх Мӯсо сайри олам бисёр карда буд, охир ба иродат дар вилояти Синд дар қасабаи Рел омад ва мутаваттин шуда, баъд дар ҳамон ҷо мутааҳҳил шуд. Ба дарвешию факру зуҳд ороста буд. Ҳамин равиш дар фарзандони ӯ буд» (17, 1100).

Бобои Файзӣ – Шайх Хизр аз Синд ба Ногур (ноҳияе дар Раҷастҳони Ҳинд) рафта, он ҷо сукунат ихтиёр намудааст. Дар ҳамин шаҳр падари Файзӣ – Шайх Муборак ба дунё омадааст (915/1510). Ӯ дар ҷавонӣ ба Гуҷарот рафта, назди Хатиб Абулфазли Козарунӣ ва Мавлоно Имоди Лорӣ илм омӯхт. Шайх Муборак соли 950/1544 ба Агра кӯч баста, то охири умр он ҷо зиндагӣ ба сар бурдааст. Дар ҳамин шаҳр писаронаш – Шайх Абулфайз, Шайх Абулфазл ва Шайх Абулхайр ба дунё омадаанд (3, ҷ.3, 202-204).

Абулфайз таҳсилоти ибтидоиро аз падари донишманди худ – Шайх Муборак фаро гирифт. Ӯ аз хурдсолӣ зеҳни тезу фитрати баланд, истеъдоди хуби шеъргӯию донишандозӣ дошт ва дар муддати кӯтоҳ забонҳои арабӣ, форсӣ ва санскритро аз худ намуд. Файзӣ дар хидмати шоир ва донишманди машҳур Хоҷа Ҳусайни Марвазӣ ба таҳсили фунуни адаб

ва шеъру иншо пардохт, донишҳои ақлиро назди Исомиддини Исфаройинӣ ва улуми диниро назди Ҳаҷри Маккӣ – муфтии Арабистон мукаммал омӯхта, дар аксари илмҳои расмии замон, алалхусус тиб, фалсафа, ҳайат, нуҷум, таърих ва фунуни шеърӣ шуҳрати зиёде касб намуд (3, ч.3, 204-5; 69, 360).

Озодманишии падари Файзӣ – Шайх Муборак, ки «боргоҳи хирад дар болаш омад» ба ҳадде, ки «гуногун мардум аз хазинаи ақл фавоиди бекарон бардоштанд» ва «хилваткадаи он нуронисиришт (Шайх Муборак – З.Ғ.) маҷмаъи доноёни ҳафт кишвар омад ва суханбаландӣ гиро шуд» (3, ч.3, 202-215), уламои мутаассиброро, ки дар ибтидои давраи ҳукмронии Акбар на танҳо умури мазҳабиро ба даст доштанд, балки ба тамоми тарафҳои фаъолияти мардум мудохила мекарданд, ба таҳлука овард. Ба қавли Абулфазли Алломӣ «нотавонбинии бадгавҳарон афзоиш ёфт» (3, ч.3, 205). Шайх Абдуннабӣ мулаққаб ба Садрулкиром ва Махдумулмулк Абдуллоҳ Ансорӣ мулаққаб ба Шайхулислом ва дигар ашхосе, ки дар дарбори Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар нуфузи мазҳабӣ доштанд, аз бими боз ҳам афзудани шуҳрати Шайх Муборак ва аз даст додани мақоми худ дар дарбори Акбарподшоҳ Шайх Муборак ва фарзандонашро ба пайравии тариқаи маҳдавия ва илҳод туҳмат намуданд ва ҳатто барои қатл намудани онҳо фатвоҳо доданд. Худи Шайх Муборак дар номаи худ ба Файзӣ дар бораи ин душманонаш чунин навиштааст: «Туркони нохонда ва сипоҳи содалавҳ ба маротиб аз ин ҷамоат беҳтаранд. Яке ба зӯри чоплусӣ ва хокбӯсии афғонон «Шайхулислом» лақаб ёфт ва дигаре ба воситаи ғалатнамоӣ ва худситоӣ «Садрулкиром». Ба воситаи таассуб ва ҷоҳи дунявӣ фатво бар қатл медиҳанд... Субҳоналлоҳ, ин чӣ ислом аст! Зинҳор, сад зинҳор аз ҳилаву макри ин зоҳидон, ки даъвои ислом мекунанд...» (3, ч.3, 205). Аз ин лиҳоз, Шайх Муборак бо фарзандонаш Абулфайзи Файзӣ ва Абулфазли Алломӣ маҷбур шуданд солиёни зиёд дар мавзеъҳои гуногун паноҳ бибаранд ва рӯзгорро ба сахтиву тангдастӣ гузаронанд, то он замоне ки Мирзо Азиз – бародари ҳамшири Акбар аз ҳақиқати ҳол подшоҳро бохабар намуд.

Акбарподшоҳ соли 1568 Шайх Муборак ва фарзандонаш – Абулфайзи Файзӣ ва Абулфазли Алломиро ба дарбор даъват кард ва онҳоро аз ҷумлаи дарбориёни худ гардонид (3, ҷ.3, 205-215).

Ҳамин тариқ, Файзӣ соли 975/1568 ба дарбори салтанати Акбар дохил гашт ва мавриди таваҷҷуҳи подшоҳ қарор гирифт. Ӯ дар фурсати кӯтоҳ дар дарбор ҳамчун донишманди фарҳехта ва суханвари забардаст шуҳрати азим пайдо намуд.

Соли 987/1579 подшоҳ Файзиро ба тарбият ва таълими писари дувумаш – шоҳзода Мурод маъмур сохт ва сипас таълими ҳар се шоҳзода – Салим (Ҷаҳонгир), Мурод ва Дониёлро ба уҳдаи ӯ вогузор намуд (34, 579; 1, ҷ.2, 210; 67, 842; 69, 360).

Соли 989/1581 садорати Дуоб ва соли 990/1582 садорати се вилояти дигар – Агра, Коланҷар ва Калпӣ ба Файзӣ супорида шуд. Соли 992/1584, вақте ки Акбар Лоҳурро пойтахти худ қарор дод, ӯ Файзӣ ва дигар аҳли илму адабро бо худ ба Лоҳур бурд. Соли 999/1591 Акбар Файзиро ба ҳайси сафир ба сарзамини Дакан фиристод. Ӯ дар вилоятҳои Дакан – Бурҳонпур, Аҳмаднагар, Беҷопур ва Гулканда қариб ду сол зиндагӣ ба сар бурд. Соли 993/1585 Файзӣ ба мақоми маликушшуарои дарбори Акбар ноил гардид (34, ҷ.2, 587; 1, ҷ.2, 348). Ӯ пас аз Ғазолии Машҳадӣ (ваф.1573) дувумин касе буд, ки дар дарбори Акбар ва умуман дарбори Темуриёни Ҳинд ба гирифтани унвони ифтихории маликушшуароӣ сарафрозӣ ёфтааст.

Лозими тазаккур аст, ки бар асари фазилати олимпаноҳӣ ва шоирнавозии Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар ва таваҷҷуҳи хосси ӯ дар тавсиа ва пурмоя сохтани илму адаби форсӣ дар заминаҳои мухталифи адаб наҳзати азим падид омад. Гармии ҳангомаи шеъру адаби форсӣ дар аҳди Акбар диққати донишмандону адибони тамоми ҷаҳони форсизабонро ба худ ҷалб намуд. Дарбори ӯ ҳамчун бузургтарин маҷмаъи нобиғаҳои илмиву адабии замон, ки тақдири худро бо фаъолияти илмӣ ва адабии мардуми ин сарзамин алоқаманд гардонида буданд, қарор гирифт. Даврони салтанати Акбар ба марҳалаи ҷилваи зебои офтоби адаб ва фарҳангу илми форсӣ

дар қаламрави Ҳинд табдил ёфт ва худи сарзамини Ҳинд ҳамчун бузургтарин маҳди адабгустару ҳунарпарвар шуҳрат ёфт. Ба ҳамин маънӣ Забеҳуллоҳи Сафо навиштааст: «Ҷалолуддин Акбарподшоҳ… дар мартабае аз тарвиҷи шеъри порсӣ ва парвариши шоирон аст, ки ҳеч кас аз шоҳони Эрону Ҳинд ва мунтасаб ба фарҳанги эронӣ бад-он нарасидааст» (66, 454).

Даҳҳо нафар аҳли илму адаб аз гӯшаву канори ҷаҳон рӯ ба Ҳиндустон оварда, дар якҷоӣ бо суханварони маҳаллӣ атрофи Акбарподшоҳ парвонавор гирд омада буданд. Абулфазл дар «Ойини Акбарӣ» 75 нафар (3, ч.1, 172), Хоҷа Низомиддин дар «Табақоти Акбарӣ» 81 нафар (5, 317) ва Абдулқодири Бадоунӣ дар «Мунтахаб-ут-таворих» (1, ч.3, 208-390) 106 тан аз шуарои дарбори Акбарро зикр кардаанд. Аз он ҷумла, аҳли фазлу камол, ба монанди Назирии Нишопурӣ, Урфии Шерозӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Ҳусайни Инҷуи Шерозӣ, Ғазолӣ, Нисбатии Таҳонисарӣ, Мир Фатҳуллоҳи Шерозӣ, Абулфатҳи Гелонӣ, Нақибхон, Низомиддин Аҳмад, Мавлоно Аҳмади Таттавӣ, Осафхони Қазвинӣ, Иброҳими Сирҳиндӣ, Қозӣ Нуруллоҳи Шустарӣ, Хоҷа Ҳусайни Марвӣ, Ҳаким Саноии Машҳадӣ, Ҳаётии Гелонӣ, Мир Маъсуми Бҳаккарӣ, Вуқӯъии Нишопурӣ, Сармадии Исфаҳонӣ, Фикрии Хуросонӣ, Қосими Коҳӣ, Майлии Ҳиравӣ, Шикебии Исфаҳонӣ, Анисии Шомлу, Афсунии Яздӣ, Ҳайдарии Табрезӣ, Маҳвии Ҳамадонӣ, Азизуллоҳи Қазвинӣ, Ташбеҳии Кошӣ, Сарфии Соваҷӣ, Қарории Гелонӣ, Мулло Сӯфии Мозандаронӣ, Рафеъии Кошонӣ, Ғайратии Шерозӣ, Ҳолатӣ, Санҷари Кошӣ, Пайравии Соваҷӣ, Ҷазбӣ, Фусунии Шерозӣ, Нодирии Туршезӣ, Бобо Толиби Исфаҳонӣ, Қосим Арслони Машҳадӣ, Ғаюрии Ҳисорӣ, Қосимии Мозандаронӣ, Саййидмуҳаммади Ҳиравӣ ва дигарон дар аҳди Акбар дар таълифи осори гаронмоя маҳорати фавқулода нишон дода, бад-ин роҳ шоҳкорҳои адабиву фарҳангӣ аз худ ба ёдгор гузоштанд. Аммо Акбар аз байни ҳамаи ин суханварон Абулфайзи Файзиро ба сарварии шоирони дарбори худ таъйин намуд, ки ҳуҷҷатест бар эътирофи мақоми ҳунарӣ ва ҷойгоҳи хоссаи вай дар адабиёти форсиза-

бони Ҳиндустон дар айёми мазкур.

Лозим ба ёдоварист, ки замони зиндагии Файзӣ ба давраи фармонравоии Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар (1556-1605) рост меояд. Дар ин давра Акбар бо мақсади ба назм овардани давлати парешон, муттаҳид ва мутамаркиз намудани тамоми қаламрави ҷуғрофии Ҳиндустони онрӯза, ки аз вилоятҳои мустақил ва ниммустақил иборат буд, эҷоди мамлакате, ки дар он эътимоди мардум ба якдигар ва сулҳу сафо байни қавмҳо ва халқиятҳои гуногунмазҳаби он ҳукмфармо бошад, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ ислоҳоти пешқадаме барои замони худ анҷом дод.

Аз ҷумла, Акбар бо мақсади дарк намудани ҳақиқат ва моҳияти мазоҳиби мухталиф дар шаҳри Фатҳпур-Сикрӣ сохтмони бузурге бо номи «Ибодатхона» бино намуда (1575), ҳар бегоҳи ҷумъа мубоҳисаи шайхон, донишмандон ва пешвоёни мазҳабҳову динҳои мухталифро доир кард. Дар ин мубоҳисот уламои ҳамаи мазоҳиб, аз ҷумла, пайравони дини масеҳӣ, ҳинду, зардуштӣ ва фирқаҳову тариқаҳои мухталифи Ҳиндустон ширкат меварзиданд. Миссионерҳои Рум барои иштирок дар баҳсу мунозира васила меҷустанд (39, 9-11; 1, ҷ.2, 200-201). Акбар аз шунидани мубоҳисоти шадиди онҳо оид ба мавзӯъҳои гуногуни динӣ ба натиҷае расид, ки бояд маҳосини тамоми адёнро ҷамъ карда, равишу ойини ҷадиде эҷод кунад, то битавон пайравони мазҳабҳои мухталифро зери як байрақ гирд овард. Ӯ дарёфт, ки тазоди эътиқоди миёни ҳиндувон ва мусулмонон ба зиддиятҳои зиёди сиёсӣ мусоидат менамояд ва аз байн бурдани ин тазодҳо аркони давлати ӯро устувор хоҳанд сохт. Вай ҳамчунин дарк намуд, ки ҳиндуҳо ва пайравони дигар мазоҳиб ҳамон вақт дуруст ва бо эътимод хидмат хоҳанд намуд, ки расму русум ва анъанаҳои динии эшон эҳтиром карда шавад. Ӯ дар ин роҳ тамоми василаҳоро ба кор мегирифт.

Дар робита ба ҳамин амал буд, ки ӯ нақшаи мувофиқаи миёни дину мазоҳиби гуногунро кашида, динеро ба номи «дини илоҳӣ» бунёд ниҳод, то битавонад пайравони мазҳабҳои мухталифро ба ҳам муттаҳид созад. Ӯ мехост аз ин восита ба фаъолияти уламову фузалои дарбор ҷилавгирӣ

кунад. Зеро дар давраи ҳукмронии Акбар уламои динӣ мазҳабро василаи истеҳкоми муваффақияти худ қарор дода, мустақиман ба умури салтанат мудохилат мекарданд ва аз ин ҷиҳат ба пешбурди кори давлатдорӣ халал мерасониданд. Дар ин бобат норозигии худро Акбар дар номае, ки ба Убайдуллоҳхон навиштааст, изҳор намудааст (1, ҷ.3, 268).

Асоси «дини илоҳӣ»-ро таълимоти ислом ташкил дода, усули он аз мазоҳиби мухталиф иқтибос ва талфиқ шуда ва аз ҳикмату андарзи ҳамаи динҳо баҳравар буд. Акбар дар соли 1582 равишу ойини ҷадиди худро эълом намуд ва онро равиши «сулҳи кул» номид, ки ғояи аслии он тафоҳум, оштии қавму нажодҳои гуногун ва баробарии онҳо, эҳтироми якдигар, хештандорӣ ва бурдбории умумӣ буд (39, 12-14; 42, 214-215; 45, 35-36; 56, 87-88; 68, 235; 62, 235).

Лозим ба тазаккур аст, ки вазъияти мураккаб ва пурҷӯшу хурӯши сиёсиву мазҳабии сарзамини Ҳинд ногузир будани чунинислоҳотро тақозо мекард, аммо, мутаассифона, ойини ҷадиди Акбар муваффақияте пайдо накард. Танҳо дарбориёни Акбар ҳозир ба қабули он гардиданд. В. Дурант иллати аслии ба дини нав рӯ овардани ин ашхосро, ки теъдодашонро баробари чанд ҳазор навиштаанд, ҳамчун василае барои ҷалби таваҷҷуҳи мақомоти расмӣ ба қалам медиҳад (52, 541).

Ҳарчанд Акбар дар ин ҷода муваффақият пайдо накард, аммо «мақсуди аслияш, ки ҳамон ваҳдати сиёсии Ҳинд буд, то ҳадди зиёде ҳосил шуда буд» 62, 541). Дар натиҷаи ин иқдомот вай тавонист, ки алоқа ва самимияту ҷоннисории миллати Ҳиндро ба худ афзун созад. Дар иртибот ба ин нукта Мюллер А. Навишта: «Хидмати бузурги Акбар дар он аст, ки … ойини ихтироънамудаи ӯ кӯшишест на танҳо дар тоза ва тайёр намудани роҳи баробарҳуқуқии ҳиндувону мусулмонон, балки барои тамоми инсоният мебошад» (60, 445).

Файзӣ ҳамчун олим ва мутафаккири озодфикр, ки яке аз мубаллиғони озодии мазҳаб ва иттиҳоди ҳиндувону мусулмонон буда, бо пайравони ҳама фирқаву тариқа ва мазҳабҳо муносибат ва назари ягона дошт, мароми Акбарподшоҳро дар роҳи бурдбории умумӣ, наздиктар кардани дилҳои қавму нажодҳои гуногуни Ҳинд ва решакан намудани зиддияти

байни онҳо ҳамаҷониба дастгирӣ менамуд ва дар эҷоду иншои равиши «сулҳи кул» Акбарро мушовиру ёр буд. Акбар низ ҳангоми кашидани нақшаи мувофиқаи миёни фирқаҳо, қавмҳо ва халқҳои мухталифмазҳабу мухталифзабон ва бо мақсади муттаҳид зери як байрақ гирд овардани онҳо бунёд ниҳодани «дини илоҳӣ» дар баробари дастурҳои дигар донишмандон ба тавсияҳои Файзӣ такя менамуд.

Аз сабаби он ки Файзӣ, падараш – Шайх Муборак ва бародараш – Абулфазлро маслиҳатчиёни асосии Акбар – тарроҳони сулҳи кул меномиданд, уламои мутаассиб Файзиро кофир эълон намуданд. Аз ҷумла, Абдулқодири Бадоунӣ дар ҳаққи Файзӣ навиштааст: «Дар водии иноду адоват бо аҳли ислом ва таън дар аслу усули дин ва иҳонату мазамматиы саҳобаи киром ва тобеъин ва салафу халафи мутақаддимину мутааххирин ва машоиху амвоту аҳё ва беадабию бетаҳошӣ нисбат ба ҳамаи уламову сулаҳову фузало ва сирран ва ҷаҳран лайлан ва наҳоран. Ҳама яҳуду насорову ҳунуду маҷус бар ӯ ҳазор шараф доштанд» (1, ҷ.3, 299-300).

Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» дар ҷавоби ин навиштаи Абдулқодири Бадоунӣ ва пайравони ӯ, ки Файзиро бедин ва мулҳад эълон намуда буданд, чунин навиштааст: «Ҳақиқат ин аст, ки ин мардум ва фаҳмашон қосир буд аз ин ки пай ба мартабаву мақоми Файзӣ бибаранд ва ташхис диҳанд, ки ӯ кист. Ӯ афкори ҳакимонае, ки изҳор мекард, ба назари онҳо зандақаи илҳод меомад. Девони ин мард намунаи мазҳаб ва хаёлоту хотироти ӯст ва он мавҷуд аст, бардоред ва нигоҳ кунед ва афкори покизаи ӯро аз забони худи ӯ гӯш кунед:

*Мо тоири қудсем, наворо нашиносем,*
*Мурғи малакутем, ҳаворо нашиносем.*
*Бурҳони субутем, зи мо нафй наёяд,*
*Аз мо наъам омӯз, ки лоро нашиносем.*
*Дар кашфи ҳақоиқ сабақомӯзи замирем,*
*Тартиби далели ҳукаморо нашиносем.*
*Бо аҳли ҷадал нуктаи тавҳид нагӯем,*
*Дар ваҳдати ҳақ чуну чароро нашиносем.*
*Асҳоби яқинем, гумонро написандем,*

*Арбоби савобем, хаторо нашиносем.*
*Аз қофилаи мо натавон ёфт нишоне,*
*Рақси ҷарасу бонги дароро нашиносем.*
*Нури ҷабарутем, зи зулмат наҳаросем,*
*Оинаи субҳем, масоро нашиносем.*
*Бар дониши мо анҷуму афлок бихандад,*
*Гар соҳиби лавлоку саморо нашиносем.*
*Сад шукр, ки мо пайрави асҳоби расулем,*
*Дар шаръ дигар роҳнаморо нашиносем»* (72, 43).

Мутолиаи қасида ошкор месозад, ки воқеан қасидаи мазкур саршор аз афкори инфонӣ ва андешаҳои маърифатомӯзи шоир мебошад, ки шарҳу тафсири муфассали муҳтавиёти он зимни баррасии анвоъи осори шоир ҷараён хоҳад гирифт.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки Акбар яке аз василаҳои эҷоди пайванди маънавӣ ва мустаҳкам намудани равобити фарҳангии ҳиндувону мусулмононро дар ошноии бештар бо мероси илмӣ ва арзишҳои маънавии ҳамдигар ва бо завқу салиқаи милливу иҷтимоии худ мутобиқ сохтани онҳо медонист. Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар, ҳамчунин, яке аз василаҳои эҷоди пайванди маънавӣ миёни ҳиндувону мусулмонон ва мустаҳкам намудани равобити фарҳангии онҳоро дар ошноии бештар бо мероси илмӣ ва арзишҳои маънавии ҳамдигар, бо завқу салиқаи милливу иҷтимоии худ мутобиқ сохтани онҳо дониста, ба аксари донишмандони дарбори худ дастур дод, ки шоҳкорҳои адабиёти забонҳои мухталиф, аз қабили санскрит, арабӣ, туркӣ ва ҳатто лотиниро ба форсӣ ва баръакс аз форсӣ ба ҳиндӣ тарҷума кунанд. Акбар барои амалӣ намудани иқдоми неки худ – вусъат додан ва пурмоя сохтани домани таҳрику тарҷума баъзе тадбирҳои самарабахш андешид. Аз ҷумлаи он тадбирҳо бо ташаббуси ӯ «Мактабхона» (Доруттарҷума) таъсис гардид, ки дар он 18 нафар бузургтарин шахсиятҳои илмиву адабии он давра гирд омада, ба манзури иҷрои дастури Акбар оғоз ба кор намуданд (1, ҷ., 2, 344; 48, 100-104; 39) ва дар муддати кӯтоҳ осори гаронбаҳои забонҳои мазкурро ба форсӣ тарҷума намуданд.

Файзӣ ҳамчун донандаи хуби забони санскрит ва ба ҳайси яке аз роҳбарони гурӯҳи мутарҷимон дар баробари бузургта-

рин ашхоси илмиву адабии он давра, монанди Шайх Муборак, Абулфазли Алломӣ, Абдулқодири Бадоунӣ, Абдурраҳими Хонихонон, Мир Фатҳуллоҳи Шерозӣ, Муҳаммадсултони Таҳонисарӣ, Мавлоно Шоҳмуҳаммад, Нақибхон, Ҳоҷӣ Иброҳими Сирҳиндӣ ва пандитҳову бараҳманоне, ки забони санскритро ба дараҷаи аъло медонистанд, ба монанди Мадҳу Судан, Нараян Ашрама, Ҳарӣ ҷӣ Сур, Дамодар Бҳатта, Рамтитра, Парамендра ва ғ., ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи забондонии мутарҷимони форсизабон аз гӯшаву канори мамлакат ба дарбор даъват шуданд, ба манзури иҷрои дастури Акбар ба нашру тарҷумаи осори гаронбаҳои ахлоқ, фалсафа ва илму адаби Ҳинди бостон аз санскрит ба форсӣ ҳиммат гумошт. Доманаи таҳриру тарҷумаи асарҳои илмиву адабии Ҳинди бостон ба забони форсӣ дар ин давра чунон тавсиа пайдо кард, ки як рукни асосӣ ва мустақили адабиёти форсизабони ин сарзаминро ташкил намуд. Дар муддати кӯтоҳ китобҳои зиёди диниву фалсафӣ ва илмиву адабии ҳиндувон («Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Панчатантра», «Бҳагавадгита», «Лилавати», «Бҳагаватпурана», «Роҷатарингини», «Нал Дамаянти», «Атҳарваведа», «Катҳасаритасагара», «Сингҳосан Баттиси» ва ғ.) аз санскрит ба назму насри форсӣ баргардонида шуданд (37, 226-227; 36, 40; 49), чун Акбар барои ба даст овардани ҳамандешии байни ҳиндувону мусулмонон, ки бениҳоят муҳим буд, ба нашру тарҷумаи осори санскрит ба форсӣ нисбат ба дигар забонҳо мутамоил буд.

Яке аз хусусиятҳои аҳди Акбар ин буд, ки меъёри асосии бозсанҷии арзиши асар, аз он ҷумла кори тарҷумаву таҳрир низ зовияи Сулҳи кул ба шумор мерафт. Файзӣ низ асосан он осоре барои таҳриру тарҷума интихоб менамуд, ки ба рӯҳия ва мароми Сулҳи кул ҳамоҳангӣ дошта, аз ҷиҳати ғоявӣ ҷавобгӯи талаботи замон бошанд. Шоир, ки мехост воқеияти замони худро дар қолаби андешаҳои бостонӣ баён созад, дар ин маврид навиштааст:

*Кунам гарм ҳангомаи бӯстон,*
*Бигӯям сухан достон-достон.*
*Куҳан номаҳо зидди афсунгарӣ*

*Зи ҳиндӣ барам бар забони дарӣ.*
*Задам гоми наззораи бӯстон,*
*Ба бутхонаи дайри Ҳиндустон (61, 374).*

Аз ин ҷо буд, ки зери таҳрири бевоситаи Файзӣ азимтарин шоҳкорҳои илмиву адабӣ аз забонҳои санскрит ва арабӣ ба забони форсӣ ба риштаи қалам омаданд, ки поёнтар дар ин масъала таваққуф хоҳем намуд.

Файзӣ дӯстдори китоб буд ва нусхаҳои нодир дар илмҳои гуногун ҷамъоварӣ менамуд. Аксари нусхаҳои китобхонаи шахсияш ё ба хатти мусанниф будаанд ё дар замони ӯ навишта шудаанд. Сарчашмаҳои гуногун теъдоди китобҳои ӯро ба миқдори гуногун зикр намудаанд – ба қавле дар китобхонаи ӯ 4300 ҷилд, ба гуфтаи дигар 4006, 4600 ва ё 6006 ҷилд мавҷуд будааст. Шиблии Нуъмонӣ дар бораи китобдӯстии Файзӣ чунин хабар дода: «...машраб ва мазоқи аслии Шайх хидмат ба илму фан будааст. Ба китоб шавқи вофир дошт. Китобхонаи нафисе муштамил бар 4006 китоб фароҳам карда ва аксар китобҳо ба дасти худи мусанниф ё дар замони ӯ навишта шуда буд. Ин китобҳо муштамил бар се қисм аз улум ва фунун будаанд: тиббу нуҷуму мусиқӣ, ҳикмату тасаввуфу ҳайъат ва ҳандасаву тафсиру ҳадису фиқҳ ва ғайра. Ба дӯстонаш дар аксар номаҳои худ суфориши китоб медод, ки барояш фароҳам кунанд» (72, 40-41). Пас аз фавти Файзӣ китобхонаи ӯ ба саркори подшоҳӣ дохил шуд.

Файзӣ дар офаридани осори гаронмоя маҳорати фавқулода нишон дода, тавонист, ки шоҳкорҳои азими илмию адабӣ аз худ ба ёдгор гузорад. Бино ба навиштаи муаллифи «Маосир-ул-умаро» теъдоди таълифоти ӯ ба 101 адад баробар аст (34, ҷ.2, 590). Асарҳои ӯ ба забонҳои форсӣ ва арабӣ таълиф шуданд. Файзӣ забони санскритро низ хуб медонист ва бисёре аз кутуби шеър ва адабу фалсафаву риёзии ҳиндувонро ба форсӣ тарҷума кард.

Мероси илмию адабии Файзиро метавон ба ду даста – осори манзум ва мансур тақсим намуд.

## Осори манзум:

I. Девони ғазалиёти Файзӣ «Табошир-ус-субҳ» ном дошта, дар қолаби қасида, ғазал, тарҷеъот, маснавӣ, қитъа, рубоӣ ва

фард аст. Нусхаҳои гуногуни девон дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз буда, аз назари муҳтавиёт ихтилоф доранд ва аз 6, 9 ва ё 12 ҳазор байтӣ иборатанд.

Нусхаи нахустини девон соли 995/1586 мураттаб шуда ва дар таркиби аввалияи худ 6 ҳазор байтро фарогир буд. Аз номае, ки Файзӣ ба яке аз дӯстонаш навиштааст, маълум мегардад, ки ҳангоми тадвини нусхаи аввалини девон умри вай каму беш аз 40 сол гузашта будааст. Ҳамчунин, дар муқаддимаи девон, ки ба қалами худи Файзӣ тааллуқ дорад, шоир зикр намудааст, ки нахустин баёзи девони худро бо мақсади фиристодан ба Эрон гирдоварӣ намудааст: «Ин ратбу ёбис… ихтиёр кардам, вагарна, сиёҳии лашкари суханам нусхае аз саводи Ҳиндустон аст» (64, ҳе).

Дар нома ҳамчунин таъкид бар он намуда, ки силсилаи ғазалсароӣ идома дорад ва девони дигаре муҳайё ва ҳозир кардааст.

Файзӣ байни солҳои 1001-1004/1592-1595 девонашро дубора мукаммал намуд. Дар ин нусха моддаи таърихи соли вафоти падари шоир – Шайх Муборак оварда шудааст, ки дар соли 1001/1592 вафот ёфт ва бояд зоҳиран пас аз ин таърих ва пас аз марги шоир дар соли 1004/1595 ба девон афзуда шуда бошад. Дар дебочае, ки ба қалами худи шоир тааллуқ дорад, қитъае мавҷуд аст, ки дар он Файзӣ дар хусуси 9 ҳазор байт будани шумори абёти девонаш ишора намудааст. Аз ин метавон натиҷа гирифт, ки девон тавассути худи шоир мукаммал шудааст ва шоир 3 ҳазор байт ба он изофа кардааст.

Нусхаи севуми девон, ки имрӯз дар китобхонаи Бонкипур маҳфуз аст, пас аз марги шоир истинсох шуда, 12 ҳазор байтро шомил аст.

Нусхаҳои хаттии девон бисёранд ва дар феҳристи китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон ҷой гирифтаанд. Нусхаи қадимтарин девони Файзӣ, ки соли 1004/1595 аз ҷониби котиби шахсии Файзӣ Сундар Лол истинсох шудааст, имрӯз дар китобхонаи Донишгоҳи Алигарҳ нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи девон, ки дар Китобхонаи Миллии Теҳрон ҳаст, дорои 6 ҳазор байт аст. Нусхае, ки дар Музеи миллии Британия

ва Китобхонаи Маҷлиси Теҳрон маҳфуз аст, 9 ҳазор байтро фаро мегирад. Он соли 1017/1608 пас аз тақрибан 13 соли марги шоир барои Хоҷабек навишта шудааст. Нусхаи дигар дар феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Осафия омадааст. Нусхаи Музеи Британия 9 ҳазор байтро шомил аст (17, 1189-1190; 51,56).

Мунтахаби ашъори Файзӣ се бор ба табъ расидааст (Деҳлӣ, 1894; Деҳлӣ, 1901; Лоҳур, 1967).

Лозим ба тазаккур аст, ки муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ теъдоди осори Файзиро ба гунаҳои мухталиф нишон додаанд. Аз он ҷумла, Абулфазл ҷамъи кулли абёти Файзиро бештар аз 50 ҳазор медонад. Тибқи маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ ва Авҳадӣ шумори ашъори Файзӣ аз ҷумлаи маснавиҳои вай ба ҳудуди 20 ҳазор байт мерасад, дар ҳоле ки Амин Аҳмади Розӣ ин шумораро 15 ҳазор байт навиштааст, ки муҳтамилан шомили маснавиҳои вай нест. Ҳамин теъдод тавассути Низомиддин Аҳмад низ зикр шудааст ва ӯ мушаххас намуда, ки абёти маснавиро дар ин шумор ҷой надодааст (5, 486).

II. Маснавиҳо. Файзӣ соли 993/1585 бо хоҳиши бевоситаи Ҷалолуддин Муҳаммади Акбарподшоҳ дар пайравии «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ навиштани «Панҷ нома»-ро оғоз намуд. Ӯ тасмим гирифт, ки муштамил бар унвонҳои зерин ба асари панҷгонаи Низомӣ назира нависад: «Маркази адвор» дар 3 ҳазор байт дар ҷавоби «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ; «Сулаймон ва Билқис» дар 4 ҳазор байт дар ҷавоби «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ; «Нал ва Даман» дар 4 ҳазор байт дар ҷавоби «Лайлӣ в Маҷнун»-и Низомӣ; «Ҳафт кишвар» дар ҷавоб ба «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ; «Акбарнома» дар ҷавоби «Искандарнома»-и Низомӣ.

Файзӣ худи ҳамон сол, яъне, дар соли 1585 роҷеъ ба ҳар яке аз ин маснавиҳо ашъор гуфта, бахшҳое аз онҳоро тасниф намуд. Соли 1594 пас аз фосилаи 10 сол Акбар аз Файзӣ ба анҷом расонидани «Хамса»-ро талаб кард, лекин аз сабаби вафот Файзӣ тавфиқи итмоми «Хамса»-ро наёфт. Боиси тазаккур аст, ки Шиблӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» ин иддиоро, ки Файзӣ ҳамаи маснавиҳоро ба анҷом расонидааст, ба Абул-

фазл нисбат медиҳад (72, 63).

Аз асари панҷгонаи Файзӣ танҳо «Маркази адвор» ва «Нал ва Даман» сурати итмом пазируфт.

1. «Маркази адвор». Файзӣ таълифи «Маркази адвор»-ро нахуст дар синни 40-солагӣ дар соли 994/1585 оғоз намуд ва худи ҳамон сол агарчанде таҳрири ниҳоии маснавиро ба охир нарасонида буд, дастнависи онро ба подшоҳ ҳадя намуд. Маснавӣ ба Акбарподшоҳ хеле писанд омад ва ӯ унвони асарро «Миръот-ул-қулуб» гузошт. Файзӣ ҳудуди 10 сол пас аз он низ маснавиро ба ниҳояти камол нарасонид. Дар «Акбарнома» омадааст, ки Файзӣ маъмур буд, ки «Маркази адвор» – ро дар се ҳазор байт ба анҷом расонад, вале маснавие, ки имрӯз мавҷуд аст ва аксараш дар шаҳри Фатҳпур навишта шудааст, дорои 1462 байт мебошад. Абулфазл 2 сол пеш аз марги Файзӣ бо мақсади гирдоварӣ намудани осори бародараш дар миёни авроқи пароканда нусхаи «Маркази адвор»-ро дастрас намуд ва пас аз кӯшиши фаровон баъд аз марги Файзӣ онро мураттаб намуда, дастнависи ниҳоии онро омода сохт (75, 522; 72, 50).

2. «Сулаймон ва Билқис» дар ҷавоби «Хусрав ва Ширин» гуфта шудааст. Боиси тазаккур аст, ки Файзӣ нахустин шоирест, ки дар Ҳиндустон достони Сулаймон ва маликаи Сaборо мавриди истифода қарор дод. Дар мактубе, ки Файзӣ дар соли 1003/1594 ба унвони дӯсташ навишта буд, ӯ зикр намудааст, ки сурудани «Сулаймон ва Билқис»-ро 7 сол қабл, яъне, дар соли 996/1587 дар Лоҳур оғоз намудааст. Мутаассифона, Файзӣ натавонист ин маснавиро ба анҷом расонад. Порчаҳо аз он дар «Акбарнома»-и Абулфазл (с.681-684) ва «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадоунӣ (1, 303) зикр шудаанд (72, 50).

3. Аз ҷиҳати ҳаҷм маснавии «Нал ва Даман» калонтарин достони Файзӣ ба шумор меравад ва 4000 байтро шомил аст. Чунон ки шоир дар маснавӣ зикр намудааст:

*Ин чор ҳазор дурри ноёб,*
*К-ангехтаам ба оташин об... (17, 1192)*

Файзӣ таълифи онро дар ҳудуди соли 993/1585 оғоз намуд, вале ба анҷом нарасонид. Соли 1003/1594 бо ҳукми Акбар ӯ дубора ба навиштани «Нал ва Даман» пардохта, дар зарфи панҷ моҳ онро такмил кард ва бо чанд сиккаи тило ба подшоҳ пешкаш намуд (4, 661)

«Нал ва Даман» манзумаест, ки дар асоси мазмуни достони машҳури «Нал Дамаянти»-и ҳамосаи «Маҳабҳарата» – яке аз достонҳои куҳани Ҳинди бостон навишта шудааст. Шоир бо рағбату муҳаббат ба масъала ворид шуда, бо тахайюлоти баланд ва тасвирҳои зиндаву ҳаётӣ, тараннуми ғояи баланди инсонӣ ва махсусан бо афкори ҳакимонаи худ асари дилпазире саршор аз тамсилоту истиорот, пур аз мазомини тару тоза ва хаёлангез офарид. Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар ба қадре аз ин асар хушаш омад, ки на танҳо шоирро ба атиёти шоҳона бархурдор намуда, амри истинсохи нусхаҳои музаҳҳаби онро дод, балки бино ба маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ Нақибхони Қазвиниро махсусан маъмур намуд, ки достонро ҳар рӯз барояш қироат намоянд (1, 396; 72, 50-51; ).

Шиблии Нуъмонӣ дар ин мавриди навиштааст, ки: «Мулло Абдулқодири Бадоунӣ ҳар ҷо зикре аз Файзӣ меояд, одатан неш мезанад ва озор мерасонад, лекин дар инҷо (нисбати «Нал ва Даман» – З.Ғ.) маҷбур шуда таъриф кунад ва мегӯяд: Ва алҳақ маснавиест, ки дар ин сесад сол мисли он баъд аз Амир Хусрав шояд дар Ҳинд касе дигар нагуфта бошад» (72, 51).

Дар «Тазкираи Ҳусайнӣ» дар мавриди байни мардум маҳбубияти тамом ёфтани достони «Нал ва Даман» нақли зерин оварда шудааст: «Ҳангоме ки Хони Ҷаҳон Кӯкалтош дар мақоми сафири Акбар «Устуворнома»-и худро ба Шоҳ Аббос тақдим мекард, шоҳ аз вай мепурсад, ки бузургтарин шоири Ҳиндустон кист? Ва Хони Ҷаҳон мегӯяд: Файзӣ. Шоҳ аз ӯ мехоҳад, ки абёте аз вай бихонад. Хони Ҷаҳон байти зерро аз «Нал ва Даман» мехонад:

*Бонги қаламам дар ин шаби тор*
*Бас маънии хуфта кард бедор.*

Шоҳи Эрон чунон аз ин байт хушаш омад, ки кулли маснавиро хост ва дастур дод, онро ба хатти тило бинависанд» (7, 349).

Мӯҳсин Зокир ал-Ҳусайнӣ дар мавриди хусусиятҳои барҷастаи сабки ҳиндӣ дар ашъори Файзӣ, аз ҷумла маснавии ӯ навиштааст: «Маснавии «Нал ва Даман» монанди бештари сурудаҳои сабки ҳиндӣ пур аз маонӣ ва мазомини тозаву хаёлангез чандон, ки ба таъбири худи ӯ исрофи маонӣ карда» (53, 23).

Нусхаҳои хаттии маснавӣ фаровонанд. Яке аз қадимтарин нусхаҳои он дар китобхонаи Бодлеан нигаҳдорӣ мешавад. Муҳре, ки бар ин нусха гузошта шудааст, ба таърихи 1032/1622 мансуб мебошад (78, 665).

Нусхаҳои хаттии «Нал ва Даман»-и Файзӣ ҳамчунин дар захираи Шефтаи Донишгоҳи мусулмонии Алигарҳ ва захираи Ҳабибганҷ маҳфузанд (84, 143).

Чопи литографии «Нал Даман» соли 1831 дар Калкатта бо тасҳеҳи Мавлавӣ Тамизиддин Арзонӣ нашр шудааст. Ҳамчунин асари мазкур борҳо дар Лакҳнав (с.1846, 1847, 1857, 1877, 1930), Конпур (с.1853, 1873, 1930) ва Шоҳиҷаҳонобод (с.1853) ва ҳамчунин дар Эрон низ (Теҳрон, 1382) мунташир гардидааст.

4. «Ҳафт кишвар». Ин маснавӣ низ нотамом боқӣ мондааст.

5. «Акбарнома»-ро низ Файзӣ натавонист ба анҷом бирасонад.

Шиблии Нуъмонӣ роҷеъ ба маснавии Файзӣ дар боби фатҳи Гуҷрот ба дасти Акбар хабар додааст (72, 64), ки имрӯз дастрас нест.

**Осори мансур:**

Осори мансури Файзӣ ба забонҳои форсӣ ва арабӣ иншо шудаанд. Абулфазл иборати «назмгустари насрпардоз»-ро дар мавриди вай ба кор бурдааст.

Мутаассифона, Файзӣ ончунон, ки ба осори манзуми худ аҳаммият медод, таваҷҷуҳе ба гирдоварии осори мансури худ надошт ва аз ин рӯ аз 101 асари мансуб ба вай танҳо чанд асар то ба имрӯз омада расидаанд. Ин осор шомили корҳое

ҳастанд, ки умуман ба Файзӣ нисбат дода шудаанд, аммо мумкин аст, ки ҳамаи он ба қалами ӯ тааллуқ надошта бошад:

1. «Латифаи Файёзӣ» маҷмӯаест аз гузоришҳову дархостҳо ва номаҳои Файзӣ ба Акбарподшоҳ, дӯстон, аъёну ашроф, аҳли илму адаб, пизишкони донишманд, падар, бародарон, хешовандон ва дигарон, ки тавассути Нуриддин Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Ҳаким Айнулмулук, ки хоҳарзода ва шогирди Файзӣ буд, дар соли 1035/ 1625 гирдоварӣ шудаанд. Нуриддин онро «Латифаи Файёзӣ» ном ниҳод.

Лозим ба тазаккур аст, ки Файзӣ аввалин касест, ки дар иншопардозӣ содданигорияро оғоз кард. Чунон ки Шиблӣ навиштааст: «Аз хутуту номаҳо то он вақт ба ҷои баёни воқеа мақсуд бештар изҳори ҳунар ва иншопардозӣ будааст. Ва Файзӣ аввал касест, ки ибтидо ба соданигорӣ карда ва дар ин тарз рақибе, ки дорад, ҳамоно Ҳаким Абулфатҳ аст, ки руқаоташ ба номи «Чаҳорбоғ» машҳур мебошад.

Аз хутут ва номаҳои Файзӣ тамаддуну таҳзиб, иҷтимоъ ва одобу русум ва ҳар гуна авзоъ ва ҳолоти он замонро метавон маълум дошт. Дар баъзе маворид алфози ҳиндӣ ҳам гуфта мешавад» (72, 54).

2. Гулдастаи наср ва назм. Ин ҷунг муштамил бар интихоби наср ва назми суханварони мутақаддим аст, ки Файзӣ барои худ ҷамъоварӣ намудааст ва Абулфазл бар он дебоча афзудааст.

3. «Тазкират-уш-шуаро». Файзӣ таълифи онро оғоз карда буд, аммо ба поён нарасонид. Шиблӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» аз номаи Файзӣ ба яке аз дӯстонаш иқтибос овардааст, ки дар он роҷеъ ба тазкираи мазкур сухан меронад (72, 55). Мутаассифона, тазкира то ба имрӯз нарасидааст.

Аз ҷумлаи осори мансури арабии Файзӣ ду асар машҳур гаштаанд, ки дар ҳар дуи он шоир ҳатто як ҳарфи нуқтадор истифода накардааст ва ин амр қабл аз ҳама аз маҳорат ва тасаллути Файзӣ бар забони арабӣ далолат мекунад.

1. «Савотеъ-ул-илҳом» – тафсири «Қуръон» ба забони арабист, ки ҳамчун «Тафсири бенуқат» маъруф буда, дар саросари он ҳатто як ҳарфи нуқтадор ба кор нарафтааст. Ба таълифи он Файзӣ дуюним сол сарф намуд ва дар соли

1002/1593 онро ба итмом расонид. Қисми зиёди асар бояд пеш аз соли 1001/1592, яъне, пеш аз вафоти падараш – Шайх Муборак омода шуда бошад, зеро дар «Савотеъ-ул-илҳом» қайд шудааст, ки Шайх Муборак бениҳоят аз ин тафсир хушнуд гашт. Ӯ нусхаҳои тафсирро таҳия намуда, ба Эрон ва Арабистон ирсол намуд.

Боиси тазаккур аст, ки баъд аз иншои тафсири бенуқат миёни уламову фузалои давр таҳлукае афтод ва бисёре аз донишмандони давр онро ситоиш карданд. Бар ҳамин ваҷҳ бисёр олимон барои ин рисола тақризҳо навиштаанд ва таърихи онро сохтаанд. Аз он ҷумла, Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ, Муҳаммад Ҳусайн, Ҷамол ибни Абдулазиз, Аҳмад ибни Мустафо Шарифулҳусайнӣ, Шайх Фузайл ибни Васили Сиддиқӣ, Амонуллоҳи Сирҳиндӣ, Зуҳурӣ, Мир Ҳайдар Рафеъи Таботабоӣ ва ғ. (1, ҷ.2, 215, 237). Сарфии Кашмирӣ низ як тақризи ғайриманқут бар «Савотеъ-ул-илҳом» навиштааст, ки мавсум ба «Тақризи бенуқат ба «Савотеъ-ул-илҳом»-и Файзии Даканӣ» мебошад (14, 255). Зуҳурии Туршезӣ ва Малики Қумӣ рубоиҳо ва қасоид навиштанд.

Зеҳнии Кошонӣ дар таърифи «Савотеъ-ул-илҳом» гуфтааст:

*Ин нусха на аз бобати расмасту русум,*
*Махфист дар ӯ ҷаҳон-ҷаҳон ганҷи улум.*
*То найири ҳарфаш аз варақ толеъ шуд,*
*Пинҳон гаштанд нуқтаҳо ҳамчу нуҷум (57, 429).*

Худи Файзӣ «Савотеъ-ул-илҳом»-ро боиси ифтихори худ медонист. Роҷеъ ба ин тафсири бузурги ғайриманқут, ки то чӣ андоза будани салоҳияту истеъдоди муаллифи онро мерасонад, Мир Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ навиштааст: «Бурҳон ва фазилати Шайх Файзӣ … аст, ки дар ин ҳазор соли пештар ҳеҷ мустаъиддеро муяссар нашуд».

Абдулқодири Бадоунӣ таълифи чунин тафсирро хеле мазаммат намуд. «Савотеъ-ул-илҳом» дар муҳити илмиву адабии Мовароуннаҳр низ шӯру садое падид овард. Аз шоирони машҳури асри XVI Абдурраҳмони Мушфиқӣ қитъае ба тариқи танқиди Файзӣ эҷод кард.

«Савотеъ-ул-илҳом» соли 1889 дар Лакҳнав ба табъ расидааст.

2. «Маворид-ул-калом» рисолаест дар мавзӯи ҳикмату ахлоқ, ки дар он аз як ҳарфи нуқтадор ҳам истифода нашудааст. Файзӣ калимаҳоеро чун ислом, салом, абдулкалом, Адам, Муҳаммад, каломуллоҳ, аҳлуллоҳ ва ғайраро шарҳу тавзеҳ додааст. Файзӣ онро соли 985/1577 пеш аз таълифи «Савотеъ-ул-илҳом» ба тариқи машқ навишта, мехост барои таълифи тафсири ғайриманқут замина ба вуҷуд оварад.

«Маворид-ул-калом» дар мамолики Араб мавриди тақдир қарор гирифт. Рисолаи мазкур ба эҳтимоми Мавлавӣ Муҳаммадалии Ромпурӣ соли 1825 дар Калкотта ба нашр расид.

Ҳамчунон ки болотар зикр намудем, хидмати Файзӣ дар нашру тарҷумаи осори санскрит ба форсӣ бузург буда, маҳз тавассути ӯ кори таҳриру тарҷумаи азимтарин шоҳкориҳои илмию адабии маданияти қадими ҳиндувон аз забони санскрит ба забони форсӣ анҷом пазируфт. Зери таҳрири бевоситаи ӯ осори фаровоне аз забони санскрит ба форсӣ тарҷума шуданд. Файзӣ бад-ин васила фарҳангу тамаддуни қадимии ҳиндиро ба забони форсӣ муаррифӣ ва нашр намуд:

1. Дар соли 990/1582 ба тарҷумаи яке аз ҳамосаҳои бузурги Ҳинди бостонӣ «Маҳабҳарата» («Қиссаи авлоди Бҳаратҳои бузург») дастур додани Акбар иқдоми нахустине буд, ки дар ин роҳ содир шуд. Тарҷумаи ин ҳамосаи санскрит, ки муштамил бар 100 ҳазор байт буда, шомили вақоеъи ҷанги бузург миёни ду даста аз як хонаводаи қадими ҳиндувон – кауравҳо ва пандавҳо барои тасарруфи салтанат аст (оғози он ба нимаи дуюми ҳазораи II то м. рост омада, шакли имрӯзааш дар асрҳои аввали ҳазораи I м. ташаккул ёфтааст), дар солҳои 990-995/1582-1587 тавассути як зумра донишмандон, аз он ҷумла Файзӣ зимни мушовара бо пандитҳову бараҳманони бузург сурат гирифт. Бино ба маълумоти «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадоунӣ Акбар худ матлаби иборатро ба Нақибхон баён мекард ва ӯ ба форсӣ нақл менамуд. Баъд Мулло Абдулқодири Бадоунӣ ва Мулло Шерӣ ва ғайраро талабида, ба ҳар кадом қисмате аз

онро вогузор намуд. Абулфазл муқаддимае бар он афзуд ва асари такмилшуда «Размнома» хонда шуд. Пас аз он Акбар ба Файзӣ дастур дод, ки кулли китобро ба насри шево ва назми бадеъ дароварад, вале зоҳиран вай натавонист аз ду фасл пеш равад (1, ч.2, 321). Изҳороти Шиблӣ, ки мабнӣ бар он Акбар тарҷумаи қисматҳое аз ин ҳамосаро ба Бадоунӣ, Мулло Шерӣ ва дигарон тафриз карда ва ва Файзӣ низ маъмури тарҷумаи ду фасл аз он шуда (72, 69), бо таваҷҷуҳ ба он чи Бадоунӣ изҳор намуда, гумроҳкунанда аст.

Ва дар ин миёна тарҷумаи ду қисмат аз он ба уҳдаи Файзӣ вогузошта шуд (86, 918, 191, 1042).

Асари мазкур, ки муқаддимаи он ба қалами Абулфазли Алломӣ тааллуқ дошта, ба номи «Размнома» мавсум шуд, солҳои 1897-1900 дар Лакҳнав дар панҷ муҷаллад мунташир гардид. Бино ба ахбори феҳристнигорони гуногуни ҷаҳон, чун В.Иванов, Абдул Муқтадир, Ч.Рё, Ҳ.Эте ва дигарон нусхаҳои қаламии «Размнома» дар китобхонаҳои Ҷамъияти Осиёии Бангола (79, 1695-1696), Буҳар (85, 103-105), Музеи Британия (88, 57-58; 76, 365), Бодлеан (78, 1306-14), Индия Офис (77, 1928-1947), Донишгоҳи Дакка ва китобхонаи Миллии Париж (84, 18) ва ғ. нигоҳ дошта мешаванд.

2. Соли 995/1586 бо тавсияи Акбар аз ҷониби Абулфайзи Файзӣ асари «Лилавати»-и Бҳаскара Ачаря аз санскрит ба форсӣ тарҷума шуд (76, 155). Ин китоб дар фанни риёзӣ ва ҳандаса буда, маҳбубияти фаровон дар Ҳиндустон дошт. «Лилавати» соли 1827 дар Калкатта ба табъ расидааст. Тарҷумаи урдуи ин асар низ дар соли 1854 манзури хонандагон гардидааст.

3. Тарҷумаи форсии манзуми «Бҳагавадгита» низ ба қалами Абулфайзи Файзӣ мансуб аст. Шиблии Нуъмонӣ дар такя ба маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ хабар медиҳад, ки дар соли 983/1575 Бҳаван ном бараҳмане аз Дакан, ки ба ислом рӯй оварда буд, ба дарбор ҳозир шуд. Акбар амр намуд, ки бо кӯмаки Бҳаван китоби «Бҳагавадгита»-ро тарҷума намояд. Ин кор аввал ба Абдулқодири Бадоунӣ супурда шуда буд, ба ин маънӣ, ки Бҳаван матлабро мефаҳмонад ва ӯ ба форсӣ накл мекардааст. Аммо азбаски иборати ӯ муғлақ ва

печида буд, Абдулқодири Бадоунӣ узр овард ва Акбар ба ҷои ӯ Файзӣ ва пас ба ҷои Файзӣ Иброҳими Сирҳиндиро ба ин кор маъмур намудааст (1, ҷ.2, 212; 72, 3, 56). Аммо ин тарҷума борҳо дар матбааҳои Аллоҳобод, Банорас, Конпур ва Ҷайпур (с.1895, 1901, 1905, 1908, 1954) ба номи Файзӣ ба чоп расидааст.

4. Бо дастури Акбар аз арабӣ ба форсӣ тарҷума намудани «Ҳайат-ул-ҳайвон» ба зиммаи Абулфазли Алломӣ вогузошта шуд. Бино ба маълумоти Абдулқодири Бадоунӣ тарҷумаи асари мазкур аз ҷониби Шайх Мубораки Ногурӣ ва Файзӣ дар соли 983/1575 анҷом ёфтааст (1, ҷ.3, 204).

5. Шиблӣ тарҷумаи «Рамаяна»-ро мансуб ба қалами Файзӣ медонад (72, 70). Маликушшуаро Баҳор низ тарҷумаи мансури «Рамаяна»-ро ба Файзӣ нисбат медиҳад, аммо сарчашмаи далели худро дар бораи мансубияти ин асар ба Файзӣ зикр намекунад (51, 30). Нусхаи хаттии тарҷумаи «Рамаяна» (мусаввар) ба назм (маснавӣ) аз Файзӣ дар китобхонаи шахсии сокини Пешовар (Покистон) Хоҷа Муҳаммади Салим маҳфуз аст (70, 182)

6. Нусхаи хаттии тарҷумаи «Рамаяна» (мусаввар) ба назм (маснавӣ) аз Файзӣ дар китобхонаи шахсии сокини Пешовар (Покистон) Хоҷа Муҳаммадсалим маҳфуз аст (70, 182).

Ҳ.Эте тарҷумаи «Катҳасаритасагара»-ро ба қалами Файзӣ мансуб медонад, дар ҳоле ки дар нусхаи мавҷуда дар китобхонаи девони Ҳинд дар Лондон номи тарҷумон зикр нашудааст (77, 1106-1107). Ҳамчунин Абдулқодири Бадоунӣ навиштааст, ки ӯ ин асарро бо дастури Акбар тарҷума кардааст (1, ҷ.2, 401).

Тарҷумаи асари «Ҷогабасишта» низ ба Файзӣ нисбат дода шудааст.

Ҳамин тариқ, хидмати Файзии Файёзӣ дар нашру тарҷумаи осори санскрит ба форсӣ бузург буда, маҳз тавассути ӯ кори таҳриру тарҷумаи азимтарин шоҳкорҳои илмиву адабии маданияти қадими ҳиндувон аз забони санскрит ба забони форсӣ анҷом пазируфт.

* * *

Мусаллам аст, ки Файзии Файёзӣ яке аз муваффақтарин шоирони сабки ҳиндӣ ба шумор меравад. Муҳимтарин хусусияти сабки Файзӣ дар мазмунсозӣ, борикандешӣ ва нозукхаёлии вай таҷассум дорад, ки он аз муҳимтарин мушаххасоти сабки ҳиндӣ ба шумор меравад. Ашъори шоир лабрез аз мазмуну маъниҳои бикру тоза ва рангин буда, дар он муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеър ҷилвагар мебошад. Қобили зикр аст, ки шоироне, ки ба шеваи сабки ҳиндӣ шеър сурудаанд, тамоми таваҷҷуҳи худро барои ёфтани мазмуни тоза ва фикри бадеъ ва ба таъбири Соиби Табрезӣ ба дарёфти «маънии бегона» равона доштаанд. Аз ин рӯ, сабки ҳиндӣ бо ин хусусият аз сабкҳои дигар фарқ мекунад ва шахс дар мутолиаи ашъори шоирони ин сабки адабӣ хештанро дар дунёи рангини шеъру адаб мебинад ва ба никоти дақиқу мазомини тозае, ки қаблан бесобиқа буданд, бархурд мекунад. Аз ин рӯ, Файзӣ низ дар шумори ҳамин гуна суханварони сабки ҳиндӣ қарор дорад, ки тавассути офариши маъниҳои ҷаззобу дилнишин дар ашъори худ, ки аз замири қалб ва асари сӯзи дил берун омадаанд, мақом ва ҷойгоҳи хешро дар қаламрави шеъри форсӣ дарёфт намудааст. Таваҷҷуҳ бар чанд байти шоир, ки саршор аз ин вижагиҳои ҳунарӣ ва забониянд, муаййиди ин андеша мебошанд:

*Килки Файзӣ медиҳад гулҳои тар,*
*Меравад маънии рангин шох-шох.*

Дар ин ҷо шоир бо таваҷҷуҳ ба маънисозӣ дар каломи хеш маҳсули қалами худ, яъне шеърро ба гулҳои тар монанд мекунад, ки маъниҳои рангини дар он ифодаёфта шох-шох қад мекашанд. Ҳадафи маънии баланд офариданро шоир дар ибораи шох-шох қад кашидани гулҳои тар ҷой додааст.

Каломи шоир ба ҳадде муассир аст, ки аз гармии маъниҳои он дили мардуми соҳибназар месӯзад:

*Шаб, ки Файзӣ сухан аз сӯзи дили худ мегуфт,*
*Дили соҳибназар аз гармии маъно месӯхт.*

Ин маъниро шоир дар байти дигар ба сурати зайл баён ме-

кунад, ки дили ман аз асари сухани ту Файзӣ бисӯхт. Ҳосили сухани шоир бар он ишорат мекунад, ки сухани Файзӣ чун аз маъниҳои ба дил наздик гарму самими буд, аз асари гармии сухани ӯ ба сӯзиш омад. Гармии сухан ин ҷо манзур аз таъсирбахшии калом бошад:

*Дили ман сӯхт, Файзӣ, аз суханат,*
*Ки зи маънии дилнишин гарм аст.*

Дар абёти зерин низ Файзӣ ба борикбинӣ, мазмунсозӣ ва дакиқсанҷии худ ишора намуда, ба ифтихори баланд таъкид медорад, ки эй оташинтабъон, яъне суханварону соҳибони калом, як нафас девони Файзиро баргиреду аз мазмуни он огаҳ шавед. Ин ҷо ҳам навъе идомаи сухани болост, ки Девони шоир аз ашъори пурсӯз лабрез аст ва на ҳама кас метавонад сӯзи дарунии ин каломро ҳис ва онро таҳаммул кунад:

*Оташинтабъон, чаро аз сӯзи Файзӣ ғофилед?*
*Як нафас девони ӯ гиреду мазмун бингаред.*

Девони Файзӣ аз ашъори мухталиф таркиб ёфтааст ва ин амр баёнгари он аст, ки шоир дар сурудани навъҳои гуногуни шеър, чун ғазал, қасида, маснавӣ, рубоӣ ва амсоли ин маҳорати тамом зоҳир намудааст. Аммо худи Файзӣ бештар ба ғазалу маснавӣ таваҷҷуҳё дорад ва дар як байташ ин алоқамандӣ ва интихобашро аз аҷноси сухан аз ин ду навъи шеърӣ чунин баён медорад:

*Бошад акнун зи ҷинсҳои сухан*
*Ғазалу маснавӣ гузидаи ман.*

Агарчанде Файзӣ дар навъҳои гуногуни шеър қувва озмуда бошад ҳам, бештари эҷодиёташро ғазал ташкил медиҳад ва ӯ аслан ғазалҳои худро ба шеваи сабки ҳиндӣ ба қалам овардааст. Дар ғазалиёташ баробари корбурди аносири сабки ҳиндӣ ҳамеша салосату равонӣ, ҷаззобият ва мусиқии шеърро риоят мекунад ва ин барҷастагии каломи вай дар аксари сурудаҳояш ба сурати ғазал ҷилвагаранд.

Файзӣ дар таърихи ғазалсароӣ мавқеи хос дорад ва ғазали

ӯ дар умқи маъно ва баландии мазмун ва ҳунари шоирӣ аз вежагиҳои хоссе бархурдор мебошад. Ҳарчанд нуфузи хусусиёти сабки ҳиндӣ дар он ҷилвагар аст, аммо нигоҳи хосси ӯ ба падидаҳои ҳунарии шеър боиси камоли балоғати суханаш гардида.

Барои намуна ба як ғазали Файзӣ руҷӯъ мекунем, ки саршор аз чунин махсусиятҳои шеърии ӯ мебошад:

*Ҳарифи бода куҷо, ошиқи хароб куҷо,*
*Ҷунуни ишқ куҷо, нашъаи шароб куҷо?*
*Расид ёру ман афтода нотавон, эй дил,*
*Тапидани ту куҷо рафту изтироб куҷо?*
*Шаб аз фироқи ту хобам барад, хаёл аст ин,*
*Шаби фироқ куҷову хаёли хоб куҷо?*
*Ба даври ишқи ту, эй дилрабо, намедонам,*
*Ки дил куҷо шуду тоқат куҷову тоб куҷо.*
*Хуш аст ғамкадаам даргирифта з-оташи оҳ,*
*Фурӯғи шамъ куҷо, хонаи хароб куҷо?*
*Маҷӯй гармии ишқ аз дами фусурдадилон,*
*Сабӯи бода куҷо, шишаи гулоб куҷо?*
*Тамаъ мадор зи ҳосид фурӯғи дил, Файзӣ,*
*Сафоли тира куҷо, ҷоми офтоб куҷо?*

Мушоҳида ва мутолиаи ин ғазал равшан менамояд, ки Файзӣ дар сабки ғазал ба таври умум ҷаззобият ва равониву салосатро риоя намудааст. Аммо бо ин ҳама боз ҳам вожасозиву таъбирофаринии сабки ҳиндӣ дар сурудаҳои вай ҷойгоҳи хешро аз даст намедиҳад. Аз ҷумла, дар ҳамин ғазал ҳам мо ба чанде аз ин гуна таркибҳо дучор меоем, ки «дар гирифтани ғамкада аз оташи оҳ», «фурӯғи шамъ», «сабӯи бода», «шишаи гулоб», «гармии ишқ аз фусурдадилон маҷустан» ва амсоли ин ба чашм мерасад. Аз сӯи дигар ба назар мерасад, ки дар саросари ин ғазал санъати ирсоли масал ба кор рафтааст, ки аз ҷумлаи онҳо «сабӯи бода куҷо», «шишаи гулоб куҷо» барои нишон додани гармии ишқ ва фусурдадилон, «сафоли тира куҷо, ҷоми офтоб куҷо» барои масали «аз ҳосид фурӯғи дил ҷустан» корбандӣ шудаанд.

Бо он ки таркибсозиву лафзтарошӣ дар сурудаҳои вай ба қолиби сабки ҳиндӣ мутобиқат доранд, аммо зимнан ашъори вай бо содагии забону равонии фикр аз дигар намояндагони ин сабк низ гоҳе тафовут касб мекунад. Муҳимтарин рукни забони шеъри Файзӣ дар рангиниву борикии каломи вай муҷассам аст. Вобаста ба ин, Файзӣ дар корбурди вожагони фасоҳатбахши сухан, сохтмони калимаҳои тоза ҳунари баланди суханварӣ зоҳир менамояд. Файзӣ дар вожаофаринӣ шоири соҳибмақом аст ва ин манзилати ҳунарии вай аз ҷониби муҳаққиқон низ эътироф шудааст. Аз ҷумла, Гибб дар «Таърихи шоирии усмонӣ» изҳор медорад, ки баъд аз Ҷомӣ то замони Соиб касе, ки нуфузи афкору ашъори вай бар шоирии усмонӣ дошт, Файзӣ ба шумор меравад. Ба андешаи ӯ қудрати сабки Файзӣ дар вожаҳои тозае мебошад, ки ӯ ба фарҳанги шоирӣ дохил намудааст.

Воқеан, дар сурудаҳои Файзӣ калимаву таркибҳои нодире, мисли «ситудамунтахаби коргоҳи ибдоъ», «навои килк», «дурдикашони лоуболӣ», «масеҳомашраб», «дили тавбаиртикоб», «чашми ошиқсоз», «ишқи суратбоз», «мавкиби ашки ҷаҳонпаймо», «заррамикдор», «кулаҳгӯшаи раъноӣ», «ғамзаи анбаринкамандон», «дақиқашиносони зуфунун», «ситорапайкар», «ниҳуфтани гуҳари шабчароғ», «таронасанҷии базми фароғ», «фитнаобод», «хароби ҳусни қиёматнишон», «новакзанони қалбшикан», «сарбахокафкандаи шамшер», «карашмаҳои суманғабғабони содазанах», «сабри бараҳнапой», «нардбони нафасҳои саҷдагоҳ», «ҳамдамии мурдадилонам фусурдадил», «зипофикандаи ҷавлони чобуке шудан», «забондонии дилҳо», «хонабарандохтаи чашм» ва амсоли ин ба чашм мерасанд, ки ба ҳунари шоирии суханвар ишорат доранд.

Аз ҷумла, шеваи таркибсозӣ ва ибораороии ӯ дар заминаи усулҳои вожагузинии шоирони сабки ҳиндӣ ҷараён гирифтааст. Матлаби мазкурро мо пайваста аз мутолиаи намунаҳои ашъори вай эҳсос менамоем. Аз ҷумла, ҷое фармуда:

*Дарои ғунча садо медиҳад ба бонги баланд,*
*Ки корвони чаман дар камингаҳи талаф аст.*

Дар ин байт вуҷуди иборахои «дарои ғунча», «садо додани дарои ғунча», «корвони чаман», «камингаҳи талаф» аз зумраи ҳамин гуна иборахое маҳсуб мешаванд, ки бо шеваи сабки ҳиндӣ сохта шуда, аз назокату латофати шоиронае бархурдор мебошанд. Ҳамзамон, ёдоварӣ бамаврид аст, ки ибораи «садо додани ғунча» дар вусъати худ як навъ ҳиссомезиро гунҷоиш додааст, ки аз васли эҳсоси бӯйидан ва шунидан ба ҷилва омадааст. Ин нукта ҳам ишорат бар он дорад, ки Файзӣ дар корбандии хусусиятҳои муҳимми сабки ҳиндӣ низ шоири чирадаст мебошад.

Сохтмони таркибҳои изофии шоирона, ки дар сабки ҳиндӣ ҷойгоҳи махсус доранд, дар шеъри Файзӣ фаровон ба кор рафта, аз нуфузи ҳунари шоирии ӯ паём мерасонанд. Барои собити ин назар чанд намунае аз ин гуна иборот зикр хоҳем намуд, ки дар ғазалиёти Файзӣ ба кор рафтаанд.

Шоҳроҳи муҳаббат:

*Зи шоҳроҳи муҳаббат нишон чӣ мепурсӣ?*
*Агар қадам ниҳӣ аз сидқ, раҳнамун кам нест.*

Ҳамзамон, дар ин байт бо шеваи дигари сохтмони таркибҳо, ки дар забоншиносӣ ҳамчун иборахои рехта ном бурда мешаванд ва шоирони сабки ҳиндӣ дар корбандии онҳо маҳорати тамом зоҳир кардаанд, дар сурати «нишон аз шоҳроҳи муҳаббат пурсидан», «аз рӯи сидқ қадам ниҳодан» ба мушоҳида мерасад, ки ин амр низ ба нуфузи ҳунари шоирии Файзӣ дар корбандии ин махсусияти сабки ҳиндӣ ишорат мекунад.

Дар байти зер иборахои «мусофирони тариқат», «ҷудо шудан», «дурбин будан», «чашм ба манзил афтодан» ба кор рафтаанд, ки аз чунин махсусияти ҳунарии сохтмони таркибҳои шоирона бархурдор мебошанд:

*Мусофирони тариқат, зи ман ҷудо машавед,*
*Ки дурбинаму чашмам ба манзил афтодаст.*

Ибораи «паймона ба санг задан», ки маънии бесабрӣ ва дар тариқи ишқ аз даст додани таҳаммулро дорад, дар ин байти шоир бо назокате шоирона ба кор рафтааст:

*Гар нестӣ аз баҳри шикеби дили ошиқ,*
*Бар санг задӣ баҳри чӣ паймонаи моро?*

Барои ин навъи иборасозӣ чанд намунаи дигар зикр мегардад, ки ҳамагӣ ба ҳунари шоирии Файзӣ ва маҳорати тамоми ӯ дар тарсими махсусиятҳои сабки ҳиндӣ ишорат мекунанд:

Дил ба тарзи адо бастан:

*Файзӣ забон мабанд, ки дар базмгоҳи ишқ,*
*Аҳбоб дил ба тарзи адои ту бастаанд.*

Ёдовар бояд шуд, ки дар ин байт ибораи «забон бастан» муодили «лаб фурӯ бастан», «хомӯш нишастан» мебошад, ки бо як шеваи ҷолиб ва тозакорӣ дар ашъори шоир мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба намунаҳои дигар мурур мекунем:

Саҷҷодаи ҳарам ба майи ноб шустан:

*Бар мастиям магир, ки бас покдоманон,*
*Саҷҷодаи ҳарам ба майи ноб шустаанд.*

Калимасозии мураккаб ҳамчун хусусияти барҷастаи сабки ҳиндӣ дар шеъри Файзӣ ҷойгоҳи хоссае дарёфтааст. Дар аксари абёти шоир ин калимот аз махсусиятҳои барҷастаи ҳунарӣ файз гирифтаанд, ки ба мақоми шоир дар боло гирифтани ин вижагии сабки ҳиндӣ ишорат мекунанд. Аз ҷумла, дар байти зер калимаи «гумкардароҳон» ҳатто аз се таркиб иборат мебошад, ки ҷилваи чунин махсусиятро мо танҳо дар ашъори шоирони сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мегирем:

*Мусулмонон! Дилу динам ба дунболи Худо гум шуд,*
*Магар лутфи Худо орад, ба раҳ гумкардароҳонро.*

Дар байти зер калимаи «нахлбанд» бо шеваи сохтмони

калимаҳои мураккаб дар сабки ҳиндӣ ба зуҳур расидааст:

*Гул-гул шукуфтаанд ҳарифони нахлбанд,*
*Гулдастаи сухан зи барои ту бастаанд.*

Ибораи «гулдастаи сухан барои ту бастан» ҳам аз назокати шоирона бархурдор буда, дар вусъати он ҷойгузинии ҳарфи «син» як навъ оҳангнокии шево эҷод намудааст.

Дар байти зер вожаҳои «обилапо», «маслиҳатандеш» ҳамчун калимаи мураккаб ба кор рафта, ба шаклҳои мухталифи вожасозии мураккаб дар сабки ҳиндӣ ишорат мекунанд:

*Роҳе ки шавқи обилапо гом мезанад,*
*Ҳамроҳи сабри маслиҳатандеш рафтаем.*

Аслан вожаи «обилапо» дар ашъори дигар шоирони сабки ҳиндӣ низ ҷойгоҳе махсус дорад. Махсусан, дар шеъри Бедили Деҳлавӣ басомади зиёди ин калима ба мушоҳида мерасад. Дар байти мазкури Файзӣ инчунин таркиби шоиронаи «обилапо гом задани шавқ» ба маънии бо азият ва заҳмат қадам бардоштани шавқ ба кор рафтааст, ки ба ҳунари шоирии Файзӣ дар истифодаи усулҳои ибораоройӣ ишорат мекунад. Ҳамзамон, ёдовар мешавем, ки дар ин таркиб амали инсонӣ ба ҳолати равонии инсон – шавқ нисбат дода шудааст, ки корбандии моҳиронаи санъати ташхисро бо усули шоирони сабки ҳиндӣ ифода мекунад. Мусаллам аст, ки дар ашъори шоирони сабки ҳиндӣ бештар амалҳои инсонӣ ва ё аносири воқеӣ ба ҳолатҳои равонӣ ва ё авотифи инсонӣ мансуб дониста шуда, бад-ин ҳолат ба онҳо сурати воқеӣ ё мушаххас дода мешавад, то маърифати хонанда осонтар гардад. Масалан, дар байти зер ибораҳои «шоҳроҳи ишқ» ва «аз шоҳроҳи ишқ ба давлат расидан» ба ин шева ба зуҳур расида, тақвият пайдо кардани ин махсусияти сабки ҳиндиро бозгӯ шудаанд:

*Мо аз вафо ба давлати сармад расидаем,*
*В-аз шоҳроҳи ишқ ба мақсад расидаем.*

Чунин иборахо дар васати ашъори Файзӣ фаровон ба кор рафтаанд ва бо овардани чанд намунаи дигар аз онҳо, ки ишорат ба ҳунари шоирӣ ва тозакориҳои шоир дар ин ришта доранд, иктифо меварзем:

Меҳробгоҳи нур:

*Биё, ки рӯй ба меҳробгоҳи нур ниҳем,*
*Бинои Каъбаи дигар зи санги Тур ниҳем.*

Анқои ҳаммат:

*Анқои ҳамматем, ки аз домгоҳи хок*
*Бар боми нуҳ равоқи забарҷад расидаем.*

Комёби офият:

*Ба ҳар кӣ менигарам, комёби офият аст,*
*Туро кӣ гуфт, ки бо дарди ишқ хӯ кардӣ?*

Дар баробари нуфузи вежагиҳои сабкии ашъори Файзӣ корбандии ҳунармандонаи саноеъи бадеӣ дар шеъри ӯ омили муассири тақвияти сабки нигориши ӯ гардидааст. Дар ашъори шоир мо ба ҷилваи маҷмӯи санъатҳои маънавию лафзӣ, аз ҷумла, ташбеҳу истиора, тавсифу сифатчинӣ, тазоду муқобила, тамсилу талмеҳ ва амсоли ин дучор меоем, ки ҳамагӣ нуфузи арзишҳои ҳунарии каломи шоирро ифода мекунанд. Роҷеъ ба муҳимтарини онҳо изҳори назар хоҳад шуд:

Аз санъатҳои пуркорбурд дар ашъори Файзӣ ташбеҳ ба шумор меравад ва бо такя бар нуфузи қасоид ва ғазалиёти мадҳиву тавсифӣ ин санъат дар сурудаҳои шоир боз ҳам афзалияти бештар касб намудааст. Аз ҷумла, дар порчаи зерин шоир худро ба қомати озод монанд мекунад, ки зулфи маъшуқ ин озодиро бар ваҷҳи ба банди ишқ гирифтор кардан рабудааст:

*Будаам ҳамчу қомати озод,*
*Зулфат овард дар каманд маро.*
*То кай, эй хандазан, ба базми касон*
*Ғайрат орад ба заҳрханд маро?*

Дар абёти дигар шоир хами абрӯи маъшуқро ба теғи ҷафо ва ҳалқаи гесӯи ӯро ба доми бало, инчунин, ғамзаи бадхӯяшро ба тири қазо монанд мекунад, ки хеле ҳунармандона ва шоирона таҷассум ёфтаанд:

*Эй хами абрӯи ту теғи ҷафо,*
*Ҳалқаи гесӯи ту доми бало.*
*Ханҷари паҳлӯи ту теғи аҷал,*
*Ғамзаи бадхӯи ту тири қазо.*

Ба назар мерасад, ки дар ҳар як байти ин ғазал як ё ду санъати ташбеҳ ба кор рафтааст, ки маҳорати ҳунарии шоирро дар офаридани ташбеҳоти тоза, корбурди муваффақонаи ин санъат нишон медиҳад:

*Бастаи бозуи ту турки Хутан,*
*Куштаи оҳуи ту шери Хито.*
*Дар рухи некуи ту нури азал,*
*Дар лаби ҷодуи ту сирри Худо.*
*Тофта зонуи ту дасти ҳавас,*
*Дӯхта ҳар сӯи ту чашми ҳаво.*
*Хастаи ҳиндуи ту Файзии зор,*
*Ташнаи доруи ту баҳри даво.*

Дар ғазали дигаре аз Файзӣ ҳоли худро ба булбуле монанд мекунад, ки ба ёди гуле оҳанги дилхарош дорад ва ин матлаб дар қолиби санъати ташбеҳ чунин баён шуда:

*Субҳи Файзӣ хуш, ки бар ёди гуле*
*Ҳамчу булбул дилхарош оҳанг дошт.*

Дар байти дигар Файзӣ сабру маҳҷуриро ба хошоку оташ шабеҳ дониста, аз ин роҳ дар бунёди ҳунарваронаи ташбеҳоти тоза нақши пуртаъсире гузоштааст:

*Ошиқонро нест имкони сабурӣ дар фироқ,*
*Сабру маҳҷурӣ яке хошоку дигар оташ аст.*

Шабоҳат бахшидани ошиқон ба маю обгина аз ҷумлаи дигар ташбеҳотест, ки дар сурудаи Файзӣ ҷилваи ҳунарӣ касб намудааст:

*Ушшоқро магӯ, ки ба ҳам гармкинаанд,*
*К-инҳо ба якдигар чу маю обгинаанд.*

Ҳамзамон, дар байти дигари ҳамин ғазал шоир мастони базми ишқ, яъне боз ҳам ҳамин ушшоқро ба софдилу софсина монанд мекунад, ки ин амр ба дурӣ ҷустани Файзӣ аз таккрори ташбеҳот ва кӯшиши офаридани ташбеҳҳои нав ишорат мекунад:

*Соқӣ, биёр бода, ки мастони базми ишқ*
*Бо ҳам чу шиша софдилу софсинаанд.*

Корбурди истиора низ дар сурудаҳои Файзӣ чашмгир ба назар мерасад. Файзӣ зимни истифода аз истиора онро ба хотири тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори хеш баробар ба дигар саноеъи бадеӣ ба кор мегирад, ки ин шеваи ҷолиби ҳунари каломашро боз ҳам муассир намуда. Аз ҷумла, дар байти зерин баробари он ки дарёи ғам ва гавҳари ашк навъе ташбеҳ ҳам ҳастанд, киштӣ – киштӣ худ истиораи ашк буда, маҷмӯан маънии байт борвар аз санъати муболиға ба шумор меояд.

*Дарёи ғамему гавҳари ашк*
*Киштӣ-киштӣ ба соҳили мо.*

Дар байти зер вожаи «наргис» ҳамчун истиораи «чашми маъшуқ» ба кор рафтааст, ки дар пешорӯи вай сад гули тар рӯидаву гулшани ҷонро эҷод намудааст: «Сад гули тар» ин ҷо истиораи мижагони маъшуқ мебошад:

*Гулшани ҷон бувад, ки сад гули тар*
*Пеши наргис дамидааст ӯро.*

Дар ғазали дигар низ ҳамоно наргиси маст ҳамчун истиораи чашм ба кор рафта, ки ошиқро куштаи он мегардонад ва дар идома шоир мижагонро ба унвони истиораи мижжагон

ба кор мебарад, ки наргиси маст, яъне, чашм дар он хоб меравад:

*Эй наргиси масти ту гаронхоб,*
*Дар ҳар мижаат ҷаҳон-ҷаҳон хоб.*
*Ман куштаи наргисат, ки пайваст*
*Мастона кунад ба гулситон хоб.*

Дар байти дигари Файзӣ ибораи «оби оташмизоҷ» истиора ё киноя аз «шароб» аст, ки ин ҷо низ ҳунари шоирии суханвар дар корбандии ҳамҷои саноеъи бадеӣ ба хотири тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии каломаш ҷилвагар мешавад.

*Бидеҳ, соқӣ, он оби оташмизоҷ,*
*Ки бошад дилафсурдагонро илоҷ.*

Тавсиф ва сифатчинӣ низ дар шумори саноеъи бадеии пуркорбурд дар ашъори Файзӣ ба шумор меравaнд. Бо истифода аз санъати тавсиф Файзӣ маҳорати хешро дар офариниши ибораҳои шоиронаву тоза низ нишон додааст. Аз ҷумла, дар ин порчаи шеърӣ иборагони «риндони покбоз», «фарёди дилхарош», «оҳи ҷигарсӯз», «дидаи ҳайрон», «нигоҳи карашмасоз» дар баробари санъати тавсиф будан маҳорати ҳунарии шоирро дар офариниши ибораҳои ноб бозгӯӣ кардаанд:

*Натъи каҷ боз дарнавардиданд,*
*Даври риндони покбоз расид.*
*Вақти фарёди дилхарош гузашт,*
*Дами оҳи ҷигаргудоз расид.*
*Дида ҳайрон, ки то чӣ бар ҷонам*
*З-он нигоҳи карашмасоз расид.*

Дар ғазали дигар баробари истифодаи санъати ташбеҳ шоир ибораи «ошиқи девонагард» ҳамчун санъати тавсиф ба кор гирифтааст. Вожаи мураккаби «биёбоннавард» низ ба иллати сифати ошиқ будан навъе тавсиф шудааст:

*Ба дашт рав, ки саросема ҳамчу реги равон*
*Ҳазор ошиқи девонагард мехезад.*

*Фасонахонии Маҷнун макун, ки дар раҳи ишқ*
*Чунин ҳазор биёбоннавард мехезад.*

Иборахои «зоҳиди фирдавсӯ», «оҳи ҷаҳонсӯз» низ дар шумори таъбирҳои дар таркиби худ тавсифро гунҷоишдода қарор додаанд, ки аз тафаккури шоиронаи Файзӣ берун омадаанд:

*Зоҳиди фирдавсҷӯ, рав, ки талабгори дӯст*
*Кай ба ду олам диҳад якдама наззораро.*
*Ман киву толеъ кадом, к-оҳи ҷаҳонсӯзи ман*
*Дода ба бод осмон, сӯхта сайёраро.*

Баробари санъати тавсиф корбурди сифатчинӣ низ дар сурудаҳои Файзӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар байти зерин ибораи «покдомании риндони гиребончок» навъе сифатчинӣ шуда омадааст, зеро шоир аз пасу пеши вожаи риндон сифатҳои покдоманӣ ва гиребончокро барчидааст:

*Таъна бар Файзӣ мазан, зоҳид, бипурс аз гулрухон*
*Покдомонии риндони гиребончокро.*

Дар ғазали зер маҳорати баланди шоир дар истифодаи сифатчинӣ ба мушоҳида мерасад, зеро аксари байтҳои ин ғазал аз ин санъат таркиб ёфта, каломи шоир пуррангубор гардидааст. Аз ҷумла, дар ғазал таркибҳои «Ишва маорифшикор, ғамза малоикфиреб, масту шикорафканон, рахши бало таксанон, дасти ҷафо дар инон, пои ситам дар рикеб, ҷилваи ӯ дилгусил, хуни ҳаромаш биҳил» ва амсоли ин, ки пайдарҳам чида шудаанд, ҳамагӣ сифатҳои маъшуқ буда, намунаи барҷастаи истифодаи сифатчинӣ дар каломи Файзӣ ба шумор мераванд:

*Меравад он шаҳсавор, бурда зи ҷонҳо шикеб,*
*Ишва маорифшикор, ғамза малоикфиреб.*
*Масту шикорафканон, рахши бало таксанон,*
*Дасти ҷафо дар инон, пои ситам дар рикеб.*
*Ҷилваи ӯ дилгусил, хуни ҳаромаш биҳил,*
*Ҳар қадам аз чашму дил дида фарозу нишеб.*

*Сангдилӣ кӯҳ-кӯҳ, фитна гурӯҳогурӯҳ,*
*Ҳам мижааш пуршикӯҳ, ҳам нигаҳаш пурниҳеб.*
*Ёсуманаш тозарӯ, сунбулаш ошуфтамӯ,*
*Тӯтии фирдавси ӯ дода ба Ҷибрил себ.*
*Ғунчаи ӯ боданӯш, лолаи ӯ гулфурӯш,*
*Барги гулаш сарвпӯш сарви қадаш ҷомазеб.*
*Ӯ зи ду сӯ баста саф, ҷилвакунон ҳар тараф,*
*Файзии бедил зи каф дода инони шикеб.*

Дар баробари саноеъи дигар дар сурудаҳои Файзӣ корбурди санъати таҷнис низ бо шеваи ҳунармандона ба чашм мерасад. Шоир бо он ки бештар аз таҷниси лафзӣ ба кор гирифтааст, аммо бозтоби таҷниси маънавӣ низ ҷойгоҳи хосаеро касб намуда. Аз ҷумла, дар байти зерин вожаи «равон» аввалан ба маънии «раванда», «ҳаракаткунанда» ва баъдан ба маънии «рӯҳ» ба кор рафта, таҷассуми зебои таҷнисро дар каломи шоир бозтоб намудааст:

*Умри ман, рафтию ҷонам сӯхтӣ,*
*Худ равон гаштӣ, равонам сӯхтӣ.*

Шеваи ҷолиби корбурди таҷнис дар каломи Фазйӣ дар он зоҳир мешавад, ки шоир вожагонро дар таркиби ибораҳо ворид намуда, маънои шоиронае ато мекунад ва аз ҳамин роҳ усули ҷолиби сохтмони таҷнисро таъмин мекунад. Минҷумла, дар байти зерин тавассути вожаи «нигор» ду калимаи нав офаридааст, ки ин амр боис бар он гардидааст, ки калимаи мазкур маъноҳои нав касб намуда, таҷниси зебоеро дар худ ҷой диҳад. Вожаи нахуст «нигорхона» аст, ки ин ҷо манзур «қалби ошиқ» бошад ва вожаи дувум «нигортар» мебошад, ки мӯҷиби оростагиву зебоӣ дар назар бошад ва ҳосили маънии шоир он аст, ки эй ки дар хонаи дили ман ҷой гирифтаӣ, ҳузурат мӯҷиби зебоиву оростагии қалби ман мебошад:

*Эй ниҳон дар нигорхонаи дил,*
*Дида аз дил ба хун нигортар аст.*

Таркиби «тарки тоҷ» ва «тарку тоҷ» дар байти дигари Файзӣ низ навъе таҷнис шудааст. Шоир таъкид бар он дорад, ки тарки тоҷӣ намудан, яъне, тарк кардани подшоҳӣ ва тахту давлати дунёӣ барои вай навъе тарку тоҷ, яъне нишони шоҳӣ аст. «Тарк» дар таркиби аввал ба маънии «тарк кардан» ва дар таркиби дувум нуқтаи тоҷи шоҳӣ ба кор рафтааст:

*Бувад Файзӣ он хусрави мулки ишқ,*
*Ки аз тарки тоҷаш бувад тарку тоҷ.*

Ибораи тарки тоҷ ё тарки кулаҳ дар шеъри Ҳофиз ба ҳамин маънӣ ба кор рафтааст:

*На ҳар кӣ тарфи кулаҳ каҷ ниҳоду тунд нишаст,*
*Кулоҳдорию оини сарварӣ донад (30, 105).*

Дар ибораи «сарнома ба номи мани бадном навиштанд», ки дар байти зерин омадааст, вожаи «ном» навъе таҷниси зебост, ки ба каломи шоир латофате ато намудааст. Ҳамчунон дар ин ибора бошад, оҳангнокие ба мисли байти боло ҳарфи «нун» эҷод кардааст:

*Ҳар нома, ки шуд номзади аҳли маломат,*
*Сарнома ба номи мани бадном навиштанд.*

Тавре маълум мешавад, дар ин байт шоир дар 5 маврид вожаи «ном»-ро истифода бурдааст, ки дар таркиби 5 калима маъниҳои дигаргуна пайдо кардаву лутфи сухани шоирро боло бардоштааст. Дар таркиби калимаи «нома» маънии мактуб, хат, дар батни вожаи «номзад» ба маънии шахси барои коре пешниҳодшуда, дар таркиби «сарнома», ба маънии оғози нома, «ном» маънии исм, «бадном» шахси маломатзада истифода шудааст. Чунин тарзи корбандии калимотро дар сабки ҳиндӣ бозӣ бо калимот ё лафзтарошӣ низ мегӯянд, ки аз умдатарин махсусиятҳои ин сабки адабӣ низ эътироф гардидааст.

Дар байти дигари Файзӣ вожаи «мӯймиёнон», ки манзур зеборухон бошад, бо вожаи «мӯ», ки ифодагари андоза ва

миқдори хурд мебошад, навъе таҷниси зебо шудааст:

*Дил додаам ба мӯймиёнон, ки дар сухан*
*Бар мӯ ҳазор нуктаи мушкил гирифтаанд.*

Тавре таъкид шуд, таҷнисҳои лафзӣ дар сурудаҳои Файзӣ бо шеваи ба худ хос мавриди истифода қарор дорад. Аз ҷумла, дар байти зерин шоир вожаҳои «кӯҳрабой», яъне, баланд рафтан ва боло баромадан, кӯҳро тасхир намуданро ифода кунад, бо «қаҳрабо» таҷнис шудааст ва ин қаҳрабо ҳамон сангест, ки хосияти ҷазбандагӣ дорад.

*Куҷо ману дили андӯҳкаш, вале чӣ кунам,*
*Чу тоби кӯҳрабой ба каҳрабо бахшанд.*

Тазоду муқобала ва парадокс низ дар шумори санъатҳои серистеъмол дар ашъори Файзӣ ба шумор меравад. Дар заминаи истифодаи ин санъатҳои бадеӣ низ Файзӣ матолиб ва мазомини шоиронаеро шарҳу тафсир мекунад, ки ҳам аз назари маъно ва ҳам ҳунари шоирӣ каломашро муассир гардонидаанд. Аз ҷумла, дар як байт чанд вожа ва таъбире ба кор рафтаанд, ки ҷилваи ҳунарваронаи ин санъатро дар қолиби ду мисраъ бозгӯӣ мекунанд. Ин ҷо вожа ва таркибҳои «заҳрошомӣ», «нӯши ҷон», «майи талх», «шириндаҳанон» баробари тазоду муқобиларо нишон додан навъе парадокс ҳам шудаанд. Хосса, иборaи «нӯши ҷон» бо «маи талх» ва «шириндаҳанон» бо «заҳрошомӣ» тазоди маънавӣ шудаанд:

*Баъд аз ин шаб ҳама шаб Файзию заҳрошомӣ,*
*Нӯши ҷон бод маи талх ба шириндаҳанон!*

Дар абёти ғазали дигари Файзӣ калима ва таъбирҳои «рӯзу шаб», «каму фузун», «болои баланду қади кӯтоҳ», «кӯҳу коҳ» ба ҳамдигар тазод шуда, ҷилваи равшани ҳунари шоирии суханварро бозтоб мебахшанд:

*Бар рӯи чу рӯзи ту шаби зулф ба ҷавлон*
*Гаҳ кам шаваду гоҳ фузун, гоҳ баробар.*

*Бо тавбааш аз сарв магӯед, ки набвад*
*Болои баланду қади кӯтоҳ баробар.*
*Дар ишқ мапурс аз шаҷари Тур, ки омад*
*Сад кӯҳ дар ин бодия бо коҳ баробар.*

Ҳатто дар байти мақтаъи ин ғазал вожагони «дайр» ва «масҷид» аз назари маъноӣ ва шуморагони «сад» ва «як» аз диди микдор навъе тазод шудаанд, ки бозтоби санъати мазкурро бо шеваи ҳунарварона нишон медиҳанд:

*Файзӣ, марав аз дайр ба масҷид, ки набошад*
*Сад ғулғули тасбеҳ ба як оҳ баробар.*

«Заҳру шакар» ва «муму хора» ҳам дар ду байти зер аз таҷассуми зебову ҳунарварона ва шоиронаи тазоду муқобала дар каломи Файзӣ башорат мерасонанд. Ҷолиб аст, ки ин ҷо шоир сангдилии инсонро ба санги хора монанд мекунад, ки вафодорӣ метавонад онро мум кунад, яъне нарм гардонад:

*Завқи лабат ҷон диҳад ошиқи бечораро,*
*Заҳр бувад ҷуз шакар мурғи шакархорaро.*
*Сангдилӣ то ба чанд, як нафас оҳиста бош,*
*То ба фусуни вафо мум кунам хораро.*

Ҳолатҳои мухталифи инсонӣ низ дар ашъори Файзӣ ба унвони василаҳои сохтмони санъати тазод хидмат кардаанд. Аз ҷумла, «бадбахт» ва «толеъи фирӯз» дар ин байт ва дар байти дигар «ғаму шодӣ» чунин навъи санъати муқобилаву тазод ба шумор меояд:

*Бирав, эй муҳташами даҳр, ки арзонӣ бод*
*Дили бадбахт маро, толеъи фирӯз туро!*

* * *

*Файзӣ, зи ғаму шодии айём чӣ хезад,*
*Гар ошиқи содиқнафасӣ, бигзар аз инҳо.*

Бедорию хоб, мастию ҳушёрӣ, гиряву ханда низ аз ҷумлаи чунин ҳолатҳост, ки дар шеъри Файзӣ ба ҳукми воситаҳои офаринандаи санъати тазод ба кор рафтаанд:

*Бедор нишин ба айш, Файзӣ,*
*К-охир барадат ба ногаҳон хоб.*

* * *

*Ҳаст наздик ба ҳам мастию ҳушёрии мо,*
*К-ин биноест, ки он хонабарандоз ниҳод.*

Дар ин байт ибораи «дурӯғи ростнамо» ҳарчанд худ зимнан тазод аст, аммо ҳузури тасвири парадоксӣ ҳам дар он ҷойгоҳи хоссе касб намудааст:

*Маст асту медиҳад ба асирон навиди қатл,*
*Боз ин дурӯғи ростнаморо нигаҳ кунед.*

Дар байти дигар дар батни ибораи «дар дил будан ва аз дил ғофил будан» навъе парадокс ба чашм мерасад, ки ин матлаб ҳам таваҷҷуҳи шоирро ба хусусияти мазбури сабки ҳиндӣ нишон медиҳад:

*Ҷони ман, ин ҳама нодонӣ чист,*
*Дар дилам бошию аз дил ғофил.*

Дар байти дигаре аз ин шоир мо ба ибораи «заҳр дар гулӯ хушгувор омадан» навъе парадокси зебои шоирона аст, ки каломи шоирро назокате ҷолиб ато кардааст:

*Зи дурии ту чунон зиндагониям талх аст,*
*Ки заҳр дар гулуям хушгувор меояд.*

Абёти зерин низ мисоли равшани истифодаи моҳиронаи санъати парадокс мебошанд:

*Ҳазар кун аз нафаси сарди муддаӣ, Файзӣ,*
*Ки оби чашмаи хуршед аз он бибандад ях.*

Ва ё:

*Чӣ тавон кард, ки девори ғам уфтод баланд,*
*К-ин биноест, ки он хонабарандоз ниҳод.*

Мутолиаи ашъори Файзӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба ҳолатҳои инсонӣ, василаҳои зиндагонӣ, лаҳзаву фурсатҳои умр, хислату фазилату хислатҳои инсонӣ тазодҳои фаровоне ба кор рафтаанд, ки муҳимтарини онҳоро метавон ба гунаи зайл баршумурд: рӯз – шаб, кам – фузун, баланд – кӯтоҳ, сад – як, заҳр – шакар, мум – хоро, ободӣ – вайронӣ, бадбахт – фирӯз, ғам – шодӣ, султон – фақир, фароз – нишеб, мастӣ – ҳушёрӣ, бедор – хоб, зангӣ – фарангӣ, бегона – ошно, меҳрубон – номеҳрубон, пиронасар – ҷавон, гиря – ханда, зулмат – нур, сару сомон – бесарусомонӣ, шом – субҳ, сафар – иқомат, дод – бедод, хуб – зишт, фирдавс – дӯзах, куфр – имон, мусулмон – номусулмон, Каъба – кофаристон, баҳор – хазон ва ғ. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҷойгоҳи ин санъат дар ашъори Файзӣ хосса буда, барои офаридани маъниҳои ноби шоирона ба кор рафтааст.

Талмеҳ аз ҷумлаи санъатҳои бадеии серистифода дар ашъори Файзӣ ба шумор меравад. Шоир бо истифода аз ин санъат, ки бештар ба қиссаҳои қуръонӣ ва достону воқеоти таърихӣ дар онҳо ишорат мешавад, маъниҳои тозае дар сурудаҳои хеш офаридааст, ки ин амр ба ҳунари суханварии шоир таъкид меварзад. Вобаста ба шеваи истифодаи ин санъат маҷмӯан талмеҳоти девони шоирро метавон ба талмеҳоти қуръонӣ, талмеҳоти Эрони бостон, талмеҳоти таърихӣ ва талмеҳоти достонӣ қисмат намуд.

Дар талмеҳоти қуръонӣ шоир бештар бо ишорат ба қиссаҳои Хизр, Сулаймон, Исо, Мӯсо, Нӯҳ ва дигар паёмбарон маъниофариҳое намуда, каломи хешро ҷаззоб ва шоирона мегардонад. Аз ҷумла, бо ишорат ба қиссаи Хизр, ки оби ҳайвонро пайдо кардаву ҷоми абадият нӯшидааст, Файзӣ таъкид мекунад, ки оби майкадаи ирфони мо ҷонбахштар аз оби бақост ва мурочиатан ба Хизр мегӯяд, ки оби ҳақиқии ҷовидониро бояд аз майхонаи ирфони мо бинӯшӣ:

*Оби ин майкада ҷонбахштар аз оби бақост,*

*Бирас, эй Хизр, ки сарманзили сайр аст ин ҷо.*

Бо ишорат ба табиати зебои сарманзили хеш, ки он ҷо бод дар ҷилваву мурғони чаман дар ҷӯшанд, Файзӣ ба қиссаи Сулаймон ишорат мекунад ва зимнан даъват мекунад, ки акнун биёву ҳама забони мурғонро аз ин ҷо шунав, чун Сулаймон донандаи забони мурғон буд:

*Бод дар ҷилваву мурғони чаман меҷӯшанд,*
*Ку Сулаймон, ки ҳама мантиқи тайр аст ин ҷо?!*

Бо таъкид ба қиссаи Хизр Файзӣ дар каломи худ он гуна маъниофарӣ мекунад, ки ман ба сони Сикандар оби Хизрро ба замин хоҳам рехт, зеро ин об андӯҳи пириро афзун гардонад. Манзури шоир аз оби Хизр расидан ба абадияти инҷаҳонӣ ишорат аст, ки пеши орифон аслан бебақост. Аз ин рӯ, Файзӣ маҳсули нӯшидани оби инҷаҳониро афзудани андӯҳи пирӣ мешуморад:

*Ман оби Хизр бар хоки сиях резам чу Искандар*
*Ки меафзояд ин об андуҳи пиронасолиро.*

Дар чанд байти дигар Файзӣ ба қиссаи Исои Масеҳ ишорат мекунад, ки дар осмони чаҳорум қарор дорад ва баробари ин мӯъҷизаи ҷонбахшӣ ба вай тааллуқ мегирад:

*Ба маҷлисе, ки Масеҳо пиёла мегирад,*
*Намеравад зари хуршед дар баҳои қадаҳ.*

* * *

*Он ғунчаи лаббастаи гулзори ҳаётем,*
*К-аз боди равонбахши Масеҳо накушудем.*

* * *

*Чунин ки бе лаби ҷонбахши ёр беморем,*
*Раво бувад, ки Масеҳо кунад аёдати мо.*

* * *

*Ҳар нафас мекунад Масеҳи лабат*
*Аз забонат ривояти хубӣ.*

Ишорати дигар, ки ҷавҳари талмеҳи Файзиро ба вуҷуд овардааст, ба қиссаи Нӯҳ ва тӯфони ӯ марбут аст, ки дар байти зер таҷассуми он ҷилваи зебои санъати мазкурро бозтоб мебахшад:

*Эй Нӯҳ, ройгон машав ин ҷо, ки суди туст,*
*Гар ним қатра ашк ба тӯфон фурӯхтем.*

Қиссаи маъруфи фариштагон, ки ба замин омаданд ва маҷмӯи фитнаҳоро дар рӯи замин барандоштанд, яъне достони Ҳорут ва Морутро низ шоир дар мавриди истифода қарор дода, ду чашми соҳири маъшуқаро ба Ҳорут ва Морут шабеҳ мекунад, ки ин ҷо ҳам талмеҳ ва ҳам ташбеҳ ба мушоҳида мерасад:

*Зиҳӣ лаълат ба афсун рӯҳро қут,*
*Ду чашми соҳират Ҳоруту Морут.*

Достони Мӯсо ва оташи Тур, инчунин таҷаллии дидори Худованд дар кӯҳи мазкур низ дар талмеҳоти Файзӣ пайваста барои маъниофариҳои тозаи вай ба кор рафтааст. Аз ҷумла, Файзӣ ишоратан ба ин қисса ба худ таъкид мекунад, ки вақте Мӯсо бо он мақоми паёмбарӣ тоби дидори таҷаллии Худовандро дар кӯҳи Тур наёфт, туро чӣ гуна заҳраи дидан ба сӯи мазҳари таҷаллии Офаридгор бошад:

*Туро чӣ заҳраи дидан ба сӯи ӯ, Файзӣ,*
*Ки тоби ҷилваи дидор кори Мӯсо нест.*

Дар чанд мавриди дигар бо ишорат ба ин қисса Файзӣ талмеҳоти шоиронае офаридааст, ки бештар ҳамоно ваҷҳи таҷаллӣ, барафрӯхтани оташи кӯҳи Турро дар худ ҷилва бахшидаанд:

*Гар шаҷар монд саломат, чӣ аҷаб, к-оташи Тур*
*Оташе буд, ки аз вай дили Мӯсо месӯхт.*

* * *

*Тасаввур чун тавонам кард ҳусни ӯ зи сар то по,*
*Ки Мӯсо гаштам аз андешаи мӯи миёни ӯ.*

* * *

*Ё Раб, ба сафои субҳи исонафасон,*
*Ё Раб, ба фурӯғи шоми мӯсоқабасон...*

Дар бахши талмеҳоти таърихӣ Файзӣ асосан ба достони орифи номовар Мансури Ҳаллоҷ ва қазияи ба дор кашида шудани ӯ бар асари ифшои роз ишоратҳо мекунад. Аз ҷумла, дар шохи дарахт сурудани булбулро ба аналҳақ задани вай монанд мекунад, ки мастии Мансурро дар сари дор ба хотир меоварад:

*Магар бар шохи гул бонги аналҳақ мезанад булбул,*
*Ки чун Мансур он сармастро бар дор мебинам.*

Бо ишорат ба қиссаи Мансур матлаби дигари ирфонии хешро шоир ба гунаи зайл тафсир мекунад, ки куштани ошиқ дар раҳи ишқ мӯҷиби сарфарозии ӯст, ончунон ки дар майдони ишқ дор барои ӯ роят бошад:

*Куштани ошиқ бувад баҳри сарафрозияш,*
*Дор ба майдони ишқ рояти Мансур буд.*

Достони таърихии Маҳмуд ва канизи ӯ Аёз аз ҷумлаи маъруфтарин талмеҳотест, ки дар шеъри форсӣ нуфузи фаровон касб кардаву баёнгари садоқат ва ихлосу иродат дар роҳи ишқ мебошад. Аз ин рӯ, Файзӣ садоқати хешро нисбат ба маъшуқи хеш ҳамингуна тафсир мекунад, ки рӯи Маҳмуд ба сӯи Аёз аст:

*Ҷуз ба рӯи ту набинам ҳаргиз,*
*Чашми Маҳмуд бувад сӯи Аёз.*

Аз ин рӯ, дар роҳи ишқ Файзӣ ба худ насибаеро ҷуз он намебинад, ки ба Маҳмуд аз муҳаббати Аёз расидааст:

*Он расид аз ту дилфиреб ба ман,*
*Ки ба Маҳмуд аз Аёз расид.*

Ҳамчунин, аз талмеҳоти таърихии дигаре, ки дар ашъори Файзӣ ба чашм мерасанд, ишороте ба қиссаи Хусрави Парвиз ва аспи ӯ Шабдиз, Чингиз ва аспи Хусрав мебошанд, ки дар як шеър ба гунаи зайл муҷассам шудаанд:

*Лаъли ту афсона кард ишрати Парвизро,*
*Чашми ту аз ёд бурд фитнаи Чингизро.*
*Шоҳсаворони ҳусн ҷилва ба тамкин кунанд,*
*Гарм марон бар сарам ин ҳама Шабдизро.*

Аз маъруфтарин талмеҳоти тоисломии ашъори Файзӣ ишоратҳо ба ҷоми Ҷамшед, Рахши Рустам, оташи Зардушт ва амсоли ин ба шумор меравванд, ки ҳар яке дар ифодаи маъниҳои шоиронаи Файзӣ ба кор рафта, матолиберо шарҳу тафсир мекунад. Аз ҷумла, бодаи ҷигарсӯзи лаби маъшуқро шоир ба ҳадде сифат мекунад, ки ҳатто ҷоми Ҷамшед чунин маи ноб надорад:

*Сад ҷигар сӯзад аз он бода, ки дар лаб дорӣ,*
*Ҷоми Ҷамшед бад-ин гуна маи ноб надошт.*

Дар байти дигар гармиву шурӯи бодаро ба гармҷавлонии Рахши Рустам монанд карда, аз ин роҳ ҳам талмеҳ ва ҳам ташбеҳи тозаи шоиронаеро ба зуҳур мерасонад:

*Дигар ид омад, эй турки париваш, азми майдон кун,*
*Кумайти бодаро чун Рахши Рустам гармҷавлон кун.*

Дар байти зер доғи ишқро ба даруни дили хеш амсоли фурӯзон гардидани оташи Зардушт дар Каъба мешуморад ва аз ишқ мехоҳад, ки дар хонаи Каъбаи мо, яъне дар дили мо доғ – оташи зардуштӣ маяфрӯз. Шоир ин ҷо талмеҳро бо тамсил баробар ва шоирона ба кор бурдааст:

*Эй ишқ, манеҳ бар дили мо доғи ҷигарсӯз,*
*Дар Каъбаи мо оташи Зардушт маяфрӯз.*

Қиссаи маъруфи пас аз марги Суҳроб расидани нӯшдору дар адабиёти форсӣ ба фаровонӣ талмеҳ шудааст, ки аз ҷумла Файзӣ низ онро шоирона ба кор бурдааст:

*Зинда менӯш, ки бефоида буд*
*Нӯшдору, ки ба Сӯҳроб расид.*

Талмеҳи достонҳои ишқие, амсоли Хусрав ва Ширин, симои Фарҳод дар ин достонҳо, кӯҳ кардани ӯ, инчунин симоҳое, амсоли Саломон ва Абсол низ истифода шудаанд, ки ағлаб дар шарҳу баёни садоқат дар роҳи ишқ ҷойгоҳи намоёне касб намудаанд:

*Аз мо магусил силсилаи меҳр, ки бастанд*
*Пои дили Абсол ба занҷири Саломон.*

* * *

*Раҳнавардони бало бурданд ҳар як раҳ ба васл,*
*По ба санг омад дар ин раҳ з-он миён Фарҳодро.*

* * *

*Ошиқ аз нерӯи ғайрат кӯҳ бардорад зи пеш,*
*Бигзар, эй Хусрав, ки натвон роҳ бар Фарҳод баст.*

* * *

*Номи Фарҳод мабар, к-он ҳавасандӯхтаро*
*Хона дар кӯҳ гирифтан зи гаронҷонӣ буд.*

Ҷузъиёти достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ва ҳам симои ин ду шахсияти асосии он дар каломи Файзӣ аз ҷумлаи пуркорбурдтарин қиссаҳо маҳсуб мешавад, ки тавассути он шоир маъонии фаровон ва тозаи шоирона офаридааст. Чеҳраи Лайлӣ дар сурудаҳои Файзӣ низ чун дигар шоирон тимсоли зебоиву ишқ ва рамзи муҳаббати бузург ҷилвагар аст, ки аз боиси он дар «дили Маҷнун» бори беандозаи ишқ таҳмил гардидаву ғулғулаи занҷири ишқи Маҷнун ноқаҳои корвонро ба сӯи мақсад ба ракс хоҳад овард:

*Сорбон аз маҳмили Лайлӣ, ки бар ҷаммоза баст,*
*Бар дили Маҷнун зи ҳиҷрон бори беандоза баст.*
*Ғулғули занҷири Маҷнун ноқаро дорад ба рақс,*
*Сорбон чандин ҷарас беҳуда бар ҷаммоза баст.*

Маҷнун агарчи нисбати Лайлӣ садоқати бепоён дорад, Лайлӣ низ аз ишқи Маҷнун месӯзад ва ҳамеша ҳамроҳии Маҷнунро ба дил меварзад. Аз ин рӯ, агарчи зангӯлаи занҷири ишқи баста дар пойи Маҷнун паёме барои Лайлист, ки дар байти дигар Файзӣ ин маъниро чунин тавзеҳ мебахшад:

*Гар на Лайлӣ ҳаваси ҳамраҳии Маҷнун дошт,*
*Ноқаро беҳуда дар роҳ гаронбор чӣ кард?!*

Лайлӣ ва Маҷнун ҳарду барои ҳамдигар тимсоли ишқ ва оинаи муҷаллои садоқат ҳастанд. Каъбаи мақсуди Маҷнун Лайлист ва барои Лайлӣ Маҷнун. Аз ин ҷост, ки Файзӣ таъкид мекунад, ки Маҷнунро ба дари Каъба мабаред, зеро имшаб ӯ ба Каъбаи мақсуди худ расидааст:

*Мабаредаш ба дари Каъба, Худоро, к-имшаб*
*Дасти Лайлӣ шуда дар гардани Маҷнун таъвиз.*

Бо ин ҳама дар сурудаҳои Файзӣ гоҳо Лайлӣ тимсоли васл ва мурод аст, ки дар дурдасттарин нуқот қарор дорад ва аз ин ҷо шоир боз ҳам бо ин ҳама садоқат таъкид бар он медорад, ки маъшуқро аз ҳоли ошиқ кай хабар бошад, ончунон ки аз ҳоли Маҷнуни нолон Лайлӣ кай хабар дорад, – мегӯяд Файзӣ:

*Ба бонги даро гӯши Лайлӣ чу пур шуд,*
*Чӣ донад, ки чун аст Маҷнуни нолон.*

Лайлӣ тимсоли ҷовидонӣ ва мазҳари таҷаллии ягона аст, ки ҳамаи ошиқон ба сӯи он ба ҳаракат меоянд. Лайлӣ рамзи муроди ошиқону содиқон аст ва ҳар гоҳ, ки чароғи қабиларо фурӯзон мекунад, ҷони Маҷнун ба сӯи вай худро мекашонад.

Аз ин ҷост, ки Маҷнун ин ҷо тимсоли ориф, ошиқи роҳи ҳақ аст, ки ба таъбири Файзӣ агарчи ҷаҳоне аз Маҷнун пур шавад, на ҳама кас вафодориву садоқат дар ин роҳ пайдо мекунад:

*Чу афрӯхт Лайлӣ чароғи қабила,*
*Шуд аз риштаи ҷони Маҷнун фатила.*
*Ҷаҳоне шавад пур зи Маҷнун, валекин*
*Ҷамоли вафо нест дар ҳар ҷамила.*

Ҷолиб аст, ки Файзӣ маънии «Дар ҳар дил вафову садоқат нест»-ро тавассути таркиби шоиронаи «Ҷамоли вафо нест дар ҳар ҷамила» баён кардааст, ки баробари шоиронаву мавзун будан шеваи ҷолиби ифодаро дар худ инъикос намудааст. Манзури Файзӣ он аст, ки дар ҳар нафари зебо ҷамоли вафо таҷассум надорад, яъне ҳар зеборухе оини вафодорӣ надорад.

Дар мавриди дигар, як қиссаи марбут ба достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро, ки хеле тӯлонист ва ишорат ба садоқати Маҷнун мекунад, шоир дар як байт гунҷоиш медиҳад. Аз ҳамин як байти Файзӣ ба асли ин қисса метавон расид, ки чун Лайлӣ боре Маҷнунро бигуфт, ки ман ҷое бояд биравам ва баргардам, аммо Маҷнунро фаромӯш кард ва баъди соле баргашт. Маҷнун ҳамоно мунтазири Лайлӣ дар ин ҷой бимонд, то ҳоле, ки парандагон дар сари ӯ лона гузоштанд. Ин қисса муфассири садоқати Маҷнун аст, ки онро хеле шоирона Файзӣ ба таври зайл тафсир намуда, яъне барои он ки як номае аз ҷониби мурод, яъне Лайлӣ бирасад, мурғон бар сари Маҷнун ошёна гузоштанд, аммо вай ҳамоно мунтазир бимонд:

*Гоҳе зи сӯи Лайлӣ, то номае биёранд,*
*Мурғон ба фарқи Маҷнун карданд ошёна.*
*Файзӣ, сарири килкат бисёр дилхарош аст,*
*Гардун ба чарх омад з-ин савти ошиқона.*

Аз достонҳои дигари пуркорбурд, ки аносири он дар ашъори Файзӣ нуфуз дорад, қиссаи Юсуф мебошад. Файзӣ ҳам ҷузъиёти мухталифи қиссаи Юсуфро барои ташреҳи мақосид ва андешаҳои орифонаи хеш истифода намудааст. Маълум аст, ки ҳусни Юсуф ҳамеша тимсоли покист ва ҳаргиз ба

гарди кудурате олуда намешавад, ҳатто ба таъбири Файзӣ «пардадари исмати Зулайхо» намешавад:

*Ба покдомании ҳусни юсуфӣ нозам,*
*Ки ишқ пардадари исмати Зулайхо нест.*

Аммо бо ин ҳама Юсуф тимсоли ҳусни мутлақ аст, ки ба таъбири пешиниён «нисфи ҳусни ҷаҳониён бар ӯ дода шуда». Файзӣ ҳамоно Офаридгори якторо ҳусни мутлақ мепиндорад, ки ҳусни Юсуф, яъне, тимсоли ҳусни инҷаҳонӣ бар асоси он сурат баста:

*Даврон накашид нақши Юсуф,*
*То лавҳи ту дар канор нанҳод.*
*Осуда сабукраве, ки дар ишқ*
*Бар дӯши умед бор нанҳод.*

Аз ҷузъиёти дигари достони «Юсуф ва Зулайхо» қиссаи пироҳани Юсуф аст, ки баробари нишони Юсуф будан паёме аз ӯ меоварад, то чашмҳои Яъқуб равшан мешаванд. Файзӣ бо истифода аз ин ҷузъиёти қиссаи Юсуф маънии тозае меофарад ва таъкид медорад, ки Худованде, ки пироҳани хубӣ бар тани Юсуф дӯхта бар тани он ғолиябӯ низ чунин хилъате дӯхтааст. Фалсафаи байти шоир ишоратгари он аст, ки маҷмӯи хубиҳои рӯзгорро Худованди бузург ба инсонҳо ба андозаи ҳиммат ва қисмати онҳо насиб мегардонад:

*Он ки пироҳани хубӣ ба тани Юсуф дӯхт,*
*Ҳолиё хилъати он ғолиябӯ медӯзад.*

Дар мавриди дигар бо ишорат ба ҳамин қиссаи пираҳан Файзӣ таъкид медорад, ки ба андози як паёми кӯтоҳ аз иноёти илоҳӣ кофист, ки соликони роҳи ҳақиқат, яъне юсуфталабон дар худ қаноат кунанд ва аз ин лутфу карами илоҳӣ шукргузорӣ намоянд:

*Бӯй аз дӯст басандаст, ки юсуфталабон*

*Ба ҳамин роиҳаи пираҳане сохтаанд.*

Бо истифода аз лаҳзаи ба зиндон афтодани Юсуф Файзӣ маънии тозае меофарад ва таъкид бар он мекунад, ки айшу нишоти зиндагонии инҷаҳонӣ ба зиндон баробар аст, яъне, одамӣ дар он айшгоҳ побанди занҷири нафс мебошад, аз ин гирифтори ин нафси ҷаҳонӣ баробар ба он аст, ки Юсуфи муроди хешро мо ба ҳирмон фурӯхтаем. Ҳар кӣ ба айшу нишоти зиндагонӣ побанд аст, ӯ муроди аслии зистан ва буданро аз даст додааст:

*Бустонсарои айш ба зиндон баробар аст,*
*То Юсуфи мурод ба ҳирмон фурӯхтем.*

Ҳусни Юсуф ҳамоно тимсоли ҳусни мутлақ аст, ки дигар ҳуснҳои ҷаҳонӣ ва бо таъбири Файзӣ «шоҳидони бозорӣ» аз он хира мешаванд. Аз ин рӯ, ӯ талқин дорад, ки эй ҳусни мутлақ, дар чашмҳои мардум боре таҷаллӣ кун, ки онон аслу ҳақиқати зебоиро бишносанд ва аз назокатҳои инҷаҳонӣ даст бардоранд:

*Кӣ бошад Юсуф? Аз хилват бурун о,*
*Ғурури шоҳиди бозор бишкан.*

Аз назари Файзӣ ба хоҳишҳои инҷаҳонӣ ё ба таъбири худи ӯ заминии дил ва таманноҳои инҷаҳонӣ зиндагонӣ кардан монанди ин аст, ки Юсуферо бар чоҳ ниҳода бошӣ. Яъне, Юсуф ин ҷо дар андешаи шоир таҷассуми ҳақиқати маънавӣ ва рӯҳонияти инсонӣ аст, ки ҳадафи аслии зистан ва будани инсонро тафсир мекунад. Аз ин рӯ, Файзӣ тавассути истифодаи ин рамзи шоиронаи тимсоли Юсуф кӯшиши офаридани маъниҳои тозаи шоирона мекунад:

*Дили худ мабар дар таманно фурӯ,*
*Чунон Юсуфе сар дар ин чаҳ мадеҳ.*

Дар маҷмӯъ, Файзӣ низ чун суханварони дигари форсу

тоҷик тавассути корбурди қиссаҳои маъруфи қуръонӣ ва достонҳои паёмбарон маъниҳои тозаи шоирона офарида, ҷузъиёти ин достонҳоро барои исботи андешаҳои хеш ва тафсири ақоиди орифона ба кор бурдааст. Дар канори ин зимни истифода аз ҷузъиёти қиссаҳои мазкур шоир ба офаридани маъниҳои нав муваффақ шудааст, ки ҳамагӣ ишорат ба камоли ҳунарии шоир мекунанд.

Санъати ирсоли масал ё тамсил низ дар шеъри Файзӣ фаровон ба кор рафтааст ва, албатта, сабаби аслии ин аз мухтассоти сабки ҳиндӣ будани истифодаи ин санъат ба шумор меравад. Шоир барои субути андешаҳои худ ба воқеиятҳои зиндагонӣ ва ҳаводиси он шоирона масал мезанад, ки бозтоби шоирона касб мекунад. Аз ҷумла, дар байтҳои зер мисраъҳои дувум ба навъе тамсил шудаанд, ки ба назокат ва ҷаззобияти каломи шоир ишорат доранд:

*Эй бар саманди фитна, инонро нигоҳ дор,*
*Тири нигаҳ бас аст, камонро нигоҳ дор.*
*Файзӣ, чу шамъ оташи дил дар миён манеҳ,*
*Сар меравад ба боду забонро нигоҳ дор.*

Ҳоли маъшуқи сангиндил ва қалби нозуки хешро Файзӣ ба шишаву хоро масал мезанад, ки ҳар ду мухолифи ҳамдигаранд. Аз ин рӯ, дар мисраи дувуми ин байт «зи ҳоли шиша аз хоро магӯед» бозтоби тамсили зебои шоирона ба мушоҳида мерасад:

*Чӣ ғам он оҳаниндилро зи Файзӣ,*
*Зи ҳоли шиша бо хоро магӯед.*

Бо ин шева абёти зиёдеро аз девони Файзӣ метавон мунтахаб намуд, ки дар онҳо ирсоли масал ё тамсил мавриди истифода қарор гирифтааст. Чанд намунаи дигарро зикр хоҳем кард, ки нуфузи тамсил дар онҳо ба унвони вежагии ҳунарии шеър чашмрас аст:

*Озодадилон дар хами уммед намонанд,*

*Мурғони биҳиштӣ нашиносанд қафасро.*
*Ҳар сабзхатеро нарасад пеши ту даъво,*
*Раъноии товус надоданд магасро.*

Дар мисраи «Мурғони биҳиштӣ нашиносанд қафасро» – манзур аз мурғи биҳиштӣ тимсоли озодадилон буда, қафас ба таъбири худи шоир «хами умед» аст.

Дар байти зерин ҳосили сухан чун ба дасти таваккул додани ҳама кор аст, он гоҳ барои тамсили ин матлаб шоир ба киштиронон масал мезанад, ки ҳамеша дар дасташон ҷуз боз чизи дигаре ба каф нест, яъне бод василаи аслии ҳаракати киштист:

*Бидеҳ ба дасти таваккул зимоми киштии дил,*
*Ки ғайри бод ба каф нест нохудоёнро.*

Дар байти дигар шоир зимнан ба қиссаи Сулаймон ва мӯр масал мезанад ва мисраи дувумро бо ишорат ба ин қисса ба тамсил медароварад:

*Агар ду кавн нисорат кунам, зи ман бипазир,*
*Зи дасти мӯр чӣ ояд ба ғайри пои малах?!*

Ба хотири пуробуранг гардидани каломаш гоҳо Файзӣ зарбулмасал ва мақолҳои мардумиро дар мақоми тамсил ё ирсоли масал ба кор гирифта, аз ин роҳ каломи хешро пуртаъсир мегардонад. Аз ҷумла, дар мисраи дуввуми ин байт зарбулмасали маъруфи «Забони сурх сари сабзро диҳад бар бод» қариб ки бидуни тағйир ба шеър ворид шудааст, ки ин ҳам навъе ҳунари шоирии суханвар дар ҷобаҷогузории мақолҳои мардумӣ дар шеъри суннатӣ ба шумор меравад:

*Сухан ба монанди тирест аз камон ҷаста*
*Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод.*

Ҳатто қисмате аз мисраи аввали ин байт «Тирест аз камон ҷаста» мақоли маъруфи мардумист ва ин ҷо ҳунари воқеии шоиронаи Файзӣ дар он ҷилвагар мешавад, ки дар як байт ду

мақолро ҳунармандона ба кор гирифтааст.

Дар байти зер шоир зарбулмасали маъруфи «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» дар шакли «Турфа шогирде, ки мегӯяд сабақ устодро» ба кор бурдааст, ки мақоми ирсоли масалро дар байт касб намуда:

*Ғамза омӯзад ба чашмат шеваи бедодро,*
*Турфа шогирде, ки мегӯяд сабақ устодро.*

Дар шумори санъатҳои дигари лафзӣ дар каломи Файзӣ муламмаъ низ ҷойгоҳи хосе касб намудааст. Нуфузи ин навъи шеърӣ дар Девони шоир ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки Файзӣ равишҳои муайяни иншои муламмаотро мавриди истифода қарор додааст, ки маҳорати ҳунарии шоирро дар корбурди ин санъати бадеӣ бозгӯ мекунанд. Муҳимтарин равишҳои ба кор гирифтани санъати муламмаъро дар ашъори Файзӣ ба таври зайл муқаррар кардан мумкин аст:

1. Равиши истифодаи муламмаъ дар як мисраи байт, ё байти аввал ё байти дувум;

2. Усули истифодаи байти муламмаъ, яъне дар дохили ғазал истифода бурдани як байти комили ба забони арабӣ иншошуда;

3. Истифодаи порчаҳои арабӣ дар дохили ғазал. Манзур ин аст, ки Файзӣ гоҳе дар дохили як ғазал чанд байти пайдарҳамро ба забони арабӣ меоварад, ки дар ҳамоҳангӣ бо абёти форсии ғазал муламмаъ эҷод кардаанд;

4. Беҳтарин равише, ки Файзӣ ба кор мебарад, таълифи ғазали комили муламмаъ аст. Истилоҳи ғазали комили муламмаъ шартӣ аст ва ин ифодаи онро дорад, ки дар як ғазал шоир ба пуррагӣ як байт ба забони форсӣ ва як байт ба забони арабӣ менависад, ки асли мухтассоти муламмаотро ифода менамояд. Зеро худ аз назари истилоҳӣ ин санъати бадеӣ аз шоир тақозо дорад, ки як мисраъ ба як забон ва мисраи дигар ба забони дигар эҷод шавад;

5. Истифодаи калимаву ибораҳои арабӣ дар дохили мисраъ, ки ҳамчун муламмаъ ба кор рафтааст.

Дар ғазалиёти Файзӣ бештар муламмаи мисраъ ба назар мерасад. Равиши муҳимми корбандии муламмаот дар ашъори

Файзӣ дар он ифода мегардад, ки гоҳе дар як ғазал ба такрор ва пайиҳам як мисраъ форсӣ ва як мисраъ арабӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Зикри чанд намуна дар ин шакли корбасти муламмаъ андешаи фавқро собит месозад:

*Рехта хуни ҷигар аз чашми мо,*
*Куллу аноин ятарашшаҳ би мо.*
*Рехтам аз дида дамодам сиришк,*
*Фамталаа-л-арза биҳи ва-с-само…*
*Рафтаму мондам дилу ҷон бар дарат,*
*Қад ҷаъала-л-ҷанната мисвоҳумо…*

Ва ё:

*Даромад шаби панҷум аз шаҳри шаъбон,*
*Шаби саъд-мисдоқи аллайлу ҳаблӣ.*

Бештари муламмаоти Файзӣ дар мисраи дувуми абёт ба кор рафтаанд. Дар ғазали зерин низ агар мисраи аввал ба шакли форсӣ баён шуда бошад, мисраи дувум сурати арабӣ дошта, ҷилваи муламмаъро ба равшанӣ муҷассам мегардонад:

*Омадӣ, эй қиблаи ҷонҳои пок,*
*Хайри мақдам, марҳабо, рӯҳӣ фидок.*
*То ниҳодӣ по ба наълайни ҳарам,*
*Сора ман хайтул басар ҳабла-ш-шарок.*

Равиши дигари корбандии муламмаъ дар он зуҳур мегардад, ки Файзӣ дар истифодаи ин санъати бадеӣ гоҳе мекӯшад, ки ҳар ду мисраи байт арабӣ бошад, ё якчанд мисраъ дар дохили ғазал ба шакли арабӣ зикр гардад. Аз ин навъи муламмаъ низ дар девони Файзӣ намунаҳо зиёданд, ки яке аз онҳоро дар ин ҷо зикр намудан амри сазовор мебошад:

*Атони-р-расулун ва оти-р-расоил,*
*Лақад сурра қалбӣ битилка-л-васоил.*
*Зи таййи зуруфи ҳуруфаш ҳувайдо*
*Улуфулмаонӣ сунуфулфазоил…*

*...Бинозам, зиҳӣ Каъбаи покбозон,*
*Ки дилҳои покон суи ӯст моил.*
*Алиюлмаротиб саниюлманоқиб,*
*Ҳариюлмаҳомад, разиюшшамоил.*

Аммо хусусияти муҳимми истифодаи ин усул дар он ифода мешавад, ки дар девони Файзӣ чанд ғазали комиле мавҷуд аст, ки бо ҳамин шева иншо гардидаанд, ки зикри онҳо баробари нишон додани махсусияти корбандии муламмаот дар шеъри Файзӣ маҳорати шоирро дар истифодаи ин санъати бадеӣ бозгӯ мекунад.

Дар дохили ғазали зер, агарчи як байт комилан ба забони арабӣ омада, сурати муламмаъ гирифтааст, аммо истифодаи чанде аз ибораҳои арабӣ дар мақоми қофияи он таҷассуми шеваи тозае аз муламмаъофариниро бозтоб мебахшад, ки руҷӯъ ба матни комили он қобили мулоҳиза хоҳад буд:

*Субҳонака, субҳонак, мо азҳару бурҳонак,*
*Мо абяну тубёнак, мо аъзаму султонак.*
*Халқе ба раҳат пӯён, дидори туро ҷӯён,*
*Дар ҳар нафасе гӯён субҳонака, субҳонак.*
*Эй партави меҳр аз ту, маҳ оиначеҳр аз ту,*
*Нуҳ кохи сипеҳр аз ту, мо арфаъу бунёнак.*
*Зотат зи гумон бартар, ҳамдат зи забон бартар,*
*Шукрат зи баён бартар, мо аҳсану эҳсонак.*
*Ҳарфи ту куҷо хонад, васфи ту куҷо ронад,*
*Кунҳи ту куҷо донад ин ақли парешонак?*
*Шавқи ту маро дар дил, сӯи ту дилам моил,*
*Дарёфтанат мушкил, мо асъабу виҷдонак,*
*Файзӣ зи раҳи виҷдон дар маърифатат ҳайрон,*
*Ва-л-аҷзу ани-л-ирфон, қад акмалу ирфонак.*
*Соқию ҷому маю гӯшаи дайр аст ин ҷо,*
*Лиллаҳилҳамд, ки аҳвол бахайр аст ин ҷо.*

Аммо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар мисраи шакли арабишуда қисмате аз ибора ё ҷумлаи арабӣ истифода мешавад ва дар дохили он танҳо як ҷузъи ками ҷумлаи форсӣ

ба кор меравад. Ин ҳолат дар байти зер ба мушоҳида мерасад, ки танҳо ҷумлаи кӯтоҳи хулласи «хонд ризвон» дар он истифода шудааст:

*Хонд ризвон ҳозиҳи ҷанноту адн,*
*Таҳтиҳаланҳору фиҳо холидин.*

Вобаста ба ин, ин ҷо метавон аз вуҷуди ғазалҳои комил дар забони арабӣ дар Девони Файзӣ ишорат намуд, ки ба шоири зуллисонайн будани вай таъкид меварзанд. Ин шоири соҳибном дар адабиёти форсизабони Ҳинд шояд аз камтарин шоирони сарзамини мазкур бошад, ки ба ҷуз забони форсӣ дар арабӣ ҳам ғазал сурудааст ва бо такя бар ин ғазалҳо мо метавонем, ки ӯро ҳамчун шоири муваффақ дар адабиёти арабизабон ва ҳатто дузабона ном барем. Зикри намунае аз чунин ғазалҳо барои исботи ин андеша кофист:

*Шайхуно, волидино, мавлоно,*
*Хассаталлоҳу би илмин ва ъамал.*
*Аллазӣ ифтахаралкавну биҳӣ,*
*Ҳабаззо ансаруҳулмустакмал.*
*Аллама-л-ашмалу асно ва атам,*
*Исмуҳу-л-ақдасу аъло ва аҷал.*
*Ло тақул мота би мавти-л-аҷсод,*
*Бал мина-д-дори ила-д-дори риҳал.*
*Илтиво зоҳируҳу фӣ ботин,*
*Ихтифо охируҳу фил аввал.*
*Қулту фӣ риҳлатиҳи таърихайн,*
*Афзалу Ҳинд фӣ фахри-л-акмал.*

Намунаҳое аз ин гуна ашъор дар Девони Файзӣ зиёданд ва ин худ гувоҳи он аст, ки дар баробари тасаллути комил ба забони арабӣ доштан, шоир ҳунари шоирии хешро низ дар ин арса таҷриба намудааст.

Санъати такрор низ дар каломи Файзӣ бо нусрат ва шукӯҳи ҳунарварона мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҷолиб он аст, ки агарчи вожагонро Файзӣ ба такрор дар мисраъ ва ё байтҳо ва гоҳе дар як шеър меоварад, аммо равшан

мешавад, ки ӯ дар зимни ҳар яке аз ин вожаҳо мехоҳад, ки маънии тозае биофарад. Аз ҷумла, дар порчаи зерин дар чаҳор маврид вожаи «оина»-ро такрор намудааст, ки аслан вобаста ба таркибҳои офаридаи шоир чанд маънии нав ҳосил шудааст:

*Кадомин маҳ ба даст* ***оина*** *дорад,*
*Ки чун* ***оинаи*** *худ сина дорад.*
*Ба рух* ***оина*** *дорад дар баробар,*
*Чаро* ***оина*** *бар* ***оина*** *дорад?!*

Таркиби аввал «ба даст оина доштани маҳ», ки ҳосили оинадорӣ аст ва худро дубора муҷассам мегардонад ва дар ибораи дувум «чу оина сина доштан» сафои оина манзур бошад. Дар таркиби севум, ки «ба рух оина доштан» дар рӯ ба рӯ қарор гирифтанро ифода мекунад ва мунтаҳо шоир ибораи «оина ба оина доштан»-ро меофарад, ки аввалӣ оина ҳамон рухи маъшуқ аст ва дувумӣ асли оина.

Дар шеъри дигар ҳамин гуна вожаи «қабо» такрор шудааст, ки нахуст дар таркиби вожаи «гулгунқабо» барои ифодаи маънии маъшуқа омада ва дувумаш ба ҳамон маънии аслии қабо, ки бар оғӯш гирифта мешавад. Дар ин ҷо дар иртибот ба вожаи «қабо» ибораи «дар бар гирифтан» ҳам такрор шуда, аммо ҳамоно маънии ба тан пӯшидани либосро дорад. Дар фарҳанги мардумӣ ибораи «ба тан зебидани либос» мавҷуд аст, ки Файзӣ онро ҳам тавассути «дар қабо хиромидани сарви ноз» ҷой додааст.Аз «Қабо шудани пироҳан» манзур пора шудани либос аст, ки шоир аз хиромидани сарви ноз бо он қабои зебо пироҳани худро чок мебинад, ки ин ҷо ҳам ҳунари шоирии Файзӣ ба таври барҷаста муҷассам аст.

*Ваҳ, чӣ мавзун аст он* ***гулгунқабо,***
*Кош дар бар гирамаш ҳамчун* ***қабо.***
*Чист гулгун он* ***қабо*** *дар бар, магар*
*Рехтӣ хуну задӣ дар хун* ***қабо****?!*
*Мехиромад дар* ***қабо*** *он сарви ноз,*
*Мешавад пироҳанам акнун* ***қабо.***

Чи тавре ки мебинем, Файзӣ ба хотири тақвияти ҷанбаҳои

ҳунарии ашъори хеш аз саноеъи бадеӣ моҳирона истифода бурдааст. Таваҷҷуҳ ба сурудаҳои шоир баёнгари он аст, ки дар ашъори ӯ аксари саноеъи бадеӣ нуфузи чашмгир доранд.

Аз лиҳози мавзӯъ ва мундариҷа низ ашъори Файзӣ мухталифмазмун буда, дар андешаҳои ӯ афкори ирфонӣ, ғояҳои олии инсонгаройӣ, таъмини баробарии иҷтимоӣ, оини давлатдорӣ ва амсоли ин, ки сарчашма дар назарияи сулҳи кул, доранд, нуфузи тамом дарёфтааст.

Мавзӯи адлу дод дар ашъори Файзӣ аз мавзӯоти муҳим ва қобили мулоҳиза ба шумор меравад. Файзӣ адолатро ваҷҳи муҳимми зиндагонии ҳар инсон мешуморад ва таъкид мекунад, ки ҳар кӣ ба адлу дод зиндагонӣ кунад, метавонад ба таъбири шоиронаи ӯ навбаҳорон аз санг гиёҳ бируёнад ва гиёҳ бошад, дарахти борвар мешавад. Маҳз аз фурӯғи адл аст, ки дар зиндагонӣ хок сангу гаҳвар гардида, санги муқаррарӣ ба симу зар табдил хоҳад ёфт:

*Ҳамин на одамӣ аз дину доди тоҷварон*
*Ба амну айш гарояд, базебу фар гардад.*
*Ба навбаҳори адолат диҳад зи санг гиёҳ,*
*Гиёҳ нахл шавад, нахл борвар гардад.*
*Фурӯғу адл диҳад он асар ба рӯи замин,*
*Ки хок санг шавад, санг симу зар гардад.*

Аз ин рӯ, ин суханвари мумтоз пайваста ҳокимонро ба адлу дод даъват намуда, тақозо мекунад, ки аз адл барои худ парчам барафрозанд ва ҳар чӣ берун аз адолат пой ниҳанд, бедодгар ва ситамниҳод бошад:

*Дар адл қадамзанон алам бош,*
*Дар ҷурм назаркунон ҳакам бош.*
*Бедодгарӣ ситамниҳод аст,*
*Ту даргузаронияш, на дод аст.*
*Аз подшаҳон зи дод пурсанд,*
*Не аз гуҳару нажод пурсанд.*
*Ту хуфтаву оламе ба фарёд,*
*Дод аз ту, агар чунин диҳӣ дод.*

Файзӣ ҳамеша хостори он буд, ки аҳли дарбор бояд ба адлу дод нисбати мардум хайрхоҳиву хайрандешӣ намоянд. Бо такя бар ин андеша шоир кӯшиш ба харҷ медод, ки таъсири олимони мутаассиб ва зулмпешаро дар дарбори Акбар аз миён бардошта, мақоми олимони фозилро бештар гардонад, то онҳо ба нафъи мардум хидмат кунанд ва ҳам шоҳро ба адлу раиятпарварӣ даъват созанд:

*Мард бояд зи паи нафъ расонидани халқ*
*Ба дари давлати арбоби карам ҷо гирад.*
*Рӯзу шаб мегузаронад зи хатар мардумро,*
*Бесабаб нест, ки киштӣ лаби дарё гирад.*

Таваҷҷуҳи Файзӣ ба мавзӯи адл беҳуда ва беҳикмат нест, зеро вай дар замони Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар зиста ва аксари суханварон симои ин шоҳи замонро ҳамчун адлпарвар, адолатшинос, адолатгустар ситудаанд. Файзӣ низ, ҳам дар ғазалиёту маснавиҳо ва ҳам дар рубоиёти хеш аз Акбар ба унвони шоҳи одилу додгустар ситоиш кардааст. Аз ин рӯ, дар бештари маворид дар меҳвари мавзӯи адлу дод чеҳраи Акбар ба унвони шоҳи одил қарор гирифта, ки ин маънӣ дар сурудаҳои шоир равшан ҳувайдост. Ҳатто сурудани мадхияҳо дар ситоиши Акбар, пеш аз ҳама, такя бар ҳамин фазилати адолатпарварии ӯ мекунад. Бо такя бар ин амр дар мадҳи фазилатҳои Акбар Файзӣ чанд қасидае ҳам сурудааст, ки яке аз онҳо ба гунаи зайл аст:

*Хадеви мулк Акбаршоҳи Ғозӣ,*
*Ки бод аз давлати ӯ чашми бад дур,*
*Ба ҳангоме ки воло кавкаби бахт*
*Ба анзори саъодат буд манзур,*
*Сипоҳ ангехт баҳри фатҳи Гуҷрот,*
*Бар он кишвар музаффар гашту мансур.*

Аз ин ҷо равшан намудан мумкин аст, ки ин қасида ҳангоми фатҳи Гуҷрот аз тарафи Акбар суруда шудааст ва

дар идома ин маънӣ боз ҳам бештар муҷассам мешавад:

*Аҷаб мулке, ки бошад шаҳрбандаш*
*Кушоишбахши табъи масту мастур.*
*Шаҳи он мулкро маъдум карда,*
*Фиреби як-ду нофарзона дастур.*
*Ба зӯри газлику афсуну найранг*
*Зи лавҳи Чин сутурда нақши Фағфур.*
*Ба иқболи шаҳаншоҳӣ дар он мулк*
*Навиштанд аз навиди фатҳи маншур.*
*Ба фармони шаҳаншоҳӣ супурданд*
*Калиди ганҷи шоҳонро ба ганҷур.*
*Яке афканд бар сар чодари амн,*
*Яке шуд аз либоси зиндагӣ ур.*
*Илоҳо, бод маъмур аз адолат,*
*Ки шуд таърих ҳам «Гуҷроти маъмур».*

Дар шеъри дигари худ, ки ба унвони «Нашид-ус-сафир» маъруф аст, ҳамоно аз ҷалолу нусрати Шоҳ Акбар ва фазилатҳои шоистаи вай лафзи сифат ва мадҳ ба забон меоварад ва ҷалолу ҷамоли шоҳ Акбарро нури субҳу сояи офаридгор медонаду ӯро шаҳи ҳафт кишвар, имоми чиҳилтан, маҳи нури муқарнас, гули чаҳор бӯстон мешуморад:

*Ҷалолу ҷамоли ҷаҳон шоҳ Акбар,*
*Ки ҳам нури субҳ асту ҳам зилли субҳон.*
*Шаҳи ҳафт кишвар, имоми чиҳилтан,*
*Маҳи нуҳ муқарнас, гули чор бустон.*
*Дар он ҷо, ки ҳаддоди адлаш нишинад,*
*Тавонад, кунад ҳифзаш аз шиша сандон.*
*Тавонад ба даври шубонии додаш*
*Ҳамал шона созад зи дандони гургон.*
*Сазад, боздорад наҳиби шикӯҳаш*
*Замону заминро зи таҳрику искон,*
*Барад ҳушёрии ақли разинаш*
*Зи паймонаи чархи бадмаст идмон.*

Дар ашъори Файзӣ мадҳи Шоҳ Акбар бештар бар асоси фазилатҳои шоёни ӯ сурат мегирад. Аз ин рӯ, дар бисёр мавридҳо шоир шоҳро чун хуршеди оламтоб, хуршедсифат ба қалам овардааст ва ин, пеш аз ҳама, ба фаъолияти вай дар робита ба пешниҳоди оини нав дар замони худ марбут аст. Вобаста ба ин Файзӣ Акбарро ҳамчун шоҳи хуршедалам сифат мекунад, ки дар дили вай нур чун қутб таҷаллӣ мекунад:

*Шоҳи хуршедалам Акбаршоҳ,*
*К-аз дилаш нур ба ақтоб расид.*

Дар баробари ин шоир замони шоҳигарии Акбарро васф мекунад, ки дар он муҳимтарин оинҳои миллии гузаштагон эҳё гардида, мардум аз баракоти корномаҳои шоҳ файзу нусрати илоҳиро соҳиб мешаванд. Бо таъкид бар ин матлаб Файзӣ аз ҳамзамонони хеш тақозо дорад, ки даврони хусравии Ҷалолуддин Муҳаммади Акбарро ғанимат шуморанд, ки иди Исфандормуз ва моҳи халолӣ чун оинҳои қадима дубора ба хотири шодмонии мардум эҳё шудаанд. Исфандормуз ҷашнест, ки наздик ба Наврӯз сурат мегирад ва аз аввалин оинҳои башоратовари баҳор аст, ки онро шоир ба шарофати Акбар шукӯҳманд мебинад:

*Ғанимат дон ба даври хусрави воло Ҷалолуддин*
*Нишоти иди исфандормуз, моҳи ҷалолиро.*
*Хушо иқболи бадмастони дарёдил, ки чун Файзӣ*
*Зи базми Акбарӣ доранд файзи лоязолиро.*

Файзӣ осудагии ҷаҳонро бар асоси сояи давлати Акбар медонад ва ба Худованд дуо мекунад, ки сояи шоҳро, ки пурбаракот ва мӯҷиби осудагии мардум шуда, то рӯзи қиёмат дароз бигардонад:

*Илоҳӣ чун ҷаҳон осуда шуд дар сояи чатраш,*
*Кунӣ мамдуд то хуршеди ҳашр ин зилли олиро.*

Дар ғазали дигар шоир Акбарро Кайхусрави аврангнишин меномад, ки аз давлати вай барои мардум бахту саодат насиб

гардида. Мақоми шоҳро дар андешаи хеш шоир ба ҳадде боло мебардорад, ки ҳамаи аҳли ирфону бузургон расидаву соҳибназарону аҳли дил аз калом ва андешаву ибтикори вай истиқбол мекунанд:

*Кайхусрави аврангнишин Акбари ғозӣ,*
*К-аз давлати ӯ бахт ба иҷлол расида.*
*Ҳам баҳри мададгорияш ақтоб нишаста,*
*Ҳам баҳри ҳаводорияш абдол расида.*

Файзӣ бо он ки ҳарфу ҳадиси бешуморе дар сифати ӯ мегӯяд, бо ин ҳама дар анҷоми ситоиши маҷмӯи фазилатҳои Акбар қалами худро оҷиз мебинад:

*Оҷиз шуда Файзӣ зи шумори ниами ӯ,*
*Ҳарчанд зи тафсил ба иҷмол расида.*

Бештари ситоишномаҳои Файзӣ барои Акбар дар рубоиёти вай муҷассам аст. Аз ҷумла, бо таваҷҷуҳ бар чанд рубоии вай метавон изҳор дошт, ки дар ситоиши мақому манзилати вай шоир рубоиёти фаровоне суруда, ки маҳз ҳамин нукта асос барои вуруди рубоиёти шоир ба китоби «Ойини Акбарӣ» гардидааст. Мушаххасан зикр шудани номи Акбар дар ин рубоиёт андешаи дар васфи ӯ суруда шудани рубоиётро бозгӯӣ мекунад. Аз ҷумлаи ин рубоиёт инҳоянд, ки ҷойгоҳ ва мақоми сиёсиву ҷамъиятии Акбарро тафсир мекунанд:

*Имрӯз, ки вазни шоҳ Акбар кардананд,*
*Дар мизонаш баробари зар карданд.*
*Аз зар чу муроди халқ ҳосил мешуд,*
*З-он рӯ зарро ба шаҳ баробар карданд.*

Дар яке аз чунин рубоиёт Файзӣ таърихи ба тахти подшоҳӣ нишастани Шоҳ Акбарро тавассути моддаи таърих ба риштаи назм даровардааст, ки он «нусрати акбар» ба шумор рафта, бар асоси ҳисоби абҷад ҳисоб кардани он соли

ҷулуси Акбар ба тахти шоҳӣ мебарояд:

*Аз хутбаи шоҳ рифъати минбар шуд,*
*В-аз сиккаи адл корҳо чун зар шуд.*
*Биншаст ба тахти салтанат Акбаршоҳ,*
*Таърихи ҷулус «нусрати акбар» шуд.*

Дар яке аз рубоиёти дигараш шоир асли нусратёрӣ ва бузургмақомии шоирро дар он мебинад, ки вай аз Худованд назари лутф дидааст, то сурхрӯии оламро соҳиб шавад, яъне, ба ин ҳадд мақому шуҳрат касб намояд:

*Ин сикка, ки дасти бахт аз ӯ хотам ёфт,*
*Ҳар дам назаре зи наййири аъзам ёфт.*
*Шуд нақшпазири номи Акбаршоҳӣ,*
*З-он рӯст, ки сурхрӯии олам ёфт.*

Дар сурудаҳои Файзӣ тараннуми зебоиҳои сарзамини Ҳинд низ мавқеи хосса касб намудаанд. Метавон гуфт, ки васфи Ҳинд ва назокату ҷаззобияти табиат ва дигар муҳассаноти ӯ ҳамчун муҳимтарин мавзӯи шеъри шоир бозтоб дорад. Нуфузи абёти ба ин мавзӯъ ихтисосдошта ин андешаро исбот менамояд. Аз ҷумла, сабаби аз қаламрави Ҳинд берун нарафтани худро Файзӣ ба тӯтие монанд мекунад, ки дар шаккаристон маскан дорад, яъне, шоир худро ба тӯтӣ ва Ҳиндро ба шаккаристон монанд мекунад:

*Файзӣ, аз Ҳиндустон ҷои дигар кам меравӣ,*
*Ҳамчу тӯтӣ ҷои худ дар шаккаристон кардаӣ.*

Ин маъниро дар сурудаҳои хеш Файзӣ борҳо таъкид намудааст ва аз Ҳинд ҳамчун маскани ширинӣ ва шаккар ёд намуда, ҳатто таъкид бар он медорад, ки дар Ҳинд туро чӣ шаккаре ҳаст, ки обрӯи дукони шаккарфурӯшро бурдааст. Вобаста ба ин, дар ин қитъаи зер баробари таъкид ба шаккаристони Ҳинд Файз ба ваҷҳи таъйини зебоиҳои ҷамоли маъшуқ ибораҳои «ҳиндуи чашм», «холи ҳинду»-ро офаридааст:

*Гар ғамзаи туркаш нигарам, фитнаи шаҳрест,*
*В-ар ҳиндуи чашмаш нигарам, офати динест.*

* * *

*Чӣ шаккар аст ба Ҳиндустон туро, Файзӣ,*
*Ки обрӯи дукони шакарфурӯш бирафт?!*

* * *

*Холи ҳиндуи ту шӯх аст, ки аз ҷон наравад,*
*Чашми бебоки ту маст аст, ки соғар назанад.*

Мавриди дигар худро «оби ҳаёт» ва Ҳиндро ба зулумоте мушобеҳ мекунад, ки макони он ба таъбири шоир «сиёҳӣ» ба маънии торикӣ ва ҳамон зулмот аст. Аз ин нигоҳ, агарчи бештар дар шеъри гузаштаи форсӣ шоирон ҳиндувонро сияҳ хондаанд, Файзӣ ин сиёҳиро макони оби ҳаёт мешуморад:

*Файзию саводи Ҳинд бошад*
*Чун оби ҳаёт дар сиёҳӣ.*

Файзӣ асири ишваи хубони Ҳинд мешавад ва ҳаргиз муҳаббати маъшуқи ҳиндиро бар чеҳраи румиву мӯи зангӣ иваз намекунад:

*Ҳалоки ишваи хубони Ҳинд шуд Файзӣ,*
*Хароби чеҳраи румию мӯи зангӣ нест.*

Мавзӯоти ирфонӣ низ дар ашъори Файзӣ ҷойгоҳи хоссае касб намудаанд. Бозтоби андешаҳои орифонаи Файзӣ, ки албатта маншаъ дар шеъри шуарои пешин дорад, ҷилваҳои рангоранг ва ҷолиби таваҷҷуҳеро эҷод кардаанд. Дар аксари ғазалҳои орифонаи шоир мо ба мазмунҳои шеъри ирфонии форсӣ бо тобишҳои махсус дучор меоем. Аз ҷумла, баҳси фалсафаи ваҳдати вуҷудӣ, ки дар шеъри Файзӣ, пеш аз ҳама, ба сабаби таъсири ғояҳои «Сулҳи кулл» нуфуз дарёфтааст, бо ҳар рангу тобише ба ҷилва омадааст. Масалан, мақоми ваҳдат дар афкори ирфонии шоир он ҷост, ки дам задан ва

қадам гузоштан он ҷо номумкин ва ҳатто ҳаром аст:

*Ман ба роҳе меравам, к-он ҷо қадам номаҳрам аст,*
*Аз мақоме ҳарф мегӯям, ки дам номаҳрам аст.*

Ё ҷои дигар таъкид мекунад, ки чун инсон дар раҳи ишқ ба мақоми иттисол ё васли маъшуқ бирасад, наздику дур ва висолу фироқ айни ҳамдигар мегарданд:

*Наздику дур дар раҳи ошиқ баробар аст,*
*Эй бехабар, фироқ кадому висол чист?*

Вақте марди ориф дар тариқати ишқ ба ҷойгоҳе ба унвони ваҳдати вуҷуд мерасад ва иттисол бо Ҳақ пайдо мекунад, дигар ҳама марзу аркони тааллуқ, чун дину ақлу ҳатто ман аз миён меравад ва чизе ҷуз ӯ боқӣ нахоҳад монд:

*Куҷо ақлу куҷо дину куҷо ман?*
*Мани девонаро инҳо магӯед.*

Аз ҷумла, дар яке аз рубоиҳои хеш Файзӣ чун шоирони дигари ориф ворастан аз худиву худпарастиро талқин мекунад ва изҳор медорад, ки пеш аз он ки ин худпарастӣ туро аз банд бигсалад, даст ба сари он бизан ва аз тааллуқоти ҳастӣ хешро вораҳон:

*Файзӣ, зи худию худпарастӣ бигусил,*
*З-ин кӯтаҳию дароздастӣ бигусил.*
*З-он пеш, ки банд-бандат аз ҳам гусилад,*
*Дасте зану мӯ ба мӯи ҳастӣ бигусил.*

Аз муҳимтарин мавзӯоти ашъори орифонаи форсу тоҷик баррасии мавзӯи ақлу ишқ ба шумор меравад. Ҳамеша дар андешаи орифон ақл дар маърифати Ҳақ оҷиз ва пойдаргил будааст. Файзӣ низ дар идомаи ҳамон мабоҳис ва мавзӯи муҷодалаи ақлу ишқи мураввач дар адабиёти ирфонии форсӣ ақлро дар муқобили ишқ оҷиз мешуморад ва бар ин назар мерасад, ки ҳар вақте агар ишқ «камони масоф», яъне тири

ҷанг бар сӯи ишқ бияндозад, ақл сипари хешро аз даст медиҳад. Манзури Файзӣ ҳам ҳамон идомаи андешаи суханварони пешин аст, ки дар мавриди ғолибияти ҳамешагии ишқ аз болои ақл баён мешуда:

*Бода соф асту муҳтасиб нософ,*
*Дурдкашро кӣ медиҳад инсоф?*
*Бо кӣ гӯям, ки медарад соқӣ*
*Пардаи окифони ситри афоф?!*
*Ақл аз каф сипар бияндозад,*
*Ишқ ҳар ҷо кашад камони масоф.*

Вобаста ба ҳамин оҷиз будани ақл дар кори маърифати ҳақ аст, ки он ҳамеша мавриди накӯҳиш қарор мегирад ва Файзӣ бо таркиби шоирона ва танзомези «ақли донои маломатфармой» ин накӯҳишро баён менамояд. Ин ҷо ҳам шоир аз ишқ сарфи назар намекунад ва баробари санги накӯҳиш бар сари ақл задан, ишқро бо вожаи «дилхоҳ» сифат мекунад, ки дар роҳи васли маъшуқ тавассути соҳиб шудан бар он метавонад маргро бар ҷудоии ҷонкоҳ бипазирад:

*То гирифтӣ ба дилу ҷон манзил,*
*Дил зи ҷон рашк барад, ҷон аз дил.*
*Ишқ дилхоҳу маломат ҷонкоҳ,*
*Марг осону ҷудоӣ мушкил.*

Дар баробари баррасии мавзӯи ақлу ишқ дар ашъори Файзӣ ақл ба унвони сарчашмаи хиради инсонӣ ва василаи муҳимми идоракунии ҷомеа низ ба кор рафтааст ва ин, албатта, сарчашма дар тафаккури пешқадами замон низ дорад, зеро бар асоси таҳаввулоти тадриҷ олимону файласуфон, маҷмӯан ашхоси пешқадами давр афкори хешро тавассути рамзҳои ирфонӣ ва фалсафӣ баён медоштанд. Дар баробари ин, зуҳури афкори мутаассибона ва бар асоси он афзудани ҷаҳолати фикрӣ зарурати такя бар ақли солим дар ҷомеа пеш омад, то аз маҷмӯи ин андешаҳои номақбул ва хурофотию ифротӣ ҷилавгирӣ карда шавад. Аз ин рӯ, ба хотири маърифати дурусти асрори ҳастӣ ва моҳияту асолати воситаву ашё

дар замони Акбар ақлу хирад ба унвони меъёр ва раҳнамои асосӣ пазируфта шуданд. Ин матлабро дар китоби худ Абдулқодири Бадоунӣ низ чунин тавзеҳ додааст: «Инкори мутлақи ваҳй ва нубуввот ва эҷозу каромот ва шароеъ намуда корро аз пеш бурданд... рӯз ба рӯз эътиқод аз асҳоб фосид шудан гирифт ва гом фарохтар ниҳоданд ва намозу рӯза ва ҷамеи нубуввотро тақлидиёт ном ниҳоданд, яъне, ғайримаъқул ва мадори дин бар ақл гузоштанд, на нақл».

Файзӣ низ бар асоси ҳамин андешаи роиҷи замон ба ақл арҷ ниҳода, ба ақлу фитрат ва хирад таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар партави ҳамин ақидаҳост, ки шоир ақлро бузургу бузургидеҳ сифат мекунад, ки тавассути он бар сари инсон тоҷи бузургӣ ниҳода мешавад. Ин маънӣ дар маснавии «Маркази адвор» чунин ба қалам омадааст:

*Ақл бузург асту бузургидеҳ аст,*
*Бар сари мо тоҷибузургинеҳ аст...*
*Дида дар ин раҳ назарафрӯзи туст,*
*Ақл дар ин хат адабомӯзи туст...*

Ақлро Файзӣ адабомӯз мешуморад, ки ҳамеша инсонро аз роҳи бад нигоҳ дошта, барои аз по наяфтодан ёрӣ мекунад. Дар баробари ин, ба андешаи шоир аслу шукӯҳи дониш ҳам ба ақлу хиради инсонӣ вобаста аст ва ақл аст, ки чароғи роҳи инсон ба шукуфоиву нусратҳо мегардад:

*То ту зи полағз наяфтӣ зи по,*
*Ақли ту ҳам Зайд бувад, ҳам асо.*
*Накҳати дониш ба димоғи ту бас,*
*Равшании ақл чароғи ту бас.*

Мавзӯи ишқ дар адабиёти форсу тоҷик аз оғоз то имрӯз ба унвони мавзӯи меҳварии шеъри форсӣ қарор гирифта, бар асоси он ғазалиёти шоирон ба заминиву осмонӣ ё аршӣ қисмат шудаанд. Вобаста ба ин, мавзӯи ишқ дар адабиёти форсу тоҷик бар маҷозиву ҳақиқӣ ҷудо шудааст, ки дар ин замина шоиронро ҳам ба суханварони сӯфӣ ва ба истилоҳи

адабӣ лирик қисмат кардаанд. Файзӣ низ чун суханварони бузурги адабиёти форсу тоҷик ҳамеша тараннумгари ишқ аст ва тавассути корбурди худи истилоҳи «ишқ» мазомини тозае офаридааст. Пеш аз ҳама, дар чандин маврид Файзӣ ба ишқ муроҷиат мекунад, то аслу моҳияти ҷаҳонро бишиносад, чун ба андешаи вай ишқ ҳамон асолат аст, ки инсонро ба ҳақ мерасонад. Бо такя бар ин нукта аз хеш хостори он аст, ки аз ишқ рухсат бихоҳад, то аз дӯши осмон парчами кибриёии ӯро бигирад. Ин ҷо манзур аз дӯши осмон гирифтани алами кибриёӣ – ҳамон мақоми баланди ишқ аст, ки асли маърифат дар он бошад:

*Эй ишқ, рухсат аст, ки аз дӯши осмон*
*Бар дӯши худ ниҳам алами кибриёи ту.*

Зимнан ин ҷо Файзӣ ба ҳамон мавзӯи бори амонат ишорат мекунад, ки Ҳофиз онро ба гунаи зайл тавзеҳ дода:

*Осмон бори амонат натавонист кашид,*
*Қуръаи фол ба номи мани девона заданд.*

Дар андешаи Файзӣ ошиқон ҳамеша беқароранд ва сӯзи дарунии ошиқ ҳамеша мӯҷиби саодатёрии ошиқи роҳи ҳақ аст. Таҷаллии офтоби ишқ ҳамеша ғаму дарду кудуратро аз вуҷуди ишқ мебарад:

*Намонд гиря шаби васл беқароронро,*
*Суҳайли талъати он моҳ бурд боронро.*

Ишқ дар калом ва тафаккури Файзӣ метавонад аз дида бурун ояд, яъне аз чашм ошкор гардад ва бо ин ҳама вусъат дар синаи кӯчаки инсони ошиқ метавонад бигунҷад. Аз ин рӯ, шоир ин вежагии ишқро ба унвони як фусуни ишқ муаррифӣ мекунад, ки аз азамат ва шукӯҳи он берун омадааст:

*Ҳайрони фусунсозии ишқам, ки хаёлат*
*Аз дида бурун ояду дар сина нагунҷад.*

Дар баробари нуфузи мавзӯи ишқ, ки ба шахсияти ирфо-

нии солики тариқат пайванди муҳкам дошта, ба истилоҳ бештар шарҳи ҳоли сӯхтадилонро тафсир мекунад, Файзӣ ба баррасии шахсияти зоҳид ҳамчун обиди холӣ аз ишқу муҳаббат мепардозад.

Маълум аст, ки мақоми зоҳид ҳамеша дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик дар муқобили ринду орифи покизасиришт қарор дорад, чун сифати зоҳид ҳамеша зуҳдпарастии хушк ва риёкорист. Аз ин рӯ, Файзӣ низ чун дигар суханварони форсу тоҷик ҳамеша зуҳду риёи зоҳидро мавриди накӯҳиш қарор дода, ҳатто онро гуноҳи азим мешуморад ва зоҳидонро даъват мекунад, ки аз ин зуҳду риё тавба бикунанд:

*Файзӣ, аз пири муғон файз агар мехоҳӣ,*
*Тавба аз зуҳду риё кун, ки гуноҳест азим.*

Ин ҷо маълум аст, ки ҳамеша зоҳид дар муқобили пири муғон қарор гирифтааст ва шоир бар худ муроҷиат мекунад, ки агар файзе аз баракоти домани пири муғон – муршиди комили хеш гирифтан мехоҳӣ, тарки он рӯю риё кун. Сифатҳои бади зоҳидро тавассути вожагони «тардоманӣ», «зарқолуда», «худпарастӣ», «каҷнишин» ва амсоли ин шарҳу тафсир мекунад, ки ҳамоно калимаҳои мазкур ифодагари амалҳои ғайриматлуби вай дар сурати риёкорӣ ва гунаҳёрӣ маҳсуб мешаванд:

*Зоҳид, аҷаб, ки пок зи тардоманӣ шавӣ,*
*Далқи туро агар накунад шустушӯ қадаҳ.*

* * *

*Ридои зарқолуди ту, зоҳид,*
*Нагардад ҷуз ба хуни дида тоҳир.*

* * *

*Зоҳид, гузар аз зарқ, ки зуннори муҳаббат*
*Торест, ки дар хирқаи пашмина нагунҷад.*

Аз ин ҷост, ки зоҳид дар андешаи Файзӣ шахсияти холӣ аз садоқат ва бесӯз буда, бесӯзии вай ё ба таъбири шоир «гиряи бесӯз»-аш ҳамоно муфассири риёкории ӯст, чун худро

зоҳиран ба мардум пурсӯз вонамуда, гиряҳое холӣ аз дарду сӯз мекунад:

*Бесӯз бувад гиряи зоҳид, аҷабе нест,*
*Дар оташ агар ҳимаи намнок насӯзанд.*

Дар идомаи ин баррасиҳо аслан Файзӣ низ чун дигар шоирони ориф зиёрати Каъбаро амри зоҳирӣ мепиндорад ва бештар тақозои он мекунад, ки бояд дар фикри зиёрати каъбаи дилҳо бошем. Аз ин рӯ, дар миёни мафоҳими роиҷи ашъори Файзӣ «Каъба» низ бо фарогирии мазмунҳои сарчашма дар чунин андешаҳо дошта фаровон ба чашм мерасад. Тавре ки аз ашъори гузаштаи суханварони форсу тоҷик ҳувайдост, бештар ин вожа ба маънии хонаи Худованд истифода мешавад. Аммо шоирони ориф бо истифода аз ин вожа бештар онро дар мақоми мазҳари зоҳирии Офаридгори пок ба кор бурда, соликонро ба кашфи каъбаи дилҳо, ки хонаи ҳақиқии Худованд аст, даъват мекунанд. Аз ин ҷост, ки вожаи «дил»-ро тавассути таркиби шоиронаи «меҳробгоҳи нур» тафсир мекунад ва мехоҳад, ки бинои Каъбаи нав аз санги Тур бисозад. Бинои Каъбаи нав аз санги Тур сохтан зимнан ифодагари ҳамон мазҳари таҷаллист, ки ҳамоно дили инсони ориф дар назар аст, зеро кӯҳи Тур мазҳари таҷаллии Худованд дониста мешавад.

*Биё, ки рӯй ба меҳробгоҳи нур ниҳем,*
*Бинои Каъбаи дигар зи санги Тур ниҳем.*
*Ҳатими Каъба шикасту асоси қибла бирехт,*
*Ба тоза тарҳ яке қасри беқусур ниҳем.*

Бо такя бар ҳамин маънист, ки гоҳе орифона Файзӣ чун дигар шоирони ориф каъбаи зоҳирро мехоҳад барандозад ва аз он тарҳи дигаре барпо дорад. Ин ҷо манзур аз баршикастани Каъба ҳамоно тақсири таааллуқи зоҳир аст, чун ба зиёрати Каъба рафтани зоирин бештар ҷанбаи зоҳирӣ дорад ва орифон ҳамеша хостори мушарраф гардидан ба васли аслӣ ҳастанд:

*В-ин Каъба, ки ҳуҷҷоҷ барафрохта онро,*
*Андохта, чун дайр асосе бифарозем.*

Дар робита ба мавзӯи баҳси мазкур равшан мегардад, ки зиёрати хонаи Каъбаи зоҳир барои аҳли ирфон пайванди берунӣ дорад ва онро риндон гоҳе ба сурат инкор мекунад ва мехоҳад мастона аз кӯи қофилаи каъбаравони зоҳир бигзарад:

*Пай кардани ҷаммоза дар ин роҳ савоб аст,*
*Бар қофилаи каъбаравон маст битозем.*

Аммо эҳсос мешавад, ки Файзӣ ҳамоно орифонаву риндона манзур аз Каъбаи зоҳир вуҷуд ё ҷисми инсонро дар назар дорад, ки бояд шикаста шавад, то аз маҷмӯи тааллуқоти дунявӣ вораҳад:

*Қадаҳнӯшон зи пеши Каъба бигзар,*
*Зи бадмастӣ дару девор бишкан.*

Файзӣ бо он ки суханвари ғазалсарост, аммо дар сурудани ашъори дорои мазомини ахлоқӣ низ маҳорати тамом нишон дода, каломи ҳакимонаашро барои тарбияи ҷомеа баён доштааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки доираи мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Файзӣ пурвусъат буда, дар он умдатарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ тавассути корбурди шеваҳои хоси ҳунари шоирӣ баён гардидаанд. Дар андешаҳои Файзӣ ҳамеша тарғиби саховату олиҳимматӣ, дурӣ ҷустан аз худситоиву ғурур, накӯҳиши худписандон ҷойгоҳи махсусе касб намудааст. Аз ҷумла, ӯ ба пайравону шогирдони хеш ҳамеша талқин менамояд, ки худписандиро ҳаргиз ба хеш раво надоранд ва аз худписандон канорагирӣ кунанд. Барои собит намудани ин андешаи худ шоир ба дарахти Тӯбо, ки намоди дарахти бузургу болоқади биҳиштӣ аст, масал мезанад, ки ҳаргиз пеши сари назарбаландон хам намешавад. Ин ҷо манзури шоир аз дарахти Тӯбо афроди бомаърифат ва соҳибандешаву хушхулқ мебошад:

*Худписандӣ макун, ки аҳли назар*
*Кам писанданд худписандонро.*
*Сари тӯбо фурӯ намеояд*
*Пеши сарват назарбаландонро.*

Адаб ва фазилатҳои барҷастаи он ҳамеша дар андешаи суханварони форсу тоҷик мавриди ситоиш қарор гирифтааст. Файзӣ низ дар каломи хеш инсонро талқин бар он мекунад, ки ҳамеша сар аз замини адаб бармадорад, яъне дар риояти адаб қарор бигирад, ки соҳиби эътибору манзалат аз рӯи он мегардад. Шоир мақоми адабро ба нақшу асари аҳли назар пайванд мекунад, ки барои хок аз баракоти ин назар ва адабу камолоти инсонии хеш хосияти ҳумо мебахшад. Ба ибораи дигар хокро бо назар кимиё мекунад:

*Сар аз замини адаб бармадор, к-аҳли назар*
*Ба хок хосияти сояи ҳумо бахшанд.*

Андешаи заҳматкашӣ ва кӯшиш дар зиндагӣ низ дар андешаҳои ахлоқии Файзӣ ҷойгоҳи муайян дорад. Ӯ мӯътақид аст, ки инсон ҳамеша тавассути меҳнат ва заҳмат манзилате касб мекунад, ончунон ки номи Фарҳод тавассути кӯҳ кандани вай дар роҳи муҳаббати Ширин ҷовидонӣ шуд ва худи вай арҷманд гардид:

*Ҳар кас ба кор мартабаи арҷманд ёфт,*
*Фарҳод кӯҳ канду мақоми баланд ёфт.*

Дар давоми ин андешаҳо Файзӣ бо ситоиш аз мардумони заҳматкаш ҳамеша аз одамони беҷогарду бекор мазаммат мекунад ва онҳоро ба беҳудагардӣ накӯҳиш мекунад. Ҳатто ба иллати он ки ин афрод раҳи рост аз каҷро намедонанд, хонаи аслии дӯстро гузошта, ба роҳи Каъба мераванд. Дар ин маврид назари Файзӣ бар сӯи он афроди зоҳирпараст аст, ки танҳо барои худнамоӣ ба хонаи Каъба меравинду даст аз амалҳои нек бармедоранд:

*Маҳмили дӯст гузоранду раҳи Каъба раванд*
*Ҳарзагардон, ки надонанд раҳи рост зи каҷ.*

Дар робита ба ин масъала Файзӣ аз хоксориву тавозӯъ ситоиш мекунад ва ба ин натиҷа мерасад, ки одамони донишвару соҳибназар ҳамеша дар мақоми тавозуъ қарор доранд, аммо ҷоҳилон дар пайи ҷаҳолати хеш сарбаландиву саркашӣ варзанд:

*Дар тавозуъ бувад ба оламиён,*
*Ҳар киро илм дилнишин афтад.*
*Сарбаландию саркашӣ талабад,*
*Ҳар киро ҷаҳл дар камин афтад.*
*Ҳар ду дар кори хеш маъзуранд,*
*Олиму ҷоҳил инчунин афтад.*

Аз ин рӯ, Файзӣ дар фуроварди ин суханаш одамони ҷоҳилро шабеҳи меваи хом медонад ва донишваронро мисли меваи пухта, ки ҳамеша дар замин, дар мақоми хоксорию фурутанӣ ҳастанд:

*Меваи хом саркашида бувад,*
*Чун шавад пухта, бар замин афтад.*

Бо шарҳу тавзеҳи ин ақида дар мавриди дигар Файзӣ аз мардум тақозои онро мекунад, ки агар роҳати инҷаҳонӣ мехоҳед, бояд тамоми умр хокнишин, яъне хоксору фурӯтан бошед. Барои исботи назари хеш шоир ба найшакар масал мезанад, ки бар асари наздик буданаш бар замин ҳамеша ширин аст:

*Гар ҳаловат зи умр мехоҳӣ,*
*То бувад умр, бош хокнишин,*
*Ки зи найшаккар аст ширинтар,*
*Он чи наздиктар бувад зи замин.*

Дар байте аз ғазали дигараш Файзӣ ин матлабро ба гунаи дигар тавзеҳ медиҳад ва талқин менамояд, ки инсон набояд

ҳаргиз ба маснаду сарбаландии инҷаҳонӣ мағрур шавад. Ӯ муроҷиатан ба афроди мутакаббир ин мулоҳизаро баён медиҳад ва иброз медорад, ки мунтаҳо ба даруни хок аз ин мақоми баланди ғурур поин хоҳӣ омад:

*Ба сарбаландию маснад маноз эй мағрур,*
*Ки сарнигун ба даруни мағок хоҳӣ шуд.*

Шоир бо ифодаи ин маънӣ мардумро ба хоксориву фурӯтанӣ даъват мекунад, ки ба таъбири худи вай ҳаловати умр дар он ниҳуфааст.

Дил бастан ба шодмонии ҷаҳон низ дар андешаи Файзӣ амри номатлуб аст, чун ин ҷаҳони гузарон ҳамеша шодиву андӯҳро дар канори ҳам гузоштааст ва инсон бояд на ҳамеша ба шодмонии замон дил бибандад. Аз ин рӯ, ӯ талқин менамояд, ки ҳаргиз ба шодии ҷаҳон дил бастан нашояд вагарна то абад дар андӯҳи бузург хоҳӣ монд. Ваҷҳи аслии баёни ин андеша он аст, ки шодиву нишоти инҷаҳонӣ нопойдор ва зудгузар аст:

*Ба шодмонии айём дил манеҳ зинҳор,*
*В-агарна то абад андӯҳнок хоҳӣ шуд.*

Файзӣ ахлоқи зишту сифоти разилаи инсониро мазаммат намуда, кинаварзиро барои мусалмон амали нораво меҳисобад. Аз ин рӯ, шоир шахсеро, ки кина бар дил мегирад, инсони худонотарс шуморида, аз дасташ фиғон бармедорад. Ин ҷо ҷавҳари аслии андешаи ахлоқии Файзӣ дар он зуҳур мекунад, ки одамӣ бояд ҳамеша аз кинаву кудурат дурӣ ҷӯяд, чун кина амали зишт ва ҳатто ғайриинсонӣ мебошад:

*Мусалмонон, фиғон, к-он нохудотарс*
*Мусалмон асту дар дил кина дорад.*

Вобаста ба ин, бадгӯиву бадандеширо низ аз аз хислатҳои номатлуби инсонӣ шуморида, таъкид мекунад, ки аз ҳар кӣ сухани бад бишнидӣ, дар посух харгиз нисбат ба вай бад

магӯ, ки ин амали хайру савоб набошад. Хайри ин амр дар он аст, ки ҳар ҳарфро аз забони худи кас бишнавӣ, то дар гумони бад намонӣ, ки бадгумонӣ низ аз ҷумлаи амалҳои зишти инсонӣ маҳсуб мешавад:

*Файзӣ, чу шунидӣ аз яке бад,*
*Зинҳор, ки бад магӯй вайро.*
*Рав, гӯши яқин кушову бишнав,*
*Занну билмуъминина хайро.*

Файзӣ ҳасудонро мавриди интиқод ва мазаммат қарор дода, онҳоро ба сафоли тира монанд мекунад. Шоир бар ин назар мерасад, ки аз афроди ҳосид, ки ба кинаварзон наздикӣ доранд, ҳаргиз равшании дил набояд ҷуст, чун миёни сафои дил ва шахси ҳосид фосила то ҷое аз сафоли тира то ҷоми офтоб аст:

*Тамаъ мадор зи ҳосид фурӯғи дил, Файзӣ,*
*Сафоли тира куҷо, ҷоми офтоб куҷо?*

Шоир дар яке аз рубоиёт хомӯширо авло донистан дар ҳангоми ба хашм омаданро талқин мекунад ва каси осуда ҳамонеро мешуморад, ки дар чунин ҳангом хамӯш меистад:

*Моем ба лаб суханфурӯш афтода,*
*Ҳар сӯ зи забони мо хурӯш афтода.*
*Осуда касе, ки хамчу ханҷар ба миён*
*Бо теззабонист хамӯш афтода.*

Васфи баҳору тараннуми Наврӯз аз қадимтарин даврони шеъри форсӣ дар сурудаҳои шоирони форсу тоҷик аз мавзӯоти меҳварӣ ба шумор омада, зуҳури тасвирҳои ҷаззобу ҷолиб ба баҳонаи офариниши манзараҳои дилфиреби ин фасли пуршукӯҳ дар таҳкими ҷанбаҳои ҳунарии шеър нақши муассире аз худ гузоштааст. Шоирони форсигӯ пайваста манозири сабзрангу дилкаши баҳорро бо қалами сеҳрангези хеш ба боргоҳи шеър ворид сохта, эҳсоси зебоипарастиро ба

ин роҳ дар ниҳоди хонандаи сурудаҳояшон боло бурдаанд. Каломи Файзӣ низ аз ин маҷзубияти таровати баҳор ва ҳусни дилрабои он истисно нест ва ҳарчанд ҷашни Наврӯз дар қаламрави Ҳинд на дар ҳамаи давраҳо таҷлил меёфт, аммо дар тафаккур ва андешаи шоирони он ҳамоно ҷаззобияту хусусиятҳои Наврӯз боқӣ мондааст, агарчи камтар ба мушоҳида мерасад. Файзии Файёзӣ дар шумори ҳамин гуна суханварони Ҳинд қарор дорад, ки каломи ӯ саршори фазилатҳои накӯи баҳор ва тасвири баҳорӣ буда, дар канори ин шояд яке аз камтарин шоирони сабки ҳиндист, ки ба васфи Наврӯз ҳам пардохтааст. Мурур ба ғазали наврӯзии ӯ ин ҳақиқатро ошкор месозад, ки Файзӣ ба ин ҷашни ҳумоёнии мардумони форсизабон чун рамзи хубиву хушиҳои умр ва иди шодкомиҳои инсонӣ назар меафканад ва дар айёми Наврӯз мардумонро ба нишоту фараҳ ва хушнудӣ даъват мекунад. Аз матлаъи ғазали мазкур пайдост, ки Наврӯзи рамзи шодкомиҳои инсонро шоир бо ҷоми маю соғари нишот тавъам пайдо мекунад, ки ин ваҳдати шодиофариниҳо дар гулшану боғи сабзранг хушу гуворост:

*Соқиё, имрӯз Наврӯз асту фардо рӯзи ид,*
*Як-ду рӯзе метавон ҷоми маю соғар кашид.*
*Ҷоми май бар даст гиру по ба гулшан неҳ, ки боз*
*Бод дастафшон даромад, об покӯбон расид.*

Таркибҳои «дастафшон омадани бод» ва «покӯбон расидани он» аз назокати тасвирҳои баҳории Файзии Файёзӣ башорат медиҳад. Ҳарчанд ин ҷо таъсире аз тасвирофаринии Ҳофизи Шерозӣ аз байти зерин ба мушоҳида мерасад, аммо мурур ба аъмоқи тасовири ҳар ду шоир собит месозад, ки Файзӣ таркибҳои Ҳофизро ба сурати тоза дароварда, аз сарҳади пайванди он ба инсон ба табиат бурдаву шоирона санъати ташхисро корбаст намудааст:

*Чу дар даст аст руде хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,*
*Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем (30, 219).*

Агарчи дар каломи Ҳофиз ҳам дастафшонӣ ва ҳам пойкӯбӣ ба худи шоир мансубият доранд, дар шеъри Файзӣ аз асари ҳузури Наврӯз ва баҳор бод даст меафшонаду об пой мекӯбад, ки ҳар ду шоирона ва тасвири ҷаззобе ба шумор меравад.

Фалсафаи ғанимат шумурдани умр дар айёми Наврӯз ба тасвири манозири зебои баҳор дар шеъри Файзии Файёзӣ бо ҳам омадааст ва барои ҳамин аст, ки ӯ ишрату нишоти рӯзҳои Наврӯзро, ки ба шарафи ин ид барои инсон соле як бор насиб мегардад, ғанимат мешуморад ва хонандаи худро ҳам даъват ба он мекунад, ки ба қадри ин шодмонӣ бояд расид, зеро имрӯз накд аз фардои нася беҳтар аст:

*Ишрати Наврӯзро натвон ба ид андохтан,*
*Доди айш имрӯз бояд дод, фардоро кӣ дид?*

Ибораи «доди айш додан» ба маънии дар ҳадди ниҳоии шодмонӣ ва сурур қарор гирифтан ба кор рафтааст, ки навъе ба таркибҳои шоиронаву марбут ба ҳолу ҳавои наврӯзонаи инсон мекунад. Боз ҳам Файзӣ ба сафари инсон дар домани гулзору боғу сабзазор таъкид мекунад ва ҳамзамон дар иртибот ба ҳамон маънии болоии ғанимат шумурдани умр шикастани тавбаро аз рукнҳои аслии шодмонии Наврӯз мешуморад ва ҷолиб он аст, ки бо корбурди унсурҳои баҳорӣ таркиби зебои шоиронае ба сурати «хирқаи тавбаро ба монанди ғунчаи гул даридан» меофарад.

*Домани гулзорро чун сабза мебояд гирифт,*
*Хирқаи сад тавбаро чун ғунча мебояд дарид.*

Дар идомаи ин ғазал боз ҳам ҳамин шеваи тасвирсозиро тавассути ба кор гирифтани унсурҳои баҳорӣ идома медиҳад ва Файзӣ таблиғи дар авҷи шодиву ишрат будани инсонро ба шарафи баҳор ба сурати «доман – доман аз гулзори ишрат гул чидан» ба қалам овардааст, ки ин навъ тасвиру таркибҳои шоиронаи ӯ назокати хос ва тозагиҳои ҷолибе дар худ доранд. Ба ин хотир аст, ки дар мисраи аввали ин байт домани суҳбат хуш будан низ ба навъе аз ин гуна тасовир ва

таркибҳо сохта шудааст, ки хеле ҷаззоб аст ва шоир бо таъкид бар ин матлаб ишорат мекунад, ки марди оқил дар айёми Наврӯз хушдил аз он хоҳад буд, ки ин рӯзҳоро ғанимат шуморад ва ба шодии баҳорӣ сипарӣ намояд

*Оқилонро домани суҳбат аз он чандин хуш аст,*
*Ҳар кӣ доман-доман аз гулзори ишрат гул начид.*

Андешаи ба шодмониву нишот тай кардани баҳор ва ҳамчун рамзи фурсати хуби умр донистани ин айём дар аксари сурудаҳои баҳоронаи Файзии Файёзӣ ба мушоҳида мерасад. Ин аст, ки ҳар ҷо ки баҳор аст, он ҷо бояд нафас-нафас шодӣ бихандад ва ҳавои қадаҳ ҷилвагар гардад. Ба ин хотир аст, ки маҳз дар айёми баҳор Файзӣ инсонро барои боз кардани дастони худ ба сӯи қадаҳ даъват мекунад ва ин даъват албатта рамзист, яъне ба сӯи қадаҳ даст дароз кардан ишорате ба шодиву нишот кӯшидан бошад:

*Баҳор шуд, бикушо дасте аз барои қадаҳ,*
*Ки давр даври гул асту ҳаво ҳавои қадаҳ.*
*Нафас-нафас ғаму шодист дурднӯшонро*
*Зи гиряҳои суроҳию хандаҳои қадаҳ.*

Албатта, ин андеша ҳамеша дар шеъри шоирони пешини мо ҳам ҷилваҳои хосе доштааст ва он ҷо ки Ҳофизи Шерозӣ ҳам фармуда:

*Гул бе рухи ёр хуш набошад,*
*Бе бода баҳор хуш набошад (30, 97).*

Миёни сурудаҳои Файзии Файёзӣ ғазалҳое ҳам ба чашм мерасанд, ки ба ҳукми васфияҳои фасли баҳор саропо тасвири манозири ин фасли дилфиребу солро фаро гирифтаанд. Маҳз, муъҷизаи баҳор аст, ки дар андешаи шоиронаи Файзии Файёзӣ хоки чаманро аз асари борони баҳорӣ ба мушки таторӣ табдил медиҳад ва боди баҳорӣ бошад, оташи гулро тез мекунад, яъне, суръати шукуфтан ва таҷассуми ҷилваҳои

гулистонро тез мекунад:

*Хоки чаман шуд зи абр мушки таторӣ,*
*Оташи гул тез кард боди баҳорӣ.*

Дар идомаи ин ғазал боз ҳам тасвире баҳорӣ бо рангу таровати хос ба зуҳур мерасанд. Шоир гузашта аз тасвири эъҷози баҳор дар офариниш сурат ба тасвири накҳати баҳоронаи гулу гиёҳ мерасад ва атри шукуфаҳоро ба қурсаи кофур ва сунбули мушкинро ба бӯи сӯхтаи уди қиморӣ шабоҳат медиҳад, ки тасвире нодир дар баҳориёҳои шеъри форсӣ маҳсуб мешавад:

*Қурсаи кофур рехт шоху шукуфа,*
*Сунбули мушкин бисӯхт уди қиморӣ.*

Манзараи ҷолибе, ки дар тасвирҳои ин ғазал ҳувайдост, ба сурат даровардани гулҳои шукуфтаи сари шохаҳои дарахтон аст, ки онро шоир ба тифлоне монанд мекунад, ки дар чӯбро асб пиндошта, бо он бозӣ мекунанд. Ба назар мерасад, ки воқеан ин тасвири гулҳои шукуфтаи сари шохи дарахтон шабеҳе дар сурудаҳои дигарон надорад ва маҳсули тахайюли баландпарвози шоир ба шумор меравад:

*Бар сари ҳар шох ҷилвагар шуда гулҳо,*
*Карда чу тифлон ба аспи чӯб саворӣ.*

Файзии Файёзӣ манзараи гулистонро ба ҳолате ташбеҳ мекунад, ки хок ба монанди об оинадорӣ мекунад. Одатан вақте тасвири гулҳо ба рӯи об меафтад, саҳни об ба гулистон шабоҳат пайдо менамояд. Ин манзараро Файзӣ бар асари мукаммал будани гулҳои гулшан ба ҳамон саҳнаи об монанд мекунад, ки гӯё гулистонро хок мунъакис шудааст ва пайванди зебоӣ додани гулҳо бо дӯшизагони шармгин тасвире ҷолиб аст ва ибораи «дӯшизагони хиҷлаи гулшан» истиораи гулҳои нозуку зебоандом мебошад:

*Аз паи дӯшизагони ҳиҷлаи гулшан*
*Обсифат хок кард оинадорӣ.*

Дар ҳамин маврид ҳам андешаи Файзӣ боз ба кӯшиши шодмон сипарӣ кардани умр гиреҳ мехӯрад ва ба ин хотир аст, ки дар баробари лаззат бурдан ва файз гирифтан аз маҷмӯи назокат ва ҷазаботи баҳор инсонро ба гулафшониву бодагусорӣ даъват мекунад. Ҷолиб он аст, ки барои шинохту маърифати ин ҳама ҷазаботи ҳусни баҳор шоир таъбире ба сурати «дил ба дасти дида супоридан» офаридааст, ки воқеан муассир, ноб ва беназир аст:

*Даври назарбозиясту ҳуснпарастӣ,*
*Вақти гулафшониясту бодагусорӣ.*
*Ғунчаву наргис расидаанд фароҳам,*
*Кӯш, ки дилро ба дасти дида супорӣ.*

Шукуфтагии гулҳо ба ҳадде назокат ва зебоӣ офаридааст, ки барои бардошти воқеии ҳам ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ кардан шоир инсонро даъват мекунад, ки дилро ба ҷои дида гузорад, то ин ҳама ҳусну малоҳати баҳорро ба сурати асл бибинад. Ба ин хотир аст, ки боз ҳам дар ниҳояти натиҷагирӣ аз ин тасвирҳои баҳорӣ Файзӣ фалсафаи шод ба сар бурдани умрро дар айёми баҳор талқин мекунад ва даъват менамояд, ки агар марди оқилӣ ҷоми маю турраи соқиро аз каф намегузорӣ. Аз каф нагузоштани ҷоми май танҳо шаробнӯшии зоҳирӣ нест, балки боз ҳам ин ҷо даъвати Файзӣ ба ғанимат шумурдани айёми баҳор ва файзгирӣ аз маҷмӯи назокатҳои он аст:

*Ҷоми майи лолагуну турраи соқӣ,*
*Файзӣ, агар оқилӣ, зи каф нагузорӣ.*

Ҳамин рамзи хушиву нишоти умр будани баҳор, ки тавассути баёноти ба каф гирифтани қадаҳ ва майгусорӣ дар айёми ин фасли гуворо тазаккур ёфтааст, дар мавридҳои зиёде дар сурудаҳои Файзии Файёзӣ тасвир мешавад, ки овардани чанд намунаи дигар аз аҳаммият холӣ намебошад:

*Зи қадр панҷа ба хуршед метавонад зад,*
*Дар ин баҳор касеро, ки ҷоми май ба каф аст.*

*Чаро ҷигар нахарошад ҳарифи маҷлисро,*
*Ки аз камончаи мутриб хаданг бар ҳадаф аст.*

Ҳатто ба таъкиди Файзӣ онҳое, ки ба қадри баҳор намерасанд ва ононеро, ки ин фурсатро муғтанам шуморида, дар лаҳазоти хуши баҳор ба нишот машғул ҳастанд, мебинанду рашк хоҳанд бурд. Бар ҳамин ваҷҳ аст, ки дар идомаи ҳамин сурудаи Файзӣ ғофил набудан аз гузашти баҳор махсус таъкид мегардад:

*Мабош ғофил аз ин нимаи баҳор, ки монд*
*Дар ин замон, ки зи моҳи рабеъ мунтасаф аст.*
*Хуш он касе, ки чу Файзӣ ба даври давлати шоҳ*
*Зи бода дар кафи ӯ ҷоми офтобтаф аст.*

Намунаи дигар аз ин гуна сурудаҳои Файзии Файёзӣ, ки баҳорро рамзи хушии рӯзгор мешиносад ва ҳамеша даъват ба шодмониву хушнудӣ мекунад:

*Дар фасли навбаҳор хуш онҳо, ки мекашанд*
*Дар пои гул суроҳию бар тарфи ҷӯ қадаҳ.*
*Файзӣ, агар касе зи ту пурсад ба даври гул,*
*К-аз базми подшоҳ чӣ хоҳӣ? Бигӯ: Қадаҳ!*

Дар миёни сурудаҳои баҳорияи Файзӣ пайванди баҳору тасвири манозири он бо рӯҳоният ва ҳолоти зиндагонии инсонӣ сахт муҳкам аст ва гоҳе шоир ҳунармандона ба тасвири куллиёти баҳор пардохта, мунтаҳо кам будани фурсати умр ва худгузар будани онро дар сурати баҳор тафсир мекунад. Ғазале бо радифи «шох» дар Девони Файзӣ омадааст, ки билкул тасвири манзараҳои баҳорро дар худ ҷой додааст ва дар он ҷилваи шох аз боди баҳор ва шукуфтани гулҳо дамидани хуршед ба мушоҳида мерасад:

*Кард аз боди баҳорӣ ҷилва шох,*
*Ғунчаи дилтангро шуд дил фарох.*
*Гул баровард аз ниқоби ғунча сар*

*Субҳ чун хуршед аз ин фирӯза кох.*

Дар абёти боло шоир шукуфтани гулро ба сурати фарох шудани дили танги ғунча ва дамидани субҳро ба бурун омадани хуршеди баҳорӣ аз кохи фирӯза шабоҳат додааст, ки тасвирҳои ҷаззоберо рӯнамоӣ мекунанд. Дар идомаи ғазали мазкур дамидани лола аз сари кӯҳ ба ҷаҳидани оташ аз санглох монанд шудааст ва ба таъкиди шоир нақшбандони латофат саҳифаи рӯи гулро барои рӯйнавискунии ҳусни зебоӣ бо худ мебаранд ва мурғи рӯҳи булбулони чаман аз файзи ин гулистон ба осмонҳо ба парвоз меояд:

*Лоларо бингар, ки сар барзад зи кӯҳ,*
*Ҳамчунон к-оташ ҷаҳад аз санглох.*
*Нақшбандони латофат мебаранд*
*Сафҳаи гулро зи баҳри интисох.*
*Мурғи рӯҳи андалебони чаман*
*Мепарад бар кунгури кохи самох.*

Дар паси ҳамин тасвирҳост, ки Файзӣ ба фалсафаи бебақоии умр мепардозад ва бо он ҳама назокату зебоӣ даъват бар он мекунад, ки ба ин гулистон дилбастагӣ нашояд, зеро дар пайи он хазонҳост. Аз назари дигар маълум мешавад, ки ин ғазалро шоир дар айёми пирии хеш сурудааст:

*Дил дар ин гулзор мебастам, вале*
*Баргрези умр наздик аст, ох!*
*Килки Файзӣ медиҳад гулҳои тар,*
*Меравад маънии рангин шох-шох.*

Дар байти мақтаъи ғазал нуктаи дигаре,ки ҷилвагар мешавад, он аст, ки каломи Файзӣ ҳам аз асари баҳор муассир мешавад ва маҳсули хомаи ӯ ҳам гулҳои шеъри тар меофараду маъниҳои рангине аз он бурун метаровад.

Ба ғайр аз ғазалиёт дар дигар осори Файзӣ низ сурудаҳои васфи баҳор ба мушоҳида мерасанд, ки маҳсули хомаи сеҳрангези шоир ва тасвирофарини ӯ мебошанд. Файзӣ роҷеъ

ба рӯзгори хеш қасидае зери унвони «Нашидуссафир» нигоштааст, ки дар он масоили зиндагии шоир ва мусофиратҳои ӯ ба қалами тасвир даромадаанд. Ҷолиб аст, ки ба бахше аз ин китоб шоир васфи баҳори Дакан ҷаззобу муассир тасвир намудааст. Шоир нахуст ба расидани худ ба мулки Дакан ишорат мекунад, ки маълум мешавад ҳангоми бозгашт аз ягон мусофирати хеш ин қасидаро сурудааст:

*Расидам ба мулки Дакан шоду хуррам*
*Ба васли нигорону фасли баҳорон.*
*Сабо хурда мебехт бар оби Халлух,*
*Чаман ханда merехт бар хоки Канъон.*
*Зи гулгунии лолаҳои шукуфта*
*Ҳама кӯҳҳо пур зи лаъли Бадахшон.*

Шукуфтани чаманро ба хандаи он монанд кардани шоир тасвири пурназокат ва ҷаззобест, ки асар ва шукӯҳи баҳорро дар мулки Дакан тафсир мекунад. Ҷилваи лолаҳои саҳни чаманро шоир ба дастони хуншудаи бӯстони Миср аз тамошои ҳусни Юсуф монанд кардаву шукуфтани гулҳои зардро ба берун омадани зар аз кисаи ғунчаи гул, ки воқеан ба зуҳури тасвирҳои нодир дар баҳорияҳои Файзӣ ишорат мекунад:

*Чу дасти маломатгарони Зулайхо*
*Кафи гул ба сад пора дар Мисри бустон.*
*Ҳама лоларо анбари тар ба ҳован,*
*Ҳама ғунчаро хурдаи зар ба ҳамён.*
*Ба зангоргун сабза печида сунбул*
*Чу бар сабзаи сабз тавқеъи райҳон.*
*Ба оини шоиставу тарзи фаррух,*
*Хирадманди давру худованди даврон.*
*Ба ишрат сар афрохт Бурҳон, ки омад*
*Бароmад ба расми пазиро ба сомон.*
*Баророст боғе ба буъди ду фарсах,*
*Бипирост базме ба қурби ду майдон.*
*Ҳам аз лолаву гул, ҳам аз хаззу аксун*
*Баҳори чаманро талаввун дучандон.*

Дар фуроварди тасвири шукуфаҳои гулу сунбул, ки ба рангорангии баҳор таъкид доранд, баҳори Даканро шоир зиёдатар аз шукӯҳи баҳорони дигар манотиқи Ҳинд муқаррар мекунад, ки дучандон аз онҳо нусрату нуфуз дорад ва ин маъниро ба таркиби «талаввуни дучандон» тафсир намудааст.

Ҳамин тавр, бо таваҷҷуҳ ба тасвири Наврӯзу тараннуми назокати баҳор дар шеъри Файзии Файёзӣ маълум мегардад, ки ин шоири соҳибноми сабки ҳиндӣ чун суханвари тасвирофарин ва тозаназар дар баёни маҷмӯи назокати ин фасли ҷавониву назокат ва сабзпӯш маҳорати баланди ҳунарӣ аз худ зоҳир намудааст. Дар канори ин, маҷмӯи тасвирҳои шоир тозаву махсуси андешаву тахайюли ӯ буда, ба таҳаввули ҳунари тасвирсозӣ, таркибофаринӣ ва дарку маърифати зебоиву назокати баҳор дар сурудаҳои шоир ишорат мекунад.

Дар адабиёти форсу тоҷик қасидаҳо маҷмӯан ҳарчанд бештар ба мавзӯоти ҳамду наът ва мадҳу ситоиш суруда шудаанд, аммо ба назар мерасад, ки дар мароҳили баъдии адабиёт, тасаввуф ва фалсафаву ҳикмат низ дар муҳтавиёти ин навъи адабӣ ҷойгоҳи хосае касб намудаанд. Файзӣ низ ҳамин роҳи бузурги қасидасароёнро дар адабиёти форсу тоҷик ба шоистагӣ идома дода, муҳимтарин мавзӯоти онро таҷассум намудааст. Ҳарчанд, теъдоди қасоиди Файзӣ чандон зиёд нест, аммо аз лиҳози ҳаҷм ва шумораи абёт қасоидеро соҳиб аст, ки абёти онҳо аз чандсад байт ҳам убур мекунанд. Аммо Шиблии Нуъмонӣ садҳо «қасидаи олӣ ва муассир» гуфтани Файзиро, ки бештари онон ба сурати ифтихория ба қалам омадаанд (72, 31), таъкид намуда, аз ҷумла изҳор медорад, ки дар фахрияи худ ҳамон дабдаба ва шукӯҳу ҷалоли махсуси қасидаро нишон додааст(72, 57-58).

Муҳимтарин мавзӯи қасидаҳои Файзӣ маҳду ситоиши зебоиҳои сарзамини Ҳинд маҳсуб мешавад, ки гоҳе дар алоҳидагӣ ва гоҳе ба таври умум табиати ин сарзаминро ситоиш намуда, бад-ин сурат мақоми ҳунарии хешро дар сурудани қасида нишон додааст. Аз ҷумла, ба қалами шоир қасидае дар мадҳу ситоиши Кашмир – яке аз вилоёти Ҳинд тааллуқ дорад, ки аз ҷаззобият ва назокати хос бархурдор

мебошад. Қасидаи дар васфи Кашмир сурудаи Файзии Даканӣ аз ҷумлаи беҳтарин қасоиди васфии адабиёти форсӣ мебошад. Файзӣ дар қатори шуарои дигар, амсоли Урфии Шерозӣ, Абулфатҳи Гелонӣ, Лутфии Хонсорӣ, Амир Фатҳуллоҳи Шерозӣ, Мир Абулфатҳ, Рафеъи Хуросонӣ ва дигарон дар рикоби Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар ба Кашмир рафта буд (997/1589). Ҳарчанд Файзӣ фосилаи кутоҳ дар ин хитта буд (65, 112), дар ин фурсат барояш муяссар гардид, ки дар васфи манзараҳои дилфиреби ин сарзамини биҳиштосо қасидаи хубу ғарро иншо намояд. Қасида шомили 100 байт буда, дар он табиати Кашмир бо тамоми гулу раёҳинаш ва манозири нотакрораш ба қалам омадааст. Шоир тавонистааст, ки бо ҳунармандии хос табиати Кашмирро пешорӯи мо ҷилвагар созад ва хаёли тафарруҷи боғҳои онро дар олами рӯҳонии инсон тавлид созад.

Аз абёти оғози қасида пайдост, ки он бо сабки салиқаи суханварони сабки ҳиндӣ ба қалам омада, аз таркибҳои номи шоирона бархурдор мебошад. Ҳатто руҷӯъ ба байти аввали қасида ин падидаи ҳунарии ӯро ҷилвагар месозад, ки Файзӣ дар он аз асари расидан ба дидори Кашмир ҳазор қофилаи шавқро шабгир мебинад. Ин ҷо таркибҳои «ҳазор қофилаи шавқ», «бори айш кушодан» аз ҷумлаи чунин таркибот мебошад. Дар байти баъдии он манзараи дидори ин хиттаи зеборо дар вусъати таркибҳои шоиронаи «варақнигори хаёл» ва «нақшбанди замин» гунҷоиш додааст:

*Ҳазор қофилаи шавқ мекунад шабгир,*
*Ки бори айш кушояд ба арсаи Кашмир.*
*Таборакаллаҳ аз он арсае, ки дидани ӯ*
*Варақнигори хаёл асту нақшбанди замир.*

Ҷолиб аст, ки ба хотири риояти вижагиҳои қасоиди дар сифоти манозири табиӣ сурудашаванда бештар аз санъати тасвиф ба кор гирифта, дар чанд байт воқеан таркибҳои тавсифии ҷолиб офаридааст, ки аз ҷумлаи онҳо «корхонаи ибдоъ», «корномаи тақдир» мебошанд. Ҳамчунин, маънибандии шоир ҳам хеле ҷаззобу муассир садо дода, чун ғубори

хоки Кашмирро доруи чашм мехонаду гиёҳашро барои рӯҳ иксир медонад. Дар идома меафзояд, ки оби Кашмир барои ҳар нафари мусофири он чу обу гул ба танаш мувофиқат ва рӯҳнавозӣ ато намуда, ба ҷонаш боду ҳавои ин хитта чун шаккару шир асар мебахшад:

*Ба тарзҳои гузин корхонаи ибдоъ,*
*Ба нақшҳои аҷаб корномаи тақдир.*
*Ғубори ӯ битавон хонд чашмро дору,*
*Гиёҳи ӯ битавон гуфт рӯҳро иксир.*
*Ба тан мувофиқати оби ӯ чу бодаву гул,*
*Ба ҷон муносибати боди ӯ чу шаккару шир.*

Ин қасида тӯлонӣ буда, саропо боду ҳавои Кашмир ва табиати онро шарҳу тафсир мекунад ва метавон гуфт, ки он аз ҷумлаи қасидаҳои беҳтарини дар васфи ин хитта сурудашуда мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки қасидаи «Кашмир»-и Файзӣ дар замони худи шоир шуҳрати чашмгире пайдо кард ва мӯҷиби истиқболи шуарои зиёде, аз он ҷумла устодони сухани Мовароуннаҳр – Муродии Самарқандӣ (54, 179) ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (54, 180) гардид. Матлаи қасидаҳои шуарои мазкур чунин аст:

Файзӣ:

*Ҳазор қофилаи шавқ мекунад шабгир,*
*Ки бори айш кушояд ба арсаи Кашмир.*

Муродӣ:

*Кунун, ки чарх пас аз қарнҳо ба сад тазвир*
*Кашид баҳри нишоти ту соябони ҳарир (54, 179).*
*Нисорӣ: Агарчи рашки биҳишт аст арсаи Кашмир,*
*Чу хоки поки Бухоро набошадаш ба назир (54, 179).*

Бояд гуфт, ки Файзӣ чунин навъи қасоидро дар барои аз ҳусну дилфиребии манотиқи дигари Ҳинд, чун Гуҷрот, Аҷмир ва дигар гушаҳои он низ ба қалам оварда, ки ҳамагӣ ба ҳунари баланди шоирӣ ва мақоми ӯ дар навъи қасидасароӣ паём мерасонанд. Аз ҷумла, вақте ки Файзӣ солҳои 999-

1001/1590-1593 ба сафорат назди Бурҳон Низомшоҳи сонӣ рафта буд, роҷеъ ба табиати минтақаи Дакан ин байтҳоро ба қалам овард:

*Расидам ба мулки Дакан шоду хуррам*
*Ба васли нигорону фасли баҳорон.*
*Сабо хурда мебехт бар оби Халлух,*
*Чаман ханда мерехт бар хоки Канъон.*

Ин ҳам қасидае нисбатан тӯлонист ва Файзӣ дар идомаи он лолаҳои шукуфтаи ин сарзаминро дар кӯҳсоронаш ҳамчун кӯҳсорони сарбаланди пур аз лаъли Бадахшон унвон мекунад ва кафи бӯстонро ба дастони пурхуни маломатгарони Зулайхо ташбеҳ мекунад, ки аз асари таҷаллии ҳусни Юсуф зимни реза кардани меваҳо бурида рафтаанд:

*Зи гулгунии лолаҳои шукуфта*
*Ҳама кӯҳҳо пур зи лаъли Бадахшон.*
*Чу дасти маломатгарони Зулайхо*
*Кафи гул ба сад пора дар Мисри бустон.*

Васфи табиати ин сарзамин бо такя бар гулу райҳону анбари тар, сунбулу сабзаҳои он, райҳону боғҳои мушаҷҷари он идома мекунад ва дар маҷмӯъ қасидаро ба унвони намунаи беҳтарини баҳориёт муаррифӣ мекунад, ки дар давоми он метавонем ин таҷассумро мутолиа намоем:

*Ҳама лоларо анбари тар ба ҳован,*
*Ҳама ғунчаро хурдаи зар ба ҳамён.*
*Ба зангоргун сабза печида сунбул*
*Чу бар сабзаи сабз тавқеъи райҳон.*
*Ба оини шоиставу тарзи фаррух,*
*Хирадманди давру худованди даврон.*
*Ба ишрат сар афрохт Бурҳон, ки омад*
*Баромад ба расми пазиро ба сомон.*
*Баророст боғе ба буъди ду фарсах,*
*Бипирост базме ба қурби ду майдон.*
*Ҳам аз лолаву гул, ҳам аз хаззу аксун*

*Баҳори чаманро талаввун дучандон.*
*Ба садраш яке фарш аз зар фикананд*
*Ситоишкунону ситоишнамоён.*
*Аз аввалсухан гуфтам аз молу давлат*
*Дигар аз дари ҳикмату илми Юнон.*
*Ба дастам бибурду бад-он ҷой биншонд,*
*Ки гӯӣ бари хулд аз он гашт урён.*

Тавре таъкид намудем, дигар аз мавзӯи қасидаҳои Файзиро бозтоби масоили фалсафиву ахлоқӣ ва ирфонӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ин замина яке аз муҳимтарин қасоиди дорои мазомини ахлоқиву ирфонӣ ва фалсафии ӯ қасидае ба шумор меравад, ки бо абёти зайл шурӯъ мешавад:

*Мо тоири қудсем, наворо нашиносем,*
*Мурғи малакутем, ҳаворо нашиносем.*
*Бурҳони субутем, зи мо нафй наёяд,*
*Аз мо наъам омӯз, ки лоро нашиносем.*

Аз байти аввали қасида ҷанбаҳои ирфонии он равшан ҳувайдо мегардад. Аз ҷумла, ибороти «тоири қудс» ва «мурғи малакут», ки аслан кинояи аз одам, инсон бошанд, ин ҷо ба маънии солики роҳи тариқат ба кор рафтаанд. Дар идомаи ин қасида боз ҳам ҷанбаҳои ирфонии он тақвият касб мекунад. Масалан, шоир барои кашфи ҳақиқат такя бар қалб ё ба таъбири урафо дар худ фурӯ рафтанро асос ба шумор оварда, далелу бурҳони ақлонии ҳукаморо қабул надорад. Ин ҷо ҳам зимнан баҳси ақлу ишқ, ки аз мавзӯи аслии адабиёти ирфонӣ ба шумор меояд, дар назар дошта шудааст:

*Дар кашфи ҳақоиқ сабақомӯзи замирем,*
*Тартиби далели ҳукаморо нашиносем.*

Ҳамзамон, дар ин қасида мавзӯи баҳси мухталиф доштани ҷараёнҳои мухталифи фикриву мазҳабӣ ва ирфонӣ низ фаро гирифта мешавад, аммо ҳамоно мақоми ирфониро боз ҳам Файзӣ аз ҳама боло мегузорад, ки роҳ ба сӯи Ҳақ аст. Аз ин рӯ, бо пайравони тариқати ҷадалия, ки мубоҳисаро аввал ме-

гузоранд, ҳаргиз сухан аз тавҳид намекунад, чун ба роҳи шинохти ваҳдонияти Худованд ҷои баҳси чуну чаро намебошад:

*Бо аҳли ҷадал нуктаи тавҳид нагӯем,*
*Дар ваҳдати ҳақ чуну чароро нашиносем.*
*Асҳоби яқинем, гумонро написандем,*
*Арбоби савобем, хаторо нашиносем.*

Дар баробари ин, худро аз аҳсоби яқин ва арбоби савоб шинохтани Файзӣ ҳам ҳамоно ба пайрави ҷараёни ваҳдативуҷудӣ буданаш ишорат мекунад, ки дар қаламрави адабиёти ирфонии мо нақши пуртаъсире дорад.

Ҷанбаи муҳимми худшиносӣ дар қасидаи мазкур равшан ҳувайдост ва аз оғоз то поёни қасида Файзӣ ҳамеша мақоми маънавии инсонро боло мегузорад, ки аз ҳар чӣ нопазируфтанӣ ва мӯҷиби вобастагӣ дар тааллуқоти дунёӣ аст, иҷтиноб дорад. Аз ҷумла, дар абёти баъдӣ шоир дурӣ ҷустан аз рақси ҷарасу бонги дароро, ки василаи тафреҳи дунёӣ бошад, талқин намуда, инсонро дар сурати худӣ нури ҷабарут, оинаи субҳ муаррифӣ мекунад, ки албатта ин меъёрҳои маърифати инсон дар андешаи ӯ ба мақоми маънавии вай такя доранд:

*Аз қофилаи мо натавон ёфт нишоне,*
*Рақси ҷарасу бонги дароро нашиносем.*
*Нури ҷабарутем, зи зулмат наҳаросем,*
*Оинаи субҳем, масоро нашиносем.*
*Бар дониши мо анҷуму афлок бихандад,*
*Гар соҳиби лавлок, саморо нашиносем.*

Теъдоди фаровоне аз қасоиди Файзиро марсияҳои ӯ ба вуҷуд овардаанд. Маълум аст, ки дар адабиёти форсу тоҷик марсиясаройӣ ё ба истилоҳ сӯгномнависӣ аз вижагиҳои хоссе бархурдод буда, бештари шуаро дар марги шоирони дигар чунин ашъор сурудаанд. Файзӣ ҳам дар баробари ин ки чунин ашъорро барои шоирони ҳамаҳди хеш, аз ҷулма, Ҳаким Фатҳуллоҳхони Шерозӣ ба қалам оварда, марсияҳое дар марги Муҳаммадкамол – писари сесолаи хеш, дар марги падару

модараш сурудааст, ки аз сӯзу гудоз ва самимият бархурдоранд. Аллома Шиблии Нуъмонӣ ва Эдвард Браун ба марсияҳои Файзӣ баҳои баланд дода, онҳоро намунаҳои барҷастаи марсия дар адабиёти форсӣ унвон намудаанд. Махсусан, марсияеро, ки Файзӣ дар марги писари сесолаи худ Муҳаммадсултон ба таври хеле дилсӯзу ҷонгудоз ба қалам овардааст, мавриди таҳсину ситоиш қарор дода, онро аз ҷумлаи шоҳкорҳои забони форсӣ ба шумор овардаанд. Ин марсия ба сурати зайл суруда шудааст ва мутолиаи он воқеан собит менамояд, ки дар марги фарзанди сесолаи хеш Файзӣ бо камоли сӯзу гудоз марсияе сурудааст:

*Хоҳам дигар ба ҳалқаи мотам алам задан,*
*Бар боми шодмонии дил кӯси ғам задан.*
*Хоҳам дигар ба килки сияҳрӯи дилхарош*
*Аз ҳасби ҳоли худ ду-се ҳарфе рақам задан.*
*Хоҳам дигар ба шӯриши як оташин хурӯш*
*Ҳангомаи нишоти ҷаҳоне ба ҳам задан.*
*Хоҳам дигар ба дуди дилу оташи ҷигар*
*З-ин моҷаро, ки бар сари ман рафт, дам задан.*
*Хоҳам дигар зи сӯзи дарун наъраи баланд*
*Бар хобгоҳи хилватиёни адам задан.*
*Хоҳам дигар ба чашми рафиқони ошно*
*Дасте ба фарқ мондану дар хун қадам задан.*
*Хоҳам дигар зи баҳри ҳарифони заҳрнӯш*
*Беҳушдоруе ба шароби алам задан.*
*Ҳуш дор, то ки эй фалаки обгиначашм,*
*Бар обгинаам ҳама санги ситам задан.*
*То ин сиёҳнома наяфтад ба чашми ман,*
*Хоҳам саводи дида ба нӯги қалам задан.*
*Ин номаи расида зи мулки адам маро,*
*Маншури мотам аст зи султони ғам маро.*

Агарчи марсияи мазкур лабрез аз сӯзу гудози дарунии шоир аз ҳаҷри фарзандаш мебошад, аммо дар ҳар сатру байти он таҷассуми падидаҳои нодири ҳунари шоирӣ, аз ҷумла таркибҳои шоирона ба мушоҳида мерасанд, ки аз ҷумлаи

онҳо «алам ба ҳалқаи мотам задан», «бар боми шодмонии дил кӯси ғам задан», «килки сияҳрӯи дилхарош», «дуди дилу оҳу ҷигар», «ҳангомаи нишоти ҷаҳон ба ҳам задан» ва амсоли ин мебошанд. Ин марсияи тӯлонист ва мутолиаи ҳамин бахши аввал он метавонад маҳорати суханварии Файзиро дар суроиши ашъори ғамангез ҷилвагар созад. Маҷмӯан марсияҳои хешро дар сӯги писари сесолааш Файзӣ дар чандин ғазал ҷой додааст, ки гоҳ ишоратҳои ӯ ба номи фарзандаш таллуқ доштани ин марсияҳоро ба ҳаҷри ҷигарбандаш собит менамояд. Аз ҷумла, дар байте аз чунин ғазали хеш, ки ишорат ба номи Камол – фарзанди аздастдодааш шудааст, марсия будани он равшан ҳувайдо мегардад:

*Олам бувад ба дидаи ман тира бе рухаш,*
*Ман низ меравам, чу зи олам Камол рафт.*

Файзӣ, ҳамчунин, дар марги падару модараш низ чандин ғазал-марсия сурудааст, ки ҳар яке аз сӯзу гудоз ва эҳсоси самимият бархурдоранд. Аз ҷумла, пас аз даргузашти қиблагоҳияш ҳисси ҳиҷрати ҳама азизону роҳбарони роҳи яқинро бо сӯз чунин баён мекунад:

*Дареғ! Роҳбарони раҳи яқин рафтанд,*
*Зи пеши қофила мардони роҳбин рафтанд.*
*Мисоли унсури покон чу оби борон буд,*
*Ки з-осмон бичакиданду дар замин рафтанд.*
*Сафина аз ваҳали хокиён бадар бурданд,*
*Ба баҳри қудс зи полағзи мову тин рафтанд.*
*Ҳазор нохуна аз чашм, к-ин назоргиён*
*Зи хорзор ба гулгашти ёсамин рафтанд.*
*Агар ба дӯш кашиданд маҳди унсурашон,*
*Аҷаб мадор, ки мастони ҳақ чунин рафтанд.*
*Хабар зи пешу паси корвониён ин аст,*
*К-азалқирон бирасиданд, абадқарин рафтанд.*
*Ҷамоза гарм ба бонги ҳадикашон ронданд,*
*Зи чашми обилапоён раҳи пасин рафтанд.*
*Касе наёфт зи ному нишон, ҳамин гуфтанд,*
*Касе нагуфт зи роҳу равиш, ҳамин рафтанд.*

*Мапурс маслаки ин пурдилон бар ин торам,*
*Ки соликони тариқи адаб бар ин рафтанд.*
*Сазад, ки қофила раҳ гум кунад дар ин зулмат,*
*Ки хайли машъаладорони роҳи дин рафтанд.*
*Сари назар зи гиребони чарх бар карданд,*
*Ба коинот барафшонда остин, рафтанд.*

Аз мутолиаи ин марсия пайдост, ки аз марги падар шоир ҳақиқати ҳиҷрат ва фалсафаи аз даст додани маҷмӯи азизону соҳибназаронро маърифат мекунад, яъне марсияҳои Файзӣ дар баробари ифодагарии сӯзу гудоз ва эҳсоси дарунии шоир, фалсафаи марг, кӯтоҳии зиндагонӣ, расидан ба қадри умр, маърифати бебақоии ҷаҳони омадшуд ва ба таъбири худи шоир «рафтани ҳама»-ро дар худ тафсир мекунанд. Бадин сурат шоир дар чанд ғазали дигар бо ҳамин шева ва равиш марсияҳое дар сӯги қиблагоҳии худ суруда, ки ҳам аз диди маъноӣ ва ҳам ҳунари шоирӣ соҳиби арзиши баланди шеърӣ ҳастанд.

Чанд марсияи дигари Файзӣ дар сӯги модараш суруда шудаанд, ки дар онҳо низ ҳамин шеваи нигориш ба чашм мерасад. Аз ҷумла, дар марсияи аввал ҳатто фалсафаи бебақоии умрро ба ҳадде шарҳу тафсир мекунад, ки вай аз асари марги модар ҷаҳонро поёнёфта мебинад ва дигаронро ҳам даъват мекунад, ки аз ин ҷаҳон рахти иқомат барбандед. Марги модар Файзиро ба ҳадде ноумед месозад, ки гӯё баъд аз рафтани модар дунё барояш ба охир расида ва бояд ҳама аз паси модар бираванд, чун дунёву аҳли дунё бидуни мавҷуди модар дигар барояш маънӣ надоранд:

*Дӯстон, рахти иқомат зи ҷаҳон барбандед,*
*Рахт аз ин манзили беномунишон барбандед.*
*Он чи кор аст, дар ин бодия, ҳин, бигзоред,*
*В-он чи бор аст, дар ин қофила, ҳон, барбандед.*
*Нафаси субҳи раҳил асту дами кӯси сафар,*
*Чашми ғафлат бикушоеду миён барбандед.*
*Кашфи асрори ҳақиқат натавон кард ба хулқ,*
*Маҳрамони ҳарами ғайб, забон барбандед.*

*Наъши султони афоиф зи ҷаҳон мегузарад,*
*Қудсиён! Дидаи хуршеди равон барбандед.*
*Чашми анҷум насазад боз бар ин маҳди афоф,*
*Анбарин парда карон то ба карон барбандед.*
*Дари ҷаннат ба калиди нафасам бикшоед,*
*Нахли тобут ба гулҳои ҷинон барбандед.*
*Нахлбанде чу намоед ба гулҳои биҳишт,*
*Пораҳои дили ман ҳам ба миён барбандед.*
*Нахли гул гар на ба тобут мувофиқ бошад,*
*Бар рух аз дил бинигорам, ки чӣ сон барбандед.*
*Дар хазонзори ҳаётам қадаме ранҷа кунед,*
*Нахлҳоро ҳама аз барги хазон барбандед.*
*Корвонҳои дилу дидаи мо ҳамроҳ аст,*
*Ҳавдаҷи Каъбаи ҷонҳост, гарон барбандед.*
*Хушкчӯбе чу яке тахтаи тобут шудам,*
*Ин тани зори маро ҳам ба ҳамон барбандед.*
*Пораҳои ҷигарам бар сари мижгон бинеҳед,*
*Ба карам дидаи хунобачакон барбандед.*
*Бар тани ӯ кафан аз парри малоик созед,*
*Он гиромӣ кафан аз риштаи ҷон барбандед.*
*Ҳама бар роҳи гумон рӯи яқин бикшоед,*
*Ҳама бар рӯи яқин роҳи гумон барбандед.*
*Файзӣ ин ҷо, на зи таслим сухан мегӯяд,*
*Ҷои он аст, к-аш аз хок даҳон барбандед.*

Аз марсияи дигари Файзӣ маълум мешавад, ки модараш бар асари беморӣ даргузашааст ва ӯ таассуф аз он дорад, ки кош ҳангоми бемории модар дар сари болини вай мебуд, то модарро муроқибат намуда, нигаҳбониву нигаҳбинӣ мекард:

*Кош дар ҳолати бемории ӯ мебудам,*
*То чунин хаставу бемор намефарсудам.*

Албатта, ин сӯгномаи пурдарди тӯлонист, ки ҳисси аз даст додани модар ва таассуфи шоирро аз рафтани вай, камбуди умр ва нарасидани фурсат барои нигаҳбонии модарро шарҳу тафсир мекунад. Ҷолиб аст, ки Файзӣ дар чанд марсияи худ

аз бемории модар ҳикоят мекунад ва ҳамеша худро муқассир медонад, ки чаро дар сари болини модар набуд, то давое барояш диҳад ва боиси идомаи зиндагонии вай гардад. Дар марсияи дигар ҳам ин таассуфи шоир бо дарду алами зиёд садо додааст:

*Кош бар болини ӯ мебудаме,*
*То илоҷи кори худ бинмудаме.*
*Дафтари қонуни худ овардаме,*
*Ҳуққаи доруи худ бикшудаме.*
*Аз мағоки чашм ҳован кардаме,*
*В-аз дили софӣ гиёҳе судаме.*
*Дар саранҷоми ҳаёташ дидаме,*
*Умри худ бар умри ӯ афзудаме.*
*Равған аз бодоми чашми хештан*
*Додамею хоби хуш фармудаме.*
*Ҷустаме осоиши ҷону танаш,*
*То наёсудӣ, намеосудаме.*
*Дар хаёли дафъи бехобии ӯ*
*Ҳамчу ақли худ даме нағнудаме.*
*Лек аз ӯ будам мани дилтанг дур,*
*Аз ҳарими ӯ ба сад фарсанг дур.*

Аз ин марсия равшан мешавад, ки шоир дар вақти марги модар дар назди ӯ набудааст ва ҳатто мушаххасан ишорат мекунад, ки вай дар айёми реҳлати ҷонсӯзи модар сад фарсанг ба дурӣ қарор дошта ва ҳамин ормон ҳамеша дар дилаш чун доғи абадӣ боқӣ монда, пайваста азияташ мекарда. Шояд ҳамин таассуф ва дарди ҷонсӯз боис шуда, ки дар сӯги модари меҳрубон Файзӣ ҷонгудозтарин марсияҳоро дар адабиёти форсӣ суруда бошад, ки назирашонро камтар метавонем пайдо кунем.

Дар марсияи дигараш бо афсӯси гарон аз ҳиҷрони модар сухан мекунад ва рафтани модарро ба сафари Марям монанд мекунад, ки Исои хешро бигзоштаву рафта. Чанд байт аз ин марсия низ тафсири ҷаҳоне аз сӯзу гудозҳои шоир аз сафари модар ба дорулбақо мебошад:

*Меҳрубон модарам, афсӯс, аз ин олам рафт,*
*Исии хеш чунин монда чаро Марям рафт?*
*Рӯҳи қудсӣ-ш раҳи ҷаннати аъло бигирифт,*
*Нолаҳо низ ба сӯи фалаки аъзам рафт.*
*Бе рухаш дар гуҳари дидаи ман об намонд,*
*Каъба пӯшидаҷамол аз назар Замзам рафт.*

Маҷмӯан, қасоиди Файзӣ дорои мавзӯоти мухталиф буда, муҳимтарин суннатҳои қасидасаройӣ дар адабиёти форсу тоҷик дар онҳо таҷассуми равшан касб намудаанд. Аз ин рӯ, баробари муаррифии Файзӣ ба унвони шоири маъруфи ғазалсаро метавонем номи ӯро дар шумори беҳтарин қасидасароёни адабиёти форсу тоҷик бибарем, ки дар нубуғи ҳунарии ин навъи шеърӣ хидмат намудаанд.

Маълум аст, ки Файзӣ аслан чун шоири ғазалсаро маҳбубият дошт ва шумораи зиёди ашъори девонашро ҳамин навъи адабӣ ба вуҷуд овардааст. Чун зимни баррасии ҷанбаҳои мавзӯӣ ва ҳунарии шеъри шоир зимнан ба ҷойгоҳ ва хусусияти ин навъи шеърӣ дар девонаш ишороти фаровоне рафтааст. Аз ин рӯ, бо сарфи назар аз тафсилоти ҷойгоҳи ғазал дар ин бахш ба мақоми рубоӣ ва вижагиҳои он хоҳем пардохт.

Ҳарчанд Файзӣ дар сабки ғазал аз тарзи тозаи ҳиндӣ пайравӣ намудааст, аммо ба назар мерасад, ки рубоиёти хешро шоир ба сабки мутақаддимин сурудааст. Ин андеша аз рӯи мутолиаи ҳар яке аз рубоии вай, ки бархурдор аз салосату равонӣ мебошанд, муҷассам мешавад.

Рубоиёти Файзӣ асосан дар китоби «Ойини Акбарӣ»-и Абулфазли Алломӣ зикр шудаанд, ки ба таври намуна ба онҳо руҷӯъ мешавад.

Зимни мутолеаи ин рубоиёт дар навбати аввал ба мушоҳида мерасад, ки чанде аз рубоиёти шоир ҷанбаи муноҷотӣ доранд ва дар ҳамди Худованд ва муноҷот ба даргоҳи Зулҷалол суруда шудаанд:

*Субҳоналлаҳ, зи фарти бетимсолӣ*
*Зоташ бувад аз соҳати дониш олӣ.*

*Як қатра зи файзи ӯ наёбам маҳрум,*
*Як зарра зи нури ӯ наёбам холӣ.*

* * *

*Ё Раб, қадаме ба роҳи тавҳидам деҳ,*
*Шавқе ба ниҳонхонаи таҷридам деҳ.*
*Дилбастагие ба сирри таҳқиқам бахш,*
*Озодагие зи қайди тақлидам деҳ.*

* * *

*Ё Раб, зи карам умеди бебимам деҳ,*
*Илме ки ризои туст, таълимам деҳ.*
*Торикии ақл дар кашокаш дорад,*
*Аз шамъи ризо фурӯғи таслимам деҳ.*

* * *

*Ё Раб, ман агар маст в-агар ҳушёрам,*
*Гар хуфтаи ғафлатам в-агар бедорам,*
*Ҳангоми ҷазо чу бо ту афтад корам,*
*Бар нийяти ман бибин, на бар кирдорам.*

* * *

*Ё Раб, ба сафои субҳи исонафасон,*
*Ё Раб, ба фурӯғи шоми мӯсоқабасон,*
*Абри карамат чу файз бахшад найсон,*
*Як қатра аз он файз ба Файзӣ бирасон.*

Дар бештарин чунин рубоиёт, ки дар васфи Акбар суруда шуда, теъдоди онҳо хеле зиёд аст, Файзӣ фазилатҳои фардиву адолати шоҳии ӯро ситоиш мекунад ва, аз ҷумла, дар яке аз чунин рубоиёт шоҳро «худопарасту хуршедшинос» мешуморад:

*Он шоҳи худопарасти хуршедшинос,*
*К-айём ба рӯзи тори худ дӯхт либос.*
*Ҳар гоҳ ниҳод тоҷи заррин бар сар,*
*Қад ашрақат-аш-шамсу ало самтир-рос.*

Лозим ба ёдоварист, ки аз ҷумлаи оинҳои наве, ки Акбар подшоҳ ҷорӣ карда буд, тақаддус ва гиромӣ доштани офтоб буд. Албатта, вақте ки сухан дар мавриди офтоб меравад, ин ҷо ҳаргиз ҳадафи вай баргаштан ба оини хуршедпарастӣ набуда, чун асосгузори фалсафаи «Сулҳи кул» буд, аз ин ҷо мехост бо таваҷҷуҳ ба маърифати фалсафаи Нур ва Хуршед, ки дар адабиёти сӯфиёнаи гузаштаи мо чун маҳзари таҷаллӣ дониста мешуданд, аслу моҳияти ирфонро барои ваҳдати миллату мазоҳиб ва ҷараёнҳо талқин намояд. Вобаста ба ҳамин таваҷҷуҳи Акбар буд, ки дар он замон суханварон ашъори зиёде дар ситоиши хуршед навиштаанд. Аз ҷумла, Фитратии Машҳадӣ ном шоире бар ивази ин ду байт, ки дар мадҳи Акбар гуфтааст, 12 ҳазор рупия инъом меёбад:

*Қисмат нигар, ки дархури ҳар ҷавҳаре атост,*
*Оина бо Сикандару бо Акбар офтоб.*
*Ӯ кард гар муоинаи худ дар оина,*
*Ин мекунад мушоҳидаи Ҳақ дар офтоб (17, 1094).*

Бо такя бар таваҷҷуҳи Акбар ба фалсафаи Нур ва Хуршед шоирон низ худи Акбарро ба хуршед монанд мекарданд, ки аз партави нури адолатпарварии вай ҷаҳон мунаввар ва мардум дар оромишу осудагӣ қарор доштанд. Файзӣ низ бо номи «Зарра» дар ситоиши офтоб 1001 рубоӣ сурудааст, ки дар он хуршедро бо тарзҳои гуногун тасвир намуда, онро ҳамчун меъёри муқаддаси маънавӣ ба қалам овардааст.

Аммо бо ин ҳама ин андешаҳои Акбар ва шоирони аз сиёсатгузории ӯ истиқболнамуда мавриди интиқоди рӯҳониёни мутаассиб қарор гирифтанд. Онҳо боз ҳам шеваи таваҷҷуҳ ба офтоби Акбарро аз таъсири суханони Файзӣ дониста, шоирро маҳкум мекарданд, дар ҳоле ки тавре зикр шуд, Хуршед дар андешаи шоир ҳазору як маънӣ касб намудааст. Пеш аз ҳама, дидгоҳҳои Файзӣ ҳамон фалсафаи ишроқи Шаҳобуддини Суҳравардиро ба хотир меоварад, ки дар ҷавҳари он фалсафаи Нур қарор дорад ва Хуршед, ки мабдаъи нур аст, дар андешаи Файзӣ низ мазҳари таҷаллии Офаридгор ба шумор меравад. Бо такя бар ин шоир тавассути вожаи офтоб ҳазору

чанд маънии ирфониву рамзҳои фалсафиро шарҳу тафсир намудааст. Аз ҷумла, вобаста ба як рубоии шоир метавон ин маъниро бештар дарк намуд, ки ҳадафи Файзӣ аз тасвифи истиқболи Акбар аз хуршед дар дини офтобпарастӣ аст, балки шинохти ирфонии манзилату мақоми Хуршед дар пиндору афкори аҳли назар ба шумор меравад. Он ҷо ки Акбарарро дар ин шеър Файзӣ худопарасти хуршедшинос мешуморад.

Дар ду мавриди дигар шоир ибораи Хуршеди азалро ба кор бурдааст, ки ин ҷо низ баробари нишон додани манзилати офариниш ва сунъи Худованд ҳамоно ҷанбаи ирфонӣ касб намудани вожаро нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар андешаи пайварони мактаби ваҳдативуҷудӣ Хуршед рамзи ҳақиқати кул аст, ки маҷмӯи зарроти ҷаҳон сарчашма дар он доранд ва ба қадру андозаи муайян аз он офтоби азал файз мегиранд.

*Аз ҷону дилу димоғу хуну рагу пай,*
*В-аз шаҳду гулобу шарбату шаккару май*
*Ҳар зарра, ки бингарӣ зи* ***хуршеди азал,***
*Файзест ба қадри қобилийят дар вай.*

Дар рубоии дигар ҷанбаи ирфонӣ касб намудани вожаи хуршеди азал бештару пештар муҷассам мешавад, зеро шоир ба ҳамнаслону ҳамфикрони хеш муроҷатан мекунад, ки аз шавқи таҷаллиёти хуршеди азал, яъне аз партави таҷалли лутфи илоҳӣ дар Тури фалак ба муноҷот биравед. Маълум аст, ки манзур аз Тур кӯҳест, ки Худованд дар он таҷаллӣ кард ва Мӯсо барои мулоқот бо Худованд ба он ҷо рафта буд. Ишороти шоир ин ҷо ба таври воқеӣ ва барҷаста маънии ирфонӣ доштани вожаи хуршедро собит мекунад:

*Эй ҳамнафасон, рӯ ба самовот кунед,*
*Раҳ дар ҳарами қиблаи ҳоҷот кунед.*
*Аз шавқи таҷаллиёти* ***хуршеди азал***
*Бар Тури фалак шабе муноҷот кунед.*

Дар рубоии дигар бошад, пайванди ирфонӣ доштани маънии Хуршедро шоир ба фармудаҳои Худованд дар китоби муқаддаси Қуръон ҳатто пайванд медиҳад, ки дар ояте

омадааст: «Худованд нури осмон ва замин аст…» Шоир дар байти дувум мушаххасан таъкид мекунад, ки ҳамон рӯзи азал, ки Худованд нахустин лавҳу қаламро ҳам офарид, дар пешонии Хуршед ҳамин оятро сабт намуд. Аз ин рӯ, агарчи Файзӣ аз Хуршед сухан мекунад, пас ин ҳамон нури аввали офариниш низ манзур буда, ба ҷанбаи ирфонии каломи шоир ишорат мекунад:

*Султони қазо, ки ҳафт маншур навишт,*
*Туғрои саҳар бар шаби дайҷур навишт.*
*Рӯзе, ки қалам ниҳод бар лавҳи азал,*
*Бар ҷабҳаи* ***хуршед*** *ҳуваннур навишт.*

Тавре ки таъкид гардид, хуршед дар баробари баёнгари мазҳари таҷаллии ҳақ будан дар шеъри Файзӣ истиораи шоҳ Акбар низ будааст. Аз ин рӯ, шоир муътақид аст, ки ҳузури нури хуршедро дар пешонаи шоҳ Акбар метавон ба мушоҳида гирифт. Аз ин рӯ, ба таъкиди вай Акбар, ки ба офтоб нисбате дорад, аз худи номи вай ҳам ин матлабро метавон ҳосил кард:

*Нуре ки зи меҳри оламоро пайдост,*
*Аз ҷабҳаи шоҳаншаҳи воло пайдост.*
*Акбар, ки ба* ***офтоб*** *дорад нисбат,*
*Ин нукта зи баййиноти асмо пайдост.*

Дар баробари ин маъниҳои рамзӣ вожаи «хуршед» ба маънии аҷроми самовӣ ва фурсати дамидану ғуруби он чун лаҳзаи умр низ ба кор рафтааст. Хосса, тасвири манзараи дамидани субҳ дар чандин рубоии шоир бо шеваи хос ва бо партави хаёли борики шоирона таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла, дар яке аз чунин рубоиёт дамидани хуршедро дар остонаи субҳ ба берун омадани оинаи хуршед аз ғилоф монанд мекунад:

*Субҳ асту хур аз даври уфуқ пардашикоф,*
*Домони фалак зи гарди анҷум шуда соф.*
*Бархезу бибин ба рӯи фархундаи даҳр,*

*К-оинаи хуршед баромад зи ғилоф.*

Ҷои дигар манзараи сапедамамро бар он шабеҳ медонад, ки ҳангоми саҷда кардан ба даргоҳи хуршед ғуболоруд шудааст, яъне, он гарду ғуборе, ки дар чеҳраи сапедадам ҳаст, аз нигоҳи шоир гарду ғуборест, ки дар пешонии чархи гардон аз асари саҷда ба даргоҳи хуршед ҳосил шудааст:

*Дарёб, ки субҳи айш рух бинмудаст,*
*Хуршед дари нур ба дил бикшудаст.*
*Бингар ба сафедадам, ки пешонии чарх*
*Дар саҷдаи хуршед ғуборолуд аст.*

Дар каломи Файзӣ истилоҳоти нуҷум барои ифодаи маъонии ноб ва таҷассуми ҳунари падидаҳои ҳунари шоирӣ ба таври шоён мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар навбати аввал ба мушоҳида мерасад, ки ин шоир тавассути истилоҳоти нуҷум ибораву таркибҳои шоиронае меофарад, ки дар баробари таҷассуми хислатҳои ин ё он сайёра ё ситора пайванде бо фазилатҳои одамӣ касб мекунад. Аз ҷумла, дар байти зер бо офаридани ибораи «зуҳраи ҳорутфиреб» киноя аз ҷамоли маъшуқ аст, ки ҳатто ба сеҳру афсуни хеш бобилиёнро аз роҳ мебарад:

*Зуҳраи ҳорутфиребат ба сеҳр*
*Бобилиёнро раҳи афсун занад.*

«Ҳорутфиреб» ба унвони сифати Зуҳра ба он хотир оварда шудааст, ки агарчи Ҳорут ва Морут чун фариштагон маъруф ба сеҳргарӣ ҳастанд, аммо Зуҳраи маъшуқ болотар аз он аст, ки метавонад Ҳорутро бифиребад.

Дар ғазалиёт ва анвои дигари ашъори ӯ, аз ҷумла сайёраи Муштарӣ, ки ҳамеша дар хонаи худ ҷой бигирад, Уториду Бирҷис низ истифода шудаанд:

*Чун Муштарӣ ба хонаи худ буд мустақим,*
*Аз фазл тайласони шараф карда дар барам.*

* * *

*Ба иттифоқи Уторид зи фарқи худ Бирҷис,*
*Ниҳода бар сари ақлам амомаи тавқир.*

Файзӣ чун дигар шоирон ситораи Ноҳидро ҳамчун намод ё рамзи зебоӣ истифода мекунад, ки дар паси парда ниҳон аст ва моҳи нишот даргузар мебошад. Фурсатҳои шодмонии умрро ӯ ба моҳи нишот монанд кардааст:

*Пиёла гир, ки Ноҳиди ҳусн пардасарост,*
*Ба айш кӯш, ки моҳи нишот бекалаф аст.*

Мавриди дигар ба таври комил ба унвони кулли аҷроми осмонӣ чанде аз онҳоро номбар намудааст, ки маънии вуҷуди аҷроми самовиро, ки аз замин мушоҳида мешавад, изҳор менамоянд:

*Бар замин танҳо на, к-ин бар осмон ҳам рафтааст,*
*Бар Уторид Зуҳраву бар Муштарӣ бингар Зуҳал.*

Ҳодисаи ба ҳам омадани ситорагони осмонӣ, ки онро дар илми нуҷум қирон гӯянд, низ дар каломи Файзӣ таъсире гузошта ва ӯ ба ҳам омадани Офтобу Моҳу Ноҳидро навъе Қирони саъд унвон кардааст:

*Зи парвардани офтоби дувал*
*Қироне шуда Моҳу Ноҳидро.*

Ба назар мерасад, ки сайёраи Муштарӣ ҳамчун рамзи саодат ва айшу нишот ҳамроҳ бо Зуҳра дар шеъри Файзӣ бештар истифода шудааст. Ҷолиб аст, ки гоҳе маврид дар як вақт чанд унвони аҷроми самовӣ, аз ҷумла моҳу хуршедро низ барои ифодаи маонии ном ба кор мебарад, ки байти зер баёнгари он аст:

*Чи Муштарӣ ба саодат, чи Зуҳра айшсигол,*
*Ки моҳ дар шарафу офтоб дар танвир.*

Бурҷҳои осмонӣ низ дар сурудаҳои шоир ҷои худро пайдо намудааст. Аз рӯи он ки бурҷи толеъномаи худро Хут муқаррар намудааст, ки он толеи бошарофат буда, ҳамзамон баёнгари он аст, ки замони валодати суханвар дар мучал моҳӣ будааст:

*Ҳут аст толеи ману з-ин толеи шараф*
*Чун ҳут дар шиноварии баҳри ахзарам.*

Ахтар, ки муайянкунандаи иқболу саодати инсонӣ дар андешаи қадим ва ҷадиди мо муқаррар шудааст, дар каломи Файзӣ низ ифодаи маонии наздик бар ин истифода шудааст. Аз ҷумла, дар як ғазали хеш шоир бо он ҳама дараҷаи баланди суханварӣ пойбанди ахтар, яъне боварҳои марбут ба ситораҳо будани худро таъкид менамояд:

*Бо диққати хаёл дараҷсанҷи ториқам,*
*Бо фикрати баланд расадбанди ахтарам.*
*Паймудаам муҳаддаби афлок сар ба сар,*
*Ҳарчанд уфтодаи чоҳи муқаъъарам.*

Дар ғазали дигар бо истифода аз дувоздаҳ моҳи сол ва дувоздаҳ бурҷ Файзӣ дуои неке ба мухотаби худ мекунад ва дувоздаҳ сифатро бо истифода аз санъати шумур чун ҷаҳон мусаххару толеъ саиду умр дарозу фалак мушовиру давлат ҷалису лашкар афзуну мулк ободномбар мекунад. Аз чида омадани ин сифатҳо маълум мешавад, ки ин шеър бо корбурди ин истилоҳоти нуҷум ба қалам омада, барои шоҳ Акбар суруда шудааст ва ҳукми дуоро касб намудааст:

*Дигар сухан ба дуои ту хатм хоҳам кард,*
*Чунон ки назм шавад мунтазам ба ҳарфи ахир.*
*Ҳамеша то, ки бувад солро дувозда моҳ,*
*Ки дар дувозда бурҷ ояд офтоби мунир,*
*Дувоздаҳ сифатат хоҳам, арчи медонам,*
*Ки ин дувозда зи авсофи туст ушри ашир.*
*Ҷаҳон мусаххару толеъ саиду умр дароз,*
*Фалак мушовиру давлат ҷалису бахт мушир,*

*Хизона вофиру лашкар фузуну мулк обод,*
*Қазо мутеъу қадар ёвару Худой насир!*

Дар бахше аз ашъори шоир мавзӯи танқиди шоирони сустназм ба назар мерасад. Чунонки дар боло зикр намудем, Файзӣ борҳо дар ашъори худ ифтихор аз рифъати ҳунари шоирӣ, беназирӣ ва нотакрории хеш намудааст. Муроди ӯ аз ин гуна ифтихорияҳо як навъ қадршиносӣ аз худ, худшиносӣ буд:

*Имрӯз на шоири ҳакимам,*
*Донандаи ҳодису қадимам.*
*Ҳар мӯй зи ман тамом гӯш аст,*
*Хомӯшии ман ба сад хурӯш аст.*
*То тозаву тар занам рақамро,*
*То бода кашидаам қаламро.*
*Ин шиша ниҳодаам бар он тоқ,*
*К-он ҷо нарасида дасти ушшоқ.*
*Асрофи маониям назар кун,*
*З-ин ганҷ ба муфлисон хабар кун.*

Ин худситоиҳо, албатта, аз сари ғурур набуда, балки шоир бар алайҳи шоирнамоён бонг мезад, ки агар онҳо андеша ва сурудаҳои сусти худро шеър пиндоранд, пас нигоштаҳои ӯ фаротар ва болотару баландтар аз ҳамаи инҳост. Аз ин хотир, дар ин қисмати ашъори Файзӣ, пеш аз ҳама, мо бо шинохт ва маърифати сурудаҳои шоир аз нигоҳи худ ва интиқод аз нигоштаҳои дигарон дучор меоем, ки, бешак, дар заминаи онҳо афкори адабӣ ва андешаҳои интиқодии суханварро низ метавон муқаррар намуд. Дар яке аз чунин ашъор нахуст Файзӣ ба мақоми шоирии худ баҳо дода, хештанро «шоири тавонгардил» мешуморад, ки мисли баъзе шуаро даст ба тамаъ намезанад ва шеърро воситаи ба даст овардани атияе аз дигарон намесозад. Ин ҷо ҳам шоир ин маъниҳоро дар оинаи таъбирҳои барҷастаи шоирӣ, чун «ҳиммат аз хок баркашида», «дар остини ҳиммат гум шуда», «тамаъи пираҳандида» ҷойгузин намудааст:

*Файзиям, шоири тавонгардил,*
*Ҳиммат аз хок баркашидаи ман.*
*Гашта дар остини ҳиммат гум*
*Тамаъи пираҳандаридаи ман.*

Дар идомаи каломаш шоир сурудаҳои хешро ҳарфи содаву саҳл не, балки «хунобаи чакидаи дил» мешуморад ва таъкид бар он медорад, ки Худованд худ бар маъниҳои хоссаи офаридаи ӯ шоҳид аст, ки чӣ гуна аз хуни дил берун меоянд. Аз ин рӯст, ки бо самимият ва садоқат каломи шоир эҷод шуда, боис мегардад, ки ҳуши аҳли дил ва дӯстдорони каломи бадеъро табъи хушаш бибарад. Ин ҷо низ ба ҷилваи ҳунарваронаи каломи шоир дар сурати таркибҳои шоиронае, чун «хунобаи чакида», ки киноя аз шеъру сухан бошад, «ҳуши дили назорагиён», «ҷилваи табъи шӯхдида» ва амсоли инро таҷассум намудааст:

*Ин саводи сухан, ки менигарӣ,*
*Ҳаст хунобаи чакидаи ман.*
*Офаринанда шоҳид аст, ки ҳаст*
*Маънии хос офаридаи ман.*
*Бурда ҳуши дили назорагиён*
*Ҷилваи табъи шӯхдидаи ман.*

Дар байти дигари ин шеър хаёлро яке аз воситаҳои аслии сурудани ашъор ба шумор меоварад ва ҷунбиши қаламро, ки ҳини навиштан ба вуҷуд меояд, он гуна тасвир менамояд, ки ҳамон замон дар кӯчаҳои танги хаёл қарор дорад ва ба сӯи пеш ҳаракат мекунад. Ин ҷо шоир парадокси зебое ҳам офаридааст, ки килки сарбурида дар кӯчаҳои танги хаёл ба ҷунбиш меояд. Андешаи баландпарвози Файзӣ ба он мерасад, ки килки сарбурида дар кӯчаҳои танг ҳаракат мекунад, яъне, аслан чизи сарбурида маҳв аст ва ҷое наметавонад биравад, аммо танҳо қалам аст, ки то сараш бурида нашавад, ҳарфе ба забон намеоварад, илло дигар ҳама сарбуридаҳо ҳамеша хомӯшанд:

*Буд дар кӯчаҳои танги хаёл*
*Ҷунбиши килки сарбуридаи ман.*

Аз қисмати поёнии ин ҳарф нуктаи муҳимме равшан мегардад, ки шоир аз баҳри бештари қасидаҳои дар мадҳи давлатмардон сурудааш гузашта ва ин маъниро ба таври зер баён мекунад, ки ҳар чӣ дар мадҳи аҳли давлат суруда буданд, ишқу ихлос бар Офаридгори якто аз дафтари ман маҳв намуд, вагарна ин девони ман аз ҳисоби ғазалҳои қасидамонанд ё дар ҳаҷм ё равиши оғози қасида сурудаам хеле бузург мегардид:

*Ҳар чӣ гуфтам ба мадҳи аҳли дувал,*
*Ишқ бистурд аз ҷаридаи ман,*
*Варна, мешуд шигарф девоне*
*Аз ғазалҳои сарқасидаи ман.*

Мавриди дигар дар шеъри худ Файзӣ андешаву ақли хешро осмоннавард, яъне, баландпарвоз шуморида, аз ҳузури худ бо мардумони мухталиф сухан мекунад ва аз сахтию пастию баландиҳои дидааш дар рӯзгорон ёд мекунад, ки ба таъбири хеш онро сайри биҳишту дӯзаху аъроф медонад. Дар баробари ин, худро бо он ҳама тозакориҳо тобеи каломи гузаштагон номида, аз татаббуоташ дар сухани пешиниён эътироф менамояд:

*Файзӣ манам, ки бо хиради осмоннавард*
*Якчанд сайри олами инсоф кардаам.*
*Бо гуна-гуна мардуми олам нишастаам,*
*Сайри биҳишту дӯзаху аъроф кардаам.*
*Ҳам дар забон мутобеи ахлоф будаам,*
*Ҳам дар сухан татаббуъи аслоф кардаам.*

Ин ҷо низ агарчи ба зоҳир шеъри Файзӣ ба таъкиди худаш аз рӯи инсон аз хиради осмоннавардаш ёдовар мешавад, аммо боз ҳам таҷассуми афкори адабии вай ва дидгоҳҳои хосаш ба каломи худ равшан мегардад. Аз ин рӯ, дар идомаи суханаш каломи худро бидуни нуқсу эрод медонад ва таъкид мекунад, ки агар ҳарфи ман чунин аст, онро ман бо пардаи дил соф кардаам, яъне борҳо амиқ ва аз таҳти дил мутолиа карда-

ву маҷмӯи эроду костиҳояшро бартараф намудаам:

*Гар дурд нест дар сухани ман, аҷаб мадор,*
*К-ин бодаро ба пардаи дил соф кардаам.*

Тавре таъкид шуд, аслан аз худ сутуданҳои Файзӣ дар каломаш навъе эътироз ба онҳое ҳаст, ки бо каломи пурнақс даъвои шеъру шоирӣ мекунанд ва дар муқобили вай ҳарфҳои носазое мегӯянд. Аз ҷумла, ин гуна шоирони мудаъиро ҳамчун «тунукбодаҳарифон» безарф мешуморад ва каломашонро сусту каммазмун ба ҳисоб меорад. Аз ин рӯ, таъкид медорад, ки ҳаргиз худааш ҳам умеде надоштааст, ки каломаш аз ганҷинаи ғайб ба ӯ мерасад:

*Файзиям ман, ки дар ин хумкадаи ақлфиреб*
*Нестам ҳамчу тунукбодаҳарифон безарф.*
*Аз худу ҳиммати худ ин қадар уммед набуд,*
*Ки зи ганҷинаи ғайб ин ҳама барбандам тарф.*

Дар идомаи ин шеър низ афкори адабии Файзӣ дар шинохти ашъори худаш муҷассам мегардад. Шоир каломи худро рахшандаву мунаввару муассир медонад, ки агарчи бо хатти сиёҳ навишта мешавад, аммо равшании маънии он ҳамеша ҷилвагар аст. Аз ин рӯ, қайд мекунад, ки ҳарчанд ҳарифону зарифон дар мавриди ашъораш ҳар чӣ бигӯянд, ӯ ҳаргиз кӯшиш бар ранҷонидани онҳо намекунад, чун худаш мақоми шеъри хешро медонад. Аз сӯи дигар, Файзӣ ишорат бар он мекунад, ки аз дами даъвогарони шеър ҳатто агарчи дар фасли тобистон ҳам барф, яъне, ҳарфи сарду дурушт биборад ҳам, табъи ӯ хеч гоҳ тез нест ва чунин каломро ба забон нахоҳад овард:

*Назми ман маънии рахшанда бад-он сон дорад,*
*К-аз сиёҳӣ бинависанду намояд шангарф.*
*Дил наранҷонаму донам, ки зи кӯтаҳназар аст,*
*Гар шигарфе бинамоянд зарифони шигарф.*
*Шуълаи табъи маро тез наёбӣ, ҳарчанд*

*Дар тамуз аз нафаси муддаиён борад барф.*

Барои тақвияти ин фикраш шоир ҳамоно таъкид медорад, ки ҳаргиз дар дунё дар фикри бад гуфтани касон нест, чун бо фикри бад ҳаргиз дар олам ба ҳам наздикӣ наҷӯяд. Шоир ҳарфи бад гуфтану бадҷӯӣ карданро беҳуда сарф кардани вақт медонад ва изҳор медорад, ки ҳамчун шоирони ҳариф, ки онҳоро бо вожаи «хасон» зикр мекунад, ҳаргиз вақти худро ба беҳуда масраф намекунад. Аз ин рӯ, агарчи каломи шоир гарму дилнишин аст, ҳеҷ гоҳ онро айб кардан нашояд, зеро ҳарфи дурушт боиси нақс пайдо намудани маънии шеър ва таъсири бади он мешавад. Шоир ин матлабро дар пардаи тамсили шоиронаи «чини пешонии маънӣ шудани гиреҳи абрӯи ҳарф» ҷой намудааст:

*Ману андешаи бад даҳр муяссар макунод,*
*Ҳайф аз он вақт, ки дар ҳамчу хасон гардад сарф.*
*Гар сухан гармтар уфтад, макунаш айб, ки ҳаст*
*Чини пешонии маънӣ гираҳи абруи ҳарф.*

Ба гунаи чунин ашъор, ки бештар бар танқиди шоирони сустназм эҷод шудаанд, дар девони Файзӣ намунаҳои зиёдеро метавон дучор омад, ки баррасии онҳо баробари нишон додани муносибати суханвар ба чунин гурӯҳи шоирон афкори интиқодии вайро дар нисбати шеъри ҳамзамонон худ бозтоб мебахшад. Аз ҷумла, Файзӣ дар сурудаи дигари хеш ин гурӯҳ шоиронро «сустназми пастхаёл» унвон мекунад, ки ба ҳолашон ӯро ханда меояд, зеро қасри суханро аз кулӯх месозад. Ин кулӯх киноя аз ҳарфҳои сусту бебунёд аст, ки назми холӣ аз маъниро ҳосил намояд:

*Мароcт ханда бар он сустназми пастхаёл,*
*Ки сохт қасри сухан аз кулӯхчин абёт.*

Дар идома ин гуна суханваронро сияҳдил унвон мекунад, ки дилашон тиратар аз ранги сиёҳ аст, аммо ҳамеша дар ситоиши равшандилии худ ҳарф мезананд ва дар назди мардум даъвои сухандонӣ мекунанд, ҳол он ки қавонини одии

шеърро намедонанд. Дар ин ҷо шоир барои мисол нуктаеро таъкид мекунад, ки онон аз ноогоҳӣ «рибот»-ро бо «ҳаёт» ҳамқофия мекунанд, ҳол он ки дар асл тибқи қоидаҳои қофиясозӣ ин ду вожа ба ҳамдигар қофия наметавонанд шуд:

*Ба васфи равшании табъи худ қалам ронад,*
*Сияҳдиле, ки дилаш тиратар бувад зи давот.*
*Ба пеши халқ кунад даъвии сухандонӣ,*
*Касе ки қофия созад «рибот»-ро ба «ҳаёт».*

Бо тазаккур ба ин нукта шоир аз огоҳии комили худ аз тамоми қоидаҳои шеърӣ башорат медиҳад ва аз сӯи дигар ин андешаи Файзӣ комилан дар нақди шеър низ дорои аҳаммияти вижа мебошад.

Дар мавриди дигар аз ин гуна шоирон Файзӣ қотеъона интиқод мекунад ва таъкид медорад, ки шоирони замонро дидам, ки аслан ҳаёву тамкин надоранд ва аз сари чунин бешармӣ ҳар чӣ мегӯяд шеър мепиндорад, ҳол он ки маҷмӯи суханони онон такрори каломи дигарон бошад. Шоир ин маъниро бо таркибҳои ё «таворуд кунанд ё тазмин» баён месозад, ки ҳар ду ҳам истилоҳи адабӣ буда, манзур аз аввалӣ такрори ноогоҳонаи маъниҳои шоирони дигар ва дувумӣ бардошт ё истиқболи суханварон ва овардани мисраъ ё байтҳои онон бошад. Ин ҷо низ дар баробари интиқод аз каломи дигарон Файзӣ афкори адабии худро баён месозад:

*Шоирони замонаро дидам,*
*На дар эшон ҳаёву не тамкин.*
*Ҳар чӣ гӯянду ҳар чӣ фармоянд,*
*Ё таворуд кунанд, ё тазмин.*

Тавре ки таъкид гардид, дар ин гуна ашъори хеш Файзӣ баробари интиқод аз каломи шоирони сустназм назари худро дар мавриди чигунагии шеър ва асолати он баён месозад ва муроҷиатан ба онон, ки худро шеърдон медонанд, таъкид менамояд, ки ҳарчанд сухан гуфтан худ кори душвор аст, аммо сухандонӣ ва маърифати он сахттар аз ин бошад:

*Ало, эй муттаҳам дар шеърдонӣ,*
*Ки дорӣ роҳате бо сад уқубат,*
*Сухан гуфтан зи худ ҳарчанд саъб аст,*
*Сухандонӣ бувад бо сад суъубат.*

Дар идома фазилатҳои суханвар ва сухани асилро шоир муқаррар мекунад ва изҳор медорад, ки шеърро он кас маърифат карда метавонад, ки дар шеър юбусатро аз рутубат бишносад, яъне тарро аз хушк ё ба ибораи дигар маънии муаттар ва хушку берӯҳро аз ҳамдигар фарқ бикунад:

*Мизоҷи шеър донад он, ки дар шеър*
*Юбусатро шиносад аз рутубат.*

Аз ин рӯ, шоир беҳтарин фазилатҳои суханро дар ду вежагии муҳимми он – салосату равонӣ ва шириниву ба таъбири худи шоир узубати он муқаррар месозад:

*Сухан он аст дар маънӣ, ки онро*
*Салосат бояду дигар узубат.*

Дар баробари ин ки Файзи ҳамчун намояндаи тарзи тоза ва яке аз мубтакирони равишҳои нав дар сабки ҳиндӣ эътироф шудааст, аммо ӯ бо эътиқоди тамоме, ки ба шоирони пешин дорад, ҳамоно беҳтарин суннатҳои адабиёти форсиро идома бахшидааст. Ин маъниро ба гунае шоирона худи Файзӣ чунин тафсир кардааст, ки ҳам дар забон ва ҳам дар сухан ман пайрави гузаштагон будам ва татаббуи сухани эшон кардам:

*Ҳам дар забон мутобеи ахлоф будаам,*
*Ҳам дар сухан татаббуъи аслоф кардаам.*

Истиқболияҳои Файзӣ аз шоирони пешин дар навбати аввал бозгӯи ҳақиқати ин андеша ба шумор мераванд. Дар канори ин, худи шоир борҳо бо эътиқоду ихлос аз шоирони пешгузашаи хеш ёдоварӣ намудааст, ки тазаккури ном ва ваҷҳи иродати вай дар сурудаҳояш ин матлабро ба субут мерасонанд. Аз ҷумла, бо эътироф аз мақоми ҳунарии Абулфараҷи Рунӣ таъкид медорад, ки агар меҳоҳӣ, ки аз

шеър завқе бигирӣ, пас, онро танҳо аз каломи Абулфарачи Рунӣ метавон гирифт:

*Завқе, ки тавон гирифт аз шеър,*
*Аз шеъри Абулфарач гирифт.*

Дар мақоми шеър ва андешаҳои ирфонӣ Файзӣ шоирони номовари адабиёти форсизабони Ҳинд – Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавиро ба унвони пири тариқати хеш ном мебарад:

*В-агар аз пири ман назар ҷӯӣ,*
*Рӯҳи Файёзу Хусраву Ҳасан аст.*

Дар сарзамини Шибҳи Қораи Ҳинд яке аз шахсиятҳои муътабари ҷаҳони ирфон Фаридуддини Шакарганҷ ба ҳисоб меравад, ки бо сурудаҳои орифона низ шуҳратёр аст. Ин мақому манзилати ин шахсияти муътабар аз назари Файзӣ низ берун намондааст. Аз ҳамин ҷост, ки дар зикри мақоми ӯст, ки Файзӣ бо иродати тамом фармудааст:

*Қутби раббонӣ Фаридуддин Шакарганҷ, он ки халқ*
*Дар мақоми ӯ ба сад ранҷи сафар пай бурдаанд.*
*Қатъи роҳи ишқ осон нест, к-арбоби ниёз*
*Дар ҳарими дил ба сад хуни ҷигар пай бурдаанд.*
*Дар биёбони талаб дилро ба хок афкандаанд,*
*То напиндорӣ, ки бо шамъи назар пай бурдаанд.*
*Тӯтиён дидем дар парвоз гирди марқадаш,*
*Гӯӣ инҳо ҳам ба он ганҷи шакар пай бурдаанд.*

Ҷойгоҳи шоири маъруф Муҳташами Кошонӣ низ дар каломи Файзӣ ба шоистагӣ тафсир шудааст ва ӯро низ Файзӣ аз пешгомони тарзи тозаи суханварӣ мешуморад, ки ашъораш саросар аз ибороти пурмаънӣ иборат буда, ҳар як иборат дар мақоми маъниҳои тоза баробарӣ мекунад:

*Ба тарзи тоза тарози суханварӣ дорад,*
*Яке зи нукта дар он гуфт, дидам ашъораш,*
*Иборатест, ки маънӣ саросарӣ дорад.*
*Бигуфтамаш, сухани ӯ иборатест, вале*
*Иборате, ки ба маънӣ баробарӣ дорад.*

Қисмате аз сурудаҳои Файзӣ дар истиқбол аз суханварони пешин ба қалам омадаанд, ки ин ашъор дар баробари ба таъбири худи вай татаббуи салаф будан, баёнгари меҳру ихлос ва иродаташ ба шуарои пешин маҳсуб мешаванд.

Дар қисмате аз ашъори орифонаи Файзӣ пайравӣ аз андешаҳои ирфонии Ҳофиз ва дигар суханварони маъруфи адабиёти форсу тоҷик ба мушоҳида мерасад ва ҳатто истиқболияҳо ба сурудаҳои ин шоири лисонулғайб ба қалам овардааст. Аз ҷумла, дар миёни каломи Файзӣ ғазале мавҷуд аст бад-ин вазну қофия:

*Дида бастанд ба сад пардаи ҳайрат в-он гаҳ,*
*Рухсати дидани оинаи зотам доданд.*
*Хатаре гар ба раҳи ишқ бигӯянд, матарс,*
*Ки ҳалоҳил бинамуданду работам доданд.*

Аз муҳтавои ғазал ҳувайдост, ки он мазмуни барҷастаи ирфониро касб кардааст ва ин нукта ҳам беҳикмат нест, ки он дар истиқбол аз вазни қофияи ғазали маъруфи ирфонии Ҳофиз, ки дар шумори ғазалҳои ба истилоҳ аршии ӯст, суруда шуда ва матлаъаш ин аст:

*Дӯш, вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,*
*В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд (30, 108).*

Дар байти зерин бошад, мазмуни байти Файзӣ аз шеъри Ҳофиз маншаъ гирифтааст:

*Ҳарфест, ҳарфи ишқ ки ҳарчанд бар забон*
*Такрор мекунему мукаррар намешавад.*

Мутолиаи байти Ҳофиз ин нуктаро равшан месозад, ки маънии сухани Файзӣ ба куллӣ аз ин матлаби Лисонулғайб сарчашма гирифтааст:

*Як қисса беш нест ғами ишқу ин аҷаб,*

*К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номукаррар аст (30, 27).*

Аз ҷумла, аз як ғазале, ки ба мадҳи шоҳ Акбар суруда шудааст, ба равшанӣ ҳувайдост, ки онро шоир дар истиқбол аз ғазали Ҳофизи Шерозӣ сурудааст:

*Меноламу дилам зи паи нола меравад,*
*В-ин ним ҷони монда зи дунбола меравад.*
*Абри баҳор қатразанон мерасад, вале*
*З-ин шустушӯ на доғи дили лола меравад.*
*Эй ҷавҳарӣ, зи ҳуққаи ёқут лаб бибанд,*
*К-он ҷо сухан зи ҷавҳари сайёла меравад.*
*Ваҳ, чун кунам зи чашми малоикфиреби ӯ,*
*К-аз як нигоҳ тоати садсола меравад.*
*Эй вой, чун зиям, ки чу менолам аз фироқ,*
*Бо нола аз дилам ду-се паркола меравад.*
*Дурам бад-он зи мавкиби он шаҳсавори ҳусн,*
*Гар ман намеравам зи паяш, нола меравад.*
*Файзӣ ба гардиш ор қадаҳ дам ба дам, ки шоҳ*
*Гуҷрот фатҳ карда, ба Бангола меравад.*

Ин ғазал дар истиқболи он ғазал аз Ҳофизи Шерозӣ аст, ки бо байти зерин шурӯъ мешавад:

*Соқӣ, ҳадиси сарву гулу лола меравад,*
*В-ин баҳс бо салосаи ғассола меравад (30, 133).*

Ҳатто Файзӣ дар байти мақтаъ ба гунае ҳамон шеваи Ҳофизро идома дода, «Гуҷрот фатҳ карда ба Бангола меравад» мегӯяд, ки сурати аслии мисраи Ҳофиз чунин аст: «З-ин қандӣ порсӣ, ки ба Бангола меравад».

Дар чанд мавриди дигар Файзӣ аз чанд ғазали дигари Ҳофиз низ пайравӣ намудааст ва истиқболашро аз каломи Лисонулғайб худ сареҳан дар як сурудаи дигараш ишорат намуда:

*Ҷоми май хоҳӣ, бигӯ, Файзӣ, мудом*
*Ҳамчу Ҳофиз айюҳассоқӣ, адир!*

Дар мисраи дувум ишорат ба мисраи аввали Девони Хоҷа Ҳофиз ҳам ҳаст, ки асли он арабӣ буда, сурати комилаш ба гунаи зайл аст: «Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».

Дар баробари таъсирпазирӣ Файзӣ ба шоирони пасованди хеш низ таъсирҳое гузоштааст. Аз ҷумла, дар Девони Соиби Табрезӣ ғазале ба матлаъи зайл мавҷуд аст:

*Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,*
*Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд (19, 420)*

Ба назар мерасад, ки ин ғазал дар пайравии яке аз ғазалҳои Файзӣ суруда шудааст, ки матлаъи зайлро дорост:

*Дардо, ки дар ҷаҳон ба ҷуз афсурдадил намонд,*
*Набзи замонаро ҳаракат муътадил намонд.*

Абёти зер дар истиқбол аз як ғазали Камоли Хуҷандӣ суруда шудаанд:

*Нест дар анҷумани мо хабар аз даври фалак,*
*Гардиши чарх ҳамин гардиши ҷом аст ин ҷо.*
*Эй ки сарчашмаи ҳайвон талабӣ дар зулумот,*
*Кори сад Хизр ба як ҷуръа тамом аст ин ҷо.*
*Эй ки аз бодияи ишқ хабар мепурсӣ,*
*Гом бардор, ки кайнайн ду гом аст ин ҷо.*

Ғазали Камоли Хуҷандӣ чунин оғоз мешавад ва дар миёни абёти Файзӣ ва Камол аз назари маънӣ низ қаробате эҳсос мегардад:

*Ин чӣ маҷлис, чӣ биҳишт, ин чӣ мақом аст ин ҷо,*
*Умри боқӣ, рухи соқӣ, лаби ҷом аст ин ҷо.*
*Давлате, к-аз ҳама бигзашт, аз ин дар нагузашт,*
*Шодие, к-аз ҳама бигрехт, ҳаром аст ин ҷо...*
*Нест дар маҷлиси мо пешгаҳу саффи ниол,*
*Шоҳу дарвеш надонанд кадом аст ин ҷо (8, 7).*

Ҳамчунин, ғазали маъруфи Иқболи Лоҳурӣ, ки бо байти

«Наъра зад ишқ, ки хунинҷигаре пайдо шуд, Ҳусн ларзид, ки соҳибназаре пайдо шуд» шурӯъ мешавад, дар истиқболи ин ғазали Файзӣ суруда шудааст:

*Даҳрро мужда, ки рӯзи дигаре пайдо шуд,*
*Ки зи хуршед саҳархезтаре пайдо шуд.*
*Хуфтабахтони шаби тафриқа бедор шуданд,*
*Ки дар офоқ муборак саҳаре пайдо шуд.*
*Осмон дид шабу рӯз ҷаҳонгардии ӯ,*
*Гуфт: Хуршеди маро ҳамсафаре пайдо шуд.*
*Эй ки аз неруи иқбол назар мехоҳӣ,*
*Чашм бикшой, ки соҳибназаре пайдо шуд.*
*Нест як зарра зи хуршеди замираш пинҳон,*
*Ҳамчу хуршед аҷаб дидаваре пайдо шуд.*
*Гумраҳони раҳи тақлид ба ҳайрат буданд,*
*Шукр, к-ин қофиларо роҳбаре пайдо шуд.*

Аз ин баррасиҳо равшан мегардад, ки Файзӣ бо истиқбол аз каломи шоирони гузаштаи хеш чун Амир Хусраву Ҳасани Деҳлавӣ, Абулфараҷи Рунию Ҳофизи Шерозӣ ва ғ., пеш аз ҳама, садоқат ва ихлосу иродаташро нисбат ба пешгомони адабиёти форсӣ бозтоб бахшида, баробари ин беҳтарин суннатҳои адабиёти гузаштаро бо омезиш ба падидаҳои нави сабки замони худ давом додааст. Дар канори ин, нуфузи ҷаззобияти каломи шоир ва падидаҳои ҳунариаш боис шудаанд, ки суханварони баъдӣ бо камоли муҳаббат аз шеър ва андешаҳои вай истиқбол намоянд.

Ҳамин тариқ, дар ашъори Файзии Файёзӣ ҳам аз дидгоҳи сабку равиш ва тарзи баён ва ҳам аз дидгоҳи муҳтаво тозагиву ҷаззобиятҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ҳамагӣ ба мақоми ҳунарӣ ва андешаҳои пурбори шоир ишорат доранд. Таҳқиқу баррасии бештари ашъори шоир имкон медиҳад, ки бештар ба дарунмояи шеър ва андешаҳои Файзӣ ворид гардида, ҳунари шоирӣ, сарчашмаи андешаҳои ирфонӣ ва назароти орифонаи шоирро бештар шиносем, то мақоми ӯ дар адабиёти форсизабони Ҳинд муаррифӣ карда шавад.

* * *

Ҳангоми ба нашр омода намудани мунтахаби ашъори Абулфайзи Файзӣ нашри девони шоир (бо тасҳеҳ ва таҳқиқи Э.Д.Аршад ва бо муқобила ва муқаддимаи Ҳусайни Оҳӣ) (Теҳрон: Интишороти Фурӯғӣ, 1362. – 552 с.) ба асос гирифта шуда, нусхаи чопи сангӣ (Файзӣ. Девон. – Деҳлӣ: Матбааи «Ифтихор»-и Деҳлӣ, бидуни соли нашр. – 184 с.) дар мавридҳои зарурӣ истифода гардидааст.

Лозими зикр аст, ки дар баъзе мавридҳо ҳам дар нусхаи чопи сангии девони шоир ва ҳам дар нусхаи чопии мошинии он ғалатҳое ба назар расиданд, ки мутобиқ ба таносубу мантиқи калом дуруст карда шуд. Масалан:

*Рафт зи чашм(?) фурӯғ, гиря гувоҳи ман аст,*
*Мардумаки дида нест, хуни сиёҳи ман аст.*

*(23, 259)*

Дар ин байт ба хотири вазну маънӣ «чашм» ба «чашмам» иваз карда шуд.

Дигар:

*Аз хӯи тунд нимкуше ноз ноз мекунад,*
*Ваҳ, чун кунам, агар кашад он тундхӯ қадаҳ?!*

*(23, с.284)*

Мутобиқ ба маънӣ «нимкуши»-ро ҷогузини «нимкуше» кардем.

*Базми даврон ҳама олудаи заҳр аст, макун*
*Нуқл аз ин хон ҳавас, бода аз ин ҷом тамаъ.*

*(23, с.422)*

Мисраи дувуми байт ба тариқи зайл ислоҳ карда шуд:

*Нуқл аз ин хон ҳавасу бода аз ин ҷом тамаъ.*

Дар байти зер қофия ғалат буд:

*Манам, ки арбадаангези гарми хубонам,*

*Ситорасӯхтаи офтобрӯёнам.* *(23, с.446)*

Мисраи аввал мутобиқи қофия чунин ислоҳ шуд:

*Манам, ки арбадаангези гармхӯёнам...*

Дигар:

*Мақсад падид нест, дареғо, вагарна, мо*
*Дар ҳар қадам ҳазор қадам пеш рафтаем.*
*(23, с.454)*

Азабаски калимаи қофияи байти қаблӣ «пеш» аст ва мантиқан такрори беҷо воқеъ мешавад, дар ин байт ба ҷои «пеш» «беш»-ро гузоштем, яъне:

*Дар ҳар қадам ҳазор қадам беш рафтаем.*

Байти дигар:

*Ноҷавонмардон фароҳам карда буданд анҷуман,*
*Зуд дар ҳангомаи бутлон футур андохтем.*
*(23, с.457)*

Мантиқан «То ҷавонмардон» ба «Ноҷавонмардон» иваз карда шуд.

Дар рубоие зоҳиран ҷои калимаҳо иваз шуда буд:

*Онам, ки ба кӯраи тамаъ хам накунам,*
*Шоҳини тарозуи назар дам накунам. (Чопи сангӣ)*

Мо ҷои «хам»-у «дам»-ро аз рӯи таносуб иваз кардем.

Дар мавриди баъзе ғалатҳои дигар, ки ба чашм омад, пешниҳоди худро дар поварақии матн дарҷ кардем, ки мантиқан имконпазир аст.

# САРЧАШМАҲО


1. Абдулқодири Бадоунӣ. Мунтахаб-ут-таворих. – Дар се ҷилд. – Калкатта, 1865-69.
2. Абдуррашид, Сархангхоҷа. Тазкираи шуарои Панҷоб – Карочӣ, 1967. – 494 с.
3. Алломӣ, Шайх Абулфазл. Ойини Акбарӣ. – Дар се ҷилд. – Калкатта, 1877-87.
4. Алломӣ, Шайх Абулфазл. Акбарнома. – Ҷ.1-3. – Калкатта, 1877-86.
5. Аҳмад, Низомуддин Бахшии Ҳиравӣ. Табақоти Акбарӣ. – Дар се ҷилд. – Калкатта, 1927-1935.
6. Волеҳи Доғистонӣ. Риёз-уш-шуаро, нусхаи рақами Sprenger, 332. – 1190 с. – Захираи Шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи давлатии шаҳри Берлин.
7. Дӯсти Санбҳалӣ, Мир Ҳусайн. Тазкираи Ҳусайнӣ. – Лакҳнав, 1875.
8. Камоли Хуҷандӣ. Девон, иборат аз 2 ҷилд / Ба чоп тайёркунандагон Шарифҷон Ҳусейнзода, Назира Қаххорова, Саъдулло Асадуллоев. – Ҷ.1. – Душанбе, 1983.–559 с.
9. Китобдор, Содиқӣ. Маҷмаъ-ул-хаввос / Тарҷумаи доктор Абуррасул Хайёмпур. – Табрез, 1327.
10. Қудратуллоҳи Гупомуӣ, Муҳаммад. Натоиҷ-ул-афкор. – Бомбай, 1336.
11. Лудӣ, Шер Алихон. Миръот-ул-хаёл. – Бамбай, 1326.
12. Озарбегдилӣ, Лутфалибек. Оташкада / Таҳияи Саййидҷаъфар Шаҳидӣ. – Теҳрон: Китоб, 1337.
13. Озоди Балгиромӣ, Мир Ғуломалӣ. Сарви Озод / Таҳқиқ, тадвин, тасҳеҳ, тартиб, муқаддимаи дуктур Заринахон. – Алигарҳ, 2007. – 656 с.
14. Раҳмоналӣ. Тазкираи уламои Ҳинд. – Лакҳнав, 1914.
15. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим / Бо тасҳеҳи Ҷавод Фозил. – Ҷ.1. – Теҳрон (дар се муҷаллад).
16. Ройи Лакҳнавӣ, Офтоб. Риёз-ул-орифин / Ба тасҳеҳ ва мақаддимаи Сайид Ҳусомуддини Рошидӣ. – Ҷ.2. – Исломобод, 1977. – 524 с.
17. Рошидӣ, Сайид Ҳусомуддин. Тазкираи шуарои Кашмир. – Ҷ.3. – Карочӣ, 1967. – С. 1045 -1577.
18. Садурангони, Ҳарумал. Порсигӯёни Ҳинду Синд. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1355.

19. Соиб. Мунтахабот / Мураттибон З. Аҳрорӣ, Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 704 с.
20. Фахрӣ, Султон Муҳаммад ибни Муҳаммад Амирии Ҳиравӣ. Равзат-ус-салотин / Тасҳеҳ ва таҳшияи Саййид Ҳусомуддини Рошидӣ. – Ҳайдаробод, 1968.
21. Фахруззамонии Қазвинӣ, Абдуннабӣ. Майхона / Тасҳеҳ ва танқеҳ ва такмили тароҷим ба эҳтимоми Аҳмад Гулчини Маонӣ. – Теҳрон, 1367.
22. Файзӣ. Девон. – Деҳлӣ: Матбааи Ифтихори Муҳаммад Иброҳим, бидуни соли нашр. – 168 с.
23. Файзӣ. Девон / Бо тасҳеҳ ва таҳқиқи Э. Д. Аршад. Бо муқобила ва муқаддимаи Ҳусайни Оҳӣ. – Теҳрон: Интишороти Фурӯғӣ, 1362. – 552 с.
24. Файзӣ. Девон, нусхаи рақами Sprenger, 1394. – Захираи Шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи давлатии шаҳри Берлин.
25. Файзӣ. Нал ва Дамани форсӣ, нусхаи Sprenger, 1395. – Захираи Шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи давлатии шаҳри Берлин.
26. Файзӣ, Аллома Абулфайз. Нал ва Дамани форсӣ. – Лакҳнав: Нивал Кишор, 1930. – 257 с.
27. Халил, Иброҳимхон. Суҳуфи Иброҳим, нусхаи рақами Ms.orient. Fol.711. – Захираи Шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи давлатии шаҳри Берлин.
28. Ҳасанхон, Наввоб Муҳаммадсиддиқ. Шамъи анҷуман. – Бҳопал, 1292.
29. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин / Ба кӯшиши Меҳралии Курагонӣ. – Теҳрон: Китобфурӯшии Маҳмудӣ, 1344.
30. Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Куллиёт / Муқобала ва тасҳеҳи Муҳаммадсиддиқи Комил. – Теҳрон: Нашри Замон, 2001. – 356 с.
31. Ҳиндушоҳ, Муҳаммад Қосими Астарободӣ. – Таърихи Фаришта. – Ҷ.1. – Бомбай, 1873. – 376 с.
32. Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Наштари ишқ. – Ҷ. 3. – Душанбе, 1983. – С. 783 -1179.
33. Шайх Алихон Ҳошимии Синдилавӣ. Махзан-ул-ғароиб / Ба эҳтимоми Муҳаммад Боқир. – Лоҳур, 1968.
34. Шоҳнавозхон, Наввоб Самсомуддавла. Маосир-ул-умаро / Ба кӯшиши Мавлавӣ Абдурраҳим. – Дар се муҷаллад. – Калкатта: Анҷумани Осиёии Бангол, 1888-1890.

## АДАБИЁТИ ИЛМӢ


35. Аббосӣ, Манзур Аҳсан. Феҳристи махтутоти форсия (Китобхонаи умумии Лоҳур). – Лоҳур, 1966.
36. Абдуллоҳ, Саид. Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон / Тарҷумаи Саид Муҳаммад Асламхон. – Теҳрон, 1371. – 282 с.
37. Алии Надавӣ, Сайид Раёсат. Аҳди исламӣ ка Ҳиндустан. – Патна, 1950. – 307 с. (ба забони урду).
38. Алимардонов Амрияздон. Файзии Даканӣ. – Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ.3. – Душанбе: 2004. – С.258-259.
39. Алимардонов Амрияздон. «Ибадат-хана» и «Мактаб-хана» и их роль во взаимодействии и синтезе культур народов индийского субконтинента (вторая половина XVI–начало XVII в.) // Известия АН Республики Таджикистан. Серия: Востоковедение, история, филология. – 1992. – №4(28). – С.9-20.
40. Алимардонов А. Сарсухан. – Абулфазли Алломӣ. Иёри дониш (матни илмию интиқодӣ ва тадқиқот) / Таҳиягари матн ва муаллифи тадқиқот Амрияздон Алимардонов. – Душанбе: Дониш, 1988. – С.9-12.
41. Амирӣ, Каюмарс. Забон ва адаби форсӣ дар Ҳинд. – Теҳрон, 1374. – 331 с.
42. Антонова К.А., Бонгард-Левин Г.М., Котовский Г.Г. История Индии. –Москва: Мысль, 1973. – 558 с.
43. Асғар, Офтоб. Таърихнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон. – Лоҳур, 1364. – 558 с.
44. Аҳмад, Идрис. Абулфайз Файзии Файёзӣ // Маҷаллаи таҳқиқоти форсӣ (Аз интишороти бахши форсии Донишгоҳи Деҳлӣ). – 1990. – С.199-209.
45. Гордон-Полонская Л.Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана (критика «мусульманского национализма»). – Москва: ИВЛ, 1963. –326 с.
46. Ғаффоров А. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX. – Душанбе: Дониш, 1975. – 143 с.
47. Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол. – Душанбе: Дониш, 1977. – 221 с.
48. Ғаффорова З.А. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI-XVII. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 574 с.
49. Ғаффорова З.А. Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар ва ривоҷи мактаби тарҷума дар аҳди ӯ. – Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва ра-

вобити адабӣ. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2011, 513 с. – С. 228-248.
50. Ғуломризо Таботабоӣ Маҷд. Муқаддима. – Абулфазл Муборак. Акбарнома / Ба кӯшиши Ғуломризо Таботабоӣ Маҷд. – Ҷ.1. – Теҳрон, 1372. – С. сездаҳ- шасту нуҳ.
51. Дасаӣ. Зиндагӣ ва осори Файзӣ // Номаи порсӣ. – Тобистони 1378. – №2. – С.25-59.
52. Дурант, Вайл. Таърихи тамаддун. Машриқзамин – гаҳвораи тамаддун / Тарҷумаи Аҳмад Ором. – Ҷ.1 – Теҳрон, 1370. – 1144 с.
53. Зокир ал-Ҳусайнӣ, Муҳсин. Маснавии «Нал ва Даман» (Тақриз ба «Нал ва Даман»-и Файзии Даканӣ / Ба кӯшиши Саййидалӣ Оли Довуд. –Теҳрон: Маркази нашри Донишгоҳи Теҳрон, 1382, 256 с.) // Номаи фарҳангистон. – 1384, шумораи аввал . – С.122-125.
54. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI. – Душанбе: Дониш, 1985. – 228 с.
55. Қайсари Амруҳавӣ, Саййидмаҳмуд Ҳасан. Феҳристи махтутоти захираи Шефта. Алигарҳ (Мавлоно Озод Лайбрерии Донишгоҳи мусулмонии Алигарҳ). – Алигарҳ, 1982.
56. Қаноатов М. Инъикоси сулҳи кулл ва дини илоҳӣ дар эҷодиёти Файзӣ. – Ҳиндустон ва Покистон (Баъзе масъалаҳои таърих ва филология).–Душанбе: Дониш,1987. – С. 86-112.
57. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Корвони Ҳинд. – Машҳад, 1369. – Ҷ.1. – 822 с.
58. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Корвони Ҳинд. – Машҳад, 1369. – Ҷ.2. – С. 823-1675.
59. Мунзавӣ, Аҳмад. Аз феҳриствораи китобҳои форсӣ. – Ҷ.2. – Теҳрон, 1382. – С.1690.
60. Мюллеръ А. История ислама съ основанія до новейшихъ времёнъ. – С-Петербургъ, 1896. – Т.III. – 448 с.
61. Надавӣ, Абдуссалом. Иқболи комил. – Аъзамгарҳ, 1964.
62. Неру, Джавахарлал. Взгляд на всемирную историю: Пер. с англ. под ред. Г. Л. Бондаревского, П. В. Куцобина и А. Л. Нарочницкого. – Москва, 1989. – Т.II. – 467 с.
63. Озод, Шамсулмаолӣ Мавлоно Муҳаммад Ҳусайн. Дарбори Акбарӣ. – Деҳлӣ, 2000. – 927 с. (ба забони урду).
64. Оҳӣ, Ҳусайн. Муқаддима. – Файзӣ. Девон / Бо тасҳеҳ ва таҳқиқи Э. Д. Аршад. Бо муқобила ва муқаддимаи Ҳусайни Оҳӣ. – Теҳрон: Интишороти Фурӯғӣ, 1362. – С. 3-14.

65. Рошидӣ, Саййид Ҳусомуддин. Аҳвол ва осори маликушшуаро Абулфайзи Файзӣ. – Карочӣ, бидуни соли нашр. – 149 с.
66. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон, чопи ҳафтум. – Ҷ.5, бахши 1. – Теҳрон, 1373. – 635 с.
67. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон, чопи ҳафтум. – Ҷ.5, бахши 2. – Теҳрон, 1373. – С.645-1420.
68. Синха Н.К., Банерджи А.Ч. История Индии: Пер. с англ. Степанова Л, Ястребковой И. П. и Княженской Л. А. – Москва: ИВЛ, 1954. – 440 с.
69. Субҳонӣ, Тавфиқ. Нигоҳе ба таърихи адаби форсӣ дар Ҳинд. – Теҳрон: Интишороти дабирхонаи шӯравии густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1377. – 724 с.
70. Тасбеҳӣ, Муҳаммад Ҳусайн. Ганҷинаи Салим. – Форсии покистонӣ ва матолиби покистоншиносӣ. – Ҷ.2. – Исломобод, 1977.
71. Файзии Даканӣ. – Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи Қора / Ба сарпарастии Ҳасани Анӯша. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. – 1370. – Ҷ. 4, бахши 3. – С.2012-2015.
72. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Тарҷумаи Саййид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон, 1368. – Ҷ.3. – 204 с.
73. Эте, Герман. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1958.
74. Яминхон Лоҳурӣ. Таърихи шеър ва суханварони форсӣ дар Лоҳур. – Карочи, 1971. – 415 с.
75. Ashraf, Muhammad. A concise descriptive catalogue of the Persian Manuscripts in the Salar Jung Museum and Library. – Hydarabad, 1966.–V.2. – 287 p.
76. Edwards E. A catalogue of the Persian printed books in the British Museum. Printed by order of the Trustees. – London, 1922. – 968 p.
77. Ethe H. Catalogue of Persian Manuscripts in the library of the India Office. – Vol.1. – Oxford, 1903.
78. Ethe H. Catalogue of Persian, Turkish, Hindustani and pushtu MSS in the Bodleian Library. – Part I. – Oxford, 1889.
79. Hadi, Nabi. History of Indo-Persian Literature. – Delhi, 2001. – 968 p.
80. Houtsma M. Th. et al., eds. The Encyclopaedia of Islam: A Dictionary of the Geography, Ethnography and Biography of the Muhammadan Peoples, 4 vols. and Suppl., Leiden: Late E.J. Brill and London: Luzac, 1913-38.

81. Ivanov W. Concise descriptive catalogue of the Persian Manuscripts in the Curzon Collection of the Asiatic Society of Bengal. – Calcutta, 1924. – 934 p.
82. Kazi M.I. Life of Faidi. – Intikhab-i-Ghazaliyat-I-Faidi. – Aligarh, India. – P.1-8.
83. Kirmani, Waris. Dreams Forgotten.–Aligarh, 1986.–462 p.
84. Marshall D. N. Mughals in India. A Bio-Bibliographical survey of manuscripts.–London and New York, 1985. – 634 p.
85. Muqtadir, Maulavi Abdul. Catalogue Raisonne of the Buhar Library. – Vol. - Persian MSS. – Calcutta, 1921.
86. Naushahi, Arif. Catalogue of the Persian Manuscripts in the National Museum of Pakistan at Karachi. – Islamabad, 1983. – 1077 p.
87. Razvi M.H. and Qaisar M.H. Catalogue of Manuscripts in the Maulana Azad Library Aligarh Muslim University. Habibganj Collection (Persian). – Aligarh, 1981. – Vol. I, part I. – 328 p.
88. Rieu Charles. Catalogue of the Persian Manuscripts in the British Museum. –London, 1879. – Vol. I. – 432p.
89. Rizvi A.A. Catalogue of Persian Manuscripts in the Maulana Azad Library Aligarh Muslim University. – Aligarh, 1969. – Vol.I. – 222 p.
90. Sdesai Z.A. The life end works of Faidi // Indo - Iranica. – 1963. – Vol.16. – №3. – P.1-36.

# МУНТАХАБОТИ АШЪОРИ ФАЙЗИИ ФАЙЁЗӢ

## ҒАЗАЛИЁТ

Ваҳ, чӣ мавзун аст он гулгунқабо,
Кош дар бар гирамаш ҳамчун қабо.
Бо вуҷуди ҳусни рӯзафзуни ӯ,
Ҳусни ӯро мекунад афзун қабо.
Бедилонро ҷон бурун ояд зи тан,
Аз бари худ гар кунад берун қабо.
Чист гулгун он қабо дар бар, магар
Рехтӣ хуну задӣ дар хун қабо?!
Мехиромад дар қабо он сарви ноз,
Мешавад пироҳанам акнун қабо.
Қоматаш мавзуну мавзунтар бувад
Дар бари он қомати мавзун қабо.
Нест, Файзӣ, қадр пеши далқи* фақр,
Гар кунӣ аз атласу аксун* қабо.

* * *

Ҳарифи бода куҷо, ошиқи хароб куҷо,
Ҷунуни ишқ куҷо, нашъаи шароб куҷо?
Расид ёру ман афтода нотавон, эй дил,
Тапидани ту куҷо рафту изтироб куҷо?
Шаб аз фироқи ту хобам барад, хаёл аст ин,
Шаби фироқ куҷову хаёли хоб куҷо?
Ба даври ишқи ту, эй дилрабо, намедонам,
Ки дил куҷо шуду тоқат куҷову тоб куҷо.
Хуш аст ғамкадаам даргирифта з-оташи оҳ,
Фурӯғи шамъ куҷо, хонаи хароб куҷо?
Маҷӯй гармии ишқ аз дами фусурдадилон,
Сабӯи бода куҷо, шишаи гулоб куҷо?
Тамаъ мадор зи ҳосид фурӯғи дил, Файзӣ,
Сафоли тира куҷо, ҷоми офтоб куҷо?

* * *

Соқию ҷому маю гӯшаи дайр аст ин ҷо,
Лиллаҳилҳамд*, ки аҳвол бахайр аст ин ҷо.
Нуктаи ишқ мапурсед, ки ҳушам боқист,
Сухан аз ёр магӯед, ки ғайр аст ин ҷо.
Оби ин майкада ҷонбахштар аз оби бақост,
Бирас, эй Хизр, ки сарманзили сайр аст ин ҷо.
Бод дар ҷилваву мурғони чаман меҷӯшанд,
Ку Сулаймон, ки ҳама мантиқи тайр* аст ин ҷо?!
Файзӣ, афсонаи исонафасонам ҳавас аст,
Чӣ сари қиссаи Мӯсову Узайр аст ин ҷо.

* * *

Аллаҳ-Аллаҳ, чӣ фиребанда мақом аст ин ҷо,
Баҳри мурғони улулаҷниҳа дом аст ин ҷо.
Нест дар анҷумани мо хабар аз даври фалак,
Гардиши чарх ҳамин гардиши ҷом аст ин ҷо.
Шаби васл аст, Калим, аз «аринӣ» лаб барбанд,
Чашм бикшой, чӣ ҳоҷат ба калом аст ин ҷо?!
Ҳеч мурғе ба ниҳонхонаи мо пар назанад,
Ҷуз бати бода*, ки товусхиром аст ин ҷо.
Қосидо, бо ту чӣ гӯем зи ҳоли дили хеш,
Ёр бо мост, чӣ ҳоҷат ба паём аст ин ҷо?
Эй ки сарчашмаи ҳайвон талабӣ дар зулумот*,
Кори сад Хизр ба як ҷуръа тамом аст ин ҷо.
Файзӣ, аз доираи пири харобот* марав,
К-аз кафаш кори ду олам банизом аст ин ҷо.

* * *

Ин чӣ мастист, ки бе бодаву ҷом аст ин ҷо,
Бода гар хом бинӯшанд, ҳаром аст ин ҷо.
Эй ки аз бодияи ишқ хабар мепурсӣ,
Гом бардор, ки кавнайн* ду гом аст ин ҷо.
Зоҳидо*, мунтазири чашмаи Кавсар манишин,
Ки ба як ҷуръаи май кор тамом аст ин ҷо.
Ҳеч кас нест, ки дар доираи ҳайрат нест,
Сайдгоҳест, ки Ҷибрил ба дом аст ин ҷо.

Рози сарбастаи хум пеши хирад макшоед,
Сухани пухта магӯед, ки хом аст ин ҷо.
Ному номус зи мо–хокнишинон маталаб,
Ин мақомест, ки номус зи ном аст ин ҷо.
Чун шудӣ муътакифи* майкада, Файзӣ, ҳуш дор,
К-аз дами пири муғон файзи мудом аст ин ҷо.

* * *

Сари савдои ту нагзошт дилу дин моро,
Ишқ duздест, ки бо хона барад колоро*.
Гираҳи дил агар аз пайки сабо накшояд,
Қосиди роз кунам шавқи ҷаҳонпайморо.
Ҳайратам сӯхт, ки чун тоқати як ламъа* надошт,
Он ки бинмуд ба эъҷоз яди байзоро*.
Мо аз он кӯҳканонем, ки гар кор афтад,
Аз хурӯше бишикофем дили хороро.
Гар ба рӯзи сияҳам сӯхтагон биншинанд,
Нафаси субҳ шуморанд шаби ялдоро.
Муҳтасиб* гар намак андохта дар май, саҳл аст,
Войи он маст, ки оташ назанад саҳборо!*
Сӯхт Файзӣ зи дами гарму агар ишқ ин аст,
Оташошом кунад тӯтии шаккархоро.

* * *

Буте шуд рӯбарӯ ногоҳ моро,
Ба як наззора бурд аз роҳ моро.
Касе к-ин ҳусн пайдо кардӣ, эй кош,
Намедодӣ дили огоҳ моро.
Намеояд бурун аз пардаи дил
Ба ғайр аз нақши хотирхоҳ моро.
Дили мо моили болобаландест,
Набошад ҳиммати кӯтоҳ моро.
Агар ин аст сӯзи ишқ, пайдост,
Ки хоҳад сӯхт барқи оҳ моро.
Чу ахтар чашми мо боз аст то субҳ,
Магар пурсад шабе он моҳ моро?!
Маломатгар, зи панди мо чӣ хезад?
Раҳо кун ҳасбатан лиллоҳ* моро.

Биҳамдиллаҳ, чу Файзӣ нисбате ҳаст
Ба файзи базми Акбаршоҳ моро.
Малоикро бувад бар ҳоли мо рашк,
Ки мехонад саги даргоҳ моро.

* * *

Ё Раб, ба ноз парвар нозукниҳоли моро,
Хуршеди офият кун абрӯҳилоли моро.
Чун чашми хеш то кай бошад ба нотавонӣ?
Дар ҷилва ор дигар мушкин ғизоли моро.
Сарчашмаи дили мо бишкофу ғам бурун кун,
Магзор тира з-ин сон оби зулоли моро.
Бар мусҳафи ҷамолаш бикшой дидаи мо,
Аз ояти шифо кун фархунда фоли моро.
Эй офият*, куҷоӣ? З-ин хона сар бадар кун,
Софи нишот гардон дурди малоли моро.
Он моҳро баровар аз эҳтироқ* имшаб,
Мапсанд, эй саодат, дигар ваболи* моро.
Дар ҳалқаи малоик зикрест тоза, гӯӣ,
Файзӣ камоли сиҳҳат хоҳад камоли моро.

* * *

Нест имрӯз назар бар мани дилсӯз туро,
То чӣ гуфтанд ҳарифони бадомӯз туро.
Эй ки доғи дили ман дида, чу гул ханда занӣ,
Ҳеч таъсир надорад магар ин сӯз туро?
Бар ту равшан нашуд ин оташи пинҳон, ки марост,
Гарчи бинам ҳама шаб анҷуманафрӯз туро.
Бар сарам теғ бизан, к-аз ту нахоҳам гила кард,
Ки бар ин дошта хӯи ситамомӯз туро.
Булҳавас, дар мижаи ғамзазанон саҳл мабин,
Ки хатарҳост дар ин новаки дилдӯз туро.
Бирав, эй муҳташами даҳр, ки арзонӣ бод
Дили бадбахт маро, толеъи фирӯз туро!
Файзӣ, имрӯз адои ту ҷунуномез аст,
Дӣ ба ин ҳол набудӣ, чӣ шуд имрӯз туро?!

* * *

Ғамза омӯзад ба чашмат шеваи бедодро,
Турфа шогирде, ки мегӯяд сабақ устодро.
Аз паи дил бурдани ман чист чандин изтироб,
Бе таҳаммул сайд чун ояд ба каф сайёдро?
Ё ҳуҷуми ишқ сабр аз ман чӣ меҷӯӣ, ки кард
Лашкари бегона вайрон кишвари ободро.
Раҳнавардони бало бурданд ҳар як раҳ ба васл,
По ба санг омад дар ин раҳ з-он миён Фарҳодро.
Бӯи зулфи ӯ намеояд ба сӯи ман магар?
Турраи* ӯ пой дар занҷир дорад бодро.
Бигзар аз оҳандилӣ, бо ман ки аз ғайрат* ба дил
Оташе дорам, ки бигдозад дили фӯлодро.
Файзии бетоб, дигар аз сари кӯяш бирав,
Нозук аст ин ҷо, бибар ҷои дигар фарёдро.

* * *

Хоҳам, ки барбандам дигар ин чашми ошиқсозро,
Дар пардаи маънӣ кашам ин ишқи суратбозро.
Эй андалеб, ин пар задан саҳл аст гирди бӯстон,
Мебояд аз парвонае омӯхтан парвозро.
Нозам ба он бут, к-аз адаб баҳри қудумаш қудсиён
Аз парри мурғони ҳарам густарда пойандозро.
Найрангсози ман, бибин дар гӯшагирони ҳарам,
То сеҳри чашмат бишканад ҳангомаи эъҷозро.
Бо чашми новакзан бигӯ, к-аз ғамзаҳо дил хун кунад,
К-аз тоза дилҳо туъма беҳ он нозанин шаҳбозро.
Омад саманд ангехта, ҳар сӯ шикор овехта,
Файзӣ, ту як раҳ сар мадеҳ гулгуни майдонтозро.

* * *

Лаъли ту афсона кард ишрати Парвизро,
Чашми ту аз ёд бурд фитнаи Чингизро.
Шоҳсаворони ҳусн ҷилва ба тамкин кунанд,
Гарм марон бар сарам ин ҳама Шабдизро.
Ним нигоҳи туро мо ҳама бисмил* шудем,
Ин ҳама бар дил мазан ғамзаи сартезро.

Оҳи саҳаргоҳи мо сӯхта дорад нафас,
Нола гулӯсӯз шуд мурғи саҳархезро.
Ғамзаи шерафканат по чу ниҳад дар рикоб,
Ҳалқаи фитрок кун зулфи диловезро.
Зистанам мушкил аст, хоса, ки он чашми маст
Дод ба дасти нигаҳ дашнаи* хунрезро.
Файзӣ, аз афсуни ту нест асар* дар дилаш,
Шуъбадабозӣ чӣ суд арбадаангезро?!

* * *

Эй гарми фусун дошта бозори ҳавасро,
Бикшой[1] лаби ман, ки асарҳост нафасро.
Он силсилабарпо, ки пайи маҳмили Лайлист,
Донад, ки ба занҷир чӣ роз аст ҷарасро*.
Бо ғамза бувад чашми ту пайваста ҳамоғӯш,
Хуш суҳбати гармест ба ҳам дузду асасро*.
Озодадилон дар хами уммед намонанд,
Мурғони биҳиштӣ нашиносанд қафасро.
Ҳар сабзхатеро нарасад пеши ту даъво,
Раъноии товус надоданд магасро.
Хоки ман аз он кӯ мабар, эй бод, ки даврон
Иксири* вафо сохта ин сӯхта хасро.
Аз хони сухан завқи дигар ёфта Файзӣ,
Ин чошнии файз набошад ҳама касро.

* * *

То фусун омӯхтӣ он ғамзаи бебокро,
То қиёмат хоб бастӣ хуфтагони хокро.
Куштагони ӯ ба маҳшар зинда натвонанд шуд,
Сад аҷал қурбон шавад он ғамзаи чолокро.
Меравӣ, чобуксавори ман, ба оҳанги шикор,
Кошкӣ аз хуни ман рангин кунӣ фитрокро,
Оташам аз парда берун шуъла зад, эй гармхӯ,
То ба кай дар парда дорӣ рӯи оташнокро?
Ошиқон аз ҷунбиши шавқанд саргардони дӯст,
Нест таъсире ба ошиқ гардиши афлокро.

[1] Шояд «макшой» бошад, Девон, с.190.

Барқи истиғно* наяфтад ҷуз ба дилҳои хароб,
Оре, ин оташ насӯзад ҳар хасу хошокро.
Таъна бар Файзӣ мазан, зоҳид, бипурс аз гулрухон
Покдомонии риндони* гиребончокро.

* * *

То газидӣ ду лаъли хандонро,
Кардаам дар ту тез дандонро.
Чашми ҷодугарат ба ним фусун
Чашм барбаста хоббандонро.
Чӣ татовул*, ки нест бар дилҳо
Ғамзаи анбаринкамандонро.
Худписандӣ макун, ки аҳли назар
Кам писанданд худписандонро.
Сари тӯбо* фурӯ намеояд
Пеши сарват назарбаландонро.
Ба ҷафоям биёзмову бибин
Аз муҳаббат ҳазор чандонро.
Чашми Файзӣ куҷо, ғунудан ку?
Марг хоб аст дармандонро.

* * *

Намонд гиря шаби васл беқароронро,
Суҳайли* талъати он моҳ бурд боронро.
Савори чобуки ман рахш чун барангезад,
Қиёмате бувад он рӯз хоксоронро.
Асири турраи он турки саркашам, ки кашид
Ба қайди ҳалқаи фитрок* шаҳсаворонро.
Ба ёди сунбули зулфи суманбаре кардам
Зи дуди оҳ сияҳ абри навбаҳоронро.
Сазад, ки бардамад аз ҳар гули замин наргис,
Зи бас ки хок фурӯ бурда тоҷдоронро.
Шароби соф бутон дар пиёла мерезанд,
Бинӯш май, ки сафо дар сафост ёронро.
Маҷӯ зи булҳавасон гармии нафас, Файзӣ,
Ки сӯзи ишқ надоданд хомкоронро.

* * *

Эй ҳусни ту барбаста назар дидаваронро,
Дар дида намак рехта соҳибназаронро.
Чашми ту, ки ҳаргиз мижа аз ҳам накушояд,
Аз бахти ман омӯхта ин хоби гаронро.
Дилҳо бигудозанду ҷигарҳо бишикофанд,
Ин қоидаи ғамза бувад ишвагаронро.
Эй дарду ғам, аз ман ба дами марг бимонед,
Расм аст гаҳи кӯч хабар ҳамсафараронро.
Сарбохтаи бозии он шоҳсаворам,
К-аз пой дарандохта зарринкамаронро.
Эй булҳавасон, дида бибандед, ки ин ишқ
Шарт аст, ки дилхун бикунад беҷигаронро.
Чашме, ки ту, Файзӣ, ба рухи дӯст кушудӣ,
Бояд, ки ба он чашм набинӣ дигаронро.

* * *

Зиҳӣ ба хоки дарат саҷда сарфарозонро,
Сари ниёз ба роҳи ту бениёзонро.
Дилам зи даст раҳо кардаию мехоҳӣ,
Ки сар диҳанду бихонанд шоҳбозонро.
Таборакаллаҳ аз он ғамзае, ки афсунаш
Ба бод дода хаёли фасонабозонро.
Чӣ ҷодуист, надонам, ба тарзи гуфтораш,
Ки бозбаста забони сухантарозонро.
Чӣ чашмҳост, ки аз як нигоҳи шуъбадабоз
Бисоти сабр навардида покбозонро.
Тавонгарони муҳаббат зи ганҷ безоранд,
Ба кимиё назаре нест ҷонгудозонро.
Сарири килки ту, Файзӣ, ба базмгоҳи Масеҳ
Наво баланд кунад арғунуннавозонро.

* * *

Гар роҳу равиш ин бувад он ноқадавонро*,
Гумроҳ кунад қофилаи каъбаравонро.
Кас дида ба он шаклу шамоил накушояд,
К-аз ҷону дили ӯ набарад тобу тавонро.

Мо бе раҳу рӯ куфр зи имон нашиносем,
Ҳусн аст, ки аз роҳ барад пиру ҷавонро.
Хубон ҳама моил ба зару сим, валекин
Ҷуз нақди муҳаббат набувад ҷонгаравонро.
Файзӣ, чӣ кунӣ нола зи бедоди накӯён,
Фарёд чӣ таъсир кунад ношунавонро?*

* * *

Зиҳӣ ба ғамза зи раҳ бурда раҳнамоёнро,
Гиреҳ ба кор зи зулфат гиреҳкушоёнро.
Чӣ ғам зи хонасиёҳии тирабахтонаш,
Касе ки чашм сияҳ карда дилрабоёнро?
Ғариб* нест зи ман, гар ғарибi шаҳри худам,
Ки кард ишқи ту бегона ошноёнро.
Ба шавқи Каъба чунон мераванд рақскунон,
Ки бар замин нарасад по бараҳнапоёнро.
Дар он мақом, ки симурғи ақл пар назанад,
Кунанд туъмаи зоғу заған ҳумоёнро.
Бидеҳ ба дасти таваккул* зимоми киштии дил,
Ки ғайри бод ба каф нест нохудоёнро*.
Тариқи зуҳд зи Файзӣ маҷӯ, ки муршиди* ишқ
Намуда роҳи харобот порсоёнро.

* * *

Ҷоншикоре, ки ба дилҳо такутоз аст ӯро,
Мижа сартезтар аз чангули* боз аст ӯро.
Заҳраам об шавад, то фиканад гӯшаи чашм,
Ваҳ, чӣ хунин нигаҳи арбадасоз аст ӯро.
Макунаш айб, агар моили хунрез афтод,
К-ин ҳама фитна ба фармудаи ноз аст ӯро.
Ин дили комталаб метападам, чун натапад
Мурғи побаста, ки сарришта дароз аст ӯро?
Мегудозад назарам, то нигаҳе мекунамаш,
Ҷунбиши ғамза аҷаб дидагудоз аст ӯро.
Ҷои раҳм аст бар он ғамзадаи бедилудин,
Ки ба ҳар нози ту сад арзи ниёз аст ӯро.
Файзӣ, аз шеваи дилдуздии ӯ огаҳ бош,
Ки ҳама қоидаи шуъбадабоз аст ӯро.

* * *

Захм болои дида аст ӯро,
Чашмзахме расидааст ӯро.
З-он ба абрӯи ӯ расида шикаст,
Ки камон бас хамидааст ӯро.
Мечакад хун зи нӯги мижгонаш,
Кас ба ин ранг дидааст ӯро?!
Гулшани ҷон бувад, ки сад гули тар
Пеши наргис дамидааст ӯро.
Дили хунгаштаи шаҳидон аст
Хун, ки бар рӯ давидааст ӯро.
Ҳоли Файзӣ бибин, к-аз абрӯят
Теғ дар дил халидааст ӯро.

* * *

Чунин ки турки ман оғоз карда арбадаро*,
Дигар чӣ ҳол бувад ошиқони ғамзадаро?
Зи чашми мо ба ҷамоли бутон тамошо кун,
Ту, кӯрдида, чаро мункирӣ мушоҳадаро?
Сиёҳномаи мастон ба бода мешӯянд,
Хабар баред маломаткашони майкадаро.
Фиреби ақл чӣ ҳосил, ки медиҳад бар бод
Фусуни ғамзаи соқӣ ҳазор шуъбадаро*.
Саводи килки маро офтоб медонад,
Ки бурдаам ба баёзи* саҳар мусаввадаро*.
Зимоми киштии май устувор кун, Файзӣ,
Ки мавҷ арбадахез аст оби нарбадаро.

* * *

Соқӣ кашад ба рақс дили хунфусурдаро,
Гар бар лабам ниҳад қадаҳи нимхӯрдаро.
Ваҳ, чун кунам, ки ишқи ту овора мекунад
Сад ҷони пай ба манзили мақсуд бурдаро.
Эй масти турктоз, яке бар сарам бинеҳ
Пойи ба хуни аҳли муҳаббат фишурдаро.
Эй кош ҳамдаме, ки расонид номаат,
Гӯяд ба ман ҳақиқати ҳарфи сутурдаро*.

Чун бигзарӣ зи турбати ман, дар ду дида каш
Хоки ба остони муҳаббат супурдаро.
Баҳри тамом кардани мо ғамзае бас аст,
Дар кори ғайр кун нигаҳи ношумурдаро,
Файзӣ, ту кистӣ, ки занад теғи ғамзаат?!
Як заҳри чашм бас чу ту сад ниммурдаро.

* * *

Ҳусни тамом додаам он моҳпораро,
Маҳ кардаам ба зӯри таваҷҷуҳ ситораро.
Бингар тасарруфи назари аҳли дил, ки чун
Тӯфони оташин бинамудам шарораро.
Он қатрае, ки чашми манаш дошт дар канор,
Бахре шуду ниҳуфт зи чашмам канораро.
Эй офтоб, ин ҳама бар осмон марав,
Ман ҳам ақиқ сохтаам санги хораро.
Халқе ба ҳусн чашми тамошо кушодаанд,
Ку дидае, ки фарқ шиносад назораро?!
Оҳ, ин чӣ фитнаҳост, ки даврон тамом кард
Дар рӯзгори ӯ ситами нимкораро.
Файзӣ фиребхӯрдаи айёрпешаест,
К-аз гӯши офтоб кашад гӯшвораро.

* * *

Завқи лабат ҷон диҳад ошиқи бечораро,
Заҳр бувад ҷуз шакар мурғи шакархораро.
Ёд мадеҳ ғамзаро фитна, ки беҳосил аст
Арбада омӯхтан турки ситамкораро.
Гар на паёпай расад новаки дилдӯзи ӯ,
Аз чӣ фароҳам кунам ин дили садпораро?
Зоҳиди фирдавсҷӯ, рав, ки талабгори дӯст
Кай ба ду олам диҳад якдама наззораро?!
Ман киву толеъ кадом, к-оҳи ҷаҳонсӯзи ман
Дода ба бод осмон, сӯхта сайёраро.
Сангдилӣ то ба чанд, як нафас оҳиста бош,
То ба фусуни вафо мум кунам хораро.
Ҷони ту, Файзӣ, зи тан рафту наёмад ба ҷо,
Хона наёяд ба кор ошиқи овораро.

* * *

То сиҳҳат аст унсури шоҳи ягонаро,
Пайдост эътидол мизоҷи замонаро.
Дар хоби роҳатанд ду бемори наргисаш,
Кӯтаҳ кун, эй табиби фусунгар фасонаро.
Гӯ шамъ гӯша гир, ки аз чашми офият
Афрӯхт офтоби рухаш саҳни хонаро.
Давлат навиди умри абад медиҳад ба ӯ,
Эй бахт, гӯш дор, ки гӯям нишонаро.
Эй айш, гиря рафт зи ман в-арна кардаме
Исори* мақдамат гуҳари дона-донаро.
Эй хушдиле, ки мондӣ аз ин базмгоҳ дур,
Фарсуда кун зи бӯса задан остонаро.
Файзӣ гузашт, к-аз дили бесабр ҳар саҳар
Оҳам ба офтоб расондӣ забонаро.

* * *

Шаби ид аст, соқӣ, чарх деҳ ҷоми ҳилолиро,
Салои* бода зан дурдикашони лоуболиро*.
Тафовутҳост дар мастон, нигаҳ кун, бода кам-кам деҳ
Ба бадмасте, ки аз ҳад мебарад беэътидолиро.
Ҳарифи он масеҳомашрабам, к-аз соғари ишрат
Ба тарсозодае нӯшад шароби пуртуголиро.
Ман оби Хизр бар хоки сияҳ резам чу Искандар,
Ки меафзояд ин об андуҳи пиронасолиро.
Таолаллаҳ, чӣ ид аст ин, ки дар даврон намеёбам
Дили аз шавқ маҳруме, сари аз завқ холиро?!
Бутон дар ҷилваву нозанду нозам бар Худованде,
Ки мебахшад ба раъноён чунин нозукниҳолиро.
Ғанимат дон ба даври хусрави воло Ҷалолуддин
Нишоти иди исфандормуз, моҳи ҷалолиро.
Хушо иқболи бадмастони дарёдил, ки чун Файзӣ
Зи базми Акбарӣ доранд файзи лоязолиро.
Илоҳӣ, чун ҷаҳон осуда шуд дар сояи чатраш,
Кунӣ мамдуд то хуршеди ҳашр ин зилли олиро.

* * *

Гар бидонӣ қадри лаззати яктоиро,
Ба ду олам надиҳӣ як дами танҳоиро.
Ману вобастагии ишқ, ки девона дилам
Эътиборе наниҳад силсилафарсоиро.
Ҳаст ҳар заррае аз реги равон Маҷнуне,
Ки зи сар карда қадам бодияпаймоиро.
Даст бар сар задам он рӯз, ки зарринкамарон
Баршикастанд кулаҳгӯшаи раъноиро.
Гаҳ ба чашми ту назар бозаму гаҳ бо мижаат,
Дил ба як ҷо набувад ошиқи ҳарҷоиро.
Эй насиҳатгари бедард, чӣ дорӣ бо ман?
Манъи наззора макун чашми тамошоиро!
Файзӣ, аҳсант аз ин ишқ, ки даврон имрӯз
Гарм дорад зи ту ҳангомаи расвоиро.

* * *

Ба як-ду рӯз маҳи рӯза бурд тоби маро,
Ки баршикаст чунин ранги офтоби маро.
Қадаш ба ҷилва аз ин пеш дошт музтарибам*,
Кунун фузуда ба ором изтироби маро.
Зи ташнагӣ лаби ӯ хушк бингар, эй ҳамдам,
Дигар мапурс сабаб дидаи пуроби маро.
Зи заъфи рӯза бувад, не зи рӯи истиғно,
Ки гар суол кунам, кам диҳад ҷавоби маро.
Мадор рӯза, ки аз сидқи нийяте, ки марост,
Кунад фаришта ба номат рақам савоби маро.
Сипеҳр кош маҳи рӯзаро барандозад,
Ки талх кард шабу рӯз хӯрду хоби маро.
Зи бода даст кашидам, раво бувад, Файзӣ,
Ки бишкананд дили тавбаиртикоби маро.

* * *

Чу ишқи муғбача шуд аз азал насиб маро,
Калиди Каъба набошад кам аз салиб маро.
Чӣ кор бо рагу пай дорад оташи дили ман,
Ба набз беҳуда нохун мазан, табиб, маро.
Зи баргу шохи чаман бартар аст парвозам,

Зи аҳли ишқ чӣ нисбат ба андалеб маро?
Чунин ки тан ба ҳарам шуд асиру дил ба санам,
Ба пеши Каъба бисӯзанд анқариб* маро.
Ба хории аҷабам мекушад, чӣ тадбир аст,
Ғами ту ёфта дар шаҳри худ ғариб маро.
Чунин ки парда барафтод аз ҳақиқати ишқ,
Чӣ ғам зи ҳоҷибу андеша аз рақиб маро?

* * *

Қоматат кард сарбаланд маро,
Сари зулфат зи по фиканд маро.
Будаам ҳамчу қомати озод,
Зулфат овард дар каманд маро.
То кай, эй хандазан, ба базми касон
Ғайрат орад ба заҳрханд маро?
Мани девона дил ба ӯ додам,
Оқилон панд медиҳанд маро.
Аз азал ман рабудаи ишқам,
Нарабояд касе зи банд маро.
Эй табибон, ҷунуни ман азалист,
Доғи сар нест судманд маро.
Шеъри Файзӣ магӯ, писандам нест,
Ин сухан кай фитад писанд маро?!

* * *

Овора кард ишқ ба якборагӣ маро,
Дар ошиқӣ хуш аст ба оворагӣ маро.
Эй ҳамдамон, ба чошнии шарбатам чӣ кор,
К-омӯхт ишқи ӯ ба ҷигархорагӣ маро.
Аз сабри талх чораи ман мекунад табиб,
Бечораам, чӣ чора зи бечорагӣ маро?
Ман дар таби фироқ ба болин ниҳода сар,
Марг аз канор омада наззорагӣ* маро.
Дар каф каманди ғамзаву бар дӯш теғи ноз,
Чашмат фиреб дода ба айёрагӣ маро.
Файзӣ, зи наъли тавсани* ӯ сар намекашам,
Гар бодпои чарх шавад борагӣ* маро.

* * *

Мутасиб, бигзар зи ман, то чанд озорӣ маро?
Чашми ман аз гиря сурху маст пиндорӣ маро.
Бар мани девона ҳар дам тухмати мастӣ манеҳ,
Ман зи худ бигзаштаам, он беҳ, ки бигзорӣ маро.
Бехудиҳое, ки ман дорам, зи ҷому бода нест,
Чашми масташ мебарад аз роҳи ҳушёрӣ маро.
Аз куҷо гирам раҳи тақво, ки хатти даври ҷом
Дод аз арбоби тоат хатти безорӣ маро.
Носеҳо, аз лутф мегӯӣ, ки тарки ишқ гир,
Мекунӣ лутфе агар, маъзур медорӣ маро.
То ба кай аз зоҳидони шаҳр бинам сарзаниш,
Аз азизони ҷаҳон то кай расад хорӣ маро?
Доштам, Файзӣ, саре бо олами озодагӣ,
Ишқ пайдо кард асбоби гирифторӣ маро.

* * *

Эй хами абрӯи ту теғи ҷафо,
Ҳалқаи гесӯи ту доми бало.
Ханҷари паҳлӯи ту теғи аҷал,
Ғамзаи бадхӯи ту тири қазо.
Бастаи бозуи ту турки Хутан,
Куштаи оҳуи ту шери Хито.
Дар рухи некӯи ту нури азал,
Дар лаби ҷодуи ту сирри Худо.
Тофта зонуи ту дасти ҳавас,
Дӯхта бар сӯи ту чашми ҳаво.
Хастаи ҳиндуи ту Файзии зор,
Ташнаи доруи ту баҳри даво.

* * *

Рехта хуни ҷигар аз чашми мо,
Куллу аноин ятарашшаҳ би мо.
Рехтам аз дида дамодам сиришк,
Фамталаа-л-арза биҳи вас само
Парда каш аз пешу намо рӯи худ,
То дилу ҷон пеш кунам рӯнамо.

Сар макаш аз ман, ки ба хуни дилам
Сарви қадат ёфта нашвунамо.
Ҳар кӣ ба хуршеди рухат гарм шуд,
Соя нахоҳад, агар ояд ҳумо.
Рафтаму мондам дилу ҷон бар дарат,
Қад ҷаъала-л-ҷанната мисвоҳумо.
Симбарон, аз хираду сабру ҳуш
Ҳар чӣ зи Файзист, аз они шумо!

* * *

Ваҳ, ки маъвои бало шуд ҷои мо,
Вой бар мо, вой бар маъвои мо!
Рафта-рафта арсаи* олам гирифт
Мавкиби ашки* ҷаҳонпаймои мо.
Мавҷхези ишқ берун мекашад
Гавҳари рози дили шайдои мо.
Зррамиқдорем, аммо пур бувад
Нуҳ садаф аз гавҳари яктои мо.
Мову зиндони шикебоӣ, ки ишқ
Монда занҷири гарон бар пои мо.
Ишқ моро кард чун султон фақир,
Хомушӣ бас кӯси истиғнои мо.
Рафтам аз кӯят, магар пурсӣ, чӣ шуд
Файзии девонаи шайдои мо?

* * *

Ману риндию сайри машрабҳо,
То бигирад қарор мазҳабҳо.
Ҷонфидокардаҳои ҷононро
Чӣ тафовут зи ҳашри* қолабҳо?!
Он гаронхобро ба хилвати ноз
Чӣ хабар аз хурӯши ё Рабҳо?
Ба хаёлаш хушам, ки нагзорад
Хоб бар гирди дидаам шабҳо.
Ғарқи дарёи ишқ озод аст
Аз баландии мавҷи ғабғабҳо*.

Эй фалак, сӯӣ ӯ раҳам бинмой,
В-арна, оташ занам ба кавкабҳо*.
Файзӣ, аз гуфтугӯи ишқ ҳамӯш!
Сӯхт ин оташин забон лабҳо.

* * *

Эй зулфи ту дар силсилаҷунбонии дилҳо,
Дар ҷунбиши зулфи ту парешонии дилҳо.
Ҳусни ту баророста сад хони малоҳат,
В-он гоҳ сало дода ба меҳмонии дилҳо.
Бигзор тағофул*, ки муҳол аст бутонро
Бе ғамзаи бедор нигаҳбонии дилҳо.
Иқлими бутон нодира мулкест, ки бошад
Ободии он мулк зи вайронии дилҳо.
Сахтӣ мабар аз ҳад, ки дигар тоб надорем,
Эй шӯх, ҳазар кун зи гаронҷонии дилҳо.
Устодии чашми ту кашид аҳли фусунро
Дар мактаби таълими забондонии дилҳо.
Файзӣ, сари худ гир, к-аз андоза бурун аст
Дар турраи ӯ бесарусомонии дилҳо.

* * *

Эй карда ба хунрези дил аз ғамза каминҳо,
Дар турра ба сайди назар андохта чинҳо.
Ҳам силсилапардохтаи зулфи ту дилҳо,
Ҳам хонабарандохтаи чашми ту динҳо.
Бо аҳли назар чини ҷабин* нест бутонро,
Азбаски ба даргоҳи ту суданд ҷабинҳо.
Он тоифаро хотами ишқи ту ба даст аст,
К-аз санги ҷунун сохта бошанд каминҳо.
Гаҳ оҳ кашад аз дилу гаҳ гиря кунад зор,
Аз сӯхтаи ишқ аҷаб нест чунинҳо.
Дар роҳи таманнои* ту ман мондаму оҳе,
Дар ишқ зи собитқадамон монд ҳаминҳо.
Файзӣ, зи ғаму шодии айём чӣ хезад,
Гар ошиқи содиқнафасӣ, бигзар аз инҳо!

* * *

Манаму ишқу беқарориҳо,
Дам ба дам нолаҳову зориҳо.
Теғи хунин кашида меояд,
Мерасад вақти ҷонсупориҳо.
Ноумедам макун зи ним нигаҳ,
К-аз ту дорам умедвориҳо.
Сад бало мерасад ба дил зи ғамат,
Бошад инҳо миёни ёриҳо?!
Ашки мо мефитад зи парда бурун,
Нест дар ишқ пардадориҳо.
Бори ишқи ту мебарем ба хок,
Шарти ёрист бурдбориҳо.
Файзӣ, аз гард чеҳра пок макун,
Мадеҳ аз даст хоксориҳо.

* * *

Эй наргиси масти ту гаронхоб,
Дар ҳар мижаат ҷаҳон-ҷаҳон хоб.
Ман куштаи наргисат, ки пайваст
Мастона кунад ба гулситон хоб.
Бар хоб ду чашми ӯ магиред,
Гирост ба табъи нотавон хоб.
Чашми ту аз он намешавад боз,
К-омӯхт зи бахти ошиқон хоб.
Пӯшам ба дарат ду чашму уфтам
Чун саг, ки кунад бар остон хоб.
Хобе, ки дар ӯ ту рух намоӣ,
Бедории дил шуморам он хоб.
Маҷлис ба сар омаду ҳарифон
Карданд ҳама ягон-ягон хоб.
Бедор нишин ба айш, Файзӣ,
К-охир барадат ба ногаҳон хоб.

* * *

Базм чун водии Айман шуда пурнур имшаб,
Шамъро ханда бувад бар шаҷари* Тур имшаб.

Он шабистони таҷаллист, ки гар даст диҳад,
Дуда з-ин шамъ паи вусма барад ҳур имшаб.
Базмгоҳест, ки исонафасон мебахшанд
Шарбати сиҳҳати ҷовид ба ранҷур имшаб.
Бирав, эй муҳташам, аз маҷлиси риндон, к-ин ҷо
Сари Хоқон шиканад косаи Фағфур имшаб.
Ниммастони тарабро сари бадмастӣ нест,
Соқӣ он беҳ, ки диҳад бода ба дастур имшаб.
Аҳли дилрост ба ҳам замзамае, кош дигар
Мутриб оҳиста барад даст ба танбӯр имшаб.
Ҳаст наздик ба ҳам мастию ҳушёрии мо,
Ин чӣ базмест, к-аз ӯ дидаи бад дур имшаб!
Эътидолест ба мастон, ки агар рӯй диҳад,
Ошиқи маст занад таъна ба мастур имшаб.
Файзӣ, аз ганҷи тараб хонааш ободон бод,
Он ки вайронаи мо сохта маъмур имшаб.

* * *

Дорам зи оташи таб ҳоли мушавваш имшаб,
Ёрон, дамед бар ман афсуни оташ имшаб.
Ҳамхобаи аҷалро хоҳам кашид дар бар,
К-аз хуни дида кардам бистар мунаққаш имшаб.
Эй толеи ғунуда, бедор шав, ки бар ман
Дорад сари шабехун ҳаҷри сипаҳкаш имшаб.
Бояд дуаспа кардан шабгир* аз ин вилоят,
К-омад ба азми ғорат ғам ронда абраш* имшаб.
Боз аз тапидани худ мастона шавқ дорам,
К-аз реши дил равон шуд хунҳои беғаш имшаб.
Хунобаҳои пинҳон, гӯ, шав равон, ки ман ҳам
Хоҳам фурӯ кашидан з-ин бода ха(в)ш-ха(в)ш имшаб.
Шармандаем, Файзӣ, з-ин бехудӣ, ки ногаҳ
Девонагии моро дид он париваш имшаб.

* * *

Меравад он шаҳсавор, бурда зи ҷонҳо шикеб*,
Ишва маорифшикор, ғамза малоикфиреб.
Масту шикорафканон, рахши бало такзанон,
Дасти ҷафо дар инон, пои ситам дар рикеб*.

Ҷилваи ӯ дилгусил, хуни ҳаромаш биҳил,
Ҳар қадам аз чашму дил дида фарозу нишеб.
Сангдилӣ кӯҳ-кӯҳ, фитна гурӯҳогурӯҳ,
Ҳам мижааш пуршикӯҳ, ҳам нигаҳаш пурниҳеб,
Ёсуманаш тозарӯ, сунбулаш ошуфтамӯ,
Тӯтии фирдавси ӯ дода ба Ҷибрил себ.
Ғунчаи ӯ боданӯш, лолаи ӯ гулфурӯш,
Барги гулаш сарвпӯш сарви қадаш ҷомазеб.
Ӯ зи ду сӯ баста саф, ҷилвакунон ҳар тараф,
Файзии бедил зи каф дода инони шикеб.

* * *

Дӯш аз шамъ на парвона ба даъво месӯхт,
Малаке буд, ки аз нури таҷалло месӯхт.
Гар шаҷар монд саломат, чӣ аҷаб, к-оташи Тур
Оташе буд, ки аз вай дили Мӯсо месӯхт.
Нест бар дидаи Маҷнун сари як мӯй ҳиҷоб*,
Варна, аз оҳ сияҳхонаи Лайло месӯхт.
Хона дар рӯи ҳавас сохтаме, гар на чунин
Барқи ишқат хасу хошоки таманно месӯхт.
Партави рӯи ту бигрифт ҷаҳонрову ҳанӯз
Дили зоҳид зи ғами ҷаннати аъло месӯхт.
Буд маҳрум дил аз ҷилваи он парданишин,
Гар на аз оташи май пардаи тақво месӯхт.
Шаб, ки Файзӣ сухан аз сӯзи дили худ мегуфт,
Дили соҳибназар аз гармии маъно месӯхт.

* * *

Ятими чобуки ман, к-аз лабаш фусун мерехт,
Бараҳна буду чу теғи бараҳна хун мерехт.
Ба тездастии он шӯхи фитнагар нозам,
Ки кас надид, ки хуни ҳариф чун мерехт.
Агарчи баста ҳазорон хирад ба ҳар сари мӯй,
Вале зи ҳар шиканаш мояи ҷунун мерехт.
Чӣ гиря буд саҳар чашми хунфишони маро,
Чӣ бода буд, к-аз он ҷоми сарнигун мерехт?!
Ба даври тозабаҳори ҷамоли ӯ чӣ аҷаб,
Ки сели дида зи борони ғам фузун мерехт.

Маро таҳайюри* ҳусни ту баст роҳи сиришк,
Вагарна, дида чӣ хунобаҳо бурун мерехт.
Фусуни чашми ту имшаб забони Файзӣ баст,
Вагарна, қиссаи шавқи ту аз дарун мерехт.

* * *

Он ки биншаст ба роҳат, зи сари дил бархост,
В-он ки афтод дар ин бодия, мушкил бархост.
Рашки сад наъраи занҷир бувад Маҷнунро,
Бонги халхол, ки аз домани маҳмил бархост.
Нимкушти нигаҳам кун, ки шаҳидони туро́ст
Рашк бар ҳолати он мурғ, ки бисмил бархост.
Эй хуш он субҳ, ки ошиқ зи шакархоби висол
Даст дар гардани маъшуқ ҳамоил* бархост.
З-ин ҳама афв, ки бар дӯши иноят бастанд,
Хуни мо буд, ки аз гардани қотил бархост.
Хусрави ишқ магар хонабарандоз расид,
Чӣ ғубор аст, надонам, ки зи манзил бархост.
Дӯш риндон нашуниданд зи Файзӣ ғазале,
Ки на сад наъраи мастона зи маҳфил бархост.

* * *

Марав, ки нахли қадат сарви наврасидаи мост,
Таровате ки ту дорӣ, зи оби дидаи мост.
Ба доғи ишқ балоҳо кашам, намегӯӣ,
Ки ин зи сӯхтаҳои балокашидаи мост.
Тараҳҳуме* ба дили мубталои мо мекун,
Ки ин асир ғарибi фироқдидаи мост.
Фиғон зи хӯи ситампешае, ки дар маҷлис
Ба танг омада аз ҳарфи ношунидаи мост.
Ба хуни дил, ки дамодам чакад зи дида, хушам,
Ки ин зи базми муҳаббат майи чакидаи мост.
Гузидаем зи ёрон ғами ниҳонеро,
Ки ӯ зи ҳамнафасон ёри баргузидаи мост.
Ба шавқи тозагуле гуфта ин ғазал Файзӣ,
Ба ёд дор, ки аз нуктаҳои чидаи мост.

* * *

Бар синаам зи бори ғамат кӯҳсорҳост,
В-аз хуни дил ба ҳар тарафаш лолазорҳост.
Аҳволи ошиқони балокаш зи ман мапурс,
К-ин қавмро ба қадри ҷунун эътиборҳост.
Андеша аз ваболи абад кун, ки оқибат
Дар ҳашр куштагони туро бо ту корҳост.
Паймони ман агар шиканӣ, ҷои шиква нест,
Хӯи туро ба аҳди ту, донам, қарорҳост.
Завқи хадангҳои* ту аз дил намеравад,
Моро зи лутфҳои ту бо худ шуморҳост.
Гулгунсавори ман чӣ бало тунд меравад,
Фитроки ӯ агарчи гарон аз шикорҳост.
Файзӣ, ту аз куҷо, паи гулгунаш аз куҷо?
Оҳиста рав, ки дар кафи пойи ту хорҳост.

* * *

Дӯш ғам рахти иқомат аз дили ношод баст,
К-аз дарам танҳо даромад ёру дарро бод баст.
Гуфтиям: Хомӯш чун мондӣ зи афғон пеши ман?
Орзу дар дил гиреҳ шуд, кор бар фарёд баст.
Ошиқ аз нерӯи ғайрат кӯҳ бардорад зи пеш,
Бигзар, эй Хусрав, ки натвон роҳ бар Фарҳод баст.
Зор нолидам ба ҳоли навгирифторони ишқ,
Ҳар гаҳ аз доми фиребе сайдро сайёд баст.
В-эй ки дастафшону зулфошуфта дар боғ омадӣ,
Бод дасти сарвро аз турраи шамшод баст.
Сарбахокафкандаи шамшери он кофардилам,
К-аз фусун чашмаш забони ханҷари ҷаллод баст.
Монд пайконҳои* ӯ, Файзӣ, ба чоки синаам,
Сангдил бингар, дари айши ман аз фӯлод баст.

* * *

Бадмасти ман на чашми худ аз хоби ноз баст,
К-он чашми мастро мижаҳои дароз баст.
Аз ҳусн банда шоҳ шавад, варна, аз чӣ рӯ
Пури Сабуктагин дили худ дар Аёз баст?

Рӯи ту дидаву ба сари хеш мезанад
Он дастҳо, ки зоҳиди мо дар намоз баст.
Бесабр будам, аз нигаҳаш дида дӯхтам,
То тарки изтироб кунад, чашми боз баст.
Гӯӣ зи Каъбаи дили Маҷнун хабар надошт,
Лайлӣ шабе, ки маҳмили роҳи Ҳиҷоз баст.
Танҳо ҳамин на нағмаи ишқ аст пардадар,
Бас нақши дилфиреб, ки он пардасоз баст.
Файзӣ, ба як-ду маънии рангин зи раҳ марав,
Бисёр дар зи файз, ки бикшоду боз баст.

* * *

Сорбон аз маҳмили Лайлӣ, ки бар ҷаммоза* баст,
Бар дили Маҷнун зи ҳиҷрон бори беандоза баст.
Ғулғули занҷири Маҷнун ноқаро дорад ба рақс,
Сорбон чандин ҷарас беҳуда бар ҷаммоза баст.
Не ҳамин танҳо рухи зардам ба хун оғушта шуд,
Ишқи рангомез аз ин бисёр нақши тоза баст.
Бандаи он ринди яктоям, ки аз ғавғои халқ
Дар даруни хона рафту аз бурун дарвоза баст.
Зулфу рухсор аст, к-аз дил мебарад сабру қарор,
Дидаи кӯтоҳбин тухмат ба мушку ғоза баст.
Соқиё, аз бодаи дӯшина махмурам басе,
Метавон аз ҷуръаи май роҳ бар хамёза баст.
Риштаи маънии борикам зи бас рангин фитод,
Метавон девони Файзиро ба он шероза баст.

* * *

Ҳуснат, ки бар андешаи ҳайратзада раҳ баст,
Чашми ҳама бикшод, вале роҳи нигаҳ баст.
Дилҳо ҳама дар чоҳи занахдони ту афтад,
З-ин гуна, ки он сабзаи наврас сари чаҳ баст.
Бар фарқи шаҳаншоҳ бувад чатри саодат,
Бар рӯи ҳаво парда, ки аз абри сияҳ баст.
Олуда нагардад ба ҳавас дидаи покон,
Бар дӯши малоик натавон бори гунаҳ баст.

Он каҷкулаҳ имрӯз чунон рафт, ки як дил
Тарфе натавонист аз он тарфи* кулаҳ баст.
Эй омада ғофил* зи нами дидаи ушшоқ,
Он занг надидӣ, ки бар оинаи маҳ баст?!
Ёрон ҳама дар тоати Ҳақ даст бибастанд,
Файзӣ камари бандагии ҳазрати шаҳ баст.

* * *

Гул кард ишқу дар кафи ман хори ғайрат аст,
Хун шуд дилам, чӣ кор кунам, кори ғайрат аст.
Гар меканӣ бинои муҳаббат, ғаюр бош,
К-ин хонаро мадор* ба девори ғайрат аст.
Худро ба сӯи ғайр макаш, варна, бигсилад
Сарриштаи вафо, ки нигаҳдори ғайрат аст.
Бедард, ғофил аз гираҳи синаам мабош,
К-ин ношукуфта ғунчаи гулзори ғайрат аст.
Чун ғайрат аст зоди* раҳи Каъбаи мурод,
Эй хуш сабукдиле, ки гаронбори ғайрат аст.
Осуда синае, ки бар ӯ бори ошиқист,
Озода хотире, ки гирифтори ғайрат аст.
Файзӣ, зи боғи ӯ ҳама гулчини ишратанд,
Дар гулшанаш насибаи ман хори ғайрат аст.

* * *

Базми нишоти бодагусорон ғанимат аст,
Соқӣ, биё, ки суҳбати ёрон ғанимат аст.
Фарёди ошиқон бикушояд зи дил гиреҳ,
Гулбонги дилкушои ҳазорон ғанимат аст.
Дар ҷилваанд тозаниҳолони бӯстон,
Рақси чаман зи боди баҳорон ғанимат аст.
Бархез, то зи хона ба майдон бурун равем,
Ҷавлони рахши шоҳсаворон ғанимат аст.
Худро асири ҳалқаи фитроки ғамза кун,
Сайдафкании шершикорон ғанимат аст.
Файзӣ, даруни кулбаи торик гиря чанд?
Бар сабзаҳо таровиши борон ғанимат аст.

* * *

Ошиқ зи пайи нуқлу майи рӯҳсиришт аст,
Зоҳид ба ҳавои шакару шири биҳишт аст.
Манъам макун аз май, ки ба дарё натавон шуст
Он ҳарф, ки бар носиям* ишқ навиштаст.
Аз мавҷаи тӯфони ғам андеша надорад,
Онро, ки равон киштии май бар лаби кишт аст.
Чун аз сари хум хишт бигиранд ҳарифон,
Гар ақл барад номи маломат, сару хишт аст.
Он каъбапарастем, ки девона дили мо
Қандилфурӯзи сари айвони куништ аст.
Дар зулфи бутон таъни асирон написанданд,
Гар халқ бидонанд, ки ин ришта кӣ риштаст.
Доди ман аз он аст, ки бедод ба Файзӣ
Хубони ҷаҳон хуб бидонанд, ки зишт аст.

* * *

Дили хубони шаҳр моили туст,
Санги оҳанрабо магар дили туст?
Гар зи оҳан диле бар ин дорад,
Аз чӣ оина дар муқобили туст?
Гар дилам хун шуд аз ту, нест аҷаб,
Тоири қудс нимбисмили туст.
Хезу дар чашми поки ман бинишин,
Дили пурхуни ман на манзили туст.
Ҳар киро ишқ кард девона,
Бастаи анбарин салосили туст.
Ту чунин масту ҳар куҷо ки равам,
Маҷлисе аз навои маҳфили туст.
Мушкилат ҳал накарда кас, Файзӣ,
Мушкили коинот мушкили туст.

* * *

Имшаб видои ёр зи маргам аломат аст,
Шоми видоъ нест, ки субҳи қиёмат аст.
То ман ба кӯи ӯ ба саломат гузаштаам,
Аз ҳар тараф, ки мегузарам, сад маломат аст.

Умре агарчи дар сафари ишқ будаам,
Акнун бар остони ту азми иқомат аст.
Дар ҳусни хулқ кӯш, ки асбоби дилбарӣ
Танҳо на зулфу холу хату қадду қомат аст.
Моро ба роҳи майкада иршод* мекунад,
Маълум шуд, ки пири муғонро каромат аст.
Файзӣ, ба роҳи дӯст агар сар ниҳодаӣ,
Аз ҷо марав, ки шарти талаб истиқомат* аст.

* * *

Мasти ишқат чӣ сарх(в)аш афтодаст,
Майи ҳуснат чӣ беғаш афтодаст.
Мефиребад дили маро, чӣ кунам,
Лавҳи сурат мунаққаш афтодаст.
Гаҳ кашам оҳу гаҳ кашам нола,
Кори ман дар кашокаш афтодаст.
Чун нагардам ба ишқ девона,
Ки нигорам париваш афтодаст?!
Дилам аз доғи тоза месӯзад,
Боз дар хона оташ афтодаст.
Гунаҳи турраи парешон нест,
Бахти Файзӣ мушавваш афтодаст.

* * *

Маро ба роҳи муҳаббат ду мушкил афтодаст,
Ки хун гирифтааму ёр қотил афтодаст.
Зи боданӯшии бадмасти ман мапурс имшаб,
Кадом бода, ки оташ ба маҳфил афтодаст.
Ба хоки турбати ман устухон чӣ менигарӣ,
Ки пул шикаставу рахтам ба соҳил афтодаст.
Ба гарданам зи ту таъвизи дӯстӣ ин бас,
Ки захми теғи шаҳодат ҳамоил афтодаст.
Мусофирони тариқат, зи ман ҷудо машавед,
Ки дурбинаму чашмам ба манзил афтодаст.
Миёнаи ману он шӯх то чӣ анҷомад,
Ман оташиндилу ӯ оҳаниндил афтодаст.
Шикори ҳиммати Файзӣ ба сӯи сайдгаҳест,
Ки сад ҳазор ҳумо нимбисмил афтодаст.

* * *

Ҳавои ишқ маро тоза дар дил афтодаст,
Назар кунед, ки дарё ба соҳил афтодаст.
Гумон мабар, ки ба дарюза даст бикшоям,
Маро, ки гавҳари шабтоб дар гил афтодаст.
Парид мурғи дили ман ба тарфи сайдгаҳе,
Ки сад фаришта ба ҳар гом бисмил афтодаст.
Худойро, чӣ кунам, чун зиям, мусалмонон,
Ки симтан бути ман оҳаниндил афтодаст?!
Мапурс раҳ, ки зи сарҳои раҳравони ҳарам
Нишонаҳост, ки манзил ба манзил афтодаст.
Зи ман ба қофиласолори роҳи ишқ бигӯй,
Ки ноқа мондаву дар дашт маҳмил афтодаст.
Мапӯш чеҳра зи Файзӣ, ки покбинонро
Назар ба оинаи дил муқобил афтодаст.

* * *

Баҳри ғам бекарона афтодаст,
Дили ман дар миёна афтодаст.
Ишқ баҳрест бекарона, к-аз ӯ
Муддаӣ бар карона афтодаст.
Мастии шаҳсавори ман нигаред,
К-аз кафаш тозиёна афтодаст.
Шаб, ки оҳе кашидаам ба чаман,
Мурғ аз ошёна афтодаст.
Ғараз аз ҳар ду кавн бехабарист,
Бода хӯрдан баҳона афтодаст.
Ишқу чандин ҳавас, касе чӣ кунад?
Расмҳо дар замона афтодаст.
Гарчи Файзӣ ба роҳи зуҳд афтод,
Ғаразаш ошиқона афтодаст.

* * *

Дар дили ман ҳаваси васли касе афтодаст,
Ки аз ӯ дар дили ҳар кас ҳавасе афтодаст.
Дили ман дар кафи тифлест, ки аз бехабарӣ
Булбулаш мурда, ба кунҷи қафасе афтодаст.

Равишу роҳи бутон аз мани савдозада пурс,
Ки маро кор ба ин қавм басе афтодаст.
Сабр дар ишқи ту мекардаму мегуфт хирад:
Дуздро роҳ ба кӯи асасе афтодаст.
Корвони ҳарам аз бим магар тез гузашт,
Ки ба ҳар гом дар ин раҳ ҷарасе афтодаст.
Ҳоли мурғони гирифтор касе медонад,
Ки ҷудо аз қадами ҳамнафасе афтодаст.
Чашми Файзӣ агар афтад ба рухат, айб макун,
Ту ҳамон гир, ки дар боғ хасе афтодаст.

* * *

Дил гарми харидории он ишвописанд аст,
З-он шӯх бипурсед, ки як ишва ба чанд аст?
Дил сӯхтаи барқи нигоҳест, ки дар чашм
Бар оташи рӯяш гули фирдавс сипанд аст.
Озодатар аз ошиқи бедил натавон ёфт,
Гар пой ба занҷир, вагар сар ба каманд аст.
То домани мақсуд ба чанги кӣ дарояд,
Бас нохуни уммед, ки дар дил зи ту банд аст.
Мушкил, ки бувад тоқати гармии нигоҳаш
Онро, ки ба рухсор зи гулбарг паранд* аст.
Эй аз паи хунрезии мо тегҳамоил,
Ханҷар бинеҳ аз каф, ки нигоҳи ту басандаст.
Файзӣ, чӣ ғам, ар шеъри ту ҳосид написандад,
Алминнату лиллаҳ, суханат шоҳписанд аст.

* * *

Дар чашми мо муҳит* ба соҳил баробар аст,
Оби бақо ба заҳри ҳалоҳил* баробар аст.
Ғофил машав, ки дидаи аҳли назар бувад,
Паймонае, ки бо қадаҳи дил баробар аст.
Носеҳ, маро гузор, ки девонаи бутон
Бо сад ҳазор мардуми оқил баробар аст.
Занҷири оҳанин мани девонагардро
Дар гардани ҳавас ба ҳамоил баробар аст.
Маҷнуни ишқро чӣ ба занҷир мекашӣ?

Як тори мӯ вафо ба салосил баробар аст.
Бераҳм дил супурдаам, аз ноз хун макун,
К-ин мурғи паршикаста ба бисмил баробар аст.
Файзӣ, ба роҳи ишқ манам он қатили* дӯст,
К-аш хунбаҳо ба ғамзаи қотил баробар аст.

* * *

Сабрам аз чарх бемадортар аст,
Рӯзам аз шаб сиёҳкортар аст.
Эй ки марҳам ниҳӣ ба синаи реш,
Ҷигар аз синаам фигортар аст.
Чун касе ҷон барад, ки турконро
Ғамза аз ишва ҷоншикортар аст?!
Сӯхтам аз ситорапайкари хеш,
Ки зи бахтам ситезакортар аст.
Эй ниҳон дар нигорхонаи дил,
Дида аз дил ба хун нигортар аст.
Гарчи аз коҳ беқарортарам,
Ишқам аз кӯҳ барқарортар аст.
Файзӣ, аз осмон манол, ки ӯ
Аз ту ошуфтарӯзгортар аст.

* * *

Фурӯғи шамъи муҳаббат зи оташи дигар аст,
Даруни сӯхтаи ӯ балокаши дигар аст.
Дарахти водии Айман насӯзад оташи Тур,
Ки баҳри сӯхтани ҳима* оташи дигар аст.
Ба роҳи ишқ маро нисбате ба Маҷнун нест,
Рабудагии дилам аз париваши дигар аст.
Сарам ба ишваи соқӣ фурӯ намеояд,
Ки мастии дилам аз ҷоми беғаши дигар аст.
Зи нақши лавҳаи гардун магӯ, ки тифли дилам
Фиребхӯрдаи лавҳи мунаққаши дигар аст.
Макун маломати Файзӣ, агар қадаҳ накашид,
Ки ӯ зи бодаи тавҳид сарх(в)аши дигар аст.

* * *

Бозам ҷунун сипаҳкаши ғавғои дигар аст,
Султони ишқ бар сари яғмои* дигар аст.
Мулки дилам гирифта ситампешаи дигар,
Кишвар харобу маъракаорои дигар аст.
Ё Раб, чӣ мазҳарӣ ту, ки чашми ман аз рухат
Дар ҳар нигоҳ маҳви тамошои дигар аст?!
Эй дил, сабур бош, ки дар боргоҳи дӯст
Навмедии ту арзи таманнои дигар аст.
Оҳ аз дурӯғваъдаи ман, к-аз паи фиреб
Фардои ҳашр толиби фардои дигар аст.
Ошиқ чӣ гуна сер тавонад назора кард,
Ҷое, ки ҳар нигоҳ тақозои дигар аст?
Файзӣ, ба ҳарфи ишқи ту кас пай намебарад,
Сарбаста нуктаи ту муаммои дигар аст.

* * *

Соқӣ, бирав, ки мастиям аз ҷои дигар аст,
Саргармиям зи оташи савдои дигар аст.
Парвонавор ошиқи ҳар шамъ нестам,
Сӯзи дилам зи анҷуманорои дигар аст.
Эй Хизр, сӯи оби ҳаётам чӣ мебарӣ?
Махмури ишқ ташнаи дарёи дигар аст.
Он мурғ нестам, ки хурӯшам зи шохи гул,
Фарёди ман зи қомату болои дигар аст.
Бӯи гули биҳишт надорад димоғи ман,
Доғи дилам зи лолаи саҳрои дигар аст.
Ҳоли маро зи ҳолати Маҷнун макун қиёс,
Девонаи ту бодияпаймои дигар аст.
Макшо дигар ба гуфтаи Файзӣ забони таън,
Эй муддаъӣ, бирав, ки сухан ҷои дигар аст.

* * *

Сирри азал аз фалак маҷӯй, ки дур аст,
Рӯзу шаб ин ҷо ҳиҷоби зулмату нур аст.
Нест Калиме, ки чашми дил бикушояд,
Варна, ба ҳар заррае таҷаллии Тур аст.

Пой ба боло манеҳ, ки поя баланд аст,
Дам зи тақарруб* мазан, ки шоҳ ғаюр аст.
Нуктаи сарбаста гӯ, ки маҷлиси унс аст,
Бода ба андоза каш, ки базми ҳузур аст.
Пардаи ҳастӣ бисӯзу ҳусни азал бин,
Рӯй намояд аён, чу оина ур* аст.
Чанд талаб мекунӣ нишони қиёмат?
Аз дами мо ғофилӣ, ки нафхаи сур* аст?!
Баҳри ту оростанд олами дигар,
Хайма бурун зан, ки рафтани ту зарур аст.
Толиби дидор базми хулд нахоҳад,
Зоҳиди мо ошиқи карашмаи ҳур аст.
Мурдадилӣ, Файзӣ, аз нишот қадам каш,
Мотами худ дор, ин чӣ маҷлиси сур аст?!

* * *

Боз дар сӯхтанам хӯи ту оташхез аст,
Косаи чашми ту аз заҳри нигаҳ лабрез аст.
Дил ба хӯи ту гирифтору ту бепарво маст,
Аз кабобам хабаре гир, ки оташ тез аст.
Бо кӣ омехтаӣ, боз чӣ ангехтаӣ,
Ки ба комам шакари нози ту заҳромез аст?!
Кӯҳканро манигар хор дар ин раҳ, Ширин,
Кӯҳкан нест, ки бунёдкани Парвиз аст.
Пардаи офият аз худ надаридам[1], чӣ кунам?
Ҷунбиши ғамзаи бадмаст балоангез аст.
Кимиё дар амали ҳусн бибинам, варна,
Домани поки ман иксири муҳаббатбез аст.
Файзӣ, аз Ҳинд шудам сӯи Хуросону маро
Тозагулдастаи девони ту дастовез аст.

* * *

Боз бар номаи най килки ту оташхез аст,
Боз нӯки мижа чун хома сиёҳирез аст.
Боз сури нафасамро шуда овоз баланд,
Ки ба саҳрои дилам ҷунбиши растохез аст.

[1] Шояд: «ар худ бидаридам» бошад, Девон, с. 248.

Коғазу килк чӣ аз сӯзи дилам бартобад,
Хасу хошок ба каф дораму оташ тез аст.
Айби ман нест, агар ҳарфи парешон гӯям,
Дуди савдо зи сари хома ҷунунангез аст.
Доруи ташнагиафзои ҷигар месозам,
Ки зи ёқути сиришкам мижа гавҳаррез аст.
Гар дили худ зи сари нома баровехтаам,
Дӯстон, хурда магиред, ки дастовез аст.
Файзӣ, аз ҳоли дилу дида сухан меронӣ,
Ки сиёҳии сари килки ту хуномез аст.

* * *

Рӯзи ид асту маро бодаи гулгун ҳавас аст,
Даври гул гар набувад, даври шаҳаншоҳ бас аст.
Базми рангини шаҳаншоҳ маро бояду бас,
Варна, ин лолаву гул дар назарам хору хас аст,
Сарфарозони ҷаҳон дасти маро мебӯсанд,
Ки ба побӯси шаҳаншоҳ маро дастрас аст.
Най, ки дар базми шаҳаншоҳ сарафроз омад,
Суҳбаташро нагузорем, ки соҳибнафас аст.
Шоҳи исонафаси хизрбақо Акбаршоҳ,
Ки майи соғари ӯ оташи мӯсоқабас* аст.
Ҳар куҷо маҷлиси ӯ, айшу тараб саф ба саф аст,
Ҳар куҷо мавкиби ӯ, фатҳу зафар пешу пас аст.
Қадрдоно, дили Файзӣ мадеҳ аз даст, ки он
Тифли иқболи туро тӯтии рангинқафас аст.

* * *

Гармхӯи ман, ки хӯяш оташ андар оташ аст,
Чун парӣ дар табъ, пиндорӣ, саросар оташ аст.
Дил агар дар паҳлуям нолон бувад, маъзур дор,
Чун нанолад, дардмандеро ки бистар оташ аст?
Ман ки оташпарвари ишқам, ба гулгаштам махон,
Ҳам ту медонӣ, ки гулзори самандар оташ аст.
Ошиқонро нест имкони сабурӣ дар фироқ,
Сабру маҳҷурӣ яке хошоку дигар оташ аст.
Кофари ишқему мебинем дар рӯи бутон,
Ҳамчунон к-оташпарастонро назар бар оташ аст.

Оташи Айман тавонад сӯхт мастии Калим,
Гармии хуршеди дидораш на дар ҳар оташ аст.
Сӯхт Файзӣ дар таманнои лаби ширини ӯ,
Одамиро дар мизоҷи гарм шаккар оташ аст.

* * *

Зи меҳр пунба ниҳодан ба доғи ман ғалат аст,
Ниҳуфтани гуҳари шабчароғи ман ғалат аст.
Нарафтаам, ки зи роҳи адам бигардам боз,
Ба ҳашргоҳи қиёмат суроғи ман ғалат аст.
Шукуфа дар ҷигар алмоспора мешиканад,
Дар ин баҳор тамошои боғи ман ғалат аст.
Чунин ки сӯхтаам сар ба доғҳои ҷунун,
Насими хулд* задан бар димоғи ман ғалат аст.
Вараъфиреб бувад домани майолудам,
Назар ба пираҳани доғ-доғи ман ғалат аст.
Дилам хурӯш кашиду сарам ба ҷӯш омад,
Таронасанҷии базми фароғи ман ғалат аст.
Чу Файзиям, ки ба хунобаи ҷигар мастам,
Нигоҳи бодакашон бар аёғи* ман ғалат аст.

* * *

Биёр май, ки ғам аз рӯзгор бартараф аст,
Сипеҳр дар караму офтоб дар шараф аст,
Муфарриҳи* дили худ соз, агар ғаме дорӣ,
Аз он гуҳар, ки булӯринпиёлааш садаф аст.
Пиёла гир, ки Ноҳиди ҳусн пардасарост,
Ба айш кӯш, ки моҳи нишот бекалаф* аст.
Зи қадр панҷа ба хуршед метавонад зад,
Дар ин баҳор касеро, ки ҷоми май ба каф аст.
Чаро ҷигар нахарошад ҳарифи маҷлисро,
Ки аз камончаи мутриб ханданг бар ҳадаф аст?!
Ба шаҳна гӯ, ки зи озорҳо бидорад даст,
Ки мустаҳиққи* харошу тапонча чангу даф аст.
Дарои ғунча садо медиҳад ба бонги баланд,
Ки корвони чаман дар камингаҳи талаф аст.

Мабош ғофил аз ин нимаи баҳор, ки монд,
Дар ин замон, ки зи моҳи рабеъ мунтасаф* аст.
Хуш он касе, ки чу Файзӣ ба даври давлати шоҳ
Зи бода дар кафи ӯ ҷоми офтобтаф аст.

* * *

Мастона ба рух ниқоб бишкаст,
Маҳ бар сари офтоб бишкаст.
Маст омаду аз лаби майолуд
Бозори гулу гулоб бишкаст.
З-он гуна савор шуд ба тамкин,
К-аз бори гарон рикоб бишкаст.
Ман куштаи он, ки заҳри чашмаш
Нархи шакару шароб бишкаст.
Дар сина нигоҳи дер-дераш
Сад дашнаи изтироб бишкаст.
Тарсам, ки зи дида сар барорад,
Хоре ки ба пои хоб бишкаст.
Дар назми тарозуи ту, Файзӣ,
Моро қалами ҷавоб бишкаст.

* * *

Турра, к-он шӯхи фитнагар бишкаст,
Сад гирифторро камар бишкаст.
Бандаи соқии пагаҳхезам,
Ки хумори маро саҳар бишкаст.
Ҳар куҷо боғи ошиқӣ гул кард,
Ақлро хор дар ҷигар бишкаст.
Фитнае сар кашад зи ҳар гӯша,
То кулаҳгӯшаро зи сар бишкаст.
Синаам чок зад, дилам хун кард,
Ҳуққа* бар санг зад, гуҳар бишкаст.
Офарин бар шикорпешаи ман,
Ки зи мурғони рӯҳ пар бишкаст.
Дили Файзӣ дуруст натвон кард,
Ки зи андоза бештар бишкаст.

* * *

Гарчи ҷон бе ту ба лаб наздик аст,
Дур будан ба адаб наздик аст.
Гар каманд афканӣ аз риштаи ҷон,
Кунгури васл аҷаб наздик аст.
Роҳи уммед, ки дур асту дароз,
Чун ниҳӣ гоми талаб, наздик аст.
Зор ҷон медиҳам аз дурии ӯ,
Эй аҷал, рав, ки сабаб наздик аст.
Қадри шоми ғам агар бишносӣ,
Аз ту то субҳи тараб наздик аст.
Гуфтаӣ, шаб ба ту наздик шавам,
Рӯзи ушшоқ ба шаб наздик аст.
Сӯхт Файзию табибон донанд,
Гармии ишқ ба таб наздик аст.

* * *

Имшаб, ки сипеҳр беҳилол аст,
Дар табъи замона эътидол аст.
Бирҷиси умед дар нишот аст,
Баҳроми ҳарос дар вабол аст.
Ҳам гардани васл сарбаланд аст,
Ҳам фарқи фироқ поймол аст.
Товуси мурод хушхиром аст,
Анқои ҳавас кушодабол аст.
Холӣ накунем соғари май,
Дар мазҳаби мо хало муҳол аст.
Гуфтӣ: Қадаҳат диҳам паёпай,
Соқӣ, чӣ мақоми ин суол аст?
Файзӣ, набувад хурӯш моро,
Пайғоми дил аз забони ҳол аст.

* * *

Пайваста турки чашми ту ҷӯёи бисмил аст,
Сайёдро ҳамеша таманнои бисмил аст.
Дилбастагони ишқи ту донанд гоҳи қатл,
К-аз баҳри чист банд, ки бар пои бисмил аст.

Эй хунгирифтагон, ҳама бар теғ сар ниҳед,
К-он тифлро саре ба тамошои бисмил аст.
Ҷон ёфтанд тоза шаҳидони ғамзааш,
Шамшери ишқ зиндагиафзои бисмил аст.
Аз хун машӯй ҷайбу канори шаҳиди ишқ,
К-ин доғи тоза болупаророи бисмил аст.
Дил сайди кофарест, ки дар сайдгоҳи ноз
Не ҳоҷаташ ба банду на парвои бисмил аст.
Файзӣ чунин ки дӯхтаи новаки ту шуд,
Бисмиллаҳ, эй ҳариф, дигар ҷои бисмил аст.

* * *

Ман ба роҳе меравам, к-он ҷо қадам номаҳрам аст,
Аз мақоме ҳарф мегӯям, ки дам номаҳрам аст.
Хушдилам, гар дидаи ман шуд сафед аз интизор,
К-аз паи дидори ҷонон дидаам номаҳрам аст.
Бо хаёли ӯ нагунҷад ёди хубон дар дилам,
Ҳар куҷо султон кунад хилват, ҳашам* номаҳрам аст.
Эй асири ишқ, таъни беғамӣ бар ман мазан,
Хилвате дорам ба ёди ӯ, ки ғам номаҳрам аст.
Мо агар мактуб нанвиштем, айби мо макун,
Дар миёни рози муштоқон қалам номаҳрам аст.
Манзили тардоманон набвад ҳарими кӯи ишқ,
Ҳар кӣ набвад покдоман, дар ҳарам номаҳрам аст.
Файзӣ, аз базми нишоти мо ҳарифон ғофиланд,
Ҳар куҷо мо ҷом мегирем, Ҷам номаҳрам аст.

* * *

Маҷлиси мо ки инчунин гарм аст,
Аз нафасҳои оташин гарм аст.
Гӯ, бибар, шамъ, дуди тира, ки базм
З-офтобони маҳҷабин гарм аст.
То ҳамовоз шуд ба сӯхтагон,
Чангро нолаи ҳазин* гарм аст.
Ошиқон баски пойкӯбонанд,
По ба ҳар сӯ ниҳам, замин гарм аст.
Ману гулгуни май, агар ба ситез
Фитнаро хонаҳои зин гарм аст.

Базм шуд размгоҳ, баски дар ӯ
Турки бадмасти ман ба кин гарм аст.
Дили ман сӯхт, Файзӣ, аз суханат,
Ки зи маънии дилнишин гарм аст.

* * *

Сар кардаам раҳе, ки хатарҳо дар ӯ гум аст,
Тай карда водие, ки асарҳо дар ӯ гум аст.
Бар соҳили мурод расидан на ҳадди мост,
Гирдоби орзуст, ки сарҳо дар ӯ гум аст.
Эй Хизр, ҳиммате, ки маро қатъ карданист,
Даште, ки кӯҳҳову камарҳо дар ӯ гум аст.
Дар завқи орзу нагуворад табарзадам,
Заҳре чашидаам, ки шакарҳо дар ӯ гум аст.
Қосид, бирав, бирав, ки ба ман рӯй карда боз
Ишқе, ки номаҳову хабарҳо дар ӯ гум аст.
Дар бар рухам мабанд, ки дар олами хаёл
Роҳам ба хонаест, ки дарҳо дар ӯ гум аст.
Мангар ба ҷавҳари дили Файзӣ ба чашми кам,
Ин ним қатра бин, ки гуҳарҳо дар ӯ гум аст.

* * *

Рафта зи чашмам фурӯғ, гиря гувоҳи ман аст,
Мардумаки дида нест, хуни сиёҳи ман аст.
Нест, табиб, ин ҳама сӯхтани ман зи таб,
Хуни дили ман ба ҷӯш аз тафи оҳи ман аст.
Хуни ҷигар мечакад аз мижаҳои тарам,
Он ки ба хун парвариш ёфт, гиёҳи ман аст.
Гарчи накӯён ба чашм гарм дароянд, лек
Дар назар оташфикан барқи нигоҳи ман аст.
Лолаву гул зери по рафта ҳарифону ман
Ҳар тарафе меравам, санг ба роҳи ман аст.
Қофилаи ақлу ҳуш роҳи дигар меравад,
Водии хунхори ишқ марҳалагоҳи* ман аст.
Файзӣ, агар рӯзи ҳашр кор ба нийят фитад,
Тоати қуддусиён* ними гуноҳи ман аст.

* * *

Ҳар ҷо ҳикояти дили девонаи ман аст,
Маҷнун ба хок, гӯш бар афсонаи ман аст.
Тарсам, ки рафта-рафта шавад барқи хонасӯз
Ин шамъи дилфурӯз, ки дар хонаи ман аст.
Чуғде, ки дар нишемани Маҷнун мақом дошт,
Дар ҷустуҷӯи гӯшаи вайронаи ман аст.
Наздик шуд, ки ситри* малоик барафканад,
Ин шӯхчашмие, ки зи ҷононаи ман аст.
Аз пардасози маҷлиси Ҷамшед фориғам,
Рақси дилам зи наъраи мастонаи ман аст.
Ҳусни азал ба дидаи ман бин, ки кас наёфт
Ин бодаи куҳан, ки ба паймонаи ман аст.
Файзӣ, ба баҳри дидаи ман гар фурӯ равӣ,
Хуршед нархи гавҳари якдонаи ман аст.

* * *

Имшаб зи баски оташи гул дар гирифтааст,
Шаб хешро ба рӯз баробар гирифтааст.
Шамъ аз сабо бимираду дар боғ шамъи гул
Аз боди субҳ зиндагӣ аз сар гирифтааст.
Надҳад чароғи субҳ фурӯғу чароғи гул
Ҳар субҳ рӯшноии дигар гирифтааст.
Ҳар нуқтае, ки бар варақи гул навиштаанд,
Булбул зи рӯй хондаву аз бар гирифтааст.
Аҳли ҷаҳон ҳама паи коре гирифтаанд,
Хушвақт он ҳариф, ки соғар гирифтааст.
Он хусрави ягона, ки дар гулшани ҷаҳон
Ҷуз наргис аз сари ҳама афсар гирифтааст.
Файзӣ, китоби ишқи туро ҷадвали тилост,
Ё подшоҳ назми ту дар зар гирифтааст?!

* * *

Рӯи замин зи гиряи мо нам гирифтааст,
Тӯфони ашки мост, ки олам гирифтааст.
Мушкил, ки ним гом кашад бори орзу,
З-ин сон ки пушти тоқати мо хам гирифтааст.

Эй ман ҳарифи он ки ба табъи замонасоз
Паймонаи тараб зи кафи ғам гирифтааст.
Осоиши дилӣ, ки зи хотиршикастагон
Доғи туро қаринаи марҳам гирифтааст.
Маҳрум бод аз ту, касе к-ӯ ба рағми ман
Худро ба базму васли ту маҳрам гирифтааст.
Беҳуда бар касе мафишон остини ноз,
К-ӯ домани умеди ту муҳкам гирифтааст.
Файзӣ ба базми шоҳ ҳарифест комёб,
К-ӯ ҷоми орзу зи кафи Ҷам гирифтааст.

* * *

Чашмам зи хобу гӯш зи афсона пур шудаст,
Соқӣ, маро гузор, ки паймона пур шудаст.
Мутриб зи арғанун қадаре даст бозкаш,
К-ин базмгаҳ зи наъраи мастона пур шудаст.
Ё Раб, кӣ фош кард чунин бӯи бодаро,
К-аз зоҳидони савмаъа* майхона пур шудаст?!
Чашми гуҳаршинос надорӣ, чӣ гӯямат,
К-ин нуҳ садаф чӣ гуна ба як дона пур шудаст?!
Ин аст гар карашмаи гарми парирухон,
Фардо замини ҳашр зи девона пур шудаст.
Шамъи ман, аз ҳуҷуми асирон маё ба танг,
Фонус дидаӣ, ки зи парвона пур шудаст?!
Файзӣ сари ниёз наёрад ба кас фурӯ,
Яъне, зи худ тиҳию зи ҷонона пур шудаст.

* * *

Сабру қарор бо мани маҳзун намондааст,
Ҷамъийяте ки доштам, акнун намондааст.
Хун мехурам зи дасти ҷафои ту, умрҳост,
В-ин турфатар, ки дар тани ман хун намондааст.
Бо ман ягона бош, ки дар гӯши рӯзгор
Ҷуз қиссае зи Лайлию Маҷнун намондааст.
Маҷнун ҳамин намонда зи саргаштагони ишқ,
Реги равон ба арсаи ҳомун намондааст.
Ё Раб, чӣ соҳирӣ, ки ба даврони ғамзаат
Таъсир дар тасарруфи афсун намондааст?!

Гар рӯзгор зеру забар шуд, маро чӣ ғам?
Ошиқ мадори кор ба гардун намондааст.
Файзӣ ҳарифи маҷлиси риндон бувад мудом,
Ҳаргиз қадам зи доира берун намондааст.

* * *

Дар ҷаҳон шӯхи пуритобе ҳаст,
Осмонкина офтобе ҳаст.
Чашм бар ҳам занам, чу теғ кашад,
Ки ҳанӯзаш зи ман ҳиҷобе ҳаст.
Машуморед мурда Маҷнунро,
То чу ман хонумонхаробе ҳаст.
Шаби ҳиҷрон ба марг муштоқам,
Ҳечат, эй дида, чашми хобе ҳаст?
Ман нагӯям, ки теғи ҷавр бикаш,
Ки ба маҳшар туро ҷавобе ҳаст.
То кӣ хоҳад гузашт дар назарам,
Ки ба чашми ман изтиробе ҳаст?!
Файзӣ охир ба марг хоҳад мурд,
Ғамзаро гӯ, агар шитобе ҳаст.

* * *

Зуд аст, ки дар мулки дилам шӯру шаре ҳаст,
В-аз гардиши султони муҳаббат хабаре ҳаст.
Дар зойҷаи* толеи иқболи ту дидам,
Дар салтанати ҳусни ту охир хатаре ҳаст.
То фитна ба яғмои кӣ хезад, ки зи хубон
Дар мамлакати ишқ қирони* дигаре ҳаст.
Даври фалак он нест, ки дар дасти ту бошад,
Охир шаби бедоди маро ҳам саҳаре ҳаст.
Эй дида, куҷоӣ, ки дилафрӯз маҳеро
Бо сӯхта сайёраи бахтам назаре ҳаст.
З-он тоза хабарҳо, ки ҳарифони ту гуфтанд,
Ҳуш дор, ки дар маҷлиси мо тозатаре ҳаст.
Файзӣ, чӣ шавӣ ин ҳама дилхун зи ҷафояш,
Дандон ба ҷигар неҳ, ки туро ҳам ҷигаре ҳаст.

* * *

Эй хуни халқ рехта, чандин вабол чист,
Чандин ҳазор сар ба раҳат поймол чист?
Наздику дур дар раҳи ошиқ баробар аст,
Эй бехабар, фироқ кадому висол чист?
Хунхорагони ишқ нагиранд ҷоми май,
Бо оташи ту лаззати оби зулол чист?
Гар ҷустуҷӯи гумшуда Маҷнун намекунад,
Дар дашт ҳар тараф такупӯи ғизол чист?
Гар кибриёи* ҳусн надорад ҳавои ишқ,
Чандин таҷаллиёти ҷалолу ҷамол чист?
Носеҳ маломати мани девона мекунад,
Нодардманди ишқ чӣ донад, ки ҳол чист?
Файзӣ зи қомати ту сухан то баланд кард,
Донистаам, ки мартабаи эътидол чист.

* * *

Олам хароби ҳусни қиёматнишони кист,
Даври кадом фитнагар асту замони кист?!
Дар базми аҳли ҳол ҳадиси кӣ меравад,
Ҳангомасози хилватиён достони кист?!
Новакзанони қалбшикан саф кашидаанд.
Тире ки бар нишона расид, аз камони кист?!
Ханҷаркашида аз паи хунрези оламест,
Ин фитна дар ҷаҳон зи дили бадгумони кист?!
Аз дидаҳо таровиши хунобаи ҷигар
Аз захми ханҷари мижаи хунчакони кист?!
Қурбони он тағофулу он пурсишам, ки дӯш
Фарёди ман шунидию гуфтӣ: Фиғони кист?!
Файзӣ, туӣ ба базми сухан оташиннафас,
Хомӯшият зи ғамзаи ҷодузабони кист?!

* * *

Дар фироқат чашми гирёнам ба хоку хун якест,
Гар ҳазорон нома бинвисам, ҳамон мазмун якест.

Кам бирав[1] сарбаста тӯмори ҷунунам пеши ёр,
Гарчи мурғи дашт медонам, ки бо Маҷнун якест.
Меравад бедод бар бедод бар ман, чун кунам?
Баҳр, пиндорӣ, дар ин айём бо гардун якест.
Эй даруни базм бо ширинлабон паймонакаш,
Гоҳ-гоҳе ҳам ба ёд овар, ки дар берун якест.
То туро киштӣ равон бар Даҷлаи май шуд ба ғайр,
Зиндарӯди чашми пурхуни ману Маҷнун якест.
Ҷоми уммедат зи саҳбои тараб лабрез бод,
Гарчи моро бе ту хунобу майи гулгун якест.
Аз хаёлат нестам фориғ, нахоҳам буд ҳам,
Бо ғамат умрест Файзиро дили маҳзун якест.

* * *

Бозам дили пурхун зи ғами базмнишинест,
Шӯробаи ашкам ба хаёли намакинест.
Он чашм, ки умре ба маҳи нав бикушудам,
Сайёрафишон аз ғами хуршедҷабинест.
Аз раҳзании ғамзазанон бок надорам,
Дар роҳи назар гарчи ба ҳар гом каминест.
Ҳарчанд бувад доми муҳаббат хами зулфаш,
Ҳар чине аз он ҳалқа ниҳонхонаи кинест.
Гар ғамзаи туркаш нигарам, фитнаи шаҳрест,
В-ар ҳиндуи чашмаш нигарам, офати динест.
Бе дӯст ба ҷон кандан аз онам, ки зи умрам
Ҳар рӯз, ки бе ӯ гузарад, рӯзи пасинест.
Аз нолаи Файзӣ магузар ин ҳама фориғ,
Зинҳор бияндеш, ки фарёди ҳазинест.

* * *

Кадом сар, ки дар ӯ хор-хори* савдо нест,
Кадом сина, ки хоридаи таманно нест?
Кадом дида, ки аз диданат фиреб нахӯрд,
Кадом дил, ки зи ишқи ту ношикебо* нест?

[1] Шояд: «Кам барад» бошад, Девон, с.265.

Кадом кӯҳнаварде, ки сар ба санг назад,
Кадом бодиягарде, ки хор дар по нест?
Кадом арса, ки наззорагоҳи ишқ нашуд,
Кадом гӯша, ки ҳангомаи тамошо нест?
Кадом зарра, ки дидему офтоб набуд,
Кадом қатра, ки чун бингаранд, дарё нест?
Кадом ваъда, ки бар рӯзи ҳашр мавқуф* аст,
Кадом рутба, ки он ҷо диҳанду ин ҷо нест?
Кадом сӯхта, Файзӣ, ки нури ишқ наёфт,
Кадом хум, ки дар ин базм пур зи саҳбо нест?!

* * *

Хушам, ки дар дили ман заррае таманно нест,
Ки ноумедии ошиқ кам аз тақозо нест.
Ба покдомании ҳусни юсуфӣ нозам,
Ки ишқ пардадари исмати Зулайхо нест.
Дигар ба ваъдаи рӯзи қиёматам мафиреб,
Ки тангҳавсаларо интизори фардо нест.
Туӣ, ки гирди саропардаҳои мижгонат
Ҳуҷуми ғамза чунон шуд, ки нозро ҷо нест.
Дилам гирифта, фаромӯш кардаӣ, чӣ кунам,
Ба кори хеш касе чун ту дерпарво нест.
Чӣ суд сӯи ту дидан, ба дил нигаҳ кардан,
Ки то нигоҳи дигар кардаем, аз мо нест.
Туро чӣ заҳраи дидан ба сӯи ӯ, Файзӣ,
Ки тоби ҷилваи дидор кори Мӯсо нест.

* * *

Ошиқам, саргармии ман аз шароби ноб нест,
Вартаи* дарёи оташ ҷилвагоҳи об нест.
Бахти бедорам бибин, к-оромгоҳи чашми ман
Аз хаёли ӯ чунон пур шуд, ки ҷои хоб нест.
Ишва мафрӯш, эй фалак, чандин, ки шабҳои фироқ
Тирашомони муҳаббатро сари маҳтоб нест.
Рӯй бо девор овардан далели кофарист,
Саҷдагоҳи орифонро ҳоҷати меҳроб нест.
З-ин каҷиҳое, ки бо дил мекунӣ, озодаам,
К-ин наҳанги мастро андеша аз қуллоб нест.

Мо кучову завқи ишратхонаи султон кучо?
Дархури оташнишинон бистари санчоб нест.
Файзӣ, оби дида хуномез мерезӣ ҳанӯз,
Ин чароҳатҳои пинҳони ту бехуноб нест.

* * *

Як дил аз офтоби азал бешуоъ нест,
Ҳар заррае, ки менигарӣ, бесамоъ* нест.
Носеҳ ба ақлу мо ба чунун шуҳра гаштаем,
Дар кори бахт ҳеч касеро низоъ нест.
Дар сина танг-танг ғами дил ниҳодаем,
Дар чорсӯи ишқ аз ин беҳ матоъ нест.
Ман дардманди ишқаму пайваста пеши ман
Омадшуди табиб ба ғайр аз судоъ* нест.
Бар гиряҳои зори ман, эй сангдил, маханд,
Ишқ аз қадим омадааст, ихтироъ нест.
Рози фалак мачӯ зи муначчим*, ки ақлро
Бар ҳикмати қазову қадар иттилоъ нест.
Файзӣ хароби нашъаи даври дамодам аст,
Соқӣ, биё, ки файзи туро инқитоъ* нест.

* * *

Иди бадрӯзон дар ин айём нест,
Рӯзадорони балоро шом нест.
Мехӯрам паркола-паркола* чигар,
Нуқли ошиқ пиставу бодом нест.
Каъбаву таълими одобам макун,
Гармравро фурсати эҳром нест.
То ба кай гӯӣ, ки ҳоҳам омадан?
Мунтазирро ҳочати пайғом нест.
Бар самандар таъни дилсардӣ мазан,
Ҳар кӣ дар оташ насӯзад, хом нест.
Корвони Каъба шуд манзилнишин,
Раҳравони ишқро ором нест.
Нашъаи Файзӣ бувад аз базми хос,
Чуръаи чомаш зи файзи ом нест.

* * *

Барои Кӯҳкан аз кох Бесутун кам нест,
Садои теша зи овози арғанун кам нест.
Агар зи базм бароям, маломатам макунед,
Ки ҷӯши мастиям аз нашъаи ҷунун кам нест.
Кадом соқии бадмаст гарми хунрезист,
Ки бӯи май ба димоғам зи бӯи хун кам нест?!
Зи шоҳроҳи муҳаббат нишон чӣ мепурсӣ?
Агар қадам ниҳӣ аз сидқ, раҳнамун* кам нест.
Хумори бодаи васл аст дар сарам, варна,
Ба базми ишрати мо ҷоми лолагун кам нест.
Чӣ суд арзи таманно ба пеши ғамзаи ӯ,
Ки аз дақиқашиносони зуфунун* кам нест.
Сафири* килки ту, Файзӣ, забони мурғон баст,
Фасонаҳои хаёли ту аз фусун кам нест.

* * *

Фитнае нест, к-ошнои ту нест,
Ё балое, ки мубталои ту нест.
Чӣ бало ишвасозу фитнагарӣ,
Ки бало низ бе балои ту нест?!
Фитна сар кун, ки нест ошӯбе,
Ки камарбаста дар қазои ту нест.
Натавон ёфт фитнаободе,
Ки дар ӯ оҳанин бинои ту нест.
Оташафтодае намебинам,
Ки сипанди карашмаҳои ту нест.
Дӯш ишрат дари дилам мезад,
Нола фарёд зад, ки ҷои ту нест!
Файзӣ, аз ишқ ноумед машав,
Ҳеҷ ғам нест, к-аз барои ту нест.

* * *

Гар бода дар кафи мани соғаршикаста нест,
Навмед нестам, ки дари файз баста нест.
Бархостанд базмнишинони бесамоъ,
Ғайр аз сабӯ ба маҷлиси мо кас нишаста нест.

Ушшоқ дарди ишқ ба сад ҷон харидаанд,
Бедард синае, ки зи теғи ту хаста нест.
Ахтаршинос, рав, ки мани тирарӯзгор
З-он фориғам, ки кавкаби бахтам ҳуҷаста нест.
Мардони роҳ силсилаҷунбони меҳнатанд*,
Як шердил зи домгаҳи ишқ ҷаста нест.
Ё Раб, чӣ золимӣ ту, надонам, ки дар ҷаҳон
Озодаи ду кавн зи қайди ту раста нест.
Файзӣ, зи дасти сангдилон аҳли базмро
Хум, гӯ, шикаста бош, агар дил шикаста нест.

* * *

Чӣ ҳиндуӣ, ки чу мӯи ту рӯи зангӣ нест,
Ба ҷавҳари рухат оинаи фарангӣ нест.
Ба лашкари нигаҳу мавкиби карашма маноз,
К-аз ин сипоҳи бало ғайри ғамза ҷангӣ нест.
Кадом мурғи ҳарамро шикори худ кардӣ,
Ки шоҳбози нигоҳат ба тезчангӣ нест?!
Магар ту, соқии бадхӯ, ҳарифи базм шудӣ,
Ки лолаҳои қадаҳро шукуфтарангӣ нест.
Ба сад ҳазор бало мубтало диле дорам,
Ки рӯзгор ба он тирагию тангӣ нест.
Ҳалоки ишваи хубони Ҳинд шуд Файзӣ,
Хароби чеҳраи румию мӯи зангӣ нест.

* * *

Дӯш хишт аз сари хум бодагусоре бардошт,
Гӯиё аз дили мо ғамзада[1] боре бардошт.
Каъба вайрон макун, эй ишқ, ки шамъи раҳи мост,
Ҳар кӣ санге зи сари роҳгузоре бардошт.
Бо ҳама кӯҳи ғаму дард, ки дорад дили ман,
Натавонад зи ту, маъшуқ, ғуборе бардошт.
Макун андеша, диламро чу ба даст овардӣ,
Шаҳсаворе чӣ шуд, аз роҳ шикоре бардошт?!
Боғ дил мебарад имрӯз, магар абри баҳор
Нусхаи ҳусн зи ҳамчун ту нигоре* бардошт?!

[1] Шояд: «мотамзада» бошад, Девон, с. 273.

Эй хуш он сар, ки зи кӯи ту ғуборе барчид,
В-эй хуш он дида, ки аз роҳи ту хоре бардошт.
Чанд пурсед, ки бо ин ҳама ҳасрат Файзӣ
Рахт бардошт аз ин марҳала? Оре, бардошт.

* * *

Дӣ, ки чашмаш ҷилва бар шабранг дошт,
Ғамза майдони назарро танг дошт.
Ҳам сарам бишкасту ҳам хунам бирехт,
К-ӯ ба дасте теғу дасте санг дошт.
Гарчи рӯяш содалавҳӣ менамуд,
Чашми ӯ найранг дар найранг дошт.
Бодпо меронду саф-саф мешикаст,
Фитна фитрок аз ду сӯ дар чанг дошт.
Он чи имрӯз аз нигоҳаш ёфтам,
Бо ишоратҳои дӯшин ҷанг дошт.
Аз миён теғаш ба сахтӣ шуд бурун,
Баски аз хуни шаҳидон ранг дошт.
Субҳи Файзӣ хуш, ки бар ёди гуле
Ҳамчу булбул дилхарош оҳанг дошт.

* * *

Шаб, к-з он гул маҷлиси мо ранг дошт,
Ҳиммат аз арзи таманно нанг дошт.
Андалеби дида рангинбол буд,
Шоҳбози ғамза хунин чанг дошт.
Буд бо мо нармдил чун нахли мум,
Он ки бо оҳан диле ҳамсанг дошт.
Сохтам бо талхкомӣ, гарчи ӯ
Аз табарзад тангро бар танг дошт.
Ғамзааш поянда, к-он дурҷи* ақиқ
Бар табассум рӯзгоре танг дошт.
Дошт гарчи сад нигаҳ дар оштӣ,
Ҳар нигаҳ бо оштӣ сад ҷанг дошт.
Назми Файзиро чӣ мебинӣ, ки ишқ
Сад чунин гулҳои рангоранг дошт.

* * *

Шаб, к-аз ӯ хонаи мо ҳоҷати маҳтоб надошт,
Чашмам аз кашмакаши ғамза сари хоб надошт.
Дида бадмасти назар, шавқ ҳамоғӯши ҳавас,
Дил ҳамехост, вале ҳавсалаам тоб надошт.
Эй дили сӯхта, бисёр тапидӣ имшаб,
Варна, реши куҳанат ин ҳама хуноб надошт.
Баст ҳамсояи ман бори иқомат охир,
Чӣ кунад, тоқати фарёди ҷигартоб надошт.
Дӯш ҳар бода, ки бар ёди ҳарифон хӯрдам,
Дили ман сӯхт, вале гармии аҳбоб* надошт.
Сад ҷигар сӯзад аз он бода, ки дар лаб дорӣ,
Ҷоми Ҷамшед бад-ин гуна маи ноб надошт.
Дили Файзӣ, ки ту бо хок баробар дорӣ,
Тоҷи хуршед чунин гавҳари шабтоб надошт.

* * *

Фиғон, ки чашми ту бар мо раҳи бало нагузошт,
Ҳуҷуми ғамза паи як нигоҳ ҷо нагузошт.
Зи бас ки арбадаангез шуд карашмаи ту,
Миёни мову аҷал заррае сафо нагузошт.
Чунон зи хӯи ту бегонагӣ ривоҷ гирифт,
Ки сабрро ба хаёли ту ошно нагузошт.
Чӣ соҳирӣ ту, надонам, ки дардмандонро
Фусуни ишқи ту таъсир дар даво нагузошт?!
Зи бас ҳуҷуми ҳаваспарварони компараст
Сафар зи кӯи ту мехостам, вафо нагузошт.
Табораккаллаҳ аз он ғамзаҳои пайдарпай,
Ки орзуи ҷаҳонгардро гадо нагузошт.
Ҳазор мартаба, Файзӣ, зи ишқ мамнунам,
Ки дар ҳаваскадаи сина муддао нагузошт.

* * *

Ҳар кас ба кор мартабаи арҷманд ёфт,
Фарҳод кӯҳ канду мақоми баланд ёфт.
Рӯзи азал насибаи худ бурд ҳар касе,
Ошиқ аз он миёна дили дардманд ёфт.

Аз муҳтасиб куҷо шиканад қадри майкашон,
Майхона гар шикасте аз он нолаванд ёфт.
Ғофил машав зи гиряи мастон, ки метавон
Сад гавҳари мурод аз ин обканд ёфт.
Рӯ аз бало матоб, ки осудаи висол
Коме ки ёфт, аз дили мушкилписанд ёфт.
Айёрпеша ҳиндуи зулфи ту аз ду сӯ
То даст бурд, кунгури дил дар каманд ёфт.
Файзӣ, чӣ маст буд саҳар бӯса аз лабаш,
Донам, ки ёфт, лек надонам, ки чанд ёфт.

* * *

Ҳазор ҷон паи он шӯхи ҷуръанӯш бирафт,
Ки ҷой гарм ба маҷлис накарда дӯш, бирафт.
Кадом ваъда ба ёд омаду чӣ шуд, ки чунин
Сухан нагуфта, тағофулзанон хамӯш бирафт?
Чӣ бода буд дар ин анҷуман, ки аз бӯяш
Сарам ба ҷӯш даромад, дилам зи ҳуш бирафт?
Ту Хизри роҳ шав, эй ҳамнафас, Масеҳи маро,
Ки бар лаб омада ҷонам, ба як хурӯш бирафт.
Ба дурднӯшии мо, муҳташам, мазан таъна,
Ки софи бодаи риндон ба нимҷӯш бирафт.
Фасонаи Ҷаму ҷомаш магӯ, к-аз ин дастон
Басе ба гӯш даромад, басе зи гӯш бирафт.
Чӣ шаккар аст ба Ҳиндустон туро, Файзӣ,
Ки обрӯи дукони шакарфурӯш бирафт?!

* * *

Боз оташе ки доштам, афрӯхтан гирифт,
В-аз сар даруни сӯхтаам сӯхтан гирифт.
Ишқат зи баҳри хона барандохтан расид,
Дардат матои ҳодиса андӯхтан гирифт.
Ҷон аз висол сафҳаи уммед сода ёфт,
Дил аз фироқ ҳарфи ғам омӯхтан гирифт.
Гӯӣ надошт аз дили садпораам хабар,
Он кас, ки чоки пираҳанам дӯхтан гирифт.
Зад оташе ба хона чу Файзӣ ба шоми ғам,
Девонае, ки шамъи ман афрӯхтан гирифт.

* * *

Зиҳӣ лаълат ба афсун рӯҳро қут,
Ду чашми соҳират Ҳоруту Морут.
Чӣ рангин аст, ё Раб, хат бар он лаб,
Ки пайваст ин зумуррадро ба ёқут?
Барои куштаи болобаландон
Зи шохи сидра* бояд нахли тобут.
Хаёли рӯи ӯ дар дидаи тар
Раъайно толиъан, к-ашшамсу фи-л-ҳут.
Табибо, дардеҳ он шарбат, ки бошад
Ҷавонсозандаи пирони фартут.
Пару бол аз назар хоҳам, ки дорам
Сари парвоз бо мурғони лоҳут*.
Ба роҳи хеш, Файзӣ, бигзар аз худ,
Ки солик бигзарад аввал зи носут.

* * *

Магӯ, ки бар аҷали ман табиб шуд боис,
Табибро чӣ маломат, насиб шуд боис.
Чунин ки маҳмили уммед бастам аз дари дӯст,
Зи ман мапурс, ки ҳоли ғариб шуд боис.
Ҷафову ҷаври рақибон тафовутам накунад,
Балост, ин ки бар инҳо ҳабиб шуд боис.
Балокашон, ки зи васли ҳабиб бигсастанд,
Ситезакории хӯи рақиб шуд боис.
Зи нола бас макун, эй дил, ба шоҳроҳи висол,
Ки то нафас задаӣ, анқариб шуд боис.
На масти бӯи гулам дар чаман, ки шавқи маро
Хурӯши бехудии андалеб шуд боис.
Чунин ки риндию мастист машраби Файзӣ,
Ниҳеби воизу панди адиб* шуд боис.

* * *

Соқӣ, дили мо хост дар ин дайри ҳаводис
Он духтари разро, ки бувад умми хабоис*.
Будам зи азал то ба абад маҳви тамошо,
Ҳусни ту қадим асту дигарҳо ҳама ҳодис*.

З-он фитнаи айём мапурсед, ки ҳуснаш
Ошӯбу балои ду ҷаҳонро шуда солис.
Мушкил, ки шаҳиди ту сар аз хок барорад,
Гар рӯзи қиёмат набувад шавқи ту боис.
Тӯфони ғам аст, эй дил, аз ин ҳодиса худро
Дар киштии май каш, ки на Нӯҳ асту на боис.
Ушшоқи ту мурданду ғаму дарди ту бурданд,
Ин тоифа чизе нагузоранд ба ворис.
Файзӣ, зи фалак ғам махур имрӯз, ки фардо
Сад чарх зи ҷо меравад аз сели ҳаводис.

* * *

Бидеҳ, соқӣ, он оби оташмизоҷ,
Ки бошад дилафсурдагонро илоҷ.
Шароб аст обе, ки шуд дар азал
Ба он обу хоке маро имтизоҷ*.
Биё, то фурӯшем динро ҳаме,
Ки бозори тақво надорад ривоҷ.
Агар мункири май шавад шайхи шаҳр,
Надоранд риндон ба ӯ эҳтиёҷ.
Пайи рӯшиносии ин базм бас
Фурӯғи шароб аз сафои мизоҷ.
Бувад Файзӣ он хусрави мулки ишқ,
Ки аз тарки тоҷаш бувад тарку тоҷ.

* * *

Кист дар парда бар ин ноқаи мушкинҳавдаҷ,
Ки аз ӯ қофилаи каъбаравон монд зи ҳаҷ?!
Ноқаи ҳазрати Салмост, ки муштоқонро
Нест раҳ дар ҳарами маҳмилаш аз ҳеч наҳаҷ*.
Ноқаи гармрави ӯст шитобон чу сипеҳр,
К-аз ҷарасҳо бувадаш анҷуми хуршед дараҷ*.
Маҳмили дӯст гузоранду раҳи Каъба раванд
Ҳарзагардон, ки надонанд раҳи рост зи каҷ.
На лаб огаҳ бувад аз ҳарфи таманно, на забон,
Ҳарфи ишқ аст, ки берун бувад аз ҳар махраҷ.

Аз дилам тобу тавон бурдию ҷон металабӣ,
Номуродест, бар ӯ ин ҳама мапсанд ҳарач*.
Сидқ пеш ор ба роҳи талаби ӯ, Файзӣ,
Иннама-с-сидқу ило ҳазратиҳи ақрабу фаҷ.

* * *

Бар каф ниҳода соқии хуршедрӯ қадаҳ,
Даст аз қадаҳ макаш, бикаш аз дасти ӯ қадаҳ.
Аз хӯи тунд нимкуше ноз мекунад,
Ваҳ, чун зиям, агар кашад он тундхӯ қадаҳ?!
Хум-хум бидеҳ шароб, ки аз файзи пири дайр
Дарёкашони майкадаро шуд сабӯ қадаҳ.
Кардӣ ҳазор ҷӯшу хурӯш аз хумори ман,
Гар доштӣ ба сони сурохӣ* гулӯ қадаҳ.
Зоҳид, аҷаб, ки пок зи тардоманӣ шавӣ,
Далқи туро агар накунад шустушӯ қадаҳ.
Дар фасли навбаҳор хуш онҳо, ки мекашанд
Дар пои гул сурохию бар тарфи ҷӯ қадаҳ.
Файзӣ, агар касе зи ту пурсад ба даври гул,
К-аз базми подшоҳ чӣ хоҳӣ? Бигӯ: Қадаҳ!

* * *

Баҳор шуд, бикушо дасте аз барои қадаҳ,
Ки давр даври гул асту ҳаво ҳавои қадаҳ.
Нафас-нафас ғаму шодист дурднӯшонро
Зи гиряҳои сурохию хандаҳои қадаҳ.
Агар қадаҳ чу ман аз ғусса хун хурад, чӣ аҷаб,
Ки ғофиланд ҳарифон зи моҷарои қадаҳ.
Ба маҷлисе ки Масеҳо пиёла мегирад,
Намеравад зари хуршед дар баҳои қадаҳ.
Бишӯ дарунаи дил дам ба дам зи бодаи соф,
Гарат ҳавост, ки ёбӣ ба худ сафои қадаҳ.
Хароби ишваи он соқиёни ҷонбахшам,
Ки ганҷи ақл ситонанд рӯнамои қадаҳ.
Агар дар орзуи бода ҷон диҳад Файзӣ,
Ба лавҳи турбати ӯ нақш кун дуои қадаҳ.

* * *

Саодатест ҷавони сабеҳу* ҷоми сабӯҳ,
Ки он муфарриҳи зот асту ин мураввиҳи* рӯҳ.
Муҷаррадони тариқему муршиди раҳи дайр,
Бувад, зи ғайб расад бодае ба расми футӯҳ.
Маломатию қадаҳхору ринду бебокем,
Ба аҳли ҳол намудем ҳоли худ машрӯҳ*.
Фитодаем зи тӯфони ғам ба гирдобе,
Ки ғарқа гашта дар он сад ҳазор киштии Нӯҳ.
Биёр, соқӣ, аз он май, к-аз ӯ фурӯ шӯем
Зи лавҳи хотири худ нақши тавбаҳои насӯҳ.
Бигӯй, мутриб, аз он савти дилхароши дигар,
Ки захмаат дили моро намекунад маҷрӯҳ.
Зи файзи бода шавӣ огаҳ ар, шавад, Файзӣ,
Даре зи мабдаи файёз бар дилат мафтӯҳ*.

* * *

Соқӣ, ғанимат аст нишоти дами сабӯҳ,
Он гарму тар биёр, ки дорад мизоҷи рӯҳ.
Ринде ки бӯи май чу манаш дар димоғ рафт,
Аз хишти хум шикаст сари тавбаи насӯҳ*.
Бикшо дари тарабкада в-он гаҳ сари сабӯй,
То дам ба дам зи ғайб кушояд дари футӯҳ.
Умри дароз чист, ҳаёти абад бихоҳ,
Кӯтаҳ ниҳанд дар назари Хизр умри Нӯҳ.
Ҳуснат чу ишқи ман, чӣ аҷаб, гар ҷаҳон гирифт,
Лилбадри ан ялуҳу ва лил миски ан яфуҳ.
Озодаам зи номаву қосид ба роҳи ишқ,
Табёну лавъатӣ ҳия тағнӣ ъаниш-шуруҳ.
Файзӣ, таронаи саҳарӣ мекашад баланд,
Лоҳассабоҳу фағтаниму ишратассабуҳ.

* * *

Кард аз боди баҳорӣ ҷилва шох,
Ғунчаи дилтангро шуд дил фарох.
Гул баровард аз ниқоби ғунча сар
Субҳ чун хуршед аз ин фирӯза кох.

Лоларо бингар, ки сар барзад зи кӯҳ,
Ҳамчунон к-оташ ҷаҳад аз санглох.
Нақшбандони латофат мебаранд
Сафҳаи гулро зи баҳри интисох*.
Мурғи рӯҳи андалебони чаман
Мепарад бар кунгури кохи симох*.
Дил дар ин гулзор мебастам, вале
Баргрези умр наздик аст, ох!
Килки Файзӣ медиҳад гулҳои тар,
Меравад маънии рангин шох-шох.

* * *

Ба бениёзии маъшуқ чун кунам, овах,
Ки дар висол зи ман то ба ӯст сад фарсах?!
Бибанд дида зи хубон, ки раҳравон гиранд
Ба шоҳроҳи ҳақиқат маҷозро барзах*.
Чӣ ҳоҷат аст, ки сад хона кард зеру забар
Карашмаҳои суманғабғабони содазанах?!
Манам, ки аз нафаси гарми ман забона кашад
Зи ҷӯши чашмаи фирдавс шуълаи дӯзах.
Хуш аст риштаи ҷонҳо зи хуни дил гулгун,
Фироқномаи ушшоқро чӣ ранги занах?!
Агар ду кавн нисорат кунам, зи ман бипазир,
Зи дасти мӯр чӣ ояд ба ғайри пои малах?!
Ҳазар кун аз нафаси сарди муддаӣ, Файзӣ,
Ки оби чашмаи хуршед аз он бибандад ях.

* * *

Сарви ман пой чу дар ҷилвагаҳи ноз ниҳод,
Ҳар куҷо мурғи диле, рӯй ба парвоз ниҳод.
Эй саломатрав, аз ин шаҳр бурун рав, ки дигар
Турки ошиққуши ман рӯ ба таку тоз ниҳод.
Дод аз он фитна, ки он ишваи пуркор намуд,
Оҳ аз он қоида, к-он ғамзаи танноз ниҳод.
Гавҳари ашк, ки дар ҳар садафе натвон ёфт,
Ишқ дар дидаи риндони назарбоз ниҳод.

Кошкӣ ашки ман аз парда наёрад берун,
Он ки дар дурҷи муҳаббат гуҳари роз ниҳод.
Чӣ тавон кард, ки девори ғам уфтод баланд,
К-ин биноест, ки он хонабарандоз ниҳод.
Қиссаи Файзию расвоии ӯ мегуфтанд,
Ҳар кӣ дар анҷумане гӯш бар овоз ниҳод.

* * *

Дасти қазо, ки тоқи баланди ту хам ниҳод,
Тарҳи бало фиканду бинои ситам ниҳод.
Ҳангома баршикастани риндони базмро
Як лаҳза метавон мижа болои ҳам ниҳод.
Рӯзе ки ишқ маъракаорои фитна шуд,
Бар дӯши офтоби қиёмат алам ниҳод.
Миннатпазири давлати ишқам, ки аз азал
Ғам бар ғамам фузуду алам бар алам ниҳод.
Ин вожгунабахтии ошиқ назора кун,
К-аз оташи ҷигар мижаам рӯ ба нам ниҳод.
Ҳар кас зи тангнои адам водие гирифт,
Файзӣ ба шоҳроҳи муҳаббат қадам ниҳод.

* * *

То тарҳи карашма ёр нанҳод,
Бар ғамза бинои кор нанҳод.
Дар ним нигаҳ ҳазор хунрез
Мижгони ту дар шумор нанҳод.
Даврон накашид нақши Юсуф,
То лавҳи ту дар канор нанҳод.
Осуда сабукраве, ки дар ишқ
Бар дӯши умед бор нанҳод.
Саргашта шикорие, ки бе худ
Сар дар паи он савор нанҳод.
Дар ишқ кадом расми бедод,
К-он турки ситезакор нанҳод?!
Файзӣ, сару тан бибар зи кӯяш,
Кас рахт ба раҳгузор нанҳод.

* * *

Чӣ балост, к-аз хиромаш зи бало ҳашам бичунбад,
Мижа чун ба ҷунбиш орад, зи ду сӯ алам бичунбад.
Чӣ кунам қарори олам, ману ишқу шаҳсаворе,
Ки ба ним ҷилваи ӯ Арабу Аҷам бичунбад.
Ба хаёли бут чунонам, ки ба дӯши ман малакро
Зи гаронии гуноҳам аҷаб, ар қалам бичунбад.
Сари зулфи ёр ҷунбон ба дили санампарастам,
Беҳ аз он, ки ҳалқаи зар ба дари ҳарам бичунбад.
Нафасе агар дарорӣ лаби пурфусун ба ҷунбиш,
Ба лаби хаёл мушкил зи Масеҳ дам бичунбад.
Ба Худо, малак нагардад ба ту ҳеч дар баробар,
Чу туро ба гоҳи дидан мижа дам ба дам бичунбад.
Ба биҳишт шохи тӯбо зи хиром бозмонад,
Чу қалам ба дасти Файзӣ зи паи рақам бичунбад.

* * *

Афсуни ту дар забон нагунҷад,
Маҷнуни ту дар ҷаҳон нагунҷад.
Ҷое ки диҳӣ ту арзи хубӣ,
Хуршед дар он макон нагунҷад.
Гӯ, рахши ҷафо бирон, ки ҳаргиз
Дар дасти ситам инон нагунҷад.
Ишқат хирад аз сарам бурун кард,
К-ин мағз дар устухон нагунҷад.
Эй ақл, туро чӣ кор бо ишқ?
Дар мулки яқин гумон нагунҷад.
Гуфтам: Дами васл кай бувад? Гуфт:
Дар ваъдаи мо замон нагунҷад.
Пуршиква бувад забони Файзӣ,
З-он гуна ки дар даҳон нагунҷад.

* * *

Ҳусни ту ба достон нагунҷад,
Дар олами дил забон нагунҷад.
Гар нола кунам, гуноҳи ман нест,
К-аз тангии дил фиғон нагунҷад.

Аз шавқи ту ҷон ба тан нагунҷид,
Симурғ дар ошён нагунҷад.
Дар пардаи дидаам даромад,
Ҳусне ки ба ломакон нагунҷад.
Ман меҳри ту чун ниҳуфта дорам,
К-ин ганҷ ба хокдон нагунҷад?!
Як нукта зи ҳарфи ишқи Файзӣ
Дар доираи баён нагунҷад.

* * *

Онӣ, ки таманнои ту дар сина нагунҷад,
Хуршеди ҷамоли ту дар оина нагунҷад.
Ҳайрони фусунсозии ишқам, ки хаёлат
Аз дида бурун омада, дар сина нагунҷад.
Наздиктар он кас, ки фузунтар зи ғами ишқ
Дар кеши бутон нисбати дерина нагунҷад.
Ҳарчанд гадоем, вале дар камари мост
Он гавҳари якто, ки ба ганҷина нагунҷад.
Зоҳид, гузар аз зарқ*, ки зуннори муҳаббат
Торест, ки дар хирқаи пашмина нагунҷад.
Воиз шуда аз ғулғулаи беҳуда пурбод,
З-он гуна, ки дар масҷиди одина нагунҷад.
Эй ҳосиди бечора, маяндеш зи Файзӣ,
Хуш бош, ки дар синаи мо кина нагунҷад.

* * *

Шӯхи ман чанд дар сухан печад,
Бар сари ҳар сухан ба ман печад?!
Баски печӣ зи ҳар сухан, зуд аст,
Ки забони ту дар даҳан печад.
Чун кушоӣ зи турра нофаи чин,
Нофа* сад оҳуи Хутан печад.
Ишқат онро, ки гӯшагир кунад,
Пой дар домани кафан печад.
Боғбон дида он кулоҳу қабо,
Бар сари сарву ёсуман печад.
Файзӣ авроқи назм бикшояд,
Ғунча тӯмори хештан печад.

* * *

Дилам он қадар шикоят зи ҷафои ёр дорад,
Ки забони тез имшаб лаби ман фигор дорад.
Чӣ шуд он савор, к-аз ҳам мижаҳо намекушояд,
Магар аз ҳуҷуми ҷонҳо раҳи ӯ ғубор дорад?!
Чу қадам ниҳад зи мастӣ ба рикоб, мард бояд,
Ки инони сабри худро ба каф устувор дорад.
Ба рухи арақфишонаш назаре таборакаллоҳ*,
Ки баҳори ҷилваи ӯ чӣ карашмазор дорад.
Тападам дилу таҳайюр зи хаёли ёр дорам,
Ки ба беқарории дил ба дилам қарор дорад.
Хати ҷодувона з-он лаб ба ҳазор фитна сар зад,
Чӣ бало расад ба соле, ки чунин баҳор дорад?!
Зи балои ишқ, Файзӣ, ба касе мабар шикоят,
Ту ба ишқ кор дорӣ, ба ту ишқ кор дорад.

* * *

Дилам ҳазор маломат зи ҳар карон дорад,
Ки як дил асту таманно ҷаҳон-ҷаҳон дорад.
Мабанд дар ба рухи ман, ки оҳи нимашабам
Сари кушодани дарҳои осмон дорад.
Замона зеру забар шуд, ҳанӯз мегӯянд,
Ки даври ҳусни ту з-ин гуна сад қирон дорад.
Сазост, гар ба сари дори ибрат овезанд,
Ҳазорпора дилеро, ки ним ҷон дорад.
Равост чашми ту, к-аз хоб барнадорад сар,
Ки ҳамчу ғамзаи бедор посбон дорад.
Ҳазар кунед, Худоро, зи чашми кофари ӯ,
Ки теғ дар камару тир бар камон дорад.
Мапурс қиссаи Файзӣ, ки аз шикояти ту
Ҳазор* резаи алмос бар забон дорад.

* * *

Зулфи ту дилам шикаста дорад,
Мижгони ту сина хаста дорад.
Ман куштаи он, ки дар ҷигарҳо
Сад тири аҷал нишаста дорад.

Новакфиканиш бар дили ман
Лутфест, ки ҷаста-ҷаста дорад,
Мушкил, ки камандсози зулфаш
Як дил зи шиканҷ раста дорад.
Гулшан чӣ кунад, ки аз ду соид
Гулҳост, ки даста-даста дорад.
Дил бастаи ӯ, ки дар кафи ноз
Сад риштаи ҷон гусаста дорад.
Гуфтӣ: Чӣ бувад ба дасти Файзӣ?
Девони шикастабаста дорад.

* * *

Кадомин маҳ ба даст оина дорад,
Ки чун оинаи худ сина дорад?
Ба рух оина дорад дар баробар,
Чаро оина бар оина дорад?!
Мусалмонон, фиғон, к-он нохудотарс
Мусалмон асту дар дил кина дорад.
Зи файзи муҳтасиб майхона имрӯз
Ҳавои масҷиди одина дорад.
Зи сар мӯе, ки бистурдаст зоҳид,
Ҳама дар хирқаи пашмина дорад.
Ғуломи гармхӯиҳои дардам,
Ки пайванде ба дил дерина дорад.
Магӯ, Файзӣ тиҳидаст аст, к-аз оҳ
Калиди фатҳи нуҳ ганҷина дорад.

* * *

Чу ман гиря кардам, туро хоб бурд,
Туро хоб бурду маро об бурд.
Хаёлат зи дил сабру ҳушам рабуд,
Чу дузде, ки аз хона асбоб бурд.
Магар дошт зоҳид ғами абруят,
Ки сар дар гиребони меҳроб бурд?!
Рухат офтобест, к-аз рӯй ҳусн
Ба маҳтоб доду зи ман тоб бурд.
Зи тоби лабат нест чандон аҷаб,
Агар об аз лаъли сероб бурд.

Хадангат ба сӯзи дилам соз рост,
Ки аз кач ба оташ тавон тоб бурд.
Бувад Файзӣ он тӯтии мулки Ҳинд,
К-аз он лаб басе шаккари ноб бурд.

* * *

Кӯҳкан, гарчи фалак дур зи Ширинаш кард,
Кӯҳ бишкофта, ҷо дар дили сангинаш кард.
Хоку хун хобгаҳи айшу тараб сохт маро,
Он ки аз ғунчаву гул бистару болинаш кард.
Нимбисмил дили ман буд саросема ба хок,
Ғамзааш дашна ба паҳлӯ заду таскинаш кард.
Зоҳид аз санг дари Каъба наёрад бастан,
Ишқ он рахна, ки дар буткадаи динаш кард.
Он ки бикшод забонам ба маломат якчанд,
Ишқ расвои ду олам ба чӣ оинаш кард?
Боғбон пеши ту шаб об ба гулшан медод,
Ғунча бас ханда, ки бар лолаву насринаш кард.
Файзӣ, ин шеър чӣ сеҳр аст, ки дар маҷлиси шоҳ
Дид девони туро ҳосиду таҳсинаш кард?!

* * *

Ваҳ, чӣ гӯям, ки ба ман чархи ситамкор чӣ кард,
Кавкаби сӯхтаву бахти сияҳкор чӣ кард.
Кас надонист, ки он чашми ситамгар чӣ намуд,
Кас напурсид, ки он ғамзаи хунхор чӣ кард.
Эй Калим, ин ҳама аз бехудии хеш манол,
Кӯҳро бин, ки ба як партави дидор чӣ кард.
Ҳамчу Мансур магӯ рози саропардаи васл,
Шоҳро бин ту, ки он маҳрами асрор чӣ кард.
Гар на Лайлӣ ҳаваси ҳамраҳии Маҷнун дошт,
Ноқаро беҳуда дар роҳ гаронбор чӣ кард?!
Он ки мекард маро манъи парастидани бут,
Дар ҳарам рафта, тавофи дару девор чӣ кард?
Ишқ сабру хираду ҳуш зи Файзӣ бирабуд,
Дуздро бин, ки ба он қофиласолор чӣ кард.

* * *

Ба ҷон расӣ, агар аз тан сафар тавонӣ кард,
Ба сар равӣ, агар ин роҳ сар тавонӣ кард.
Агар ба синаи сӯзон ба хоку хун ғалтӣ,
Чу офтоб шаберо саҳар тавонӣ кард.
Гаҳе суҷуди назар бар рухаш қабул афтад,
Ки ғусли дида ба хуни ҷигар тавонӣ кард.
Ҳамоили ту шавад соиди арӯси мурод,
Зи тавқи нафс агар сар бадар тавонӣ кард.
Ҳиҷоби дӯст зи кӯтоҳбинии ту бувад,
Ниқоб барфиканад, гар назар тавонӣ кард.
Румузи аҳли ҳақиқат бигӯямат, Файзӣ,
Агар ба толиби маънӣ хабар тавонӣ кард.

* * *

Дили беқарори ошиқ чу ба ғам қарор гирад,
Ба бало ҳариф гардад, ба аҷал қарор гирад.
Ба асир кардани дил машав интизор чандин,
Ки шикорпеша сайде ба сад интизор гирад.
Зи шаҳидкардаҳои нигаҳаш кирост тоқат,
Ки ба ҳашр домани ӯ ба каф устувор гирад?
Чу сафед гашт чашмам, ба висол хушдилам кун,
Ки дарахт чун шукуфа бинамуд, бор гирад.
Мабар, эй сипанд, хокам ба ҳаво зи ҷилвагоҳаш,
Ки зи гарди ман мабодо дили ӯ ғубор гирад.
Саги он ғизолчашмам, чӣ шавад барад маро ҳам,
Чу сагони хеш ҳамраҳ зи паи шикор гирад.
На фурӯғи дида монду на фароғи* дил, надонам,
Ки ҳанӯз кори Файзӣ зи куҷо қарор гирад.

* * *

Гар сӯи ҳарам он бут як раҳ назар андозад,
Ҳам қибла бигардонад, ҳам Каъба барандозад.
Гар Каъба шавад ҳайрон, саҳл аст, ки ишқ аз нав
Кохи дигар афрозад, тарҳи дигар андозад.
Онро, ки барад давлат сӯи ҳарами васлаш,
Сад хори бало аввал дар раҳгузар андозад.

Шаб чун натапам дар хун, з-ин сон, ки хаёли ӯ
Дар хобгаҳи ошиқ сад нештар андозад?!
Он соқии сармастон чун ҷуръафишон ояд,
Арбоби кароматро хун дар ҷигар андозад.
Шӯрест аҷаб з-он лаб дар базмгаҳи мастон,
Он масти намак то кай дар гул шакар андозад?
Гулчеҳраи ман то кай бо ғайр кунад гармӣ,
В-андар хасу хошокам ғайрат шарар андозад?!
Ҳайрони мукофотам, бингар, ки чу шамъ оташ
Парвонаи бедилро дар болу пар андозад.
Нагзашта аз он як дам, аз дасти қазо ногаҳ
Шамшери фано ояд, аз шамъ сар андозад.
Сар деҳ ба раҳаш, Файзӣ, к-андар сафи сарбозон
Маъшуқ кашад теғу ошиқ сипар андозад.

* * *

Туркчашме, ки ба тири мижа мӯ медӯзад,
Ҳар кӣ дорад назаре, дида бар ӯ медӯзад.
Ҷомаеро, ки буриданд ба болои бало,
Фитна бар қомати он арбадахӯ медӯзад.
Дили ман хастаи чашмест, ки пурхун нигаҳаш
Сина медӯзаду бисёр накӯ медӯзад.
Он ки пироҳани хубӣ ба тани Юсуф дӯхт,
Ҳолиё хилъати он ғолиябӯ* медӯзад.
Гар хамӯшам зи фиғон, таъни сабурӣ макунед,
Маҳрами ишқ зи фарёд гулӯ медӯзад.
Сер дар рӯи ту дидан натавонам, чӣ кунам,
Ишқ чашми ҳавас аз шарм фурӯ медӯзад.
Чашм медӯхт аз ин пеш зи мастон Файзӣ,
Ҳолиё лаб ба лаби ҷому сабӯ медӯзад.

* * *

Чӣ шуд, ки чашмаи хуршед зард мехезад,
Зи субҳи айш нафасҳои сард мехезад?
Ҳазор ғӯта фалакро ба хун задему ҳанӯз
Ғубор аз ин садафи лоҷвард мехезад.
Агар зи мо на чунин талх бигзарад, донам,
Ки Хизрро дил аз ин обх(в)ард мехезад.

Ба дард созаду аз нола лаб фурӯ бандад,
Магар диле, ки аз ӯ завқи дард мехезад.
Шудем хок, валекин ба бӯи турбати мо
Тавон шинохт, к-аз ин хок мард мехезад.
Ба дашт рав, ки саросема ҳамчу реги равон
Ҳазор ошиқи девонагард мехезад.
Фасонахонии Маҷнун макун, ки дар раҳи ишқ
Чунин ҳазор биёбоннаворд мехезад.
Фитодагони раҳи ишқ хиҷлате доранд,
Магар зи хоки шаҳиди ту гард мехезад?!
Тавон шинохт зи оғози Файзӣ анҷомаш,
Ки фард рафта, зи кавнайн фард мехезад.

* * *

Даҳрро мужда, ки рӯзи дигаре пайдо шуд,
Ки зи хуршед саҳархезтаре пайдо шуд.
Хуфтабахтони шаби тафриқа бедор шуданд,
Ки дар офоқ муборак саҳаре пайдо шуд.
Осмон дид шабу рӯз ҷаҳонгардии ӯ,
Гуфт: Хуршеди маро ҳамсафаре пайдо шуд.
Эй ки аз неруи иқбол назар мехоҳӣ,
Чашм бикшой, ки соҳибназаре пайдо шуд.
Нест як зарра зи хуршед замираш пинҳон,
Ҳамчу хуршед аҷаб дидаваре пайдо шуд.
Гумраҳони раҳи тақлид ба ҳайрат буданд,
Шукр, к-ин қофиларо роҳбаре пайдо шуд.
Чанд торик нишинӣ шаби ҳиҷрон, Файзӣ,
Хез, к-аз субҳи саодат асаре пайдо шуд.

* * *

Чӣ мепурсӣ зи ман, ҳоли дили ғамдидаат чун шуд?
Дилам хун гашту хунам обу об аз дида берун шуд.
Сипеҳро, раҳм кун бар тирабахтиҳои ман як раҳ,
К-аз ин хуршедрухсорон сиришки ман шафақгун шуд.
Рафиқон, меравед аз пеши ман, гар бозпурс афтад,
Хабар гӯед ёронро, ки он фарзона маҷнун шуд.
Нагардад ҳеч санги роҳи ошиқ, гар намедонӣ,

Бибин, к-аз тундии селоби ашкам кӯҳ ҳомун шуд.
Ишоратномае кардам рақам дар ҳасби ҳоли худ,
Ки ғайр аз ёр натвонад касе огаҳ зи мазмун шуд.
Агар аз базми ӯ дурам, вале иқбол мегӯяд,
Ки ҳам ёрам ба чанг афтоду ҳам корам ба қонун шуд.
Маро бехоб дорад қиссаи Файзӣ, чу донистам,
Ки баҳри хоббандӣ хоҳад ин афсона афсун шуд.

* * *

Масӯз дил, ки зи гармӣ ҳалок хоҳӣ шуд,
Мабош ин ҳама оташ, ки хок хоҳӣ шуд.
Ба оби дидаи худ ҳеч шустушӯ накунӣ,
Магар дар оташи сӯзанда хок хоҳӣ шуд.
Мабош ғарра ба атлас, ки оқибат чун гул
Ба хок бо кафани чок-чок хоҳӣ шуд.
Ба сарбаландию маснад маноз, эй мағрур,
Ки сарнигун ба даруни мағок хоҳӣ шуд.
Зи сайдгоҳи аҷал ҷон бурун нахоҳӣ бурд,
Ба ҳила гар зи самак* то симок* хоҳӣ шуд.
Ба шодмонии айём дил манеҳ зинҳор,
Вагарна, то абад андӯҳнок хоҳӣ шуд.
Машав фирефтаи дӯстии кас, Файзӣ,
Ки ҳам ба дӯстии ӯ ҳалок хоҳӣ шуд.

* * *

Онӣ, ки дар дили ту вафоро асар намонд,
Дар даври фитнаи ту дуоро асар намонд.
Кӯҳи бало чӣ гуна кашад дил, ки дар ҷаҳон
Дар ҷазби коҳ коҳраборо асар намонд?!
Пажмурда шуд баҳори муҳаббат дар ин чаман,
Дар коҳи ишқ меҳргиёро асар намонд.
Ё Раб, чӣ офатӣ, ки ба аҳди карашмаат
Ошӯбро нишону балоро асар намонд?!
Табъи ҷаҳон зи мартабаи эътидол рафт,
Дар ҷони дардманд даворо асар намонд.
Афсурда ғунчаи тарабу ғунчаи нишот,
Дар бӯстон насими саборо асар намонд.

Файзӣ, агар фақеҳ забонам намегирифт,
Мегуфтам ин қадар, ки қазоро асар намонд.

* * *

Дардо, ки дар ҷаҳон ба ҷуз афсурдадил намонд,
Набзи замонаро ҳаракат муътадил намонд.
Рӯи замин зи дуди дили танг шуд сиёҳ,
Як сабзаи нишот дар ин тирагил намонд.
Бархостанд симрабоёни танпараст,
Як тан зи сӯфиёни сурайёгусил намонд.
Ному нишони аҳли карам буд дар сухан,
Шуд ном нопадиду нишони сиҷил намонд.
Халқе гирифта пеш амалҳои нодуруст,
В-он ҳам ки монд, аз амали худ хиҷил намонд.
Шустанд корномаи маънӣ ба оби зар,
Ҷуз нақши корхонаи Чину Чигил намонд.
Файзӣ, зи остонаи таҷрид сар макаш,
Донӣ, ки тахти Туғрулу тоҷи Қизил намонд.

* * *

Душманон боз ба ҳам анҷумане сохтаанд,
Аз забонам ба такаллуф сухане сохтаанд.
Ё Раб, он тозагули гулшани уммед куҷост,
Ки ба ҳар гӯша зи бӯяш чамане сохтаанд?!
Каъбаву буткада якрангу ҳарифони дубин
Худ мусалмонею худ барҳамане сохтаанд.
Рашкам ояд зи муқимони ниҳонхонаи хок,
Ки зи асбоби ҷаҳон бо кафане сохтаанд.
Бӯй аз дӯст басандаст, ки юсуфталабон
Ба ҳамин роиҳаи пираҳане сохтаанд.
Чӣ касам, дар чӣ шуморам мани мискин, ҳайҳот,
Ки ғаму дарди ту бо ҳамчу мане сохтаанд?!
Хунук он сӯхтаҷонон, ки чу Файзӣ дили хеш
Ҳадафи ғамзаи новакфикане сохтаанд.

* * *

Онҳо, ки бар вуҷуду адам дар набастаанд,
Тарфе зи роҳати ду ҷаҳон барнабастаанд.

Ҳиммат баланд дор дар ин раҳ, ки ошиқон
Хатти вафо ба боли кабӯтар набастаанд.
Аз ҷон матарс, то ба ҳаёти абад расӣ,
Бар оби Хизр садди Сикандар набастаанд.
Дар худ бибин, ки чеҳракушоёни нақшбанд
Нақше зи содагии* ту хуштар набастаанд.
Бикшо тилисми ганҷ, ки корогаҳони бахт
Иқболро ба силсилаи* зар набастаанд.
Дил дар чаман мабанд, ки гар рост бингарӣ,
Нахле ба қомати ту баробар набастаанд.
Файзӣ, хамӯшии ту бар ин остона чист?
Бонге бизан, ки ҳалқа бар ин дар набастаанд.

* * *

На бутон дил ба заду гир нигаҳ доштаанд,
Хусравон мулк ба тадбир нигаҳ доштаанд.
Ҳусну хубӣ на гиреҳ дар хами кокул задан аст,
Мулку давлат на ба занҷир нигаҳ доштаанд.
Дили моро мадеҳ аз каф, ки ба пирӣ бирасанд
Навҷавонон, ки дили пир нигаҳ доштаанд.
Раҳ ба дилҳо куну сабру хираду ҳуш бибар,
Ки дар ин бодия* нахчир нигаҳ доштаанд.
Метавон аз даҳани тангдаҳонон дарёфт,
Ки қалам дар дами тасвир нигаҳ доштаанд.
Дили Файзӣ ба кафи мӯймиёнон мурғест,
Ки ба сарриштаи тақдир нигаҳ доштаанд.

* * *

Риндони гармрав, ки раҳи дил гирифтаанд,
Нокарда қатъи бодия, манзил гирифтаанд.
Дил хун макун, чу сайди худаш кардаӣ, ки халқ
Шаҳбозро на аз паи бисмил гирифтаанд.
Даъвии хун дуруст набошад ба рӯзи ҳашр,
З-он куштагон, ки домани қотил гирифтаанд.
Заҳмат макаш, табиб, ки дилхастагони ишқ
Ҷон додаанду заҳри ҳалоҳил гирифтаанд.
Осон мабин висол, ки лабташнагони ҳаҷр

Дарё фурӯ кашидаву соҳил гирифтаанд.
Дил додаам ба мӯймиёнон, ки дар сухан
Бар мӯ ҳазор нуктаи мушкил гирифтаанд.
Файзӣ, манол аз ситами чарх, к-аҳли фазл
Пои сарири хусрави одил гирифтаанд.

* * *

Ушшоқро магӯ, ки ба ҳам гармкинаанд,
К-инҳо ба якдигар чу маю обгинаанд.
Ҷоми вафо кашида ба ҳам дар шаби адам,
То субҳи ҳашр масти шароби шабинаанд.
Соқӣ, биёр бода, ки мастони базми ишқ
Бо ҳам чу шиша софдилу софсинаанд.
Дилҳои ошиқон ҳама бо ҳам мувофиқ аст,
Гар вожгунанақш чу нақши нигинаанд.
Ғофил машав зи ганҷи муҳаббат, ки хусравон
Сар карда пой дар талаби ин хазинаанд.
Тӯфони фитнахез ба ҳар ҷо ки сар кашад,
Дарёдилони ишқ ба ҳам чун сафинаанд.
Файзӣ, қарини анҷумани аҳли ишқ бош,
К-ин қавм дар тариқи вафо беқаринаанд.

* * *

Турке, ки шӯхи каҷкулаҳаш ном кардаанд,
Тире, ки мезанад, нигаҳаш ном кардаанд.
Он туррае, ки чун пари товус дилкаш аст,
Мурғони қудс доми раҳаш ном кардаанд.
Қавме, ки ғофиланд зи нозу карашмааш,
Хуршед хондаанду маҳаш ном кардаанд.
Ё Раб, зи сели майкада тӯфонрасида бод
Бутхонае, ки хонақаҳаш ном кардаанд!
Дар саҷдае, ки сар на зи тан мешавад ҷудо,
Дар миллати вафо гунаҳаш ном кардаанд.
Ҷонҳои аҳли завқ, ки дар ҷунбиш омадаст,
Мастон насими субҳгаҳаш ном кардаанд.
Файзӣ, ба чашми ғамзагаре то нигоҳ кард,
Ушшоқ хонумонсияҳаш ном кардаанд.

* * *

Мусофирон, ки қадам з-ин ҷаҳон бурун задаанд,
Ба пои тавсани худ наъли вожгун задаанд.
Фалак ба ком нагардад, вагарна, гармравон
Чӣ тозиёна бар ин тавсани ҳарун* задаанд.
Ба ҳоҷиёни дари Каъба кас намегӯяд,
Ки шабравони ҳарам нақб дар дарун задаанд.
На доғ бар сари девонаҳо, ки аҳли хирад
Ба номи ҷавркашон сиккаи ҷунун задаанд.
Тавон зи қаҳқаҳаи шишаву сурохӣ ёфт,
Ки хандаҳо ҳама бар ақли зуфунун задаанд.
Зи рози чарх касе сар бурун накард, дареғ,
Чӣ ғӯтаҳо, ки дар ин чархи нилгун задаанд.
Шароби айш маҷӯ, Файзӣ, аз ҷаҳон, ки сипеҳр
Хуми тиҳист, ки бар хок сарнигун задаанд.

* * *

Хате, к-аз фитнаи ҷонон навиштанд,
Гуноҳи ғамза бар мижгон навиштанд.
Ба шаҳри некувон ҳар дил, ки гум шуд,
Ба номи хандаи пинҳон навиштанд.
Чу новак* дар кафи мижгон ниҳоданд,
Нишони қатл бар пайкон навиштанд.
Ба номи ҳиндуи чашми сиёҳаш
Хати таърихи Туркистон навиштанд.
Қушуни ғамза чун як-як рақам ёфт,
Фиребу ишва дар поён навиштанд.
Рақам карданд чун тӯмори ҳастӣ,
Ҳадиси ишқ бар унвон навиштанд.
Дар он кишвар, ки ҷонбозони ишқанд,
Масеҳу Хизрро беҷон навиштанд.
Чу бархонданд риндон шеъри Файзӣ,
Ҳазор аҳсант бар девон навиштанд.

* * *

Хатте, ки ба гирди лаби он сода навиштанд,
Бар лаъли лаби ӯ гунаҳи бода навиштанд.

Ман бандаи онҳо, ки вафономаи ҷовид
Бар бандагии мардуми озода навиштанд.
Пинҳоннигаҳӣ расми бутон буд, валекин
Он расм ба даври ту барафтода навиштанд.
Шуд саҷдаи зуҳҳод қабул аз сари ихлос,
То номи бутон бар сари саҷҷода навиштанд.
Бар саҳфаи барги гули фирдавс малоик
Аз хубии он ҳури паризода навиштанд.
Ин матлаъи рангин зи ғазалҳои ту, Файзӣ,
Ушшоқ ба хуни мани дилдода навиштанд.

* * *

Ҳар ҳарф, ки бар носияи ҷом навиштанд,
Рамзе зи ҳарифони майошом навиштанд.
Ҳар гардиши чашме, ки кунад соқии бадмаст,
Пурфитнатар аз гардиши айём навиштанд.
Ҳар нома, ки шуд номзади аҳли маломат,
Сарнома ба номи мани бадном навиштанд.
Бар лолаву гул он хати рангин, ки ту бинӣ,
Аз лолаизорони гуландом навиштанд.
Чун васли бутон қисмати ушшоқ намуданд,
Дар толеи мо бӯсаи пайғом навиштанд,
Дилсӯхтагоне, ки чу ман пухтаи ишқанд,
Дил дар ту ниҳодан тамаъи хом навиштанд.
Музди назари пок чу доданд ба Файзӣ,
Ганҷинаи кавнайн ба инъом навиштанд.

* * *

Соқиён даст ба ҷоми майи беғаш карданд,
Хизрро ташнаи ин чашмаи оташ карданд.
Ин чӣ май буд, ки соқӣ ба қадаҳ рехт фурӯ,
Ки Масеҳу Хизир аз рашк кашокаш карданд?!
Хизрро об зи ҳасрат ба даҳон меояд,
З-он чи дар майкада риндони қадаҳкаш карданд.
Ин чӣ мастист, ки асҳоб ба дастафшонӣ
Тайласони* фалак аз бода мунаққаш карданд?!

Соқиё, роиҳаи* бода бар он қавм ҳаром,
Ки димоғи тараб аз ақл мушавваш карданд.
Вақти он муғбачагон хуш, ки зи майхона бурун
Зоҳидонро ба ҳамин роиҳа сарх(в)аш карданд.
Беҳ накарданд, ки девона дили Файзиро
Бастаи силсиламӯёни париваш карданд.

* * *

Гирди гулшан чу бутон барзададоман гарданд,
Аз куҷо гирди дили сӯхтаи ман гарданд?!
Даст бар сар задани мо надиҳад ҳеч асар,
Ҳар куҷо симбарон даст ба гардан гарданд.
Сӯи ман бин, ки назар ҳам ба замин андозанд,
Шаҳсаворон, ки барангехтатавсан гарданд.
Агар омезиши ағёр чунин аст ба ту,
Дӯстон зуд ба коми дили душман гарданд.
Эй ки дар сар ҳаваси қатли асирон дорӣ,
Чӣ шавад, куштание чанд муайян гарданд?!
Чун кунам ҷо ба дили сахти накӯён, Файзӣ,
Ки на он оинаҳоянд, ки равшан гарданд?!

* * *

Шамъ ҷуз хирмани парвона ба ҳам бар назанад,
Ин мақомест, ки ҳар мурғ дар ӯ пар назанад.
Барҳазар бош аз он ғамзаи бебок, ки ӯ
Ҷангҷӯест, ки ҷуз бар сафи маҳшар назанад.
Чини абрӯи туам кушт, чӣ ҳоҷат ба мижа?
Ҳар киро зӯри камон аст, ба ханҷар назанад.
Шӯхи ман мешиканад маъракаи* симбарон,
Оҳ аз ин бут, ки ба ҷуз лашакари кофар назанад.
Бигзар, эй булҳавас, аз ишқ, ки он ғамзаи маст
Шоҳбозест, ки бар сайди муҳаққар* назанад.
Холи ҳиндуи ту шӯх аст, ки аз ҷон наравад,
Чашми бебоки ту маст аст, ки соғар назанад.
Чун зияд Файзӣ аз ин дард, ки дорад дар ишқ
Дардмандона адое, ки аз ӯ сар назанад.

* * *

Даст чу бар турраи шабгун занад,
Бар маҳу хуршед шабехун занад.
Зуҳраи Ҳорутфиребат ба сеҳр
Бобилиёнро раҳи афсун занад.
Ҳар кӣ май аз дасти ту бадмаст хӯрд,
Санг ба нуҳ шишаи гардун занад.
Бар ҷигари ман кӣ чаконад наме,
Гар на дилам обилаи хун занад?
Чашми туам аз мижа дилдӯз кард,
Турк хаданг аз ҳама афзун занад.
Ақл, ки дар ҳалқаи зулфи ту рафт,
Кай қадам аз доира берун занад?
Зад раҳи Файзӣ саname, гӯ, рафиқ
Таъна ки ҳаргиз назад, акнун занад.

* * *

Дар оташи ишқ анҷуму афлок насӯзанд,
Дар матбахи султон хасу хошок насӯзанд.
Дилсӯхтаи доғи ниҳонро чӣ тафовут,
Дар оташи дӯзах, ки ба ҷуз хок насӯзанд.
Бесӯз бувад гиряи зоҳид, аҷабе нест,
Дар оташ агар ҳимаи намнок насӯзанд.
Оташнафасонро дили садчок писанд аст,
Аз баҳри чӣ пироҳани садчок насӯзанд?
Он сӯхтаҷонон, ки нишастанд дар оташ,
Кай пок бароянд, агар пок насӯзанд?!
Файзӣ, нафаси гарм барангез, ки хоманд,
Он тоифа, к-аз шуълаи идрок насӯзанд.

* * *

Ба боргоҳи қиёмат, ки моҷаро бахшанд,
Гуноҳи Каъба ба хоки калисиё бахшанд.
Ба шоҳроҳи иродат ба рӯи гардолуд
Нишастаем ба дарюза, то чиҳо бахшанд.
Ба хоки роҳ яке шав, ки дар вилояти ишқ
Сарири васл ба ринди бараҳнапо бахшанд.

Зи кори бастаи дил ғам махур, ки ишвагарон
Гиреҳ зананду пас он гаҳ гиреҳкушо бахшанд.
Сар аз замини адаб бармадор, к-аҳли назар
Ба хок хосияти сояи ҳумо бахшанд.
Куҷо ману дили андӯҳкаш, вале чӣ кунам,
Чу тоби кӯҳрабоӣ ба каҳрабо бахшанд.
Даме зи сидқ баровар, ки орзубахшон
Ҳазор ганҷи иҷобат* ба як дуо бахшанд.
Макун тааммул*, агар қасди хуни мо дорӣ,
Ки куштагони ту ҳам бо ту хунбаҳо бахшанд.
Ба базми шоҳ чу хонанд назми Файзиро,
Сазад, ки нақди ду олам ба як адо бахшанд.

* * *

Ишқ то кай шармсори куфру имонам кунад?!
Не мусалмон созаду не номусалмонам кунад.
Дар дили қандилсӯзи Каъба оташ дарзанам,
Ишқ гар оташ фурӯзад, кофаристонам кунад.
Бандаи он чашми таннозам, ки чун бандад назар,
Аз паси мижгон ишоратҳои пинҳонам кунад.
Сахтӣ аз ҳад мебарӣ бо ман, чӣ бемеҳрист ин?
Тарсам, ин сангиндилиҳоят гаронҷонам кунад.
Ҷазбае ку, к-аз дилам берун барад шуғли ду кавн,
То ба кай ҷамъийяти хотир парешонам кунад?
Аз масеҳомашрабе далқи бақо хоҳам гирифт,
Ҳаҷр то кай бо аҷал дасту гиребонам кунад?!
Назми ман тасхири хубон кард, Файзӣ, оқибат,
Ин дами гиро, ки ман дорам, парихонам* кунад.

* * *

Дӯш зи дидори дӯст базм пур аз нур буд,
Шамъ барафрӯхта чун шаҷари Тур буд.
Партави рӯяш зи зулф дидаи бедорро
Нурфишон барқи ғайб дар шаби дайҷур* буд.
Ошиқи муштоқ гар тез нигоҳаш накард,
Гарми маломат машав, сӯхта маъзур буд.
Ошиқи бесабрудил захраи дидан надошт,
Бас ки ба нури ҳаёи рӯи ту мастур* буд.

Куштани ошиқ бувад баҳри сарафрозияш,
Дор ба майдони ишқ рояти Мансур буд.
Ҳайрати Файзӣ кашид парда зи рӯи назар,
Варна, ба наздики ман сабр аз ӯ дур буд.

* * *

Шаб дил аз ёди ту дар олами ҳайронӣ буд,
Ҳаваси ишқ маро завқи худохонӣ буд.
Номи Фарҳод мабар, к-он ҳавасандӯхтаро
Хона дар кӯҳ гирифтан зи гаронҷонӣ буд.
Ёди он зулфи диловез, ки шаб то ба саҳар
Ба дари шавқи ту дар силсилаҷунбонӣ буд.
Мекашам оҳи шарарбор, чӣ медонистам,
К-оташошомии дилро шарарафшонӣ буд.
Шавқи бетоқатии дил ба ман овард ҳуҷум,
Бирав, эй сабр, ки дар маърака натвонӣ буд.
Солҳо ғарра ба асбоби саломат будем,
Ваҳ, ки ҷамъийяти мо айни парешонӣ буд.
Ҳарфи мақсуд зи авроқи фалак бозначуст,
Ҳар кӣ огаҳ зи саводи хати пешонӣ буд.
Файзӣ, он бахт куҷо рафт, ки дар олами ишқ
Сару сомони ман аз бесарусомонӣ буд?!

* * *

Дигар инонам аз кафи тадбир меравад,
Сар дар каманду пой бар занҷир меравад.
Ин турктози кист, ки аз кишвари адам
Сабри бараҳнапой ба шабгир меравад?!
Дар хоку хун фитодани Фарҳодро чӣ қадр,
Ҷое ки қиссаи шакару шир меравад?!
Бо каъбарав бигӯй, ки аз кӯи дайр* ҳам
Роҳе ба корхонаи тақдир меравад.
Бовар макун, ки ҷон диҳам аз захми тири ӯ,
К-ин ҷони хунгирифта паи тир меравад.
Чандон нигоҳ мекунад он турки тундхӯ,
То заҳраи ҷавону дили пир меравад.
Файзӣ, чӣ соҳирӣ ту, надонам, ба ин нафас,
К-аз Ҳинд ҷодуи ту ба Кашмир меравад.

* * *

Меноламу дилам зи паи нола меравад,
В-ин ним ҷони монда зи дунбола меравад.
Абри баҳор қатразанон мерасад, вале
З-ин шустушӯ на доғи дили лола меравад.
Эй ҷавҳарӣ, зи ҳуққаи ёқут лаб бибанд,
К-он ҷо сухан зи ҷавҳари сайёла* меравад.
Ваҳ, чун кунам зи чашми малоикфиреби ӯ,
К-аз як нигоҳ тоати садсола меравад?!
Эй вой, чун зиям, ки чу менолам аз фироқ,
Бо нола аз дилам ду-се паркола меравад?!
Дурам бад-он зи мавкиби он шаҳсавори ҳусн,
Гар ман намеравам зи паяш, нола меравад.
Файзӣ, ба гардиш ор қадаҳ дам ба дам, ки шоҳ
Гуҷрот фатҳ карда, ба Бангола меравад.

* * *

Бисёр маҳу меҳр ба ноком барояд,
То ҳамчу ту як фитнаи айём барояд.
Озодадилонро ҳама дар қайд кашидӣ,
Анқо натавонад, ки аз ин дом барояд.
Шавқам на чунон аст ба васли ту, ки ҳаргиз
Коми дилам аз номаву пайғом барояд.
Муштоқи ҳарам гар нигарад ҳамчу туеро,
Дар нимаи раҳ Каъба зи эҳром барояд.
З-ин гуна ба ҳар субҳ гар аз бом бароӣ,
Хуршед зи хиҷлат пас аз ин шом барояд.
З-ин толеи баргашта муҳол аст, ки ҳар бор
Коми дили Файзӣ зи ту худком барояд.

* * *

Ё Раб, он шӯх зи ман танг чаро меояд,
Ҳар дам аз номи манаш нанг чаро меояд?
Мо ба ҷавлонгаҳи нозаш сипар андохтаем,
Ӯ ба сад арбадаву ҷанг чаро меояд?
Мерасад чеҳра барафрӯхта, шамшер ба каф,
Ғаразаш чист, ба ин ранг чаро меояд?

Гар на девонаи худ ёфт мани сӯхтаро,
Сӯям он тифл ба каф санг чаро меояд?
Гар на бо ғайр сари мутрибу соқӣ дорад,
Ҳар шаб аз базми вай оҳанг чаро меояд?
Ҷайби ҷон чун назанам чок, ки бебоконро
Домани васли ту дар чанг чаро меояд?
Гар на Файзӣ ба хаёли даҳанат нуктасарост,
Пеши ӯ қофияи танг чаро меояд?!

* * *

Алассабоҳ, ки боди баҳор меояд,
Маро зи омаданаш бӯи ёр меояд.
Ба ҷони ту, ки наёмад зи ҳаҷр бар ҷонам,
Ҳар он чи бар дилам аз интизор меояд.
Хабар зи омадани қосиди ту мегӯянд,
Вале, агар ту наёӣ, чӣ кор меояд?
Тасаллии дили ман дар фироқ мумкин нест,
Агар зи номаву қосид ҳазор меояд.
Бигӯ, ки аз асари гиряам бувад Файзӣ,
Чунин ки гуфтаи ман обдор меояд.

* * *

Зи хона сангдили ман бадар намеояд,
Умедвораму уммед бар намеояд.
Ба ҷон расидаму ҷонони ман намепурсад,
Зи по фитодаму умрам ба сар намеояд.
Хаёли ёр чунон ҷо гирифта дар дили ман,
Ки ғайри ҷилваи ӯ дар назар намеояд.
Аҷаб, ки кори ман аз ҳаҷр то ба рӯз кашад,
Навиди васли ту имшаб агар намеояд.
Рақиб қадри сиришки маро намедонад,
Гуҳаршиносӣ аз он бадгуҳар намеояд.
Барор дасти дуо баҳри васли ӯ, Файзӣ,
Агар зи дасти ту коре дигар намеояд.

* * *

Абр бо барқи ҷаҳонтоб расид,
Сабзаро то ба камар об расид.

Сарв бо рояти Ковус намуд,
Лола бо афсари Дороб расид.
Гул ба боғ оташи гӯгирд афрӯхт,
Оби лағзанда чу симоб расид.
Дид аз партави май хирқаи зуҳд,
Ба катон* он чи зи маҳтоб расид.
Зинда менӯш, ки бефоида буд
Нӯшдору, ки ба Суҳроб расид.
Шоҳиду бодаву гул якҷо шуд,
Айшро ин ҳама асбоб расид.
Он расид аз назари шоҳ ба ман,
Ки ба мастон зи маи ноб расид.
Шоҳи хуршедалам Акбаршоҳ,
К-аз дилаш нур ба ақтоб* расид.

* * *

Турки ман бо сипоҳи ноз расид,
Фитнаро вақти турктоз расид.
Ҳам ҷафо чанги фитнасоз гирифт,
Ҳам бало арғануннавоз расид.
Натъи* каҷбоз дарнавардиданд,
Даври риндони покбоз расид.
Вақти фарёди дилхарош гузашт,
Дами оҳи ҷигаргудоз расид.
Дида ҳайрон, ки то чӣ бар ҷонам
З-он нигоҳи карашмасоз расид.
Он расид аз ту дилфиреб ба ман,
Ки ба Маҳмуд аз Аёз расид.
Файзӣ, аз васл даст кӯтаҳ кун,
Ки маломат забондароз расид.

* * *

Ишқбозон, шамъ дар фонуси гулгун бингаред,
Куштаи теғи балоро ҷоми пурхун бингаред.
Гарчи шуд парвона шайдо шамъро ҳам шоми ғам,
Мурғбарсар, мӯйжӯлида чу Маҷнун бингаред.
Оташи дилро зи оби дида таскин медиҳанд,
Шамъро оташ шавад аз гиря афзун, бингаред.

Болафшон бар забон парвона дар фонус рафт,
Толеи фархундаву бахти ҳумоюн бингаред.
Ҳамчу фонус оташи пинҳони ман шуд ошкор,
Дӯстон, сӯзи даруни ман зи берун бингаред.
Оташинтабъон, чаро аз сӯзи Файзӣ ғофилед?
Як нафас девони ӯ гиреду мазмун бингаред!

* * *

Масти гулгунсавори ман нигаред,
Турки мардумшикори ман нигаред.
Дорам аз ёри худ умеди вафо,
Дили уммедвори ман нигаред.
Интизораш ба ҳашр хоҳам бурд,
Ғояти интизори ман нигаред.
Манам аз ҷоми ишқ заҳрошом,
Талхии рӯзгори ман нигаред.
Нолаи зор-зори ман шунавед,
Дар ҷигар хор-хори ман нигаред.
Нигаҳаш хуни халқ мерезад,
Шӯхи ханҷаргузори ман нигаред.
Ҳамчу Файзӣ зи васл маҳрумам,
Бахти нокомгори ман нигаред.

* * *

Соқиё, имрӯз Наврӯз асту фардо рӯзи ид,
Як-ду рӯзе метавон ҷоми маю соғар кашид.
Ҷоми май бар даст гиру по ба гулшан неҳ, ки боз
Бод дастафшон даромад, об покӯбон расид.
Ишрати Наврӯзро натвон баъид андохтан,
Доди айш имрӯз бояд дод, фардоро кӣ дид?
Домани гулзорро чун сабза мебояд гирифт,
Хирқаи садтӯйро чун ғунча мебояд дарид.
Оқилонро домани суҳбат аз ӯ чидан хуш аст,
Ҳар кӣ доман-доман аз гулзори ишрат гул начид.
Носиҳо, имрӯз аз савти ғазал гӯшам пур аст,
Ҷои он дорад, агар панди ту натвонам шунид.
Комбахшо, иди Наврӯз асту Файзӣ пурҳавас,
Идию наврӯзии ӯ гар расад, набвад баъид.

* * *

Ба маҷлисе май аз он лаъли оташин начакид,
Ки хуни гарми ман аз дида бар замин начакид.
Лаби ту дӯш ба дандон гирифта, ҷон додам,
Агарчи з-он лаби ширин ҷуз ангубин начакид.
Гаҳи хиром чу гесӯ гиреҳзанон мерафт,
Чӣ мушки тар, ки аз он зулфи анбарин начакид.
Чакид хуни дил аз пардаҳои дидаи ман,
Ба базми пири муғон бода инчунин начакид.
Нашуд зи май арақолуда оразаш, ки аз он
Хайи* хиҷолати хуршед аз ҷабин начакид.
Чунон чакид хай аз гӯшаи буногӯшаш,
Ки шабнами саҳар аз барги ёсамин начакид.
Намонд гирякунон даст бар ҷабин Файзӣ,
Ки хун ба гӯшаи домон зи остин начакид.

* * *

Дар ишқ беқарории моро нигаҳ кунед,
Симоби кимиёи вафоро нигаҳ кунед.
Маст асту медиҳад ба асирон навиди қатл,
Боз ин дурӯғи ростнаморо нигаҳ кунед.
Омад нишемани дили мо тангнои ишқ,
Анқои ошёни балоро нигаҳ кунед.
Аз як нигоҳ қофила аз роҳ мебарад,
Соҳибдилон, балои Худоро нигаҳ кунед.
Бӯи гуле ба булбули шайдо намерасад,
Бадмастии насими саборо нигаҳ кунед.
Сад пираҳан ба хуни дил оғушта мекунанд,
Ин гулрухони тангқаборо нигаҳ кунед.
Девони Файзӣ аз рақами ишқ пур шуда,
Эй аҳли завқ, тарзи вафоро нигаҳ кунед.

* * *

Аз ишқ ба ман хабар бигӯед,
З-ин манзили пурхатар бигӯед.
Эй гармравони водии ишқ,
Моҳияти ин сафар бигӯед.

Ман панди касон намекунам гӯш,
Инро ба каси дигар бигӯед.
Андеша надорам аз маломат,
Ин қисса баландтар бигӯед.
Эй сангдилон, намонд сабрам,
Гӯям ғами худ, агар бигӯед.
Бар ман шаби ҳаҷр мекунад зулм,
Ёрон, хабар аз саҳар бигӯед.
Эй роҳравони дил, чу Файзӣ
Зуд аст, ки тарки сар бигӯед.

* * *

Соқии ҷон, хез, ки шуд субҳи ид,
Саббаҳакаллоҳу би субҳин ҷадид.
Аз шакари Ҳинд шаробам бидеҳ,
То кашамаш ҳамчу ҳиҷозӣ набид.
Рақскунон Каъба ба паҳлӯи ман,
Аз чӣ кунам беҳуда манзил баъид?
Ҷони ману силсилаи зулфи ту,
Аллақатирруҳу би ҳаблилварид.
Чашми ту бас карда зи хунрези халқ,
Ғамза ба фарёд, ки ҳал ман мазид?
Гар ту надорӣ сари қурбони ман,
Мекунам аз дасти ту худро шаҳид.
Бар дами теғи ту қазо карда нақш
Анта ҳадидун, лака баъсун шадид.
Гар ту диҳӣ ваъда ба хунрезиям,
Пеши ман аз ваъда беҳ аст ин ваъид.
Файзии озода асири ту шуд,
Асъадакаллоҳу би абдин саъид.

* * *

Ҳадиси ақлу дин бо мо магӯед,
Хирадмандон, сухан беҷо магӯед.
Куҷо ақлу куҷо дину куҷо ман?
Мани девонаро инҳо магӯед.
Ман аз ҳарфи маломат сар напечам,
Вале инро ба ман танҳо магӯед.

Маро дар ишқ парвои касе нест,
Бигӯед ин ҳикоят ё магӯед.
Дилам, гӯ, хун шаву ҷон, гӯ, бурун о,
Ба он бадмеҳри бепарво магӯед.
Ба сад хорӣ гузаштам з-он сари кӯй,
Азизон, саргузаштам во магӯед.
Чӣ ғам он оҳаниндилро зи Файзӣ,
Зи ҳоли шиша бо хоро магӯед.

* * *

Ҳар мусаввир, ки кашад нақши туро бар коғаз,
Бояд аз сим кунад хомаву аз зар коғаз.
Дар назар баски маро сурати хуби ту гузашт,
Пардаи дидаи ман шуд чу мусаввар коғаз.
Ҳар гаҳ аз сунбули зулфи ту навиштам ҳарфе,
Чун варақҳои чаман гашт муаттар коғаз.
Гар кушоянд ба девони чаман дафтари гул,
Рақами ҳусни ту зоҳир шавад аз ҳар коғаз.
Мужда, эй дил, ки ба сарманзили мо меояд
Ҳудҳуди авҷи саодат зада бар сар коғаз.
Чист мактуби мани дилшударо ин ҳама сӯз,
Шуълаи шавқи ту афтод магар дар коғаз?!
Файзӣ аз сӯзи дарун чун ба ту мактуб навишт,
Оташ афтод зи дил, сӯхт саросар коғаз.

* * *

Барор, қосиди шавқ, аз бағал бурун коғаз,
Ки дидаам ба раҳат шуд сафед чун коғаз.
Хате ба хуни асирони ҳаҷр овардӣ,
Вагарна, бе сабабе чист лолагун коғаз?
Фироқномаи ғам менависам, он беҳтар,
Ки хун бигиряму рангин кунам зи хун коғаз.
На маҳраме, ки паёми маро барад ба дарун,
На ҳамдаме, ки бурун орад аз дарун коғаз.
Ба нома дил naниҳодам, ки ҳеч кам накунад
Зи беқарории дилҳои бесукун коғаз.
Ҳадиси булбулу гул кай тавон тамом навишт,
Агар зи барги гулистон шавад фузун коғаз?!

Ба каф сафинаи маънӣ дар анҷуман Файзӣ,
Фусунгарест, ки дорад пур аз фусун коғаз.

* * *

Манависед барои ман маҳзун таъвиз*,
Ки хаташ бастаам аз риштаи ҷон чун таъвиз.
Бе хати ёр зи ҳар коғази печида чӣ суд,
Пеши ошиқ бувад афсонаву афсун таъвиз.
Чун дилам бастаи занҷири парирӯён шуд,
Эй парихон, надиҳад фоида акнун таъвиз.
Дида он зулфи гиреҳгир, ба худ мепечам,
Ваҳ, ки ошуфтагиям сохта афсун таъвиз.
Баҳри дилхуншудаи зулфу руху мушки Хутан
Гоҳ аз мушк нависанд, гаҳ аз хун таъвиз.
Мабаредаш ба дари Каъба, Худоро, к-имшаб
Дасти Лайлӣ шуда дар гардани Маҷнун таъвиз.
Зулфи лайлисифате дидаму девона шудам,
Оқилонро ба ҷаҳон сохта маҷнун таъвиз.
Чашми худро мани савдозада хунбор кунам,
То нависанд барои дилам аз хун таъвиз.
Дар ғам аз сӯзи дарун Файзии дилсӯхтаро
Оташе ҷаст, к-аз он сӯхт зи берун таъвиз.

* * *

Эй бар саманди фитна, инонро нигоҳ дор,
Тири нигаҳ бас аст, камонро нигоҳ дор.
Султони мулки дил туӣ имрӯз дар ҷаҳон,
Аз дастбурди фитна ҷаҳонро нигоҳ дор.
Дар ҳашр куштагони туро бо ту корҳост,
Ҷон дода мераванд, нишонро нигоҳ дор.
Мо масти ҷуръаем, ки меафканад ба хок,
Гӯ, баҳри ғайр ратли гаронро нигоҳ дор.
Эй муддаӣ, назораи он шаҳсавор кун,
Гар гунҷадат ба ҳавсала, ҷонро нигоҳ дор.
Эй дида, ашки ҳасрату хуноби ғам марез,
В-эй дил, ту низ оҳу фиғонро нигоҳ дор.
Файзӣ, чу шамъ оташи дил дар миён манеҳ,
Сар меравад ба бод, забонро нигоҳ дор.

* * *

Соқиё, ҷоми шакарханд биёр,
Бодаи талхтар аз панд биёр.
Ҷавҳари чашми назарбоз бидеҳ,
Сайқали ҷоми хирадманд биёр.
Ҷон фидоят, ки аз он ҷондору
Ки ба хун дорад пайванд, биёр.
Зуд бар мастиям имшаб ҳавас аст,
Аз паи ҳам қадаҳе чанд биёр.
Ғам аз андоза бурун пой ниҳод,
Баҳри бадмастии ӯ банд биёр.
Хоҳиш аз маҷлиси мо берун аст,
Чун биёӣ, дили хурсанд биёр.
Файзӣ, аз ҷоми тараб маст шудӣ,
Саҷдаи шукри Худованд биёр.

* * *

Соқиё, гарм шаву соғари май зуд биёр,
Баҳри саргармии ман оташи бедуд биёр.
Ҳиммати пастқадам[1] чанд забунам дорад?!
Оби Фиръавн бидеҳ, оташи Намруд биёр.
Дамбадам бодаам аз соғари заррин дардеҳ,
Тоҷи иқболи маро лаъли зарандуд биёр.
Бод дар ҷилваву мурғони Сулаймон мастанд,
Мутриб, аз пардаи нав нағмаи Довуд биёр.
Уд саҳл аст, ки дар базм баранд аз паи сӯз,
Аз паи соз гарат даст диҳад, уд биёр.
Ҳоҷии бодияпаймо, зи куҷо меоӣ?
Хабаре дорӣ агар аз раҳи мақсуд, биёр.
Файзӣ, ин базми нишот аст, лаби шавқ мабанд,
Аз сухан замзамаҳои тараболуд биёр.

* * *

Эй кавкабаи ҳусни ту бо моҳ баробар,
Аз ман ба ту то моҳу фалак роҳ баробар.

[1] Шояд: «сустқадам» бошад, Девон, с.395, чопи сангӣ, с.81.

Хуршеди ман, аз ошиқи худ рӯй магардон,
Дар роҳ чу оям ба ту ногоҳ баробар.
Лабташна дилам дар зақанат рафт ба он зулф,
Тарсам, набувад ришта ба он чоҳ баробар.
Бар рӯи чу рӯзи ту шаби зулф ба ҷавлон
Гаҳ кам шаваду гоҳ фузун, гоҳ баробар.
Бо тӯбияш аз сарв магӯед, ки набвад
Болои баланду қади кӯтоҳ баробар.
Дар ишқ мапурс аз шаҷари Тур, ки омад
Сад кӯҳ дар ин бодия бо коҳ баробар.
Гуфтӣ, зи ҷунуни туву Маҷнун чӣ тафовут?
Расвои туам, хоҳ каму хоҳ баробар.
Файзӣ, марав аз дайр ба масҷид, ки набошад
Сад ғулғули тасбеҳ ба як оҳ баробар.

* * *

Сабо, ба гулшани асрори қудс роҳ бибар,
Ба навбаҳори карам зории гиёҳ бибар.
Хурӯши ташназабоне ба мавҷи Нил бигӯ,
Фиғони тиранишине ба авҷи моҳ бибар.
Агар ба кунгураи кибриёт раҳ набувад,
Таноби нола бигиру каманди оҳ бибар.
Дили маро, ки қадам бартар аз фалак наниҳад,
Ба нардбони нафасҳои субҳгоҳ бибар.
Зи осмон қадаре пештар чу бихромӣ,
Ба остонаи шоҳаншаҳӣ паноҳ бибар.
Ба базми ишрати султони чорболиши ноз
Ниёзмандии дарвеши хонақоҳ бибар.
Ҳадиси ман паи таъвизи он камар бирасон,
Дуои ман паи тӯмори он кулоҳ бибар.
Бибанд тоза ду гулдаста аз дилу ҷигарам,
Ба армағонии мастони субҳгоҳ бибар.
Фироқ аз ғами нодиданаш дилам хун кард,
Ду дидаам бикашу аз паи нигоҳ бибар.
Танам агар зи гаронӣ наметавонӣ бурд,
Сарам бурида, ба даргоҳи подшоҳ бибар.
Кунун, ки шуд сипаҳорои фатҳи ҳафт иқлим,
Ғубори ман ба раҳи гарди он сипоҳ бибар.

Ҳанӯз ним даме аз ҳаёти ман боқист,
Фиғони ман зи паи рафъи иштибоҳ бибар.
Барои сӯхтани мункирони шуълаи шавқ
Зи резиши нафаси оташин гувоҳ бибар.
Сарири хомаи Файзӣ, ки нолаи саҳар аст,
Ба гӯши шоҳ чу фарёди додхоҳ бибар.

* * *

Бода дар ҷӯш асту риндон мунтазир,
Соқиё, хуз, мо сафо, даъ, мо кадир.
Дар хароботи муғон магзар, ки ҳаст
Ҳар сурохӣ чашм, ҳар соқӣ Хизир.
Бандаи соқӣ шавам, к-аз як қадаҳ
Мункирони ишқро созад муқир*.
Эй рафиқ, аз ман машав ғофил, ки ҳаст
Ишқ дар Фарҳоду Маҷнун мунҳасир*.
Ишқ натвонист пӯшидан зи ғайр,
Шуд аз он Маҷнун ба олам муштаҳир*.
Гар дилам бишкаст, хушҳолам, ки дӯст
Мутмаиннун инда қалбин мункасир.
Ҷоми май хоҳӣ, бигӯ, Файзӣ, мудом
Ҳамчу Ҳофиз айюҳассоқӣ, адир!

* * *

Эй дар даҳонат тунге зи шаккар,
Ҳар ду лаби ту қанди мукаррар.
Тобанда моҳ аст аз бурҷи хубӣ
Хандида лаълат бар дурҷу гавҳар.
Васфи ҷамолат тифлони ашкам
Нохонда аз рӯ карданд аз бар.
Ҳар рӯз орад дар базми ҳуснат
Хуршеди тобон сӯзанда миҷмар.
Чашми ту ҷонҳо бурда паёпай,
Зулфи ту дилҳо баста саросар.
Чун ду рухи ту набвад ба гардун
Меҳри муниру моҳи мунаввар.
Файзӣ, ки рӯят сад бор дида,
Хоҳад, ки бинад сад бори дигар.

* * *

Зиҳӣ хоки раҳат дар дида зоҳир,
Ғубори тавсанат куҳлулҷавоҳир*.
Хаёли худ бибин дар дидаву дил,
Ки зоҳир гашта дар чандин мазоҳир*.
Касе донад ҷунуни ишқбозон,
Ки бошад бар фунуни ишқ моҳир.
Ридои* зарқолуди ту, зоҳид,
Нагардад ҷуз ба хуни дида тоҳир*.
Наметарсанд ҳеч аз ботини мо,
Фавовайлун ли асҳоби-з-завоҳир.
Чаро бо ҳар касе гӯям ғами дил,
Фа инна-л-ҳола инда-л-халқи боҳир.
Маломат мекунад носеҳ ба Файзӣ,
Набинад чашми зоҳирбин ба зоҳир.

* * *

Эй ташналаб, ба чашмаи ҳайвон расида гир,
Оби Хизир зи дасти Масеҳо кашида гир.
Дасти ҳавас мабар ба гиребони орзу,
Пироҳане ба кӯи маломат дарида гир.
Аз осмон чу мерасадат оқибат завол,
Хуршедсон ба машриқу мағриб давида гир.
Чун аз баҳор бӯи вафое намерасад,
Боди хазон ба гулшани олам вазида гир.
Аз ҳамдамии мурдадилонам фусурдадил,
Эй офтоби субҳи қиёмат, дамида гир.
Чашми ҳавас бидӯз зи наззораи бутон,
Хунобаҳо зи домани мижгон чакида гир.
Файзӣ, бибанд дида зи нақшу нигори даҳр,
Ҳар сурате, ки хуштар аз он нест, дида гир.

* * *

Намонд савлати шерон дар ин гареваи* оз*
Ба ҳиласозии саглобагони рӯбаҳбоз.
Зи имтидоди* фурӯмоягон чӣ дар аҷабӣ?
Ба ҷифахории* каргас бибину умри дароз.

Зи нанги хирасарии ғуроби* тиранихуд
Туруст[1] тавбаи анқои мағриб аз парвоз.
Зи кӯҳу бодия бигрифт хотирам, то чанд
Ба хор созам базму ба санг гӯям роз?
Магир бар ман, агар сар ба ҷои по монам,
Ки по зи сар нашиносам дар ин нишебу фароз.

* * *

Эй зи сар то ба қадам мояи ноз,
Абруят қиблаи арбоби ниёз.
Ҷуз ба рӯи ту набинам ҳаргиз,
Чашми Маҳмуд бувад сӯи Аёз.
Ҳар кас аз нахли қадат бар нахурад,
Ҳама касро набувад умри дароз.
Ҳоли ман аз ғами худ пурс, ки нест
Ҷуз ғами ҳаҷр касе маҳрами роз.
Ба ҷафо чок задӣ синаи ман,
Бар дилам шуд дари эҳсони ту боз.
З-осмон то ба замин яксон аст,
Дар раҳи мо чи нишебу чи фароз.
Файзӣ аз сӯзи гудози ту гудохт,
Нашудӣ огаҳ аз ин сӯзу гудоз.

* * *

Биёву дар вараъам оташи шароб андоз,
Ба ним ҷуръа мусаллои ман ба об андоз.
Қадаҳ зи бода ба гардиш дарору дида зи ҳусн,
Замонарову фалакро ба печу тоб андоз.
Сипоҳи фитна барангез дар камини сипеҳр,
Ғубори ҳодиса дар чашми офтоб андоз.
Ғунуд дидаи ишқу фисурд синаи шавқ,
Ба ҷилвае ду ҷаҳонро дар изтироб андоз.
Ҳазор пардагии ҳусн пардасӯз турост,
Ба рӯи духтари раз бурқаъи* ҳиҷоб андоз.

[1] Шояд: «Беҳ аст» бошад, Девон, с. 401.

Ҳарими маҷлиси риндон мақоми бедорист,
Намак ба хандаи соқӣ ба чашми хоб андоз.
Хумори бахт барошуфт ишратам, Файзӣ,
Маро ба базми шаҳаншоҳи комёб андоз.

* * *

Эй ишқ, манеҳ бар дили мо доғи ҷигарсӯз,
Дар Каъбаи мо оташи Зардушт маяфрӯз.
Ҳайҳот чӣ гуфтам ману аз ишқ шикоят,
То чанд насиҳатгари ман ақли бадомӯз?!
Гӯ, арбада, бар шишаи ман санг бияндоз,
Гӯ, соиқа, бар хирмани ман барқ бияндӯз!
Гар машъали мо мурд, зиҳӣ, ахтари фаррух,
В-ар хонаи мо сӯхт, зиҳӣ, толеи фирӯз!
З-ин бахти нигун бо кӣ бигӯему чӣ созем,
К-аз рӯйсафедони ҷаҳонем сияҳрӯз.
Муштоқдилон лаззати наззора наёбанд,
То чашм ба чашме накунад шавқи нигаҳдӯз.
Файзӣ паи ҳиндисанамон рав, ки зи ҳад шуд
Яғмогарии туркнажодони қарокӯз.

* * *

По ба роҳи ишқ суду гармрафторам ҳанӯз,
Бо вуҷуди кӯҳ-кӯҳи ғам сабукборам ҳанӯз.
Оламе саршори васлу ман ҳамон хунобарез,
Дигарон бар хӯрдаву ман дона мекорам ҳанӯз.
Дар танам як қатра хун нагзошт гармиҳои ишқ,
Муддаъӣ донад, ки ман бо чашми хунборам ҳанӯз.
Мехурам сад захму пеши ӯ маҷоли оҳ нест,
Ҷон ба лаб меояду дам бар намеорам ҳанӯз.
Бар сарам афтод девори маломатхона дӯш,
Ҳамчунон аз дасти ҳиҷрон сар ба деворам ҳанӯз.
Ғамзае дар кори ман кардию гаштам нимкуш,
Соқиё, паймонаи дигар, ки ҳушёрам ҳанӯз.
Гарчи, Файзӣ, хост узри шиква он паймонгусил,
Резаи алмос меборад зи гуфторам ҳанӯз.

* * *

Нишони роҳи биёбони ишқ, ҳон, бишинос,
Ки ҳаст реги равонаш зи резаи алмос.
Зиҳӣ шигарф биёбон, ки пайгум аст дар ӯ
Ҳазор қофилаи ақлу корвони қиёс.
Касе ки сар кунад ин дашт, ғайри Маҷнун кист,
Ки пои ақл дар ин роҳ мекунад омос*.
Чӣ водие, ки дар ӯ нониҳода як-ду қадам,
Ба пои сӯхта ҳам Хизр монду ҳам Илёс.
Гузор ноқаву маҳмил, гарат сафар ҳавас аст,
Ки ғайри фитна дар ин раҳ касе надорад пос.
Чӣ тарф бандам аз ин раҳравони қофилакуш,
Ки мекашанд нахуст аз тани ҳаёт либос?!
Ману таку дави ин роҳи пурхатар, Файзӣ,
Агарчи заҳраи ман об мешавад зи ҳарос.

* * *

Умре ба сари кӯи ту будем, ҳамин бас,
Худро ба сагони ту намудем, ҳамин бас.
Оинаи рухсори ту дар пеши назар буд,
Якчанд бар ӯ чашм кушудем, ҳамин бас.
Гар тарки таманнои ту кардем, ҳамин беҳ,
В-ар сар ба қадамҳои ту судем, ҳамин бас.
Ҳар кас сухани аҳли вафо гӯш накардӣ,
Бисёр сухан аз ту шунудем, ҳамин бас.
Ҷо дошт ғами сабзхате дар дили Файзӣ,
Ин занг зи оина зудудем, ҳамин бас.

* * *

Эй ишқ, биё, сайрафии* дидаи тар бош,
Қиматниҳи оби руху хуноби ҷигар бош.
Чашм аст, ки сарчашмаи покони ниёз аст,
Хоҳӣ ҳама тан пок шавӣ, покназар бош.
Шояд ба саодат гули бахте шукуфонӣ,
Шабгир куну ҳамнафаси боди саҳар бош.
Дар оҳану об он рухи зебо натавон дид,
Гар ошиқӣ, аз шишаи дил оинагар бош.

Камтар натавон аз нафаси сӯхта будан,
Бошад, ки ба дил роҳ барӣ, гарми сафар бош.
Файзӣ, чӣ барӣ ҳоҷати худ бар дари Каъба?
Як оҳ зи дил сар диҳу дунболи асар бош.

* * *

Ҳар ҷо сухантарозу иборатфурӯш бош,
Дар базмгоҳи мо чу расидӣ, хамӯш бош.
Машшотагони* мо ба гулӯ сурма мекашанд,
Дар шаҳри мо забон биситонанд, гӯш бош.
Бадмастро ба косаи сар шиша бишкананд,
Аз ҷоми мо чу бода бинӯшӣ, хамӯш бош.
Дар рӯзгори мо зи дурангӣ гузир нест,
Май дар пиёла афкану хунобанӯш бош.
Эй муҳташам, ҳарифии риндон на ҳадди туст,
Ҷоме ба даст гиру сабӯе ба дӯш бош.
Файзӣ сухан зи нашъаи таҷрид мекунад,
Гӯше ба шоҳроҳи паёми Суруш бош.

* * *

Ҷафописанд ба он ҳусни беадил мабош,
Ба як назора, ки рӯзе кунам, бахил мабош.
Зи хуни дидаи мо обрӯи ҳусн биҷӯй,
Хаёлсӯхтаи ҷоми Салсабил мабош.
Ба таънакории саргаштагии зарра маҷӯш,
Ба офтоб бигӯ, к-ин қадар ҷамил* мабош.
Чу оби рӯи маро ташнаанд булҳавасон,
Ба раҳгузори дигар ҷӯи ман сабил* мабош.
Мабар ба хонахаробони худ гумони ҳавас,
Ба ин гудохтаҷонон аз ин қабил мабош.
Замона мояи ошӯби мо бас аст, ту ҳам
Ба корсозии мо фитнаро вакил мабош.
Саре ба теғ манеҳ беназора, Файёзӣ,
Ба дасти сангдилон бе дият* қатил мабош.

* * *

Чунин, к-оварда дар хоби саҳар гулгашти маҳтобаш,
Магар боди сабо бедор созад аз шакархобаш.

Умедамро каноре нест пайдо, баъд аз ин хоҳам,
Бишӯям даст аз ин дарёву гавҳарҳои ноёбаш.
Ману ғаввосии баҳри муҳаббат, гарчи медонам,
Ҳубобе ҳам наёрад даст берун зад зи гирдобаш.
Магар шуд дар ҳарими Каъба тарсозодае, к-имшаб
Фурӯғи шишаи май медиҳад қандили меҳробаш.
Маро ногаҳ гузар афтод дар базми қадаҳнӯше,
Ки дорад бӯи хуни майпарастон бодаи нобаш.
Агар ғалтам ба хоку хун, чӣ ғам нозукниҳолеро,
Ки дар озор дорад бистару болини санҷобаш?!
Қабули назми Файзӣ ин қадар донам, ки дар маҷлис
Зи баҳри гармии ҳангома мехонанд аҳбобаш.

* * *

Чӣ мепурсед аз кохи баланди ишқбунёдаш,
Ки хок аз дашти Маҷнун асту санг аз кӯҳи Фарҳодаш.
Чунин к-аз нолаи шабҳо қароре нест Маҷнунро,
Куҷо ором хоҳад буд мурғонро зи фарёдаш?
Чу Фарҳоди балокаш канд ҷӯи шир, донистам,
Ки дар таълими ин фан ғайри Ширин нест устодаш.
Фаромӯшӣ гузид он шӯху бурд аз ёди худ моро,
Рафиқе нест, к-аз хайли фаромӯшон диҳад ёдаш.
Бувад ҳар бандаеро рӯи озодӣ, вале Файзӣ
Чунин шуд бандаи хубон, ки натвон кард озодаш.

* * *

Ба хоб рафта мабинед чашми фаттонаш,
Ки зери ҳар мижа бошад нигоҳи пинҳонаш.
Зипофикандаи ҷавлони чобуке шудаам,
Кӣ шаҳсавори назар нест марди майдонаш,
Чаро зи ҷо наравад одамӣ, ки аз ҳаракот
Замин ба ларза дарояд ба гоҳи ҷавлонаш?!
Нигоҳи дамбадамаш чист бар шикастадилон,
Чу саф шикаст, чӣ ҳоҷат ба тирборонаш?!
Дило, зи раҳзании ғамзааш чӣ мепурсӣ?
Сари бурида бибин дар чаҳи занахдонаш.
Зи фарқ карда қадам, рӯ ба оламе дорад,
Ки Каъба зарраи рег аст аз биёбонаш.

Ҳадиси Файзии бедил бихон, ки аҳли назар
Зи хуни дида рақам кардаанд девонаш.

* * *

Ҳазар кунед зи хунрези чашми фаттонаш,
Ки кардаанд сияҳтоб теғи мижгонаш.
Ба аҳли дил, ки ҷаҳонгарди олами назаранд,
Паёми ғайб диҳад ғамзаҳои пинҳонаш.
Чунин ки барзададоман савора мегузарад,
Чӣ гуна дасти асирон расад ба домонаш?
Ба ҳашр боз сари қатли оламе дорад,
Магар ҳуҷуми қиёмат кунад пушаймонаш.
Нишони гармравони ҳарам чӣ мепурсӣ?
Ки ғайри реги равон нест дар биёбонаш.
Фиғон, ки раҳм наёрад ба талхкомии ман
Фусунгаре, ки шакар резад аз намакдонаш.
Ба ишқи тангқабоён маломати Файзӣ
Ба он расид, ки доман шавад гиребонаш.

* * *

Субҳдам пеши ман омад саname ҳалқабагӯш,
Мижааш ишватарошу нигаҳаш ғамзафурӯш.
Дурбоши* нигаҳи турки сипоҳангезаш
Саф-саф ангехта дар пеш зи мижгон човуш*.
Тозарӯ чун гулу дар тозабаҳори чаманаш
Гирд бар гирди табарзад зада сад марзангӯш*.
Гӯиё парда барандохта аз чеҳра парӣ,
Ё магар муждарасон омада аз ғайб Суруш.
Гуфт ин дам дами субҳ асту дар ин вақт туро
Ғунча будан насазад, хезу ба гулгашт бикӯш.
Лолаву гул ба чаман хандазанон, лаб бар лаб,
Сарву шамшод ба ҳам ҷилвакунон, дӯш ба дӯш.
Ҳайф бошад, ҳама мурғони чаман нағмасаро,
Чун ту Ҷибрилманиш, тоири қудсӣ, хомӯш.
Гуфтам: Имрӯз сари худ натавонам бардошт,
Ки хумори маи дӯшин сарам овард ба ҷӯш.
Гуфт: Эй масти Илоҳӣ туву он гоҳ хумор,
Ҳикмат омӯхтаӣ, бода ҳакимона бинӯш.

Ин чӣ мастист, ки шаб гарм шавӣ аз маи рӯз?!
Ғайри дуде набувад дар сарат аз оташи дӯш.
Гуфтам: Аз моидаам* ин рутаби тоза бигир,
Эй ки бардоштаӣ аз табақи ман сарпӯш.
Наям он маст, ки дар анҷумани муғбачагон
Бикашам бодаву чун бода кунам ҷӯшу хурӯш.
Нест мақсуд зи мастӣ ба ҷуз онам, ки даме
Рахт берун кашадам дағдағаи марг зи ҳуш.
Гуфт: Хоҳам диҳамат гавҳари шабтоб ба даст,
Гарат овез кунад, гӯши дили пандниюш.
Шоҳиди марг на шӯхест, ки мастат накунад,
Хоҳ, ҳушёр шавӣ аз маю хоҳӣ, беҳуш.
Паҳлуи ҳуш аз ин нодира ҳамхоба бидузд,
Ки ба ночор туро танг кашад дар оғӯш.
Гуфтам: Аз ҳарфи ту дебочаи Файзӣ пур шуд,
Баъд аз ин ҷои сухан нест дигар ҳеч ба гӯш.

* * *

Гуле, ки хона бувад рашки гулшан аз рӯяш,
Бибанд дар, ки мабодо бурун равад бӯяш.
Кадом гулшану ку гулситон, ки сад фирдавс
Фидои лолаи рухсору сунбули мӯяш.
Ба содалавҳии он турки гармхӯ нозам,
Ки нест чин ба ҷабину гиреҳ дар абрӯяш.
Сиёҳчашмии хуршедрӯи ман бинигар,
Ки чун сияҳ шуда аз офтоб оҳуяш.
Ба як забон чӣ тавонам, чунин ки нуктасарост
Ба сад ҳазор забон абруи сухангӯяш.
Набаста нақш чу ҳуснофарин ба сурати ӯ,
Зи чашмзахми бадон дур рӯи некӯяш!
Куҷост сеҳрнигоре, ки шеъри Файзиро
Нависад аз паи таъвизи дасту бозуяш?

* * *

Намедонам, чӣ шуд, к-имрӯз боз аз гармии хӯяш
Зи чини зулф мебинам фузунтар чини абрӯяш.
Куҷо монад маро тоби назар дар базми хунрезе,
Ки дар як сӯ ману як сӯ бувад ханҷар ба паҳлӯяш.

Ба чандин ҳила ҷо дар базми он паймонгусил кардам,
Вале метарсам аз бими сухансозони бадгӯяш.
Зи бас рахти ҳавас ағёр бикшоянд, медонам,
Ки бори орзу барбандам охир аз сари кӯяш.
Манеҳ, гӯ, бар рухи худ холи нил аз баҳри чашми бад,
Ки таъвизи дили худ бастаам аз тори гесӯяш.
Намегӯяд, макаш теғу макуш ин сахтҷононро,
Валекин раҳм меояд маро бар дасту бозуяш.

* * *

Эй ки дорӣ сари наззораи маҳпайкари хеш,
Сурмаи дидаи худ соз зи хокистари хеш.
Авҷи ишқ аст, ки як ҷилваи парвоз он ҷо
Натавонӣ, агар аз барқ кунӣ шаҳпари хеш.
Умри ман, киштии уммед ба соҳил набарӣ,
То ба тӯфони бало худ нашавӣ лангари хеш.
Дидае боядат аз абруву мижгон ба канор,
То ба он дида шавӣ сайрафии дилбари хеш.
Чанд оғӯши хаёли ту парешон гардад,
Хешро бо кӣ дигар гирд кунӣ дар бари хеш?
Остинҳо ба саломат нагузорӣ, донам,
Гар бидонӣ қадаре қимати чашми тари хеш.
Файзӣ, аз гавҳари волои ту ҳайрат дорам,
Ки касе чун ту нашуд ин ҳама сайқалгари хеш.

* * *

Мегузорӣ ҳар нафас оина пеш,
Ошиқиҳо мекунӣ бо рӯи хеш.
Эй табиби дардмандон, хастаем,
Марҳаме бигзор бар дилҳои реш.
Бе хумори ҳаҷр ҷоми васл нест,
Нӯшдору кай расад, нохӯрда неш?
Саҷда меорем бар рӯи бутон,
Кофирони ишқро ин аст кеш.
Кам нашуд, Файзӣ, ҳикоятҳои ишқ,
Гарчи мо гуфтем аз сад бор беш.

* * *

Бигзор нимкушта маро зери пои хеш,
Хунам ҳалол, агар талабам хунбаҳои хеш.
Як дидан асту ҷон ба ҳавои ту бохтан,
Аз мо дигар чӣ металабӣ рӯнамои хеш?
Дилро ҳама ба хуни ҷигар об додаам,
Парвардаам балои Худоро барои хеш.
Афсуни дӯстӣ ба дили ман вабол бод,
Бегонае агар бикунам ошнои хеш.
Гуфтӣ: Туро ба ҳолати Маҷнун чӣ нисбат аст?
Дорад зи ишқ мартаба ҳар кас ба ҷои хеш.
Дар сина дорам оташи ишқ, аз гиё чӣ суд,
Эй нотабиби шаҳр, чӣ сӯзӣ давои хеш?
Файзӣ, расид киштии умрат ба мавҷхез,
Аз нохудо умед бибар бар Худои хеш.

* * *

Хушо нишоти ниҳонию базми хосалхос,
Ҳавас пиёлакаши шавқу орзу раққос.
На ишваро зи каманди назар умеди наҷот,
На ғамзаро зи фиреби ҳавас маҷоли халос.
Зи базми ишрати мо ғофиланд булҳавасон,
Авомро набувад раҳ ба пешгоҳи хавос.
Ба ҳар ҷафо ки дилат мекашад, макун тақсир,
Ки чини шиква набошад ба чеҳраи ихлос.
Далер бош ба қатлам, ки дар шариати ишқ
Зи баҳри куштаи хубон нагуфтаанд қисос.
Ҷигар гудохта бояд, зи оби дида чӣ суд,
Ки кимиёи муҳаббат ғанӣ бувад зи расос*.
Аҷабтар аз дили Файзӣ надидаем тилисм,
Ки ҳам гуҳар бувады ҳам муҳиту ҳам ғаввос.

* * *

Ку бахт, к-аз шиканҷаи гардун шавам халос,
В-аз пойбанди ишқ чу Маҷнун шавам халос?
Рӯи наҷот нест гирифтори ишқро,
Ёрон, аз ин балои Худо чун шавам халос?

Эй пандгӯ ба ишқ, зи афсонаам чӣ суд?
Ман з-ин бало аҷаб, ки ба афсун шавам халос.
Хуноба мечаконадам аз дида дам ба дам,
Ваҳ, чун кунам, ки аз дили пурхун шавам халос?
Хоҳам ба он нигоҳи фусунгар барам паноҳ,
К-аз сеҳри он ду наргиси мафтун шавам халос.
То хор-хори дил наравад аз даруни ман,
Мушкил, ки аз маломати берун шавам халос.
Файзӣ, ман он наям, ки зи ғамҳои рӯзгор
Аз савти чангу нағмаи қонун шавам халос.

* * *

Зи ҷавҳару араз* аз ман мапурс, эй муртоз*,
Ба ҷавҳари лаби ӯ бин зи холу хат аъроз*.
Саводи хат ба баёзи рухат чӣ мавзун аст,
Касе набурда бад-ин сон саводро ба баёз.
Чунин ки шамъ зи тоби рухи ту мелофад,
Сазад, ки қатъи забонаш кунанд аз миқроз.
Агар ба пеши ту гӯем ҳоли хеш, маранҷ,
Ба базми мо нигару як забон макун эъроз*.

* * *

Бибанд дида, ки дар чашми орифи муртоз
Ҳиҷоби зулмату нур аст ин саводу баёз.
Назар ба нуқтаи дил кун, ки ҳеч накшояд
Зи фалсафию хаёлу ҷавоҳиру аъроз.
Мабод аз ҳама олам висоли хубонро
Ғараз ҷуз ин, ки бибананд дида аз ағроз.
Хуш он ду ёри зи ағёр қатъ карда умед,
Тиҳӣ ду дидаи пайкон ба сина чун миқроз.
Ба дардҳои муҳаббат сабур бошу манол,
Ки аз Масеҳ наёяд илоҷи ин амроз*.
Самумпарвари ишқам, зи бӯстон фориғ,
Сари маро набувад барги рангу бӯи риёз*.
Ба ҳар саҳифа, ки дидем шеъри Файзиро,
Навиштаанд ба унвони ӯ ҳувалфайёз.

* * *

Қибларо рӯи сафо сӯи ту фарз,
Каъбаро саҷдаи абрӯи ту фарз.
Бар дари Каъба мусалмононро
Нияти тоати ҳиндуи ту фарз.
Бе гунаҳ рехтани хуни касон
Ҳама бар гардани бозуи ту фарз.
Дили шаҳре ба шиканҷ овардан
Ҳама дар силсилаи мӯи ту фарз.
Сари халқе ба каманд овардан
Ҳама бар ғамзаи ҷодуи ту фарз.
Ба назарбандии соҳибназарон
Сеҳр бар наргиси ҷодуи ту фарз.
Сари тоат ба замин Файзиро
Дар тавофи ҳарами кӯи ту фарз.

* * *

Ё Раб, ба покбозии риндони ин бисот,
К-аз шашдари ғамам бираҳон муҳраи нишот.
Чандин ҳазор косаи сар зарра-зарра шуд,
Дар санглохи ишқ қадам нех ба эҳтиёт.
Эй сад ҳазор нола, ки аз тундбоди ғам
Боғи ҷаҳон тиҳист зи гулҳои инбисот*.
Гар хуни дил хуранд ҳарифон ба ҷои май,
Соқии гармхун накунад майли ихтилот.
Бардор сафҳаи амали худ, ки оқибат
Нуҳ дафтари сипеҳр бияфтад зи иртибот.
Макшо ба тангнои ҷаҳон маҳмили умед,
Доно насохт барги иқомат дар ин рибот.
Файзӣ, ту пок боз, ки аз бозии қазо
Мансубаи* аҷаб бинишинад дар ин бисот.

* * *

Магӯ, тароши хат аз гирди рӯи ӯст ғалат,
Ки нест сабзи маро эҳтиёҷи сабзаи хат.
Зи сирри холи лаби ӯ касе нашуд огаҳ,
Ки баҳраманд бувад аз румузи илми нуқат.

Шаби висоли ману дидани рухаш, ки бас аст
Барои равшании рӯз офтоб фақат.
Ҳаво ки ҷилваи товус дошт, анқо шуд,
Дареғ, хуни кабӯтар нахостем зи бат*.
Ба номуродии худ сохтам, ки аз хубон
Муроди дил натавон ёфтан ба ҳеч намат*.
Баланду пасти ҷаҳон кардаам назора, вале
Куҷост тозаниҳоле чу ӯ ба ҳадди васат?*
Навои килки ту, Файзӣ, ба базми хусрави Ҳинд
Беҳ аз таронаи чанг асту нағмаи барбат.

* * *

Бар саҳфаи рӯи ӯ нигар хат,
Устоди қазо навишта сархат.
Ёқути лаби гуҳарфишонаш
Оварда бурун зи мушки тар хат.
Хатташ зи саводи мо равон кард,
Равшан набувад аз ӯ дигар хат.
Ин тоза рақам, ки бар рухи ӯст,
Хаттест латифтар зи ҳар хат.
Ҳар хат, ки навиштаем, Файзӣ,
Мазмуни вафои ӯст дар хат.

* * *

Чу рӯй сода набошад, зи ҷому бода чӣ ҳаз*,
Зи бодае, ки нанӯшӣ ба рӯи сода, чӣ ҳаз?
Гирифтам он, ки лаби Салсабил ҷои ту шуд,
Агар на май кашӣ аз дасти ҳурзода, чӣ ҳаз?
Агар ақиқлабе коми ҷони мо надиҳад,
Диле чу гавҳари якто зи даст дода чӣ ҳаз?
Агар на аз лаби соқӣ ҳавас ба ком расад,
Ҳарифро ба қадаҳ лаб ба лаб ниҳода чӣ ҳаз?
Зи дил агар накушояд гиреҳ гуландоме,
Чу ғунча сад гираҳи зар туро кушода чӣ ҳаз?
Замона, гӯ, марасон шарбати аҷал ба лабам,
Ки заҳрнӯши балоро аз ин зиёда чӣ ҳаз?
Ба даст домани гул гар наёядат, Файзӣ,
Чу хор бар сари роҳи чаман фитода чӣ ҳаз?

* * *

Шабе ба хоб маҳи рӯи ёр шуд толеъ,
Ғариб воқиае рӯ намуд филвоқеъ.
Ба ҷуз хаёли ту дар хоби ман намеояд,
Хуш он касе, ки ба хобу хаёл шуд қонеъ.
Куҷост орифи огоҳ, то назора кунад
Зи хатту холи ту чандин саноеи сонеъ.
Натиҷае надиҳад пеши ёр даъвии ишқ,
Ба ҳар муқаддима чун хасм мешавад монеъ.
Биё ба майкада, Файзӣ, румузи ишқ омӯз,
Чаро ба мадраса авқот* мекунӣ зоеъ?

* * *

Моро набувад савмаъаву далқи муроққаъ*,
Моему мақоми тарабу шоҳиду бурқаъ.
Мушкил, ки равад аз дили зуҳҳод сиёҳӣ,
Ин дона куҷо сабз шавад дар ҳама мазраъ?!
Хоҳӣ расадат мартабаи бесарупоён
Аз тоҷи мукаллал* гузару тахти мурассаъ*.
Дар дидаи соҳибназарон чашмаи қир аст,
Ҳар дил, ки на хуршеди азалро шуда матлаъ.
Сар барзада нури рухи ӯ аз дили тангам,
Моҳест бурун тофта аз чоҳи Муқаннаъ.
Аз арбадаи чашми ту барҳам шуда маҷлис,
В-аз ҳалқаи зулфи ту парешон шуда маҷмаъ.
Файзӣ, сухани ишқ басе буд, валекин
Шамшери забони ту расонид ба мақтаъ.

* * *

Эй дил, аз симбарон чанд кунӣ ком тамаъ?
Натавон буд чунин булҳавасу хомтамаъ.
Васл агар металабӣ, болу пар аз ҳиммат хоҳ,
То кай аз дӯст кунӣ номаву найғом тамаъ?
Бозҷустан дил аз он зулфи диловез хатост,
Вои мурғе, ки кунад дона аз ин дом тамаъ.
Базми даврон ҳама олудаи заҳр аст, макун
Нуқл аз ин хон ҳавасу бода аз ин ҷом тамаъ.

Ҳар кӣ аз бебасарон чашми иноят дорад,
Нури биниш кунад аз дидаи бодом тамаъ.
Зоҳиди гӯшанишин, к-аз ҳама мустағнӣ* буд,
Дидам, оғоз риё дораду анҷом тамаъ.
Файзӣ, аз даври фалак соз ба хунобаи ғам,
Ҷоми ишрат макун аз гардиши айём тамаъ.

* * *

Эй аз фурӯғи шамъ ба даври рухат фароғ,
Рӯят чароғи ҳусну хатат сояи чароғ.
Дар даври хат хушем ба наззораи рухат,
Оре, ба навбаҳор хуш ояд ҳавои боғ.
Ҷустам нишонаи дили гумгашта аз ғамат,
Ӯ худ маро ба кӯи бало медиҳад суроғ.
Дуди чароғи мадраса тар кард чашми ман,
Ҳосил нашуд зи мадраса ҷуз хушкии димоғ.
Файзӣ, зи ишқи лолаизорон туро чӣ ғам,
Гар ҷома чок-чок шуду сина доғ-доғ?!

* * *

Чаро нишаста саги ӯ зи ҳоли мо фориғ,
Ки ошно нанишинад зи ошно фориғ.
Бутон, агарчи шумо фориғед аз ғами мо,
Вале наем даме аз ғами шумо фориғ.
Ба шукри он, ки ту султони мулки ҳусн шудӣ,
Машав зи ҳоли асирони бенаво фориғ.
Ту, эй табиб, ба он шӯхи ҷаврпеша бигӯ,
Ки дардманди туро дидам аз даво фориғ.
Намеравем ба сад ҷавр аз дараш, Файзӣ,
Бар остони вафоем аз ҷафо фориғ.

* * *

Бода соф асту муҳтасиб нософ,
Дурдкашро кӣ медиҳад инсоф?
Бо кӣ гӯям, ки медарад соқӣ
Пардаи окифони* ситри афоф?!*
Ақл аз каф сипар бияндозад,
Ишқ ҳар ҷо кашад камони масоф.

Оҳуи масти ман агар ин аст,
Шери нар бар замин гузорад ноф.
Гуфтам, аз ҳусн дида барбандам,
Чӣ кунам бо нигоҳи дидашикоф?
Бар сари чорсӯи расвоӣ
Гавҳари ишқро манам сарроф*.
Файзӣ, аз ҳарфи ишқ лаб барбанд,
Пешгоҳи адаб расид, малоф!

* * *

Зиҳӣ ба зери лабат сад ҳазор ҳарфи шигарф,
Латофати лаъли лабат намуда ҷавҳари ҳарф.
Хуш аст бар рухи ман хуни дил зи дида равон,
Чунон ки бар вараҳи зард ҷадвали шангарф*.
Аҷаб, ки зиндадилон аз ҳаёт бишморанд,
Дурӯза умр, ки дар ошиқӣ нагардад сарф.
Дар оби дидаи ошиқ агар назар хоҳӣ,
Ки ин гуҳар натавон ёфт ҷуз ба луҷҷаи* жарф.
Фиканда шердилонро ба теғи ғамзаву нест
Шикорие, ки зи фитроки ӯ бибандад тарф.
Агар гудохта афтад фалак зи оташу оҳ,
Ба чашми мардуми афсурдадил намояд барф.
Магӯ ба сангдиле рози майкашон, Файзӣ,
Ки ҳамчу муҳтасиби хумшикан бувад безарф.

* * *

Ба сад ҷафо чу шудам аз ту мубталои фироқ,
Гаҳ аз ҷафои ту нолам, гаҳ аз ҷафои фироқ.
Касе ба доди фироқат намерасад ҳаргиз,
Магар висол, ки ӯ медиҳад сазои фироқ.
Ҷудо зи васли ту хун меравад зи дидаи мо,
Биё, ки бо ту бигӯем моҷарои фироқ.
Ғами фироқ зи мо то абад нахоҳад рафт,
Ки будаем зи рӯзи азал барои фироқ.
Ба қасди куштани Файзӣ шуданд ҳар се як:
Ҷафои ҳаҷру ғами дурию балои фироқ.

* * *

Баркан дил аз китобу манеҳ чашм бар сабақ,
То чанд дар миёна чу девор ҳар варақ?
Кай аз шикофи хона кушояд дари ҳузур,
Аз теғи ишқ пардаи дилро накарда шақ?!*
Ҳар сатрро гумони раҳи рост бурдаӣ,
Кач рафтаӣ, марав, ки на ин аст роҳи ҳақ.
Ту чашм бар сиёҳию баҳри ту карда чарх
Чандин ҳазор гавҳари рахшанда бар табақ.
Пайваста гарми баҳсу чадал бинамат, вале
Набвад натичаи ту зи гармӣ ба чуз арақ.
Донам, дили ту чашм бипӯшад аз ин рақам,
То худ зи ними чони ту боқист як рамақ.
Файзӣ, зи ман нигориши ҳарфу нуқат* мапурс,
К-аз ҳар кӣ содалавҳ бувад, бурдаам сабақ.

* * *

Омадӣ, эй қиблаи чонҳои пок,
Хайри мақдам, марҳабо, рӯҳӣ фидок.
То ниҳодӣ по ба наълайни ҳарам,
Сора ман хайту-л-басар ҳабла-ш-широк.
Гар ғуборолуда гаштӣ, бок нест,
Эй ҳазорон дида дар роҳи ту хок.
Аз назар ҳарчанд мегардӣ чудо,
Анта мин қалбӣ муҳола-л-инфикок.
Дил ба чо омад, ки бо фарёди шавқ
Иртақӣ айнӣ ало авчи-с-симок.
Чоки пироҳан чӣ мепурсӣ зи ман,
Дил зи чоки сина бингар чок-чок.
Файзӣ, аз ҳичрон чӣ меналӣ, манол,
Дилхарош аст ин хурӯши дарднок.

* * *

Эй қадат нозуку миён нозук,
Камарат низ ҳамчунон нозук.
Шавад озурда дар сухан гуфтан,
Баски омад туро забон нозук.

Дар табассум шавад лабат ранҷур,
Ки бувад ҷавҳараш чу ҷон нозук.
Пеши чашмат намекунам фарёд,
Ки бувад табъи нотавон нозук.
Умрҳо шуд, ки ошиқи ӯем,
Дил ҳамон сахту ҷон ҳамон нозук.
Тез натвон ба сӯи ӯ дидан,
Баски шуд хӯи он ҷавон нозук.
Файзӣ, аҳли замонаро бигзор,
Панд бишнав, ки шуд ҷаҳон нозук.

* * *

Субҳонака, субҳонак, мо азҳару* бурҳонак,
Мо абяну тибёнак, мо аъзаму султонак.
Халқе ба раҳат пӯён, дидори туро ҷӯён,
Дар ҳар нафасе гӯён субҳонака, субҳонак.
Эй партави меҳр аз ту, маҳ оиначеҳр аз ту,
Нуҳ кохи сипеҳр аз ту, мо арфаъу бунёнак.
Зотат зи гумон бартар, ҳамдат зи забон бартар,
Шукрат зи баён бартар, мо аҳсану эҳсонак.
Ҳарфи ту куҷо хонад, васфи ту куҷо ронад,
Кунҳи ту куҷо донад ин ақли парешонак?
Шавқи ту маро дар дил, сӯи ту дилам моил,
Дарёфтанат мушкил, мо асъабу виҷдонак,
Файзӣ зи раҳи виҷдон дар маърифатат ҳайрон,
Ва-л-аҷзу ани-л-ирфон, қад акмалу ирфонак.

* * *

Агар дар дида меоӣ, раҳ инак,
Вагар дил мебарӣ, бисмиллаҳ инак.
Дили ман метапад аз ҷилваҳояш,
Ки меояд, надонам, ваҳ, ваҳ, инак.
Шабу рӯз оҳи ман гардуншикоф аст,
Гувоҳи ҳоли ман меҳру маҳ инак.
Хаёлаш чун тавонад рафт берун,
Ки чашмам баста хун таҳ бар таҳ инак.
Ману меҳнатсарои ноумедӣ,
Ҳарифи ишқро хилватгаҳ инак.

Бар онам, то зи домони висолат
Кунам дасти таманно кӯтаҳ инак.
Ба қасди ҷони Файзӣ, эй ҷафоҷӯ,
Макаш теғи ситам шоҳаншаҳ инак.

* * *

Дар мадрасаи ишқ нахонанд расоил,
Ин масъала маълум шуд аз тарки масоил.
Дар нафйи* сафо кӯш, ки асрори вилоят
Исбот накарданд ба тартиби далоил.
Дар дидаи мо нест ба ҷуз ҷилваи маъшуқ,
Ошиқ набувад моили ҳар шаклу шамоил.
Бас сурати матбӯъ, ки хунобаи ғам шуст,
Аммо нашуд аз лавҳи дилам нақши ту зоил*.
Файзӣ набарад саҷда ба меҳроби ибодат,
Худро чу ба абрӯи бутон сохта моил.

* * *

Атони-р-расулун ва оти-р-расоил,
Лақад сурра қалбӣ би тилка-л-васоил.
Зи таййи зуруфи ҳуруфаш ҳувайдо
Улуфулмаонӣ сунуфулфазоил.
Гаҳе гашта таъвиз бар бозуи дил,
Гаҳе буда бар гардани ҷон ҳамоил.
Чӣ нақши бадеъ аст, к-аз парда сар зад,
Зиҳӣ ҳусни қавлу зиҳӣ лутфи қобил!
Ибодоти он аз муҳаббат назоир*,
Ишороти он бар inoят далоил.
Бинозам, зиҳӣ Каъбаи покбозон,
Ки дилҳои покон суи ӯст моил.
Алиюлмаротиб саниюлманоқиб,
Ҳариюлмаҳомад, разиюшшамоил.
Зиҳӣ офтобе, ки бо зарраҷадрон
Ба охир расонад уқуди* авоил.
Зи дарёдилӣ мустафиз* аст, Файзӣ,
Ки бар даргаҳаш ҳафт дарёст соҳил.

* * *

Мекашад ишқат инон аз дасти дил,
Мебарад тобу тавон аз дасти дил.
Рӯзгоре шуд, ки аз дасти ман аст
Дил ба ҷону ман ба ҷон аз дасти дил.
Сабру ҳушам рахт дар саҳро ниҳод,
Ин зи дасти дида, он аз дасти дил.
Ваҳ, чӣ донистам, ки афтам оқибат
Дар балои ногаҳон аз дасти дил.
Дил агар ин аст, хоҳад шуд хароб
Ин ҷаҳону он ҷаҳон аз дасти дил.
Дил ба фарёд омад аз дасти забон,
Баски менолад забон аз дасти дил.
Сер шуд Файзӣ зи умри худ, ҳанӯз
Мехурад хун ҳамчунон аз дасти дил.

* * *

То гирифтӣ ба дилу ҷон манзил,
Дил зи ҷон рашк барад, ҷон аз дил.
Ишқ дилхоҳу маломат ҷонкоҳ,
Марг осону ҷудоӣ мушкил.
Ақл донои маломатфармой,
Сабр девонаи занҷиргусил.
Ҷони ман, ин ҳама нодонӣ чист,
Дар дилам бошию аз дил ғофил.
Шод биншин, ки шаҳидони ғамат
Хуни худро ба ту карданд сиҷил.
Дар гирифт оташи ҳусни ту ба дил,
Ваҳ, чӣ шамъӣ, ки бисӯзӣ маҳфил?!
Ними ҷон монда зи ғам Файзиро,
Монда аз зиндагии хеш хиҷил.

* * *

Зиҳӣ зи теғи нигоҳат ҷаҳон-ҷаҳон мақтул,
Аҷал накарда зи фармони ғамзаи ту удул*.
Чӣ фитнаӣ ту, ки дар даври ғазаи ту шуданд
Мувакқалони* қиёмат зи кори худ маъзул*.

Ду чашми рӯҳфазои туро чӣ истиғност,
Ки ҷони Хизру Масеҳо намекунанд қабул.
Ба рӯзгор нахоҳӣ, ки зинда монад кас,
Чӣ нозукӣ, ки шудӣ аз ҳаёти халқ малул.
Чӣ эҳтиёҷ ба номаҳрамони ишқ, ки нест
Миёни ошиқу маъшуқ ғайри шавқ расул.
Ба васфи хатти ту сад ҳарфи тоза мегуфтам,
Агар на қиссаи зулфи ту мекашид ба тӯл,
Куҷост рӯи халосӣ зи дӯст Файзиро,
Ки баста пои дили ӯ ба турраи мафтул*.

* * *

Ҳастем ба доми зулфи ӯ ром,
Модом ки ҳаст баҳри мо дом.
Зулфат зи сабо расад бар он чашм,
Бодом кӣ дидааст бо дом?!
Ором кунӣ ба дидаву дил,
Мисли ту надидаам дилором.
Оғози хумор шуд, биёред
Он ҷом, ки ҳаст шавқи анҷом.
Дар банди рухат чу гашт Файзӣ,
Озод шуда зи куфру ислом.

* * *

Кардӣ икроми ошиқон ба салом,
Ва алайка-с-салому ва-л-икром.
Омадӣ дар мақоми ишваву ноз,
Аз куҷо омадӣ, куҷост мақом?
Сарвро бин, ки дар чаман карда
Баҳри таъзими қомати ту қиём.
Файзӣ аз ошиқони нуктасарост,
Метавон ёфт аз адои калом.

* * *

Ҳар назми гавҳарин, ки ба ёди ту гуфтаам,
Дил рахна кардаву ҷигари хеш суфтаам.
Аз дида сад нигоҳ фароҳам намудаам,
То гарди сад назар зи изори ту руфтаам.

Барбастаам шикофи дил аз пораи ҷигар,
То бингарӣ, ки дарди ту дар дил ниҳуфтаам.
Дорам ҳазорпора диле, ваҳ, чӣ ҳайрат аст,
К-андар хазони ҳаҷри ту гул-гул шукуфтаам.
Бедории ситора гувоҳ аст, к-аз фироқ
Шаб нагзарондаам, ки бар оташ нахуфтаам.
Чун нест дар миёна дуӣ, ҳам ба ёди ту
Бо худ ҳадис гуфтаву аз худ шунуфтаам.
Файзӣ, гумон мабар, ки ғами дил нагуфта монд,
Асрори ишқ, он чи тавон гуфт, гуфтаам.

* * *

Сӯят аз беихтиёрӣ гар нигоҳе кардаам,
Ончунон ранҷидаӣ, гӯё гуноҳе кардаам.
Ҷони ман, хуш нест ин миқдор ранҷидан туро,
Гар мани бесабрудил пеши ту оҳе кардаам.
Буд мақсудам, ки ишқи худ ниҳон дорам зи ғайр,
Гар гузар бар остонат гоҳ-гоҳе кардаам.
Бар сари роҳи худам бинию ғофил бигзарӣ,
З-ин равиш бигзар, ки ман ҳам фикри роҳе кардаам.
Файзӣ, он ринди гадотабъам, ки дар тарзи ғазал
Арзи ҳоли худ ба пеши подшоҳе кардаам.

* * *

Ман дафтари кавну макон як-як муфассал дидаам,
Авроқи тақвими фалак ҷадвал ба ҷадвал дидаам.
Лавҳи азал бикшодаам, сирри абад донистаам.
Тақсири ҳастӣ кардаам, оёти мунзал* дидаам.
Нақши ҳайюло бастаам, такмили сурат додаам,
Поя ба поя гаштаам, аълову асфал* дидаам.
Дар чашми ориф аз азал фарқе набошад то абад,
Аввал дар охир хондаам, охир дар аввал дидаам.
Як нуқтаи ваҳдат бувад бар тахтаи ҳастӣ аён,
Наққоши маънӣ будаам, хатти мусалсал дидаам.
Зангори ҳастӣ кай бувад дар гавҳари волои ман,
Оинаи равшандилам, к-аз ишқ сайқал дидаам.
Файзӣ, ба лавҳи нестӣ бар ақл хат даркаш, ки ман
Дар коргоҳи ошиқӣ дониш муъаттал дидаам.

* * *

Қасди ман бе ӯ ачал мекард, бозаш доштам,
Ним ҷоне аз барои ним нозаш доштам.
Ҳаҷр ғофил карда ҷонам бурд аз каф, варна, ман
Чашми қатл аз ғамзаи ошиқнавозаш доштам.
Вақти ҷон додан набастам чашм, то фардои ҳашр
Бар умеди ваъдаи дидор бозаш доштам.
Аз забонбандии чашми ӯ нагуфтам пеши кас,
Достонҳо, к-аз забони сеҳрсозаш доштам.
Вах, чӣ донистам, ки расвои ҷаҳон созад маро,
Дил, ки умре ман ба хилватгоҳи нозаш доштам.
Гавҳари дил нозанинонро намеафтад қабул,
Варна, ман сад бор бар роҳи ниёзаш доштам.
Доштам, Файзӣ, дили худ бастаи нахли қадаш,
Дар миёни ишқбозон сарфарозаш доштам.

* * *

Дӯш аз фурӯғи май раҳи маҳтоб мезадам,
То субҳдам бар оташи худ об мезадам.
Аз ман каманди турраи соқӣ набуд дур,
Дасте агар ба олами асбоб мезадам.
Мақсуд ҷоми бодаву абрӯи ёр буд,
К-аввал сари ниёз ба меҳроб мезадам.
Ҳар гаҳ лабам ба даври лаби ҷом мерасид,
Гӯӣ, саре ба ханҷари қассоб мезадам.
Таъсири доми рӯҳи қудус дошт сози ман,
Роҳи ҳазор ақл ба мизроб мезадам.
Файзӣ шукуфта буду ман аз боғи хотираш
Бӯе ба мағзи ишрати аҳбоб мезадам.

* * *

Шаб бар умеди васл дари хоб мезадам,
В-аз хуни тоза бар дари дил об мезадам.
Май дар қадаҳ лаболабу хун дар гулӯ гиреҳ,
То субҳдам хурӯши ҷигартоб мезадам.
Бахтам ба осмону замин рӯи ҷанг дошт,
Навак ба моҳу дашна ба маҳтоб мезадам.

Бар рӯи давлатам дари ганҷина боз буд,
Ман ҳар замон ба гавҳари шабтоб мезадам.
Гул зери пой фитна бар иқбол мешудам,
Соғар ба даст ханда ба Суҳроб мезадам.
Файзӣ, саҳар зи синаи ман рахт баста буд,
Гар ногаҳон чу фитна дари хоб мезадам.

* * *

Хати сабзи лаби ҷонон дидам,
Тӯтие дар шакаристон дидам.
Кард боғи рухат оғози баҳор,
Сабза бар тарфи гулистон дидам.
Хони ҳусни ту чу ороста шуд,
Сабзие гирди намакдон дидам.
Лаби ту чашмаи ҳайвон будаст,
Хизр бар чашмаи ҳайвон дидам.
Сояи хат чу бар он лаб уфтод,
Куфр ҳамсояи имон дидам.
Фитна шуд хатти ту дар даври лабат,
Булъаҷаб фитнаи даврон дидам.
Файзӣ, аз хатти лаби ӯ дар дил
Занг бар оинаи ҷон дидам.

* * *

Ту дар баҳори ҳуснию сад хор дар дилам,
Гул бар сарат гарону сабук кӯҳ бар дилам.
Оташ ба ман мазан, ки нахоҳад шудан ҷудо,
К-омехт бо ғами ту чу ширу шакар дилам.
Дил комҷӯю дида назарбоз, чун кунам?
Сар то ба пой дидааму сар ба сар дилам.
Бӯи ҷигар ҳамешунавам аз кабоби дил,
К-оғушта кард ишқ ба хуни ҷигар дилам.
Шабҳо зи баски ёди ту дорад дар оташам,
Чун офтоб шуъла занад ҳар саҳар дилам.
Гар оташи хаёл дарунам насӯхтӣ,
Аз қатраҳои хун нашудӣ пуршарар дилам.
Осон наметавон дили Файзӣ зи даст бурд,
Ишқ аст кӯҳи оташу дар вай гуҳар дилам.

* * *

Дукони ишқ фурӯ чида, гармбозорам,
Сари муомила бо подшоҳи худ дорам.
Мароcт сина пур аз гавҳари муҳаббати шоҳ,
Ба сад ҳазор матоъи гарон сабукборам.
Нафоиси* дилу дин медиҳам ба ними нигоҳ,
Ба ман муомилае кун, ки ростгуфторам.
Ба моҳтоби хаёлам махон, ки заррасифат
Ситорасӯхтаи офтобдидорам.
Туро, ки гавҳари дил додаам ба ними баҳо,
Агар музоиқа дар дин кунам, гунаҳкорам.
Зи фарқ то ба қадам мӯ ба мӯи ман маънист,
Гумон мабар, ки дар ин хона нақши деворам.
Бувад ҷавоҳири ихлос дар дилам, Файзӣ,
Кӣ дорад ин ҳама сармояе, ки ман дорам?!

* * *

Бо ин дили ноохибатандеш чӣ созам,
Бо чашми суханношунави хеш чӣ созам?
Хуноба таровиш кунад аз ҳар буни мӯям,
Бо ин намакин обу дили реш чӣ созам?
Аз гулбаданон мехаладам хор, чӣ нолам,
Аз нӯшлабон мерасадам неш, чӣ созам?
Он ҷо ки ту соғар шиканӣ бар сари ошиқ,
Мастона сари худ биниҳам пеш, чӣ созам?
Ман худ сипар андохтам аз аҷз, валекин
Бо арбадаҷӯёни ҷафокеш, чӣ созам?

* * *

Зи ман гардонд рӯ он маҳ, чӣ созам,
Аҷаб баргаштарӯзам, ваҳ, чӣ созам?
Гузашт аз пеши ман ғофил, чӣ гӯям,
Нашуд аз ҳоли ман огаҳ, чӣ созам?
Дило, айвони васли ту баланд аст,
Каманди ҳимматам кӯтаҳ, чӣ созам?
Чӣ мепурсӣ зи ман, Файзӣ, раҳи ишқ,
Чу аз масҷид шудам гумраҳ, чӣ созам?

* * *

Мусалмонон, зи хӯи нозуки дилдор метарсам,
Ҳама тарсанд аз ағёру ман аз ёр метарсам.
Мабар, эй ҳамнишин, шабҳои маҳтобам ба кӯи ӯ,
Ки ман девонаам, аз сояи девор метарсам.
Мабод аз изтироби ман рамад навошнои ман,
Аз ин бетоқатӣ метарсаму бисёр метарсам.
Дилам ҷамъ аст аз мардумфиребиҳои абрӯяш,
Вале аз фитнаи он ғамзаи хунхор метарсам.
Надонам, чун бараояд кори ман бо чашму зулфи ӯ,
Аз он айёр меларзам, в-аз он таррор метарсам.
Надорам заҳраи дидан ба сӯи нотавон чашмаш,
Рафиқон хандазан бар ман, ки аз бемор метарсам.
Худоро, таъна бар дамҳои сарди ман мазан, Файзӣ,
Ки ман мушти хасам, аз оҳи оташбор метарсам.

* * *

Ҳарифон раҳи дайр карданд гум,
Фавайлун лаҳум, сумма вайлун лаҳум.
Чунин бехуд аз май куҷо мешудем,
Гар аз хоки Маҷнун намебуд хум?
Ба саҳрои ҳиҷрон нарондем рахш,
Ки нашкофт аз хори бедод сум.
Даме бо ту наншинам осудаҳол,
Ки гардун ҳамон дам нагӯяд, ки қум!*
Паи дӯст, Файзӣ, касон ёфтанд,
Ки карданд худро дар ин роҳ гум.

* * *

Манам, ки арбадаангези гармхӯёнам,
Ситорасӯхтаи офтобрӯёнам.
Зи некувон нарасад ғайри некуӣ ҳаргиз,
Ҳамин манам, ки ба ҳоли бад аз накӯёнам.
Қадам зи ҳар сари мӯ кардаам ба роҳи талаб,
Ба сад ҳазор қадам роҳи васл пӯёнам.
Равост саҷдаи сидқам бар остонаи ишқ,
Чунин ки чеҳра ба хуноби дида шӯёнам.

Фитода донаи нодидаам ба хоки ниёз,
Ту, эй баҳори каромат, дигар бирӯёнам!
Ба ҳаққи майкада, соқӣ, бигӯ ба пири муғон,
Ки чун ба даври ту ман аз тиҳисабӯёнам?
Ба ҳаҷр сохта, хомӯш тӯтиям, Файзӣ,
Ба рӯи оинарӯе суханнагӯёнам.

* * *

То чанд дил ба ишваи хубон гарав кунам,
Ин дил бисӯзаму дили дигар зи нав кунам?
Сар барназад зи боғи умедам гули нишот,
То кай ҳавас бикораму ҳасрат дарав кунам?
Хоҳам яке ба гӯш кашам мили оташин,
Оташ ба мағзи ақли насиҳатшунав кунам.
Шояд инони шоҳсаворе тавон гирифт,
Гулгуни ашкро қадаре гармрав кунам.
Мурғони номабар ба ҳаво пар бирехтанд,
Пайкони ноларо ба раҳаш тездав кунам.
Эй абри навбаҳор, гузоре ба кишти ман,
То шарҳи хокбезии худ ҷав ба ҷав кунам.
Файзӣ, кафам тиҳию раҳи ошиқӣ ба пеш,
Девони худ магар ба ду олам гарав кунам.

* * *

Бе ту, эй моҳ, чӣ созам, чӣ кунам,
Чӣ кунам, оҳ, чӣ созам, чӣ кунам?
Бахт баргашта, ман аз умр малул,
Ҳаҷр ҷонкоҳ, чӣ созам, чӣ кунам?
Дӯст мустағнию душман ғолиб,
Васл дилхоҳ, чӣ созам, чӣ кунам?
Оҳ, нодида рухаш, гар бирасад
Марг ногоҳ, чӣ созам, чӣ кунам?
Кунгури васл баланд асту баланд,
Даст кӯтоҳ, чӣ созам, чӣ кунам?
Сафари ишқ хатарҳо дорад,
Ман дар ин роҳ чӣ созам, чӣ кунам?
Файзӣ, аз сӯхтани ман дилдор
Нест огоҳ, чӣ созам, чӣ кунам?

* * *

Оразат бениқоб мебинам,
Шарафи офтоб мебинам.
Холу хатти туро ба он ораз
Ҳамчу нақше бар об мебинам.
Кай тавонам шумурд ғамҳоят,
Ки ғамат беҳисоб мебинам.
Лашкари ишқ то фуруд омад,
Мулки ҷонро хароб мебинам.
Дард мехезад аз дили Файзӣ,
Сӯзише дар китоб мебинам.

* * *

Зи чашми хоббандаш фитнаро бедор мебинам,
Бало маъзул меёбам, аҷал бекор мебинам.
Шудам маҳви тамошои рухаш, гӯ, ҷилва камтар кун,
Қиёмат, гӯ, машав қоим, ки ман дидор мебинам.
Зи бедодаш чунон шуд зиндагонӣ талх дар олам,
Ки дигар Хизрро аз умри худ безор мебинам.
Мадеҳ, гӯ, пардадори Каъба, ҳаргиз дар ҳарам роҳам,
Ки ман дидор берун аз дару девор мебинам.
Магар бар шохи гул бонги аналҳақ мезанад булбул,
Ки чун Мансур он сармастро бар дор мебинам.
Сабӯ холӣ шуду афтод даст аз кор соқиро,
Ҳанӯз он мастро дар кори худ ҳушёр мебинам.
Маро дар пеши он бут саҷда кардан кай раво бошад,
Ки аз имон гиреҳ дар риштаи зуннор мебинам.
Маломатро ба гӯшаш гармии ҳангома меёбам,
Қиёматро зи теғаш гармии бозор мебинам.
Худоро, номаи сарбастаи Файзӣ махон, қосид,
Ки афсуни ҷунун дар таййи ин тӯмор мебинам.

* * *

Эй даҳони ту нуқтаи мавҳум,
Ҳама асрори ғайб аз ӯ маълум.
Чун даҳони ту ҳеч натвон ёфт,
З-он ки ӯ нодир аст, ка-л-маъдум.

Фаҳми ҳар кас ба он миён нарасад,
Ақл ҳайрон бувад дар ин мафҳум.
Қиссаи ошиқӣ магӯ, эй дил,
Бигузор ин хусусро ба умум.
Файзӣ, асрори ишқро ҳаргиз
Натавон ёфтан ба касби улум.

* * *

Бе ту ман зистан намехоҳам,
Ҳама хоҳанду ман намехоҳам.
Ҳар куҷо зулфу орази ту бувад,
Сунбулу настаран намехоҳам.
Рухат он дам, ки мешавад гулгун,
Сумину ёсуман намехоҳам.
То набинанд рӯи ту дигарон,
Шамъ дар анҷуман намехоҳам.
Дили садпора бас бувад, Файзӣ,
Чок дар пираҳан намехоҳам.

* * *

То абруяш камон шуду зулфаш каманд ҳам,
Онро кашид бар ману инро фиканд ҳам.
Моро агарчи зулфи вай аз по фикандааст,
Хоҳем шуд зи қомати ӯ сарбаланд ҳам.
З-ин сон ки тунд меравад он шаҳсавори ҳусн,
Мушкил, агар расем ба гарди саманд ҳам.
Имрӯз ёр ҷилвакунон омаду гузашт,
Хуш дилписанд буду аҷаб дилписанд ҳам.
Носеҳ, гузор панд, ки Файзӣ зи ишқ шуд
Вораста аз насиҳату форигʻ зи панд ҳам.

* * *

Тегʻ занию сар диҳӣ новаки фитнабор ҳам,
Кофари сангдил туӣ, турки ситезакор ҳам.
Эй ки ба нозу саркашӣ хӯи ту устувор шуд,
Ваҳ, чӣ шудӣ, агар шудӣ аҳди ту устувор ҳам?!

Бурда ҳазор дил шудӣ хонанишин, ки нозро
Ҳусни ту пардадар шуду шарми ту пардадор ҳам.
Буд басанда чашми ту баҳри фиреби оламе,
Хоса ки ёр шуд ба ӯ ғамзаи сеҳркор ҳам.
Аз ту расид, эй сабо, хоки дараш ба фарқи ман,
Зарраи дигаре, ки ҳаст дида умедвор ҳам.
Қосид, аз он мусофирам нест хабар, Худойро,
Номаи ман чу мебарӣ, номаи ӯ биёр ҳам.
Шоҳсавори ман, гузар ҷилвакунон бурун, ки шуд
Хоки раҳи ту оламе, Файзии хоксор ҳам.

* * *

Тахтаи машқи хайру шар моем,
Аз баду нек мухтасар моем.
Сар ба сар пеши мо ҳунар айб аст,
Айбҷӯёни беҳунар моем.
Офтобе ниҳуфта дар дили мост,
Шаби уммедро саҳар моем.
Дар камингоҳи ишқ бохта сар,
Фориғ аз бими дарди сар моем.
Хурд мангар тилисми ҳастиро,
К-оташи ишқро шарар моем.
Нест моро саре ба соғари май,
Масти паймонаи назар моем.
Гарчи дорем кунҷи танҳоӣ,
Маҳшари ишқро ҳашар* моем.
Тирборони ишқ бар дили мост,
Новаки фитнаро сипар моем.
Файзӣ, аз ҷоми ишқ бехабарем,
Мо дар ин анҷуман агар моем.

* * *

Мо лаб зи нӯшдоруи Суҳроб шустаем,
Соғар ба заҳру шиша ба хуноб шустаем.
Кошонаи тараб зи гули ханда руфтаем,
Паймонаи ҳавас зи гили ноб шустаем.
Эй хоки хорӣ, аз рухи мо нанг баҳри чист?
Мо обрӯи хеш ба сад об шустаем.

Осон накандаем дил аз базми беғамӣ,
К-аз хуни дида даст зи аҳбоб шустаем.
Зебанда бод сандали бут бар ҷабини мо,
К-аз сар ғубори саҷдаи меҳроб шустаем.
Маҳтоб тор мегусилад аз катони мо,
К-имшаб ба гиря бистари маҳтоб шустаем.
Бо мо, ки ошиқем, дам аз кимиё мазан,
Оташ макун, ки бӯта зи симоб шустаем.
Файзӣ, умед ҳаст, ки бар худ кунем боз,
Чашме, ки аз ғубори раҳи хоб шустаем.

* * *

Мо оташи даруна ба ҳафт об куштаем,
В-ин нафси беқарори чу симоб куштаем.
Дузди тамаъ ба дашнаи ҷаллод додаем,
Гови ҳавас ба ханҷари қассоб куштаем.
Мо раҳзанони қофилапардози ғафлатем,
Бас корвони фитна, ки дар хоб куштаем.
Аъдо ба хуни мо камаре бастаанду мо
Худро ба теғи ғамзаи аҳбоб куштаем.
Мастон, зи сарсари* нафаси мо ҳазар, к-аз ӯ
Шабҳо чароғи моҳи ҷаҳонтоб куштаем.
Ҷойе, ки арғануни вафо соз кардаанд,
Худро ба ним захмаи мизроб куштаем.
Файзӣ, зи кимиёи қаноат ба кунҷи факр
Дар бӯтаи гудоз зари ноб куштаем.

* * *

Мо сад ҳазор марҳала аз хеш рафтаем,
Сад манзил он тараф зи адам пеш рафтаем.
Мақсад падид нест, дареғо, вагарна, мо
Дар ҳар қадам ҳазор қадам беш рафтаем.
Роҳе, ки шавқи обилапо гом мезанад,
Ҳамроҳи сабри маслиҳатандеш рафтаем.
Ҳар хастаро паём зи мо, к-аз бари ҳаким
Хунобарез бо ҷигари реш рафтаем.
Бар мо камон кашида маломатгарони даҳр,
К-аз ростӣ чу тир ба ҳар кеш рафтаем.

Файзӣ, чӣ ҳикмат аст, ки дар базмгоҳи ту
Пайваста шоҳ омада, дарвеш рафтаем?!

* * *

Мо аз вафо ба давлати сармад расидаем,
В-аз шоҳроҳи ишқ ба мақсад расидаем.
Бар остони ишқ, ки шуд ҷои ростон,
Аз сарвқоматони саҳиқад расидаем.
Дӯзах, фисурда бош, ки мо бо ҳама гуноҳ
Дар гулшани биҳишти мухаллад* расидаем.
Моро чӣ илтифот ба радду қабули халқ,
Гар дар замона нек, вагар бад расидаем?!
Анқои ҳамматем, ки аз домгоҳи хок
Бар боми нуҳ равоқи забарҷад расидаем.
Бар дӯши мо ридо сазад аз натъи майкада,
К-аз кисвати ду кавн муҷаррад расидаем.
Файёзи оламем, ки дар пешгоҳи ишқ
Аз дӯстии оли Муҳаммад расидаем.
Файзӣ, расидаем ба дарёдиле, к-аз ӯ
Дар ҳар нафас ба файзи муҷаддад* расидаем.

* * *

Мо рақибонро зи девони ҳузур андохтем,
Дар каманди ҳиммат овардему дур андохтем.
По намекӯбем бар гардун, ки ҳангоми сабӯҳ
Ғайрро мастона аз боми сурур андохтем.
Хасмро дидем бар иқболи худ мағруру маст,
Ҳар кучо хокест, бар бар боди ғурур андохтем.
Ноҷавонмардон фароҳам карда буданд анҷуман,
Зуд дар ҳангомаи бутлон футур* андохтем.
Хилъати номуси нодон хирқаи солус* буд,
Дар муҳити меҳнаташ бурдему ур андохтем.
Пардадорӣ шарти покон буд, аз он бар фарқи роз
Тайласони сафвату ҷилбоби* нур андохтем.
Ҳар шабе, к-аз оташи дил чун шафақ афрӯхтем,
Барқи ҳайрат дар дили Парвину Ҳур* андохтем.
Гӯ, сипеҳр, аз панҷаи хуршед бикшо ҷайби субҳ,
К-аз нафас дар миҷмари Исо бухур* андохтем.

Ноқисонро бар сари девони маънӣ хат задем,
Аз ҳисоби ҷадвали дониш кусур* андохтем.
Муддаъӣ, к-андар ҳисори фитна будӣ шаҳрбанд,
Мӯкашон бурдему аз болои сур андохтем.
Он чи имрӯз омад аз бозуи мо, кардем банд,
В-он чи боқӣ монд, бар субҳи нушур* андохтем.
Аз ҳавои хатти мо хайли* малоик мепаранд,
Донаву доме паи сайди туюр* андохтем.
Дӯстонро шамъи ишрат дар қулуб* афрӯхтем,
Душманонро барқи ваҳшат дар судур андохтем.
Гавҳар аз дарё бурун оранд ғаввосони даҳр,
То зи назми худ ҷавоҳир дар буҳур андохтем.
Аз хайи пешонии мо қатрае бар лаб чакид,
Санг зад бар шишаву ҷоми таҳур* андохтем.

* * *

Мо обрӯи бахт ба султон фурӯхтем,
Боди ҳавас ба дасти Сулаймон фурӯхтем.
Бустонсарои айш ба зиндон баробар аст,
То Юсуфи мурод ба ҳирмон фурӯхтем.
Эй роҳрав, ба чашма мабар корвони мо,
Мо хуни худ ба реги биёбон фурӯхтем.
Эй Нӯҳ, ройгон машав ин ҷо, ки суди туст,
Гар ним қатра ашк ба тӯфон фурӯхтем.
Додем ними ҷон ба ду олам зи дасти ҳуш,
Ҷинси гарон бибин, ки чӣ арзон фурӯхтем.
Бошад магар, ҳақиқати тақво шавад падид,
Рафтему май ба савмаъа пинҳон фурӯхтем.
Файзӣ, ҳадиси мо зи хароботиён бипурс,
К-аз муфлисӣ* ба майкада девон фурӯхтем.

* * *

Кӯҳканро тешае додему кор омӯхтем,
Тарҳи нақши тахтаи санги мазор омӯхтем.
Коргоҳи чашми мо рангин бувад аз хуни дил,
Мо зи пири ишқ ин нақшу нигор омӯхтем.
Нест моро ихтиёри худ ба фанни ошиқӣ,
Нуктаҳои ишқро беихтиёр омӯхтем.

Файзӣ, аз ашъори худ хондем пеши ҳар касе,
Дӯстонро чанд ҳарфи ёдгор омӯхтем.

* * *

Соқӣ, ба раҳи майкада бетоб нишастем,
Ку мавҷ, ки мо дар раҳи селоб нишастем?!
Хизре начаконид наме бар ҷигари мо,
Ҳарчанд дар ин дашт ҷигартоб нишастем.
Хокистари мо буд, ки кӯтоҳтасаввур
Пиндошт, ки бар бистари санҷоб нишастем.
Гар дер бароем зи гирдоб, маяндеш,
К-андар талаби гавҳари ноёб нишастем.
Дидем, ки аз Каъба ба ҷое нарасидем,
Рӯ сӯи буту пушт ба меҳроб нишастем.
Файзӣ, ба раҳи дайри муғон хокнишин бош,
Ангор, ки бар маснади Дороб нишастем.

* * *

Мо шиша ба фарқи дили бетоб шикастем,
Алмос ба зери қадами хоб шикастем.
Ҳам Каъбаву ҳам буткада санги раҳи мо буд,
Рафтему санам бар сари меҳроб шикастем.
Тор аз зари хуршед бувад хирқаи моро,
К-аз далқи катон ранг зи маҳтоб шикастем.
Аз соҳили мақсуд надидем нишоне,
Сад киштии андеша ба гирдоб шикастем.
Ту ришта нигаҳ дор, ки мо қаърнишинон
Дар коми ҳавас ништари қуллоб шикастем.
Сад Хизр даҳон карда пур аз об ба ҳасрат,
З-ин тоза хуморе, ки ба хуноб шикастем.
Нақди дили Файзӣ чу маҳу меҳр равон аст,
То қалби сияҳ бар сари қаллоб шикастем.

* * *

Мо ними ҷон дар он шикани турра доштем,
Ними дигар ба гӯшаи абрӯ гузоштем.
Хунинкафан ба дори муҳаббат баромадем,
Дар ошиқӣ дигар аламе барфарoштем.

Киштии мо ба вартаи гирдоби фитна рафт,
Сад дидбон агарчи ба ҳар сӯ гумоштем.
Ҷуз судагии хома наёмад ба дасти мо,
Чандин ҳазор нақши таманно нигоштем.
Шамъи назар набуд, ки дар сар насӯхтем,
Тухми ҳавас намонд, ки дар дил накоштем.
Файзӣ, диле ки паҳлуи мо буд муттасил,
Аз мо чунон рабуд, ки гӯӣ надоштем.

* * *

Дӯш моҳеро ба роҳе ёфтем,
Солҳо гаштему моҳе ёфтем.
Аз фалак будем умре додхоҳ,
Ногаҳон дар роҳ шоҳе ёфтем.
Саҷда овардем бар хоки раҳаш,
Шукри лиллаҳ, қиблагоҳе ёфтем.
Сӯи мо як бор дид аз айни лутф,
Сад иноят аз нигоҳе ёфтем.
Солҳо будем бо ғам мубтало,
Аз балои ғам паноҳе ёфтем.
Пеши рӯи ӯ, ки чун гулзор буд,
Хешро чун барги коҳе ёфтем.
Файзӣ аз боғаш чӣ сон хандид гул,
То аз ин гулшан гиёҳе ёфтем?!

* * *

Шаб дар раҳаш интизор бурдем,
Сабрею диле ба кор бурдем.
Сад нола ҳавасгусаста мондем,
Сад гиря умедвор бурдем.
Афсӯси ҷигарфигор хӯрдем,
Фарёди ба хун нигор бурдем.
Бо худ зи ситезае, ки кардем,
Ранг аз дили рӯзгор бурдем.
Гуфтӣ, ғами дил шафеъ бурдӣ,
Бурдему ҳазор бор бурдем.

Моро чӣ маломат аст дар ишқ,
Худро на ба ихтиёр бурдем.
Файёзӣ, аз ин ҷигарфишонӣ
Гулдаста ба навбаҳор бурдем.

* * *

Мо чу хуршед дар ҷаҳон фардем,
В-аз ҳама дур-дур мегардем.
Дар дили мост меҳри симбарон,
З-ин сафедон ба чеҳра рӯзардем.
То ба хуршеди ишқ саргармем,
Аз ҳавои биҳишт дилсардем.
Нест ҷуз завқи ишқу лаззати дард,
Дар ҷаҳон он чи бо худ овардем.
Шоҳбози фариштапарвозем,
На чу гунҷишк хонапарвардем.
Нест моро саре ба суҳбати кас,
Ҳамдами ишқу маҳрами дардем.
Файзӣ, ин оҳу нолаи ҷонсӯз
Гар намебуд, мо чӣ мекардем?!

* * *

Дил ниҳодӣ ба дилозории ёрони қадим,
Ҷони ман, бо дигарон хос яке лутфи амим*.
Ҳар кӣ сар аз хати ҳукми ту чу коғаз печад,
Сараш аз теғи ҷафо ҳамчу қалам бод дуним!
Шаби хиҷрон агар ошуфтадимоғам, чӣ аҷаб,
Ки шамими сари зулфи ту наёвард насим.
Нест ҷуз партави хуршеди рухат дар олам,
Ки гаҳе нори Халил асту гаҳе нури Калим.
Соқиё, қавли ҳаким аст ба нӯшидани май,
Бувад оё, ки дарояд ба амал қавли ҳаким?
Караму марҳамати пири муғон мебояд,
Бода дардеҳ, ки Худованд карим асту раҳим.
Файзӣ, аз пири муғон файз агар мехоҳӣ,
Тавба аз зуҳду риё кун, ки гуноҳест азим.

* * *

Дар ишқ ба ҷуз роҳи таманно накушудем,
Як уқда ба ҷуз обилаи по накушудем.
Аз кӯҳ ба хунобаи пинҳон нагузаштем,
То чашмаи хун аз дили хоро накушудем.
Хун баст гиреҳ дар дили савдозада, лекин
Ҳаргиз гираҳ аз зулфи чилипо накушудем.
Он ғунчаи лаббастаи гулзори ҳаётем,
К-аз боди равонбахши Масеҳо накушудем.
Аз арсаи уммед назарбаста гузаштем,
Чашми ҳавас аз баҳри тамошо накушудем.
Абнои замон қобили пайванд набуданд,
Бар халқ дари хулқу мудоро накушудем.
Файзӣ, зи азал дастиадаббастаи ишқем,
Яъне, камари шоҳиди раъно накушудем.

* * *

Мо бехи умед аз гили андеша кашидем,
В-аз сина дили худ ба рагу реша кашидем.
То боди Сулаймон ба димоғи дили мо рафт,
Девони ҳавасро ҳама дар шиша кашидем.
Аз шердиле бӯи дами гарм наёмад,
Бас наъраи мастона дар ин беша кашидем.
Анҷум зи ситамкории мо бознамонда,
Ҳарчанд бар ин сангдилон теша кашидем.
Оҳанҷигарон тоб наёранд, наёранд,
Ҷавре, ки зи даврони ҷафопеша кашидем.
Файзӣ, ҳама чун мавҷ падид омаду гум шуд,
Ҳар нақш, ки бар сафҳаи андеша кашидем.

* * *

Мо ба кӯяш хароби як назарем,
Назаре мекунему мегузарем.
Нигарон аст дидаи дили мо,
Ки чаро сӯи ӯ наменигарем.
Носиҳо, зуҳд пеши ту ҳунар аст,
Бигзар аз айби мо, ки беҳунарем.

Гоҳ дар масҷидему гаҳ дар дайр,
Ба таманнои дӯст дарбадарем.
Файзӣ, аз мо маҷӯ тариқи салоҳ,
Зоҳидон дигаранду мо дигарем.

* * *

Гӯ ишқ, ки занҷири дари Каъба гудозем,
В-аз баҳри парастиш санаме чанд бисозем.
Аз бурди* дари Каъба бирешим биситонем,
Бар чанг бибандему ба масҷид бинавозем.
В-ин Каъба, ки ҳуҷҷоҷ барафрохта онро,
Андохта, чун дайр асосе бифарозем.
Аз бодаи гулранг ба саҷҷодаву тоат
Нақше бинигорему бисоте битарозем.
В-аз санги сияҳ муҳра бисозему ба меҳроб
Бо муғбачагон шуъбадае чанд бибозем,
Пай кардани ҷаммоза дар ин роҳ савоб аст,
Бар қофилаи каъбаравон маст битозем.
Бар гуфтаи мо хурда магиред, ҳарифон,
Сармасти ҳақиқат, на риёкори маҷозем.
Бому дари майхона беҳ аз сад Арафот аст,
Мо бо ҳама созему ба солус насозем.
Замзам, ки ба реги ҳарам анбошта авло,
Лабташна ба шӯробаи ӯ даст наёзем.
Таҳримаи тоатгаҳи мо субҳи азал буд,
Гар маст бихобем, ки дар айни намозем.
Эй муътакифи зовияи шаҳр, куҷоӣ?
Аз парда бурун ой, ки мо маҳрами розем.
То манзили мақсуд зи мо ним қадам нест,
Маҳмилфикани бодияи дуру дарозем.
Мо куштаи ишқу дигарон бухтии* маҳмил,
Оварда ба бисмилкада қурбони Ҳиҷозем,
Файзӣ, туву солус, ки дар майкада моро
Ишқ асту ниёзе, ки ба он ишқ бинозем.

* * *

Биё, ки рӯй ба меҳробгоҳи нур ниҳем,
Бинои Каъбаи дигар зи санги Тур ниҳем.

Ҳатими* Каъба шикасту асоси қибла бирехт,
Ба тоза тарҳ яке қасри беқусур ниҳем.
Улувви тоқи ҳарам то ба чанд маслиҳат аст,
Ки доғи ишқ ба пешонии ғурур ниҳем?!
Ту натъи дайр фурӯ чин, ки мо қаробаи* май
Ба шаҳпари малаку тайласони ҳур ниҳем.
Зи ҷӯши ҷуръакашон сад қиёмат ангезем,
Ҷаҳон-ҷаҳон зи сурохию бода сур ниҳем.
Ба ҷилвае, ки бисӯзад димоғи хилватиён,
Хафои савмаъа дар арсаи зуҳур ниҳем.
Нафас ба гармии ин базм то ба кай, Файзӣ
Дигар ба маҷлиси рӯҳониён бухур ниҳем.

* * *

Хуш он, ки васфи ҷамоли ту рӯ ба рӯ гӯям,
Дарозии шаби зулфи ту мӯ ба мӯ гӯям.
Сабо куҷост, ки зулф аз рухат барандозад,
Ки мӯ ба мӯ зи ҷафои ту рӯ ба рӯ гӯям?
Чунин ки шӯхию тундӣ ҳамеша хӯи ту шуд,
Раво бувад, ки туро шӯхи тундхӯ гӯям.
Даме ки ёд кунам ҳамдамони майкадаро,
Гаҳ аз пиёла, гаҳ аз хум, гаҳ аз сабӯ гӯям.
Аз он миёну даҳон мекунад сухан Файзӣ,
Биё, ки бо ту румузи хаёли ӯ гӯям.

* * *

Эй чашми ту шаҳри бутпарастон,
Зулфи ту саводи* кофаристон.
Дар фитнагарӣ ду чашми мастат
Абрӯи туро зи зердастон.
Дар чашми ту сад ҳазор ғамза,
Ҳар ғамза ба сад ҳазор дастон.
Дидем зи қомати баландат
Он фитна, ки мекунад ба пастон.
Дар зулф диле, ки монда будӣ,
Ҳамчун сари зулфи ту шикаст он.

Моему ҳазор гиряи хун,
Не гиря, ки сар диҳанд мастон.
Эй толиби дӯст ҳамчу Файзӣ,
Гар ҳар ду ҷаҳон диҳанд, мастон!

* * *

Зиҳӣ, турраат банди мушкинғизолон,
Ба сарви ту пайванд нозукниҳолон.
Ба ғайр аз асирони зулфат кӣ донад
Парешонии ҳоли ошуфтаҳолон?
Ба сомони ман дар ҷаҳон кас набудӣ,
Агар турки чашмат намекард нолон.
Аз он сар кашанд аз ту сарву санавбар,
Ки кӯтаҳ бувад фикри беэътидолон.
Ба чашми азизон маро хор дорад
Ба пиронасолӣ ғами хурдсолон.
Ба бонги даро* гӯши Лайлӣ чу пур шуд,
Чӣ донад, ки чун аст Маҷнуни нолон.
Бутон гарм рақсанд бар шеъри Файзӣ,
Зиҳӣ, ҷодуомӯзи ҷодухаёлон!

* * *

Мастона қадам неҳ ба гулу лола хиромон,
К-аз шарми ту товус кашад пой ба домон.
Дӯшина задӣ бар сари мо ҷому накардӣ
Андеша зи бадмастии хунобабаҷонон.
Моему тиҳидастии кавнайн, ки ишқат
Ҳам бедилудин хоҳаду ҳам бесарусомон.
Аз мо магусил силсилаи меҳр, ки бастанд
Пои дили Абсол ба занҷири Саломон.
Хуноба гиреҳ мешавад имшаб ба гулӯям,
Ин бода гуворо ба лаби сӯхтакомон.
Он к-аз нафасаш бӯи дили сӯхта ояд,
Дилсӯхтагонаш бишуморанд зи хомон.
Ту аз дили мо комталаб бош, ки Файзӣ
Коми ду ҷаҳон ёфт зи ноёфтакомон.

* * *

Эй ба хун ғарқаи теғи нигаҳат ғамзазанон,
Сипарандохтаи чашми ту новакфиканон.
Нозам он тангқаборо, ки зи рашки қади ӯ
Пираҳан гашта кафан дар бари гулпираҳанон.
Орамиданд шаҳидони ту бар бистари хок,
Чӣ ғам аз ҳуллаи фирдавс ба ин бекафанон?!
Пандгӯ, манъи ман аз ишқи накӯён чӣ кунӣ,
Нақши бут маҳв нагардад зи дили барҳаманон.
Аз асирони ту кас нест ба ҷон кандани ман,
Санги Фарҳод фузун омада аз кӯҳканон.
Мабаредам ба тамошогаҳи гулзор, ки ман
Ғунчасон тангдилам аз ғами насринбаданон.
Баъд аз ин шаб ҳама шаб Файзию заҳрошомӣ,
Нӯши ҷон бод маи талх ба шириндаҳанон!

* * *

Эй моҳи рухат қиблаи хуршедҷабинон,
Абрӯи ту меҳроби дили гӯшанишинон.
Бас гӯша гузидем, вале чашми ту охир
Шуд боиси оворагии гӯшагузинон
Дар хоб касе ҳоли маро ёд надорад,
Ин воқиа нашнидаам аз воқиабинон.
Ушшоқ ба майхонаву зуҳҳод ба масҷид,
Дар ишрати онон нигару меҳнати инон.
Эй дӯст, маҷӯ ҷуз ғаму андӯҳ зи Файзӣ,
Аз шодии айём чӣ донанд ҳазинон?

* * *

Мапурс аз қайди дилҳо дар каманди анбаринмӯён,
Ки мебинам Сулаймонон ба занҷири парирӯён.
Ту медонӣ, ки оташ дар ман афтодасту месӯзам,
Кадом оташ, ки хокистар шудам з-ин оташинхӯён.
Биханд, эй рӯзгор, имрӯз бар ҳолам, чу мебинӣ
Ба нокомӣ зи худкомони олам комидилҷӯён.
Хуш он гулгашт, к-аз мастӣ ба гирди гулситон гардам,
Ҳарифон маст аз бӯи гулу ман масти гулбӯён.

Маломат бар Зулайхо чун писандам, ваҳ, чӣ хуш будӣ,
Ба ҷои каф буридӣ гар забони таъни бадгӯён.
Ғуборолуда меоям зи гарди роҳи расвоӣ
Дили гумгаштаро ҷӯён, раҳи гумкардаро пӯён.
Ба пои худ намегардам гирифтори ҳавас, лекин
Ҷунунангез мегарданд ин занҷиргесӯён.
Матарсон, эй маломатгар, зи ҳарфи ишқ Файзиро,
Ки ман ин ҳарф мегӯям бахунихудзабоншӯён.

* * *

Шарт аст ҷон ба ёди рухи ёр бохтан,
Шатранҷ ғоибона ба дилдор бохтан.
Корест ишқ бар сарам афтода, метавон
Нақди ҳаёт дар сари ин кор бохтан.
Савдоиёни ишқи ту доранд орзу,
Сад хонумон ба ҳар сари бозор бохтан.
То худ кадом нақш аз ин парда рӯ диҳад,
Моему ишқ бо дару девор бохтан.
Мансубаи куҷост, ки хоҳам дар ин бисот
Ганҷинаи ду кавн ба як бор бохтан?!
Хушвақт покбоз ҳарифе, ки ҳамчу ман
Ринди бисот гашта зи бисёр бохтан.
Файзӣ, ҳариф шуъбадабозӣ гирифтааст,
Шарт аст бо ҳарифи ту ҳушёр бохтан.

* * *

Ваҳ, ки аз ғамҳои ишқ озод натвон зистан,
Ғам агар ин аст, ҳаргиз шод натвон зистан.
Бо дами ман бӯи ӯ омехт, з-он рӯ зиндаам,
Варна, худ пайдо бувад, к-аз бод натвон зистан.
Гар бинолам гоҳу бегаҳ бар дарат, маъзур дор,
Дардмандиҳост, бе фарёд натвон зистан.
Шаҳр пурхубону хубон дар паи ошиқкушӣ,
Дар чунин маъмураи бедод натвон зистан.
Хусрави ишқам, агар ширинлабе дорам, чӣ бок?
Талхком аз ҳаҷр чун Фарҳод натвон зистан.

Нолаи ҷонкоҳ мехезад зи дил, ваҳ, чун кунам?
Кори дил ҳар гаҳ ба ҷон афтод, натвон зистан.
Кошкӣ паймонаи умри ту, Файзӣ, пур кунанд,
К-андар ин дайри харобобод натвон зистан.

* * *

Имрӯз нест ҳамчу ту масте зи дасти ҳусн,
Масти шаробу масти ҷавонию масти ҳусн.
Мезебадат дар анҷумани дилбарон сарӣ,
Биншин чу подшоҳ ба садри нишасти ҳусн.
Зулфи ту мекашид дили оламе ба худ,
З-он пештар, ки ишқ шавад пойбасти ҳусн.
То дилбарон камони ситам кардаанд зеҳ,
Чун ғамзаат наҷаста ҳаданге зи шасти ҳусн.
Бигзар ба боғ ҷилвакунон, сарви нози ман,
То шохи гул зи дасти ту ёбад шикасти ҳусн.
Фарқ аст дар парастиши мову имоми шаҳр,
Ӯ худпарасти савмаъа, мо бутпарасти ҳусн.
Файзӣ фитодаи қади шӯхест, к-аз ғурур
Хуршедро ба ҷилва кунад зердасти ҳусн.

* * *

Мутриб, аз созе дилам хурсанд кун,
Нохуне гар метавонӣ, банд кун.
Гар зи қонуни ту торе бигсилад,
Риштаи ҷонам ба ӯ пайванд кун.
Соқӣ, аз май чанд бошам талхком?
Хандае з-он лаъли шаккарханд кун.
Аз шакарханде бибар ҳуши маро,
Бехудам з-он бодаи гулқанд кун.
Турки ман, шукронаи чашми сиёҳ
Ҷониби ошиқ нигоҳе чанд кун.
Гарчи медонам, нагардӣ ошно,
Як нигоҳи ошномонанд кун.
Чун ба Файзӣ нақши расвоӣ нишаст,
Пандгӯ, бархезу тарки панд кун!

* * *

Биёву равнақи бозор бишкан,
Ба чашми боғбонон хор бишкан.
Зи ҳад бигзашт нози каҷкулоҳон,
Ба шӯхӣ гӯшаи дастор бишкан.
Кӣ бошад Юсуф? Аз хилват бурун о,
Ғурури шоҳиди бозор бишкан.
Қадаҳнӯшон зи пеши Каъба бигзар,
Зи бадмастӣ дару девор бишкан.
Агар хоҳӣ шикасти оламеро,
Диламро бишкану бисёр бишкан.
Гиреҳ аз зулфи анбарбӯй бикшой,
Ба бӯи таблаи аттор бишкан.
Баҳор омад, биё, Файзӣ, чаманро
Ба нӯки хома ранги кор бишкан.

* * *

Соқӣ, ба як-ду ҷуръа маро тардимоғ кун,
В-аз лолагун пиёла дилам боғ-боғ кун.
Аҳди баҳору аҳди ҷавонӣ ғанимат аст,
Гул дар шароб афкану май дар аёғ кун.
Меҳмони мост ҳурваше имшаб, эй насим,
Фирдавсро аз ин хабари тоза доғ кун.
Шамъ истода, по ба шабистони айш неҳ,
Шоҳид нишаста, рӯй ба маҳди фароғ кун.
Эй он ки аз дилам талаби сабр мекунӣ,
Имрӯз дар замона кӣ дорад, сароғ кун.
Овозаи баланд дар ин боғ мехаранд,
Эй андалеби нағмасаро, бонги зоғ кун.
Файзӣ, чӣ шуд, ки аз дили гумгашта фориғӣ?
Ҳон, ҷустуҷӯи ин гуҳари шабчароғ кун!

* * *

Ид аст, оламро дигар аз ҷилва беором кун,
В-ар майли қурбон бошадат, аз ғамза қатли ом кун.
Бо чашми кофардил гузар бар сафнишинони ҳарам,
Гар бишнавӣ ғайр аз дуо, сад раҳ маро дашном кун.

Қандилсӯзи Каъбаро сад шуъла дар хирман бикун,
Меҳробсози қибларо сад рахна дар ислом кун.
Барқи ҷамолат бас бувад аз баҳри олам сӯхтан,
Гар з-он насӯзад, аз дилам як зарра оташ вом кун.
Чун омилони нозро созӣ ба ҳар ҷо номзад,
Он ғамзаи бебокро сарфитнаи айём кун.
Хуршедрӯи ман, пагаҳ бигзар ба сӯи идгаҳ,
Бихрому аз теғи нигаҳ сад қатл дар ҳар гом кун.
Ид аст, Файзӣ, то ба кай хунобаи ғам даркашӣ?
Имрӯз дар базми тараб биншину май дар ҷом кун.

* * *

Дигар ид омад, эй турки париваш, азми майдон кун,
Кумайти* бодаро чун Рахши Рустам гармҷавлон кун.
Агар ногаҳ зи сарбозони майдон гард бархезад,
Саманди гармро дар ҷилваи мастӣ хайафшон кун.
Зи кишти орзу як сабзаи шодӣ намерӯяд,
Самуми* хушксолӣ гарм шуд, аз бода тӯфон кун.
Ба рӯзи ид чандин чист бо ман чини пешонӣ?
Ба дашноме лабе бикшову оламро гулистон кун.
Барафрӯз он руху ханҷар ба рағми ғайр бар ман зан,
Биёро базму душманро ба хуни дӯст меҳмон кун.
Ҳавои рақс дорад дар миёни хоку хун Файзӣ,
Чӣ эҳмол* аст, қурбонат шавам, бархезу қурбон кун!

* * *

Эй бехабар, ба вартаи олам назора кун,
Ӯро канора нест, ту аз вай канора кун.
Хобӣ, ки офтоби саодат кунад тулӯъ,
Ҳар шаб зи гиря домани худ пурситора кун.
Рахши фалак хуш аст, бинеҳ пой дар рикоб,
Биштобу сайри арсаи олам савора кун.
Мехоҳӣ, аз табиб туро чорае расад,
Бечора бошу тарки таманнои чора кун.
Зоҳид, ҳамеша сар ба гиребон чӣ мебарӣ?
Баҳри Худо, ки хирқаи солус пора кун.
Гар мешавӣ муриди хароботиёни ишқ,
Бар остони пири муғон истихора* кун.

Файзӣ, агарчи васл зи як бор беш нест,
Боре ту орзуи дили худ дубора кун.

* * *

Хост тӯфони бало, рӯй ба яктоӣ кун,
Киштии бода дар ин ҳодиса дарёӣ кун.
Хост тӯфони ғам, аз май тарабафзоӣ кун,
Киштии бода ба мавҷ афкану дарёӣ кун.
Оташ аст, оташи сӯзон, ки ту ҳуснаш хонӣ,
Дидаро бо нигаҳи дур тамошоӣ кун.
Ҳамдаме нест, к-аз ӯ бӯи вафое шунаванд,
Рӯй аз базм кашу хӯй ба танҳоӣ кун.

* * *

Ҳар кас ки дод дил ба ту, хун дар дилаш макун,
Сайде ки ром сохтаӣ, бисмилаш макун.
Дар базми ӯ зи косаи сар мекашанд май,
Эй булҳавас, бирав, ҳаваси маҳфилаш макун.
Эй раҳнаварди бодияи каъбаи умед,
Раҳ дур мешавад, сухан аз манзилаш макун.
Маҷнун, ба сӯи Лайлӣ агар мекашад дилат,
Ҷуз ҷазби шавқ ноқакаши маҳмилаш макун.
Гирдоби фитна аст дар ин баҳр мавҷи хун,
Гавҳар начида, орзуи соҳилаш макун.
Товуси чашми туст сазовори авҷи қудс,
Дар пойлағзи олами обу гилаш макун.
Файзӣ чунин ки ҷуръакаши маҷлиси ту шуд,
Ақл аз сараш рабову зи худ ғофилаш макун.

* * *

Турки ситамкори ман, арбадасозӣ макун,
Аз паи тороҷи дил дастдарозӣ макун.
Тифлаки нокардакор, дар сафи мардон мазан,
Парданишинӣ ҳанӯз, маъракатозӣ макун.
Пояи хубӣ нигар, сӯи рақибон мабин,
Хусравият додаанд, сифланавозӣ макун.
Толиби наззораем, парда барафкан зи рӯй,
Пеши сафи ростон шуъбадабозӣ макун.

Зоҳид, аз ин шустушӯ пок шудан мушкил аст,
То дилат олуда аст, хирқа намозӣ макун.
Ғамзаи ҷодугаре баста лабам аз фусун,
Эй нафаси оташин, синагудозӣ макун.
Файзӣ, агар ошиқӣ, ҳарфи такаллуф гузор,
То сухани тоза ҳаст, нақштарозӣ макун.

* * *

Аз майи куҳна ёфт пири куҳун
Сару бун з-ин ҷаҳони бесарубун.
Чун хати даври ҷом нест хате,
Ки навиштанд бар саҳифаи кун.
Ҷом бар даст неҳ, ки бинмояд
Хуми афлок чун сари нохун.
Соқии мо, ки ақл аз ӯ маст аст,
Куллу фӣ васфи зотиҳи алсун.
Ҳама ҳайрони талъати ӯянд,
Ҳора фӣ нури ваҷҳиҳи-л-аъюн.
Ҳайрате дорам, ин ки дар даҳанаш
Сад сухан ҳасту нест ҷои сухун.
Файзӣ аз ғайб мекунад сухане,
Ба сухан норасида, айб макун.

* * *

Чунин ки ашки ҷигаргун равад зи чашми тари ман,
Магар гудохта шуд аз тафи дарун ҷигари ман?
Ту нозукӣ, натавонӣ нишаст дар дили гармам,
Биё ба дидаву биншин чу нур дар назари ман.
Ғарибу бекасам, афтода дур аз сари кӯяш,
Ба ғайри ҷон, ки барояд, кӣ мебарад хабари ман?
Саҳаргаҳон чӣ аҷаб, гар зи дард зор бинолад,
Ки хоб мебарад аз мурғ нолаи саҳари ман.
Ба талхайшии ман дар замона нест ҳарифе,
Чӣ захр буд, ки омехт бахт дар шакари ман?
Ҳумои зулфи ту бар авҷи ҳусн болзанон шуд,
Мабод сояи иқболи ӯ ҷудо зи сари ман!
Намешаванд бутон гармдил зи гиряи Файзӣ,
Дареғ, сангдилон ғофиланд аз гуҳари ман.

* * *

Рухсори туст мусҳафи фархундафоли ман,
Килки қазо навишта дар ӯ ҳасби ҳоли ман.
Сурат набаст аз қалами сунъ дар азал
Ҷуз нақши оразі ту ба лавҳи хаёли ман.
Ҳар лаҳза аз ту меҳру вафо мекунам тамаъ,
Бингар хаёли ботилу фикри муҳоли ман.
Соле гузашту моҳи ман имшаб гузар накард,
Эй вой, гар чунин гузарад моҳу соли ман.
Файзӣ, маро ба мадраса рафтан дигар чӣ суд?
Чун қулқули шароб бувад қилу қоли ман.

* * *

Ҷӯшид димоғам, чӣ гули тозарас аст ин,
Гул кард ҷунунам, чӣ баҳори ҳавас аст ин?!
Зинҳор, дило, баргу навоят нафиребад,
Эй мурғ, баҳуш бош, ки гулгун қафас аст ин.
Танҳо зи сари ҷӯши ҳавас ман нахурӯшам,
Таҳҷуръаи бадмастии бисёр кас аст ин.
Субҳ аст ба дарюзагарии нафаси ту,
Файзӣ, нафасат гарм, чӣ файзи нафас аст ин?!
Як ҷилва ба фардо фикан, имрӯз бас аст ин,
Аз шаҳпари анқост, на боли магас аст ин.

* * *

Шаҳсавори ишқ омад, эй сарам помоли ӯ,
Сад бало дар пешу сад ошӯб дар дунболи ӯ.
Шамъ дар фонус аз он бошад, ки шабҳои висол
Парзанон парвона чун ояд, насӯзад боли ӯ.
Гар нагӯяд ҳоли худ ошиқ зи ҳайрат пеши ёр,
Хомушӣ оҳи таманно бас забони ҳоли ӯ.
Маҳмили умрам ба мулки нестӣ наздик шуд,
Эй аҷал, вақт аст, агар ой ба истиқболи ӯ.
Ин ки аз холи рухаш доғи дили ман тоза шуд,
Ҷуз сиёҳӣ дидаам ранге дигар аз холи ӯ.
Не ҳамин Маҷнун ба по афканд занҷири ҷунун,
Пои Лайлӣ ҳам ба занҷир аст аз халхоли ӯ.

Эй малак, дар хок аз Файзӣ чӣ мепурсӣ, ки нест
Ғайри ҳарфи навхатон дар номаи аъмоли ӯ.

* * *

Чунон танг аст аз ширинлабон танги даҳони ӯ,
Ки аз тангӣ намеояд бурун ҳарф аз забони ӯ.
Ба зӯри қодирандозии* он абрӯкамон нозам,
Ки ҷуз тири қазо нанҳод гардан бар камони ӯ.
Нигоҳаш бар замин афканд халқеро, чӣ сеҳр аст ин,
Ки кори сад тавоно кард чашми нотавони ӯ.
Гумонаш ин, ки дорам тоқати фарёду хомӯшам,
Мусалмонон, чӣ созам бо нигоҳи бадгумони ӯ?
Тасаввур чун тавонам кард ҳусни ӯ зи сар то по,
Ки мӯе гаштам аз андешаи мӯи миёни ӯ.
Бувад чашмаш чунон гулгун, к-аз он хун мечакад, гӯӣ,
Ҳамин аз маҷмаъи ошиқкушон бошад нишони ӯ.
Бигуфтам: Муҳлате деҳ як-ду рӯзе қатли Файзиро,
Бигуфто: Бозмонам, гар аҷал гардад замони* ӯ.

* * *

Ман дар талаби дил шуда, дил дар талаби ту,
Овораи олам шудаам аз сабаби ту.
Бар сидраву тӯбӣ биниҳам пой, валекин
Кӯтаҳ бувадам даст зи ширин рутаби* ту.
Мастии ҳарифон ҳама аз бодаи талх аст,
Ман маст зи талхе, ки барояд зи лаби ту.
Эй ноқа, дилат сӯхта бар нолаи Маҷнун,
Донам, набувад беҳуда шӯру шағаби* ту.
Не мурда маро хоҳию не зинда гузорӣ,
Дармондаам, эй шӯх, ба хӯи аҷаби ту.
Шуд тира ҷаҳон дар назарам рӯзи ҷудоӣ,
Ин рӯзи сияҳ дидаи бинову шаби ту.
Файзӣ, нигаҳи дамбадамат чист ба рӯяш?
Тарсам, ки биранҷад зи талаб бар талаби ту.

* * *

Хуш он замон, ки яке буд хонаи ману ту,
Набуд роҳи ҷудоӣ миёнаи ману ту.

Ту теғ бар кафу ман сар ба каф, ҳамин бошад
Миёни аҳли муҳаббат нишонаи ману ту.
Агар вафои ману бевафоият ин аст,
Ба ёдгор бимонад фасонаи ману ту.
Туроcт шуълаи ҳусну мароcт оташи ишқ,
Ба ҳам баланд баромад забонаи ману ту.
Ҳадиси Лайлию Маҷнун шунида, мегӯям,
Ки фитнахезтар омад замонаи ману ту.
Дило, ману ту ба ҳам зор-зор менолем,
Ба базми ишқ хуш аст ин таронаи ману ту.
Ҷавоби ин ғазали тозаам бигӯ, Файзӣ,
Ҳамин бувад ҷадали шоиронаи ману ту.

* * *

Эй ақл, бехудам, бирав, эй ман фидои ту,
Ҷоест ин, ки ман наям он ҷо, чӣ ҷои ту?
Дорӣ ҳавои ҷилваи гумгаштагони дил,
Сар медиҳад ба боди фано нақши пои ту.
Дар дашти орзу набувад бими дому дад*,
Роҳест ин, ки ҳам зи ту хезад балои ту.
Мушкил, ки сели дида ба гардиш дарорадат,
Тӯфони Нӯҳ металабад осиёи ту.
Эй ишқ, рухсат аст, ки аз дӯши осмон
Бар дӯши худ ниҳам алами кибриёи ту.
Бо ошнои худ набувад ошноиям,
Бегона шав зи ман, ки шавам ошнои ту.
Гар дар гилем металабӣ маънии фано,
Рав, рав, ки ҳаст ҳар сари мӯе Худои ту.
Аҳсант, Файзӣ ин гули хилватшукуфта бош,
Ту дар ҳавои худ, ду ҷаҳон дар ҳавои ту.

* * *

Эй бало бар ҷонам аз болои ту,
Дар сувайдои дилам савдои ту.
Теғ бар каф чанд мустағнӣ равӣ?
Оламеро кушт истиғнои ту.
Аз ҳама бегона месозад маро
Бо рақибон ошноиҳои ту.

Ҷойи он дорад, ки ой, ҷони ман,
Дар ҳарими дил, ки омад ҷои ту.
Зоҳидо, имрӯз чун Файзӣ шудам
Фориғ аз андешаи фардои ту.

* * *

Саназме дар дили мо ёфта роҳ,
Наҳну ло наъбуду, илло ийёҳ.
Рӯи ӯ муъмини зуннорпараст,
Зулфи ӯ кофари исломпаноҳ.
Тоқи абрӯи баландаш ба назар
Сӯфиёнро зи сар афканда кулоҳ.
Ҳиндуи чашми вай аз ним нигаҳ
Рӯи исломи маро карда сиёҳ.
Ҳар куҷо боди ғурураш ҷунбад,
Хирмани каъбапарастон пари коҳ.
Рӯсафедии абад дар кешаш
Бар рухи тоати мо нили гуноҳ.
Файзӣ аз бут нашикебад ҳаргиз,
Ваҳва мо омана, илло биллоҳ.

* * *

Чунон тоби май равшанат сохта,
Ки хуршед бо равзанат сохта.
Чу доманкашон бигзарӣ, по макаш
Зи дасте, ки бо доманат сохта.
Қазо кард аз ҳусн оинаат,
Чӣ шуд, гар дил аз оҳанат сохта?!
Инонат ба дасти рақибону ман
Ба гарди раҳи тавсанат сохта.
На аз обу хокӣ, бинозам ба сунъ,
Ки аз шаккару май танат сохта.
Касе баста моро ба фитроки ту,
Ки оҳуи шерафканат сохта.
Ба Файзӣ касе дода афсуни табъ,
Ки дар ғамза ҷодуфанат сохта.

* * *

Биё, соқӣ, зи худ огоҳиям деҳ,
Шароби базми Акбаршоҳиям деҳ.
Шароби гарму рахшон ҳамчу хуршед
Ба пои тахти зиллуллоҳиям* деҳ.
Навиди бахт, к-аз шавқаш бирақсем,
Зи ишратгоҳи шоҳаншоҳиям деҳ.
Мае, к-омад ҳубобаш хиргаҳи шавқ,
Ба рӯи шоҳиди хиргоҳиям деҳ.
Дилам торику ман саргашта дар худ,
Чароғи май дар ин гумроҳиям деҳ.
Хирад ҷони маро мекоҳад аз ғам,
Наҷоти дил аз ин ҷонкоҳиям деҳ.
Фусуни ақли Файзӣ бас дароз аст,
Аз ин дастон забонкӯтоҳиям деҳ.

* * *

Хӯи итобомезро бо меҳр пайванде бидеҳ,
Ҳам ишваро манъе бикун, ҳам ғамзаро панде бидеҳ.
Хунобаҷӯши синаро аз писта уннобе расон,
Шӯробанӯши дидаро аз ғунча гулқанде бидеҳ.
То кай зи бодоми тарат айшам ба талхӣ бигзарад?
Он пистаи сарбастаро роҳи шакарханде бидеҳ.
Чашмат ниҳонӣ рехт хун, в-ар зон ки мункир мешавад,
Он турки кофаркешро бо теғ савганде бидеҳ.
Хоҳӣ, мани девонаро ширин шавад шӯри ҷунун,
Санги ситам танҳо мазан, дашном ҳам чанде бидеҳ.
Ин оҳанин кӯҳи бало бардор, ё Раб, аз дилам,
Бо нотавонҷонӣ маро сабри танументе бидеҳ.
Эй бахти носоз, андаке бар ҳоли Файзӣ раҳм кун,
В-ин тирарӯзи ишқро хуршедмонанде бидеҳ.

* * *

Мо ба дили содаем, ҳуснпараст омада,
Оинаи ваҳдатем, даст ба даст омада.
Ҷом наёлудаем аз маю бехуд шуда,
Бода напаймудаем ҳаргизу маст омада.

Хез, ки дар базми шавқ пой бикӯбем маст,
Мо на дар ин маҷлисем, баҳри нишаст омада.
Сангдилонро гунаҳ нест, ки аз даври чарх
Шишаи номуси мо баҳри шикаст омада.
Эй ки ба меъроҷи ақл омадаӣ сарбаланд,
Рав, ки дар айвони ишқ номи ту паст омада.
Завқи шароби сабӯҳ нест ба мадҳуши ишқ,
К-аз дами субҳи азал мasти аласт омада.
Муҳташамон худписанд, барҳаманон бутпараст,
Файзии мо з-он миён бодапараст омада.

* * *

Гираҳи зулфро кушод мадеҳ,
Дил дар ӯ бастаам, ба бод мадеҳ.
Бенавоии мо ба ғамза магӯ,
Масти моро суруд ёд мадеҳ.
Лаб кушудию бехудам кардӣ,
Соқиё, май аз ин зиёд мадеҳ.
Ба ту, эй подшоҳи ҳусн, кӣ гуфт,
Ки муроде ба номурод мадеҳ?
Бо рақибон, ки гумраҳанд зи ишқ,
Роҳи бедод гиру дод мадеҳ.
Воизо, ринди бесарупоям,
Ёдам аз мабдаъу маод* мадеҳ.
Тӯтии Ҳинд чун туӣ, Файзӣ,
Зоғро раҳ дар ин савод* мадеҳ.

* * *

Ба ҷуз ишқ дар мулки дил раҳ мадеҳ,
Инон дар кафи ақли кӯтаҳ мадеҳ.
Дили худ мабар дар таманно фурӯ,
Чунон Юсуфе сар дар ин чаҳ мадеҳ.
Суҳайли* саодат гарат орзуст,
Дигар тан ба хоби саҳаргаҳ мадеҳ.
Аз он май, ки таҳҷуръанӯшон хуранд,
Ба болонишинони бетаҳ мадеҳ.

Хирад дарнаёбад фурӯғи назар,
Нишони таҷаллӣ ба акмаҳ* мадеҳ.
Назебад дилат дар кафи аҳриман,
Нигин ҷуз ба дасти шаҳаншаҳ мадеҳ.
Дили хеш, Файзӣ, макун ҷои ғайр,
Санамро даруни ҳарам раҳ мадеҳ.

* * *

Моҳи Рамазон рафтаву Шаввол расида,
Риндон ба дари майкада хушҳол расида.
Дар ҳар чамане ҷӯшу хурӯше шуда пайдо,
В-аз ҳар тарафе соқию қаввол* расида.
Хубони гуландоми хироманда ба гулшан
Чун гул ҳама бо пираҳани ол* расида.
Бикшода дари майкада аз дасти ҷавонон,
Май бар кафи пирони куҳансол расида.
Дар идгаҳ ин гард, ки бархоста, гӯӣ,
Шоҳ аст, ки бо давлату иқбол расида.
Кайхусрави аврангнишин Акбари ғозӣ,
К-аз давлати ӯ бахт ба иҷлол* расида,
Ҳам баҳри мададгорияш ақтоб нишаста,
Ҳам баҳри ҳаводорияш абдол* расида.
Оҷиз шуда Файзӣ зи шумори ниами* ӯ,
Ҳарчанд зи тафсил ба иҷмол* расида.

* * *

Хатат баромада, эй моҳи чордаҳсола,
Надидааст касе офтоб дар ҳола.
Ба даври хатти ту, эй навбаҳори ҳусн, дареғ,
Ки гашт дидаи бахтам сафед чун жола.
Фитодаанд ба саҳрои ғам шаҳидонат
Ба чоки синаву доғи фироқ чун лола.
Агар на дарди дилам дар саги ту карда асар,
Чарост ин, ки маро бинаду кунад нола?
Чӣ бок, Файзӣ, агар ҷомаи ту чок намуд,
Чу дил зи теғи бало шуд ҳазор паркола.

* * *

Чу афрӯхт Лайлӣ чароғи қабила,
Шуд аз риштаи ҷони Маҷнун фатила*.
Ҷаҳоне шавад пур зи Маҷнун, валекин
Ҷамоли вафо нест дар ҳар ҷамила.
Ба зулфи ту бастам дили пурҳавасро,
Ки давлат наёяд ба каф бе васила.
Мабин хор дар гавҳари ашки ошиқ,
Ки бо ҷавҳари ҷон бувад ҳамтавила.
Дилам гашта хун аз ғизолони чашмат,
Зиҳӣ, шерчангони[1] рӯбоҳҳила.
Ба пои назар кай равад раҳнаварде,
Ки аз риштаи ақл дорад ақила?*
Зи сабру хирад раст дар ишқ Файзӣ,
Чу Маҷнун, ки бегона шуд аз қабила.

* * *

Базми нишоти даврон чун нест ҷовидона,
Соқӣ, бидеҳ пиёла, мутриб, бизан тарона.
Саррофи зоти ишқем, аз зоти мо чӣ пурсӣ?
Пайдост гавҳари мо аз ашки дона-дона.
Зоҳид ба даври чашмат бемор сохт худро,
То баҳри бода хӯрдан пайдо шавад баҳона.
Гоҳе зи сӯи Лайлӣ, то номае биёранд,
Мурғон ба фарқи Маҷнун карданд ошёна.
Файзӣ, сарири килкат бисёр дилхарош аст,
Гардун ба чарх омад з-ин савти ошиқона.

* * *

Он парирӯст гурезон зи мани девона,
Шамъ ларзон бувад аз пар задани парвона.
Сабру ором куҷо гирди дили ман гардад?!
Ошноӣ натавон кард ба ҳар бегона.
Мардумиҳо зи саги кӯи ту дидем, ки ёр
Озмудан натавон, то нашавад ҳамхона.

---
[1] Шояд: «шерчангол» бошад, Девон, с 499.

Дил нахонам, ки назад панҷа ба хунаш дилбар,
Ҷон нагӯям, ки нашуд сарфи раҳи майхона.
Шишаи чарх аз он монд дар ин базм тиҳӣ,
Ки маи ишқ нагунҷид дар ин паймона.
Дар раҳи ишқ Зулайхо на кам аз Маҷнун аст,
Эй басо зан, ки ниҳад гоми вафо мардона.
Файзӣ, аз шӯриши тӯфони ғам озурда мабош,
Қатра бе талхии дарё нашавад дурдона.

* * *

Биё, соқию ҷоми май ба каф неҳ,
Зи базми мо такаллуф бартараф неҳ.
Тиҳӣ аз бода натвон дошт соғар,
Биё, эй абру гавҳар дар садаф неҳ.
Ҳарифон мунтазир дар базм то чанд?
Қадаҳ бар каф гузору рӯ ба саф неҳ.
Ту, эй мутриб, чу бархонам ғазалро,
Ба сад оҳистагӣ дасте ба даф неҳ.
Чӣ шуд, гар базми моро шамъ набвад?!
Назар бар бодаи хуршедтаф неҳ.
Камони фитна бар рӯи дилам каш,
Хаданги ғамзаро сӯи ҳадаф неҳ.
Намонад бо ту нақди даҳр, Файзӣ,
Ба дил чун ишқ ганҷе беталаф неҳ.

* * *

Ғамзазанон, турки ман, рӯй ба ушшоқ неҳ,
Аз дари гармӣ даро, арбада бар тоқ неҳ.
Субҳи сафо дер кард, парда зи рух баркушо,
Миннати сад офтоб бар сари офоқ неҳ.
Ҳусни ту бепарда беҳ, парда манеҳ дар миён,
Парда агар мениҳӣ, пардаи ушшоқ неҳ.
Соғари заррини ноз бар сари муҳтоҷ зан,
Тозатурунҷи ҳавас бар кафи машшоқ неҳ.
Нест хате даври ҷом ҷуз рақами сарнавишт,
Бода дамодам биёр, қисмати мисоқ* неҳ.
Эй дил, агар ошиқӣ, силсила бар по фикан,
Хори тақайюд бигир, дар раҳи итлоқ неҳ.

Шаб шуду роҳи ниёз пур зи нишебу фароз,
Ноқаи уммедро силсила бар соқ неҳ.
Шарбати оби ҳаёт нест гуворои дил,
Чошнии заҳри марг дар дили тарёқ неҳ.
Файзӣ, аз ин гуфтугӯ кам нашавад ҷустуҷӯ,
Маънии дил дар дил аст, ҳарф дар аврок неҳ.

* * *

Дар дил оташ задан аз ҷони ман омӯхтаӣ,
Гармӣ аз оташи пинҳони ман омӯхтаӣ.
Кор бар ҳам занию оламе ошуфта кунӣ,
Гӯӣ, аз бахти парешони ман омӯхтаӣ.
Бе ту, эй ғам, дигарон бо тараб омӯхтаанд,
Баски бо кулбаи аҳзони ман омӯхтаӣ.
Барқрез аст шакархандаи ту, пиндорам,
Ки зи оҳи шарарафшони ман омӯхтаӣ.
Мижа бадном шуд аз ғамзаи шӯхи ту, вале
Рахна кардан дил аз афғони ман омӯхтаӣ.
Сару сомони худат нест, дар ин маъзурӣ,
К-аз дили бесарусомони ман омӯхтаӣ.
Файзӣ, ин тарзи диловез, ки дорӣ ба сухан,
Магар аз шӯхи сухандони ман омӯхтаӣ?!

* * *

Эй турки ғамзазан, ки муқобил нишастаӣ,
Дар дидаам халидаву дар дил нишастаӣ.
Ором кардаӣ ба ниҳонхонаи дилам,
Халқе дар ин гумон, ки ба маҳфил нишастаӣ.
Ман хунгирифта нестам имрӯз, варна, ту
Ханҷар ба дасту теғ ҳамоил нишастаӣ.
Касро куҷост заҳра, ки дуздида бинадат?
Бадмастию ба арбада моил нишастаӣ.
Хубон шикастарангу хиҷил истодаанд,
Ҳар ҷо ту, офтобшамоил, нишастаӣ.
Эй барқрези ханда ба киштинишастагон,
Маъзур дорамат, ки ба соҳил нишастаӣ.
Файзӣ, туӣ аҷаб, ки ба ин гоми орзу
Тай карда роҳи ҳаҷр, ба манзил нишастаӣ.

* * *

То зи хат лаъли лаби худ анбарафшон кардаӣ,
Оби ҳайвонро ба хоки тира яксон кардаӣ.
Додаӣ бар бод зулфи худ ба мастӣ ҳар замон,
Хотири ҷамъи гирифторон парешон кардаӣ.
Сад дили ушшоқро аз як намудан бурдаӣ,
Офарин бар ту, аҷаб кори намоён кардаӣ!
Кишвари дил ҷилвагоҳи туст, эй султони ишқ,
Гарчи ин маъмура аз бедод вайрон кардаӣ.
Хирқапӯшонро, ки бар чарх остин афшондаанд,
Пираҳан чок аз гиребон то ба домон кардаӣ.
Нест гар табъи туро нисбат ба ҳайвон, эй рақиб,
Нисбати он лаб чаро бо оби ҳайвон кардаӣ?
Файзӣ, аз Ҳиндустон ҷои дигар кам меравӣ,
Ҳамчу тӯтӣ ҷои худ дар шаккаристон кардаӣ.

* * *

Имшаб даромад аз дари ман моҳпорае,
Дар хонаам фитод чу оташ ситорае.
Ҳайҳот, ин фурӯғ ба моҳу ситора нест,
Сар барзад офтоб магар аз канорае?
Ё чашми ҳиндуе, ки нишинад бар оташе,
Ё рӯи оташе, ки надорад шарорае?
Дар ҷилва ҳамчу сарв қадаш саркашидае,
Дар ханда ҳамчу бода лабаш масткорае.
Рахшанда гавҳарест зи сар то қадам, чӣ айб,
Дар гӯши ӯ агар набувад гӯшворае.
Хун шуд дилам, чу барзада аз соид остин,
Мекард куштагони ситамро шуморае.
Файзӣ, чу чорасози ту имшаб нагашт ёр,
Дигар ба ғайри сабр туро нест чорае.

* * *

Фасли баҳор асту маро дар сар ҷунуни тозае,
Ку мутрибе, то дардамад дар ман фусуни тозае?!
Ё Раб, дил аст ин ё ҷигар, к-аз оташам бигдохта,
К-имрӯз меояд бурун аз дида хуни тозае.

Ин ишқи маҷнункуш зи ту сар карда роҳам мебарад,
Донам, ки раҳгумкардаам з-ин раҳнамуни тозае.
Гар шуд фароҳам реши дил, таънам ба бедардӣ мазан,
Бишкоф, к-ин реши куҳан дорад даруни тозае.
Базм асту риндон нуктадон, девони Файзӣ дар миён,
Мутриб, ғазал хон ҳар замон бо арғануни тозае.

* * *

Бастаи силсилаи ишқ нашуд ҳар пое,
Кам тавон ёфт дар ин силсила побарҷое.
Манам он ринди ҷаҳонгард, ки ҳамроҳам нест
Андар ин бодия ҷуз боди ҷаҳонпаймое.
Натавонад, ки расад дар ҳарами каъбаи васл,
Раҳрави ишқ агар тай накунад саҳрое.
Инчунин, к-он бути тарсо раҳи динам задааст,
Натавон ёфт дар ин дайр чу ман расвое.
Чӣ ғам аз суду зиёнам, чу ба бозори хаёл
Дили савдозадаамрост ба худ савдое.
Охир, эй ташналаби водии ҳиҷрон, махурӯш,
Ки расид он, ки расад мавҷзанон дарёе.
Файзӣ, аҳсант аз ин нуктаи ширин, ки ба Ҳинд
Натавон ёфт чунин тӯтии шаккархое.

* * *

Имшаб чу ба хуни ман шитобӣ,
Шабгир макун, ки офтобӣ.
Аз даст мадеҳ дилам, ки охир
Бисёр биҷӯию наёбӣ.
Бедоди ту гар чунин набудӣ,
Олам нашудӣ бад-ин харобӣ.
Сарришта ба дасти худ нигаҳ дор,
Чун риштаи ҷони ман наёбӣ.
Дар даври лаби ту порсоён
Доранд ҳама тунукшаробӣ.
Мушкил, ки расад ба дидаам хоб,
Дар дидаи ман магар бихобӣ.
Файзӣ, зи ту ёр мебарад дил,
Бе дард чаро дар изтиробӣ?

* * *

Эй рухат дар ниҳояти хубӣ,
Хатти хуби ту ғояти* хубӣ.
Ҷо ба ҷо мусҳафи ҷамоли туро
Зебад аз хол ояти хубӣ.
Ҳар нафас мекунад Масеҳи лабат
Аз забонат ривояти хубӣ.
Ғайри қаддат ба кишвари хубон
Кӣ барафрохт рояти хубӣ?
Файзӣ, аз ишқ фитнаҳо хезад
Ҳар замон дар вилояти хубӣ.

* * *

Муддаъӣ, аз ман хабаре доштӣ,
Гар чу ту бедодгаре доштӣ.
Аз ту, ситамкора, ба ҷон омадам,
Кош дили ман дигаре доштӣ.
Пеши ту дарди дили худ гуфтаме,
Гар нафаси ман асаре доштӣ.
Кай ба дуо хостаме марги худ,
Гар шаби ҳиҷрон саҳаре доштӣ?!
Он ки надорад зи ҷафо ҳеч кам,
Кош вафо ҳам қадаре доштӣ.
Чарх кашидӣ ба дилозориям,
Гар зи ту бераҳмтаре доштӣ.
Файзии овора чӣ мекард, оҳ,
Гар на дар ин раҳ ҷигаре доштӣ.

* * *

Ба сандал* то бадан олуда кардӣ,
Ба гил хуршедро андуда кардӣ.
Ту худ дорӣ, парӣ, чун хирмани гул,
Чаро гул дар бағал беҳуда кардӣ?
Абир ангехтӣ аз ҷайбу домон,
Намак аз баҳри чашмам суда кардӣ.
Ба чашми кам мабин дуди диламро,
Ки мижгонҳо сияҳ з-он дуда кардӣ.

Мани бесабрро куштӣ, афаллоҳ*,
Ки худрову маро осуда кардӣ.
Дилат фармуд қатли бегуноҳон,
Гуноҳат нест, чун фармуда кардӣ.
Зи хубон хостӣ, Файзӣ, вафоро,
Чаро андешаи нобуда кардӣ?

* * *

Малак мехондамат, хунхора будӣ,
Гулат мегуфтам, оташпора будӣ.
Ту май хӯрдан зи хун хӯрдан надонӣ,
Маят дар ҷому хуш майхора будӣ.
Ба ёдат бод, к-аз ҷаври ту мурдам,
Ту, золимпеша, дар наззора будӣ.
Дилат меҳру вафо мехост, лекин
Ба дасти хӯи бад бечора будӣ.
Туӣ он офтоби осмонсӯз,
Ки умре пеш аз ин сайёра будӣ.
Басе дил бурдию касро хабар нест,
Чӣ соҳирпешаи айёра будӣ.
Туро дар хона меҷустем, Файзӣ,
Ту худ аз хонумон овора будӣ.

* * *

Дӯшина, бигӯ, шамъи шаби тори кӣ будӣ,
Ёри ту кӣ будаст, ту ҳам ёри кӣ будӣ?
Моро ҳама шаб хоб наёяд зи хаёлат,
То равшании дидаи бедори кӣ будӣ?
Мо сӯхта будем матои дили худро,
Ту гармии ҳангомаи бозори кӣ будӣ?
Оҳуи кӣ гаштию ба кӯи кӣ гузаштӣ,
Дар доми кӣ будию гирифтори кӣ будӣ?
Шаб то ба саҳар Файзии дилхаста фиғон кард,
То марҳами доғи дили бедори кӣ будӣ?

* * *

То сурма ба чашми ситамолуда кашидӣ,
Дар дидаи ошиқ намаки суда кашидӣ.
Имрӯз ба андоза қадаҳ нӯш, ки фардо
Пурсанд аз он май, ки напаймуда кашидӣ.
Рафтӣ ба сари хоки шаҳидони муҳаббат,
Домони басе мардуми осуда кашидӣ.
Ман дар раҳи уммеди ту бар хок нишастам,
Ту домани ноз аз мани фарсуда кашидӣ.
Эй дида, шудӣ шефтаи ишваи хубон,
Ҳуш дор, ки заҳри шакарандуда кашидӣ.
Эй ҳалқазани Каъба, зи дасти ту чӣ нолам?
Дастам зи дари буткада беҳуда кашидӣ.
Файзӣ, зи ғами дунйию уқбӣ шудӣ озод,
Дасти ҳавас аз будаву нобуда кашидӣ.

* * *

Ғанимат аст, ҳарифон, ҳавои мавсими дай,
Ба ҷои хиргаҳу оташ бас аст шишаи май.
Хушо касе, ки дар ин хушксоли барги нишот
Ба ним ҷуръа кунад зинда номи Ҳотами Тай.
Шабе зи чанг шунидам, ба арғанун мегуфт,
Ки мо дарознафастар надидаем зи най.
Ба гӯши най чу расид ин тарона, гуфт ба чанг:
Чарост, к-ин ҳама бар бод мекунӣ рагу пай?
Касе, ки синаи ӯ шуд чу ман шикоф-шикоф,
Агар ба нола дарояд, макун маломати вай.
Пиёла гиру макун бар баҳори рафта дареғ,
Барор наъраи ҳу-ҳу, чӣ суд аз ин ҳай-ҳай?
Кунун тиҳӣ макун аз бода ҷоми ҷамшедӣ,
Ки пур зи хок фитодаст косаи сари Кай.
Навиштаанд ба тоқи равоқи майхона
Китобаи «ва мина-л-мои куллу шайъин ҳай».
Кадом об, ки гар партаваш фитад ба сипеҳр,
Зи инфиол* кунад офтобро дар хай?
Баҳуш бош дар ин роҳи пурхатар, Файзӣ,
Ки рафтаанд рафиқону меравӣ аз пай.

* * *

Хоки чаман шуд зи абр мушки таторӣ,
Оташи гул тез кард боди баҳорӣ.
Қурсаи кофур рехт шоху шукуфа,
Сунбули мушкин бисӯхт уди қиморӣ.
Бар сари ҳар шох ҷилвагар шуда гулҳо,
Карда чу тифлон ба аспи чӯб саворӣ.
Аз паи дӯшизагони ҳиҷлаи* гулшан
Обсифат хок кард оинадорӣ.
Даври назарбозиясту ҳуснпарастӣ,
Вақти гулафшониясту бодагусорӣ.
Ғунчаву наргис расидаанд фароҳам,
Кӯш, ки дилро ба дасти дида супорӣ.
Ҷоми майи лолагуну турраи соқӣ,
Файзӣ, агар оқилӣ, зи каф нагузорӣ.

* * *

З-он бут, ки ту дар ниқоб дорӣ,
Сад буткадаро хароб дорӣ.
Бӯе бирасон ба мо, ки аз зулф
Сад қофила мушки ноб дорӣ.
Ту соқии базм шав, ки аз лаб
Ҳам соғару ҳам шароб дорӣ.
Фирдавс бувад дар обу оташ,
З-он гул, ки ту дар гулоб дорӣ.
Хунрези ту чун ба гоҳи мастист,
Гар бода кашӣ, савоб дорӣ.
Бирбуд инони дил зи дастам,
Он пой, ки дар рикоб дорӣ.
Он нест, ки бигзарад зи ҳуснат,
Файзӣ, ту чӣ изтироб дорӣ?

* * *

Дило, биноз, ки дилдори нозанин дорӣ,
Агар ситеза кунад, сабри оҳанин дорӣ.
Фиреби соданигоҳам мадеҳ, ки медонам,
Ба зери ҳар мижа бутхонаҳои Чин дорӣ.

Сипанди чашми ту гардам, ки ҳам зи ғамзаи хеш
Ҳазор фитнаи бедор дар камин дорӣ.
Ҳуҷуми кажназарон аст гирди ҳусн, биноз
Ба посбонии чине, ки дар ҷабин дорӣ.
Тарошае зи ҷигар, ё сафинаи ғазал аст,
Шунидаам, ки биҳиште дар остин дорӣ.
Гулат шукуфта чунин, Файзӣ, аз кадом сабост,
Ки аз баҳори гулафшон сад офарин дорӣ?!

* * *

Ту, эй парвона, ин гармӣ зи шамъи маҳфиле дорӣ,
Чу ман дар оташи худ сӯз, агар сӯзи диле дорӣ.
Бирав, эй ошно, худро сабук аз бори ҳастӣ кун,
Ба дарёи муҳаббат гар умеди соҳиле дорӣ.
Даруни қудсиён хун шуд, таолаллаҳ, чӣ сайёдӣ,
Ки чун Ҷибрил аз ҳар ғамза мурғи бисмиле дорӣ?
Мафармо ғамзаро хун рехтан, теғ аз миён баркаш,
Ки чобук дасти хунрезею дасти қотиле дорӣ.
Аҷаб набвад, агар хори муғелон доманат гирад,
Ба роҳи Каъбаи васл ар ҳавои манзиле дорӣ.
На маҷнун хонамат, не оқил, эй саргаштаи ҳиҷрон,
Ки ҳар дам гӯш бар бонги дарои маҳмиле дорӣ.
Шудӣ, Файзӣ, шаҳиди ёр, шармат бод, агар нолӣ,
Ба ҳашр ин хунбаҳоят бас, ки чун ӯ қотиле дорӣ.

* * *

Насими субҳ, ки девонавор мегузарӣ,
Надонамат, зи кадомин баҳор мегузарӣ.
Ба накҳати ту, ки сад мастии баҳор дар ӯст,
Зи худ шудам, магар аз кӯи ёр мегузарӣ?
Ба ҷилваи ту чӣ найрангҳост, ҳайронам,
Ки фитнахезтар аз рӯзгор мегузарӣ.
Кӣ ногусастаинон монад аз тамошоят,
Ба арсае, ки ту чобуксавор мегузарӣ?
Кадом шеру чӣ оҳу, ки бисмилат нашавад,
Ба ҷилваи ту, ки мардумсавор мегузарӣ?!
Раҳи умед ба сар меравӣ, чӣ беадабист,
Зи сар гузар, чу аз ин раҳгузор мегузарӣ.

Расид, Файзии ман, вопасин нафас, хуш бош,
Ки маст омадию ҳушёр мегузарӣ.

* * *

Дило, гудозиши парвона орзу кардӣ,
Вале дар оташи худ сӯхтӣ, накӯ кардӣ.
Ба ҳар кӣ менигарам, комёби офият аст,
Туро кӣ гуфт, ки бо дарди ишқ хӯ кардӣ?
Раво бувад, ки зи дасти ту пираҳан бидарам,
Ки чокҳои гиребони ман руфӯ кардӣ.
Шукуфтӣ аз дами боди баҳор, шармат бод,
Ки дил фирефтаи нақши рангу бӯ кардӣ.
Чӣ гӯям аз нафаси дилхароши ту, Файзӣ,
Магар, ки судаи алмос дар гулӯ кардӣ?

* * *

Гарчи аз аҳли вафоянд басе,
Чун саги ёр надидем касе.
Баҳри бедоди рақибон набувад
Ҷуз саги кӯи ту фарёдрасе.
Гумраҳонем, ки аз манзили васл
Нашунидем садои ҷарасе.
Дил, ки вобастаи холи ту бувад,
Шоҳбозест, асири магасе.
Файзӣ, аз шавқи ту дил месӯзад,
Мепазад баҳри дили худ ҳавасе.

* * *

Қиссаи ишқ, ки монд ин ҳама ногуфта басе,
Бо ту гӯем, ба шарте ки нагӯӣ ба касе.
Кас ба манзилгаҳи мақсуд нарафт обилапо,
Булфузуле ду-се дидам ба раҳу булҳавасе.
Остони ҳарами ишқ мақоме дорад,
Даст макшой дар ин парда ба ҳар мултамасе.
Агар ин аст гули тоза, ки ман дорам, нест
Булбулонро зи пару бол гаронтар қафасе.
Ҳайратам сӯхт, ки ҳамроз ба гӯшам омад
Савти занҷири дари Каъба ба бонги ҷарасе.

Ҳиммат аст ин, ки диҳад коми дил, аммо чӣ кунӣ,
Ки ба ин тоқи баландат набувад дастрасе?!
Файзӣ, ар зиндагии мурдадилон меҳоҳӣ,
Боядат гармтар аз субҳи қиёмат нафасе.

* * *

Хуш он базме, ки меҳмонаш ту бошӣ,
Намакбахши сари хонаш ту бошӣ.
Табиби набздонро даст набвад,
Бар он дарде, ки дармонаш ту бошӣ.
Бигардам гирди он хоне, ки як раҳ
Намакрези намакдонаш ту бошӣ.
Ба рӯз оинаи ҳуснаш ту гардӣ,
Ба шаб шамъи шабистонаш ту бошӣ.

* * *

Шуд суҳбату гашт ёр соқӣ,
Суҳбат боқию ёр боқӣ.
Имшаб шаби ишрат асту доранд
Ёрон ҳама айши иттифоқӣ.
Эй моҳ, зи шамъи маҷлиси мо
З-ин гуна чаро дар иштиёқӣ?
В-эй Зуҳра, чӣ шуд, ки аз тараннум
Бе соз нишаста дар равоқӣ?
Файзӣ, чу висол шуд муяссар,
То кай гиламанд аз фироқӣ?!

* * *

Хун рехтан ба чашми ситамкора то ба кай,
Оҳуи ширмасти ту хунхора то ба кай?
Аз оташин нигоҳи ҷаҳонсӯз дамбадам
Бар дида бастани раҳи наззора то ба кай?
Эй карда дар фиреб ба якборагӣ ғалат,
Сад аҳд баршикастани якбора то ба кай?
Як раҳ биё гулобфишон, офтоби ман,
Оташ задан аз он гули рухсора то ба кай?
Бемори ишқ беҳ нашавад аз ту, эй ҳаким,
Кӯшиш ба чораи мани бечора то ба кай?

Ҳон, эй қазо, дигар қадаре нақши тоза каш,
Ин осмону гардиши сайёра то ба кай?
Аз ваъдаи ту кор ба сахтӣ кашида боз,
Охир, забон зи муму дил аз хора то ба кай?
Файзӣ, бирав, ба бедилии худ қарор деҳ,
Беҳуда ҷустани дили овора то ба кай?

* * *

Аз чаман мерасад ба хушҳолӣ
Сарви ман, мадда зиллаҳу-л-олӣ.
Хатту холаш бар он рухи зебо
Карда тафсири ҳусн иҷмолӣ.
Ғами худ то фурӯ намерезам,
Ин дили пур намешавад холӣ.
Баҳра аз пири ишқ ҷӯ, ки бувад
Ҳамчу май шуҳра дар кухансолӣ.
Мантиқуттайр мантиқе аҷаб аст,
Ки надорад муқаддаму толӣ*.
Эй хуш он тоире, ки хӯ карда
Ҳамчу анқо ба фориғулболӣ.
Тӯтии хушнаво туӣ, Файзӣ,
Чанд чун андалеб менолӣ?

* * *

Гузашт он, ки дили бурдбор доштаме,
Ба зери кӯҳи маломат қарор доштаме.
Гузашт он, ки ту гулгулшукуфта будию ман
Зи ҳар гуле ба ҷигар хор-хор доштаме.
Гузашт он, ки чу шамъат зи шом то ба саҳар
Ба пеши дидаи шабинтизор доштаме.
Гузашт он, ки чу паймони васл мебастӣ,
Ба шоҳроҳи вафо интизор доштаме.
Гузашт он, ки зи ғамхории сагони дарат
Миёни аҳли вафо эътибор доштаме.
Гузашт он, ки чу дил аз ту шиква сар кардӣ,
Ба ваъдаҳои туаш шармсор доштаме.
Гузашт он, ки чу Файзӣ зи хатту холи бутон
Назар муқайяди* нақшу нигор доштаме.

* * *

Ба номуродии худ гар қарор доштаме,
Муроди ҳарду ҷаҳон дар канор доштаме.
Сари ҳадис надорам ба кас, вагарна, манам,
Ки лаб зи теззабонӣ фигор доштаме.
Шукӯҳи нози ту зад бар даҳони ман, варна,
Ҳазор нолаи беихтиёр доштаме.
Ба хоку хун натапидӣ дилам, агар нафасе
Таҳаммули халаи интизор доштаме.
Ба ҳусни дӯст наёлудаам чу булҳавасон,
Вагарна, дар сар аз ин май хумор доштаме.
Ба кори ишқ чунин гар набудаме саргарм,
Миёни халқ дили ҳарзакор доштаме.
Гузашт он, ки ба уммеди ваъда Файзиро
Фиребхӯрдаи сабру қарор доштаме.

* * *

Агар ба даст дили беқарор доштаме,
Ба ваъдаҳои ту уммедвор доштаме.
Агар на мардуми чашмам шудӣ зи гиря сафед,
Нишони тири ту, мардумшикор, доштаме.
Ба як дил ин ҳама савдост дар сарам, эй вой,
Чӣ кардаме, гар аз ин сад ҳазор доштаме.
Ба ҳусн ин ҳама чашми ҳавас надӯхтаме,
Агар ба дасти назар ихтиёр доштаме.
Зи офтобрухон рӯзи ман сиёҳ нашудӣ,
Агар таҳаммули шабҳои тор доштаме.
Асири силсиламӯён намешудӣ дили ман,
Агар на дидаи ошуфтакор доштаме.
Дареғи мастии Файзӣ ба ҷои май, эй кош,
Чу марг шарбати нохушгувор доштаме.

* * *

Агар ба дида кашам сурмаи сулаймонӣ,
Парирухон дили ман мебаранд пинҳонӣ.
Фидои гардиши чашме шавам, ки мастона
Кунад ба пеши дари Каъба қиблагардонӣ.

Ман он бараҳмани бутқиблаам, ки мемолам
Ба ҷои сандали тар хуни дил ба пешонӣ.
Суроҳиям бикаш, эй ҷайб, баҳри ибрати халқ,
Ки ҳамчу Каъба нишастам ба покдомонӣ.
Назораи рухи юсуфвашон аҷаб идест,
Ки мебаранд зи каф орзу ба қурбонӣ.
Назар ба хок бибозам, агар гарав бандад[1]
Саводи куфр зи холи рухи мусалмонӣ.
Ба зери далқи риё мешиносамат, Файзӣ,
Санам мапӯш, ки бо суманотиён монӣ.

* * *

Зоҳид, ба мо адои тасаввуф чӣ мекунӣ,
Мо бетакаллуфем, такаллуф чӣ мекунӣ?
Чун аз хавоси ишқ туро нест баҳрае,
Дар қолаби авом тасарруф чӣ мекунӣ?
Соқӣ, баҳор омаду даври пиёла шуд,
З-он ваъдае ки буд, тахаллуф* чӣ мекунӣ?
Айёми хушдилӣ гузарон аст ҳамчу бод,
Фурсат ғанимат аст, таваққуф чӣ мекунӣ?
Файзӣ, гузашт ёру ту аз хеш бехабар,
Акнун зи умри рафта таассуф чӣ мекунӣ?

* * *

Бозам оташ зада меҳри маҳи рӯзафзуне,
Хирмани сабри маро сӯхта гандумгуне.
Дидае нест, ки нагдохт ба наззора, ҳанӯз
Хезад аз ҳар нигаҳаш шуълазанон афсуне.
Чашмаш ангехта аз ҳар буни мижгон масте,
Зулфаш овехта аз ҳар сари мӯ маҷнуне.
Мӯ ба мӯ ҳар буни мӯям ба маломат бархост,
Ки таровид зи носури* дарунам хуне.
Ишқ бемор шуд, андеша бар он медорад,
К-аз ниёзи худу нози ту кунам маъҷуне.

[1] Шояд: «гарав бибарад» бошад, Девон, с. 522.

Дида гар сурмаи савдои ҷунун дарёбад,
Ҳаст ҳар заррае аз реги равон Маҷнуне.
Файзӣ, аз хома ғами дил натаровад берун,
Ки ба ҳар нуқта вадиат* нениҳад мазмуне.

* * *

Шустанд пок аз дили мо нақши рангу бӯй
Пирони содалавҳу ҷавонони содарӯй.
Аз бода зиндаам, ки дар оғози фитратам
Чун хуни гарм раг ба рагам рафту мӯ ба мӯй.
Тундӣ макун, ки бо ҳама нармию нозукӣ
Чун шиша сахтрӯяму чун бода гармхӯй.
Шабтоб гавҳаре, ки дилаш ном кардаанд,
Занҳор кам макун, ки наёбӣ ба ҷустуҷӯй.
Дар ишқ обрӯ, ки шавад гум, дигар махоҳ,
К-ин оби бозрафта наёяд дигар ба ҷӯй.
Аз ишқи мо магӯй, ки розест касмадон,
Дар ҳоли мо мапурс, ки ҳарфест касмагӯй.
Файзӣ, чӣ суд аз ин ҳама хунобаи дилат?
Доғи фироқ маҳв нагардад ба шустушӯй.

* * *

Фиристодаам гул ба дасти нигоҳе
Зи баҳри кулаҳгӯшаи каҷкулоҳе.
Нафасрезае баста бар боли шавқе,
Ҷигарпорае монда бар нӯки оҳе.
Гарав дода дил дар кафи тира шоме,
Гиреҳ карда дам бо дами субҳгоҳе.
Мижа банд бар мавкиби шаҳрёре,
Назар боз бар ҷилваи шоҳроҳе.
Ба ин ним оҳе, ки то лаб биҷунбад,
Тасаллидиҳи орзу гоҳ-гоҳе.
Ҳазорон ғам оварда рӯ, бо кӣ гӯям,
Ки бар нимҷон кас наронад сипоҳе.
Чаро мезанад шуъла сар то ба поям,
Агар мӯ ба мӯям надорад гуноҳе?!
Гунаҳ бахт дорад, ки дорам туфайлаш
Дили ғамфазое, ғами умркоҳе.

Зи хуноби мижгон чӣ берун таровам,
Чӣ гулҳо, ки сар зад зи мушти гиёҳе.
Мабодо касе чун ман аз тирабахтон,
Зи хуршедрӯён ба рӯзи сиёҳе.
Чӣ пурсӣ, ки дар хоку хун кист Файзӣ,
Бияфтода сайде зи фитроки шоҳе.

* * *

Пайдост зи моҳ то ба моҳӣ
Моҳияти ҳусни ӯ, камоҳӣ.
Дарёфтаам аз он руху зулф
Асрори сафедию сиёҳӣ.
Ман ошиқи поку тифли ашкам
Бар покии ман диҳад гувоҳӣ.
Аз холу хати ту тезбинон
Диданд саноиъи илоҳӣ.
Гуфтӣ: Зи ту сабру ақл хоҳам,
Мо пеши туем, ҳар чӣ хоҳӣ.
Султони сарири мулки ишқем,
Дорем нафири* субҳгоҳӣ.
Файзию саводи Ҳинд бошад
Чун оби ҳаёт дар сиёҳӣ.

* * *

Дорам ҳавас, ки ҷони шикебо ба ман диҳӣ,
Сабри ҳама бигирию танҳо ба ман диҳӣ.
Ҷону дилам гирифтию мегӯиям, бирав,
Миннат ба ҷону дил, агар онҳо ба ман диҳӣ.
Хуш нест дил рабуда, тағофул намуданат,
Ё беш аз ин ғамаш бихурӣ, ё ба ман диҳӣ.
Эй бо ҳазор ишва, зи ҳуснат чӣ кам шавад,
Гар рухсате зи баҳри тамошо ба ман диҳӣ?
Дар коми орзу ба табарзад баробар аст,
Дашномҳои талх, ки амдо ба ман диҳӣ.
Файзӣ, туфайли ишқ хаёлат баланд шуд,
Хоҳам, хабар зи олами боло ба ман диҳӣ.

* * *

Сархушон, ғамзазанон, ишванамо меой,
Чӣ касию зи кучоию куҷо меой?
Гарм меоию дил метапад аз омаданат,
Ғолибан аз паи дил бурдани мо меой.
Дар сарат то чӣ хаёл аст, надонам, ки чунин
Качкулаҳ, бастакамар, тангқабо меой.
Сабри ман рафт, дигар тунд чаро меронӣ,
Ҷони ман сӯхт, дигар гарм чаро меой?
Ваҳ, чӣ ҷодугарӣ, эй шӯх, ки андак-андак
Меравад ҳуши мани дилшуда, то меой.
Кас набинам, ки туро бинаду аз худ наравад,
То ту дар дидаи мардум чу бало меой.
Медиҳад ҷон ба тамошои ҷамолат Файзӣ,
Гарчи дар дидаи ӯ рӯҳфизо меой.

* * *

Инчунин бар сари яғмо, ки туӣ,
Фитна он ҷост, ба ҳар ҷо, ки туӣ.
Метавонӣ шиканӣ сад сафи ҳашр,
Инчунин маъракаоро, ки туӣ.
Чӣ ғам аз рӯзи қиёмат дорӣ,
Бо ҳама фитнаву ғавғо, ки туӣ.
Он ки хун рехта пинҳон зи ҳама,
Ҳаст дар чашми ту пайдо, ки туӣ.
Оташи ман нанишонӣ ҳаргиз,
Шуълаафрӯзи таманно, ки туӣ.
Нест дар маъракаи ғамзазанон,
Инчунин дар назари мо, ки туӣ.
Файзӣ, арбоби маломат мастанд,
На чунин ошиқи расво, ки туӣ.

## МУҚАТТАОТ

Бӯстони хаёли Файзиро
Аз нами файз тозаву тар бин.
Ҳар чӣ ёбӣ баланду паст дар ӯ,
Ҳама болотару фурӯтар бин.
Нахлҳо то фалак кашида нигар,
Сабзаҳо бо замин баробар бин.

* * *

Ман он ғаввоси ашъорам, ки умре
Ба дарёи сухан кардам шиноҳо.
Агар пасту баланд афтод шеърам,
Ба қадри шеър мехоҳам саноҳо.
Бувад девони ман шаҳрею дар шаҳр
Баланду паст меафтад биноҳо.

* * *

Аё мусофири ақтору назму наср, бибин,
Ки то куҷо бувад андозаи масоъии* мо.
Ҳазор гуна сухан аз забони мо сар зад,
Ҳанӯз то ба куҷоҳо кашад давоъии* мо.
Ба офтоб шавад мунтаҳӣ ба вақти назар,
Чу имтидод пазирад хати шуоъии мо.
Зи баҳри тазкираи аҳли дид мунтахабест,
Ки шуд рақамзадаи килки ихтироъии мо.
Вагарна, дар адад аз назми ҳамгинон кам нест
Қасидаву ғазалу қитъаву рубоъии мо.

* * *

Файзиям, к-аз дили дақиқашинос
Нақши сирру алан шинохтаам.
Он чи бояд шинохт доноро,
Ба яқин, на ба зан(н)* шинохтаам.
Аз илоҳӣ ба ақли дурандеш
Малак аз Аҳриман шинохтаам.
Дар табибӣ ба табъи донишсанҷ
Доруи ҷону тан шинохтаам.

Дар риёзӣ ба чашми чархнаворд
Назми иқди паран* шинохтаам.
З-он чи гуфтам, агар бипурсӣ рост,
Сухан аст, ин ки ман шинохтаам.
Насрро мӯ ба мӯ шикофтаам,
Назмро фан ба фан шинохтаам.
Эътидоли маонӣ аз ман пурс,
Ки мизоҷи сухан шинохтаам.

* * *

Аё ҳариф, дар ин базмгоҳ Файзиро
Гумон мабар, ки зи хайли тиҳисабӯён аст.
Кашида бодаи таҳқиқ дар ҳадоиқи илм,
Зи шохсори хирад даста-даста бӯён аст.
Ба кӯҳу дашти маонӣ, ки мурғ пар назанад,
Ба чобукии тааққул* дуаспа пӯён аст.
Магар масоили фиқҳи муқаллидони ҳаво,
Ки илми ҳилагарону баҳоначӯён аст.
Мушоҷироти* фароиз, ки кас махонодаш,
Аз ӯ мапурс, ки он илми мурдашӯён аст.
Дари хилофу ҷадал ҳам ба хештан накшуд,
Ки он муқаддимаи ҷанги тундхӯён аст.
Сиёҳномаи аҳли сиёқ ҳам нанавишт,
Ки кори тирадарунону сахтрӯён аст.
Мадори ҳарф ба таърих ҳам намонд, ки он
Фасонаҳои малоли дурӯғгӯён аст.

* * *

Шунидам, дар Хуросон Файзие буд,
Ки гуфтӣ, булбули ин бӯстонам.
Агар ӯ буд булбул дар Хуросон,
Кунун ман тӯтии Ҳиндустонам.

* * *

Файзиям, ошиқи ҷамоли сухан,
К-аз ду олам муроди ман сухан аст.
Аз ҳама рӯй дар сухан дорам,
Қиблаву эътиқоди ман сухан аст.

Ҳеч гоҳ аз сухан гурезам нест,
Пири ман, устоди ман сухан аст.

* * *

Табъи мушкилписанди ман аксар
Мушкилоти бадеъмултазам аст.
Силкҳои* балоғат аз килкам
Бо асолиби* хос мунтазам аст,
Гар далеле бад-ин сухан талабӣ,
Дар китоби «Маворидулкалима»-ст.

* * *

Агар аз шоҳи ман хабар пурсӣ,
Акбари аҳду аъдали* заман* аст.
В-агар аз илми ман сухан талабӣ,
Бар забонам ҷаҳон-ҷаҳон сухан аст.
В-агар аз пири ман назар ҷӯӣ,
Рӯҳи Файёзу Хусраву Ҳасан аст.
В-агар аз шеъри ман асар хоҳӣ,
Аз ҳадисам ҳазор анҷуман аст.
В-агар аз килки ман қалам ронӣ,
Нуқтаам равнақигуҳаршикан аст.
В-агар аз мавлидам* нишон ҷӯӣ,
Ҳамчу фӯлод Ҳинд кони ман аст.
В-ар ба аслофи* ман назар фиканӣ,
Гавҳарам чун ақиқ аз Яман аст.

* * *

Имрӯз дар шинохтани гавҳари вафо,
Саррофи оламему зари мост даҳдаҳӣ.
Афсонаи макорими* ахлоқ меравад,
Маънӣ нигар, ки мекунадаш лафз кӯтаҳӣ.
Донӣ, кадом тоифа аҳли муҳаббатанд?
Онон, ки ҳам раҳини* вафоянду ҳам раҳӣ.
Бар сар қадам ниҳанд сабуктар зи барги гул,
Бар дида бигзаранд чу боди саҳаргаҳӣ.
Гуфторашон ба лаб чу ҷавонони пардадар,
Асрорашон ба дил чу нигорони хиргаҳӣ.

Ҷое ки домани мижа натвон баланд кард,
Бо сад ҳазор дида намоянд огаҳӣ.
Не он гурӯҳи хира, ки дар пешгоҳи ақл
Аблаҳфиреб сохта худро зи аблаҳӣ.
Дар сина меҳр нею таманнои ҳамдамӣ,
Дар киса хок нею газофи шаҳаншаҳӣ.
Аз рӯзгор ғофилу он гоҳ карда маст
Бар рӯзгор қаҳқаҳа бо танзи хаҳхаҳӣ,
Дил бар дари санамкадаи ҷурм бутпараст,
Лаб дар адои саҷдаи астағфируллаҳӣ.
Бо қатраи ҳадас натарозад муқаддасӣ,
Бо зарраи ҳудус* назебад муназзаҳӣ.
Гӯ, андалеб, нола макаш аз ҷунуни ишқ,
Дар гулшане ки бед намояд муваллаҳӣ*.
Берун таровад аз дилашон талхии мизоҷ,
З-он сон ки шиша бода бирезад зи лаб тиҳӣ.
Кӯтаҳ кунем қисса, ки фарзи муҳаббат аст
Бо ин гурӯҳ силсилаи меҳр мунтаҳӣ.
З-ин ҳам гузар, ки солики ваҳдат намекунад
Ҳамхонагӣ ба рӯҳи қудус, балки ҳамраҳӣ.

* * *

Файзӣ, чу шунидӣ аз яке бад,
Зинҳор, ки бад магӯй вайро.
Рав гӯши яқин кушову бишнав
Занну билмуъминина хайро.

* * *

Дӯш дар хилватсарои фикр бо дастури ақл
Гуфтам: Эй ганҷинабахши илму ганҷури амал,
Ҳам туӣ туғрокаши унвони маншури* абад,
Ҳам туӣ қонуннигоҳи девони султони азал.
Аз ту миннатҳо бувад бар ман, ки гашт аз ҳимматат
Хотирам мушкилкушои уқдаи дину дувал*.
Чист сирри он, ки чандин пешдастӣ мекунанд
Сифлагони рӯзгор аз ман ба миқдору маҳал?
Гуфт: Файзӣ, хомушӣ бигзин аз ин ҳарфи шигарф,
Ҳам ту худ донӣ, ки бар ман ҳам нашуд ин уқда ҳал.

Бар замин танҳо на, к-ин бар осмон ҳам рафтааст,
Бар Уторид Зуҳраву бар Муштарӣ бингар Зуҳал.

* * *

Гар ҳаловат зи умр мехоҳӣ,
То бувад умр, бош хокнишин,
Ки зи найшаккар аст ширинтар,
Он чи наздиктар бувад зи замин.

* * *

Ёд кун аз фалаки арбадаҷӯ,
Бар сафолин баданат санг афтад.
Чашми мастат зи назар боз ояд,
Ақли шӯхи ту зи найранг афтад.
Дил ба фармони ту тан дарнадиҳад,
Ҷон зи ҳиҷрони ту дилтанг афтад.
Зулфи маъшуқ зи дасти ту раҳад,
Барбати айши ту аз чанг афтад.
Сози умри ту зи қонун монад,
Тори набзи ту зи оҳанг афтад.

* * *

Файзӣ, агар рostравӣ кори туст,
Боядат аз каҷманишон инзиво.
Муътадил аз ростӣ аст ин самар,
Фитрати суккону* хати истиво*.
Ба он шабе, ки чу парвона Ҷибраил намуд
Ба гирди шамъи нубувват баландпарвозӣ,
Ки то сафедадами субҳи ҳашр равшан бод
Чароғи анҷумани шоҳ Акбари ғозӣ!

* * *

Ҳарирбофи сухан Муҳташам, ки дар Кошон
Ба тарзи тоза тарози суханварӣ дорад,
Яке зи нукта дар он гуфт, дидам ашъораш,
Иборатест, ки маънӣ саросарӣ дорад.
Бигуфтамаш, сухани ӯ иборатест, вале
Иборате, ки ба маънӣ баробарӣ дорад.

* * *

Мароcт ханда бар он сустназми пастхаёл,
Ки сохт қасри сухан аз кулӯхчин абёт.
Ба васфи равшании табъи худ қалам ронад,
Сияҳдиле, ки дилаш тиратар бувад зи давот.
Ба пеши халқ кунад даъвии сухандонӣ,
Касе ки қофия созад риботро ба ҳаёт.

* * *

Султони ҷаҳон Шоҳмурод, он ки навиштанд
Бар носияаш таввалаҳаллоҳу ҳаётан,
Дар силки вуҷуд омаду арбоби ҳимамро
Шуд вирди забон саббатаҳаллоҳу саботан.
Таърихи сарафрозии ин нахли саодат
Карданд рақам «анбатаҳаллоҳу банотан».

* * *

Ҳабаззо ҳавзе, ки шаҳаншоҳ сохт,
Он хадеви конясору ямямин.
В-андар он қасре намуд аз санги сурх,
Ҳам чу қасри лаъл дар хулди барин.
Хонд ризвон ҳозиҳи ҷанноту адн,
Таҳтаҳа-л-анҳору фиҳо холидин.
Баҳри итмомаш ду таърихи шигарф:
«Чашмаи хулд» асту «ҳавзи нозанин».

* * *

Имоми замон шоҳ Акбар, ки ҳаст
Аз ӯ бозуи мулку миллат қавӣ,
Бино кард ин масҷиди файзбахш,
Ки бо арш шуд курсияш муставӣ*.
Малоик навиштанд бар тоқи арш,
Ки таърих шуд «масҷиди хусравӣ».

* * *

Мавлавӣ–олими ориф, афсӯс,
Ки сар омад аҷалашро ваъда,

Ақл таърихи маҳу солашро
Зад рақам нуздаҳи зилқаъда.

* * *

Файзӣ, ба корхонаи айём умрҳо
Аз тору пуди хайти* басар ҳулла бофтам.
Сарбаста ақдҳои замири ҳунарварон
Ҳамчун дақиқаҳои муаммо шикофтам.
Чашмам надошт қиблаи ҳиммат ба ҷуз ҳунар,
Аз ҳар чӣ айб, рӯи таваҷҷуҳ битофтам.
Монад чунин шукуфтабаҳоре ба чашми ман,
Ҳарчанд чун сабо ба такопӯ шитофтам,
Чун ёфт ин мураққаъи бемисл интизом,
Таърихаш аз «мураққаъи бимисл» ёфтам.

* * *

Шайхуно, волидуно, мавлоно,
Хассаталлоҳу би илмин ва амал.
Аллазӣ ифтахара-л-кавну биҳӣ,
Ҳабаззо ансаруҳу-л-мустакмал.
Илмуҳу-л-ашмалу асно ва атам,
Исмуҳу-л-ақдасу аъло ва аҷал.
Ло тақул мота би мавти-л-аҷсод,
Бал мина-д-дори ила-д-дори риҳал.
Илтиво зоҳируҳу фӣ ботин,
Ихтифо охируҳу фил аввал.
Қулту фӣ риҳлатиҳи таърихайн:
Афзалу Ҳинда фӣ фахри-л-акмал.

* * *

Ҳамин на одамӣ аз дину доди тоҷварон
Ба амну айш гарояд, базебу фар гардад.
Ба навбаҳори адолат дамад зи санг гиёҳ,
Гиёҳ нахл шавад, нахл борвар гардад.
Фурӯғу адл диҳад он асар ба рӯи замин,
Ки хок санг шавад, санг симу зар гардад.

* * *

Ҳарчанд ба чашми аҳли зоҳир
Аз тоҷ бувад ривоҷи хусрав,
Аз рӯи ҳисоб нест фарқе
Дар тоҷи хурӯсу тоҷи хусрав.

* * *

Шоирони замонаро дидам,
На дар эшон ҳаёву не тамкин.
Ҳар чӣ гӯянду ҳар чӣ фармоянд,
Ё таворуд кунанд, ё тазмин.

* * *

Файзиям, шоири тавонгардил,
Ҳиммат аз хок баркашидаи ман.
Гашта дар остини ҳиммат гум
Тамаъи пираҳандаридаи ман.
Ин саводи сухан, ки менигарӣ,
Ҳаст хунобаи чакидаи ман.
Офаринанда шоҳид аст, ки ҳаст
Маънии хос офаридаи ман.
Бурда ҳуши дили назорагиён
Ҷилваи табъи шӯхдидаи ман.
Буд дар кӯчаҳои танги хаёл
Ҷунбиши килки сарбуридаи ман.
Бошад акнун зи ҷинсҳои сухан
Ғазалу маснавӣ гузидаи ман.
Ҳар чӣ гуфтам ба мадҳи аҳли дувал,
Ишқ бистурд аз ҷаридаи ман,
Варна, мешуд шигарф девоне
Аз ғазалҳои сарқасидаи ман.

* * *

Файзӣ манам, ки бо хиради осмоннавард
Якчанд сайри олами инсоф кардаам.
Бо гуна-гуна мардуми олам нишастаам,
Сайри биҳишту дӯзаху аъроф кардаам.

Ҳам дар забон мутобеи ахлоф* будаам,
Ҳам дар сухан татаббуъи аслоф кардаам.
Гар дурд нест дар сухани ман, аҷаб мадор,
К-ин бодаро ба пардаи дил соф кардаам.

* * *

Шаҳаншоҳи дарёдили ганҷбахш,
Ки ҳукмаш равон аст болои дил,
Ҷаҳонро кунад ғарқи тӯфони ҷуд
Ба ҳар мавҷхезе зи дарёи дил.
Бароварда аз кимиёи карам
Умеди гадоёни дарҳои дил.
Дар ин ҳафт қолаб ҷуз ӯ нест кас
Дили оламу оламорои дил.
Маро к-аз ҷаҳонгардию ишқ буд
На сомони ақлу на парвои дил,
Дил аз фикри ҳар кор пардохтам,
Чу шуд лутфи ӯ корфармои дил.
Зиҳӣ ганҷбахши саодат, ки ҳаст
Нигоҳаш калиди таманнои дил.
Фурӯғи замири ҷаҳонтоби ӯст
Сиёҳизудои сувайдои* дил.
На заррин камар бар миёнам бибаст,
Ки занҷири зар монд бар пои дил.

* * *

Файзиям ман, ки дар ин хумкадаи ақлфиреб
Нестам ҳамчу тунукбода ҳарифон безарф.
Аз худу ҳиммати худ ин қадар уммед набуд,
Ки зи ганҷинаи ғайб ин ҳама барбандам тарф.
Назми ман маънии рахшанда бад-он сон дорад,
К-аз сиёҳӣ бинависанду намояд шангарф.
Дил наранҷонаму донам, ки зи кӯтаҳназарист,
Гар шигарфе бинамоянд зарифони шигарф.
Шуълаи табъи маро тез наёбӣ, ҳарчанд
Дар тамуз аз нафаси муддаиён борад барф.

Хазафи* шиква маҷӯед зи сеҳри суханам,
Ки ҳама гавҳари шукр аст дар ин луҷҷаи жарф.
Ману андешаи бад даҳр муяссар макунод,
Ҳайф аз он вақт, ки дар ҳамчу хасон гардад сарф.
Гар сухан гармтар уфтад, макунаш айб, ки ҳаст
Чини пешонии маънӣ гираҳи абруи ҳарф.

* * *

Марди таммоъ ниҳад даст чу гул пеши хасон,
Гарчи бо афсари ёқут сарафроз шавад.
Ғарқи дарёст садаф, лек зи бисёрии ҳирс
Баҳри як қатраи найсон даҳанаш боз шавад.

* * *

Қутби раббонӣ Фаридуддин Шакарганҷ, он ки халқ
Дар мақоми ӯ ба сад ранҷи сафар пай бурданд.
Қатъи роҳи ишқ осон нест, к-арбоби ниёз,
Дар ҳарими дил ба сад хуни ҷигар пай бурдаанд.
Дар биёбони талаб дилро ба хок афкандаанд,
То напиндорӣ, ки бо шамъи назар пай бурдаанд.
Тӯтиён дидем дар парвоз гирди марқадаш,
Гӯӣ инҳо ҳам ба он ганҷи шакар пай бурдаанд.

* * *

Шаҳоби сити замин дилфиреб моидаест,
Дар ӯст ҳам ниами дунявию ҳам динӣ.
Ниҳодаанд бар ин гирди хон зи олами ғайб
Ҳазор неъмати Ҳақ, то кадом барчинӣ.
Сафар гузидатарин неъмат аст дар олам
Зи баҳри завқи худодонию худобинӣ.
Дар ин сафар зи паи тавфи авлиёи изом,
Ки будаанд шаҳон дар либоси мискинӣ,
Расидаӣ ба тавофи мазори Ганҷишакар,
Ки карда зери сараш нуҳ сипеҳр болинӣ.
Бале, чу аҳли карам хони неъмат ороянд,
Ба рӯи моида охир кашанд ширинӣ.

* * *

Аё муҳити мавоиз, камоли миллату дин,
Дареғ, гавҳари ваъзи туро масориф нест.
Ба пеши ман сухан аз дӯзаху биҳишт магӯ,
Ки гӯши ҳуши ҳарифон бар ин захориф нест.
Худойро, зи ман аҳволи ҳашру нашр* мапурс,
Ки содалавҳи муҳаббат абулмаориф нест.
Ғуломи сӯфии софӣ шавам, ки мегӯяд:
Биҳишту дӯзах ҷуз басту қабзи ориф нест.

* * *

Ало, эй муттаҳам дар шеърдонӣ,
Ки дорӣ роҳате бо сад уқубат,
Сухан гуфтан зи худ ҳарчанд саъб аст,
Сухандонӣ бувад бо сад суубат.
Мизоҷи шеър донад он, ки дар шеър
Юбусатро шиносад аз рутубат.
Сухан он аст дар маънӣ, ки онро
Салосат бояду дигар узубат.

* * *

Дар тавозуъ бувад ба оламиён,
Ҳар киро илм дилнишин уфтад.
Сарбаландию саркашӣ талабад,
Ҳар киро ҷаҳл дар камин уфтад.
Ҳар ду дар кори хеш маъзуранд,
Олиму ҷоҳил инчунин афтад.
Меваи хом саркашида бувад,
Чун шавад пухта, бар замин афтад.

* * *

Котиби качрақам, ки тира шавад
Дил зи коғаз сиёҳ кардани ӯ,
Гарданаш зан, ки дар қаламрави хат
Ҳаст хуни қалам ба гардани ӯ.

* * *

Эй басо дил чу бехудист магар,
Хуни худ мехурӣ ба олами шурб.
Халқро мекашӣ зи қурб* ба буъд*,
Хешро мебарӣ зи буъд ба қурб.
Сирка мафрӯш ин ҳама, ки туӣ
Ҳозими ғайримунҳазим чун турб.

* * *

Зиҳӣ ақди дурпош султон Салим,
Ки партав диҳад соли уммедро.
Зи парвардани офтоби дувал
Қироне шуда Моҳу Ноҳидро.

* * *

Қудваи* назм Ғазолӣ, ки сухан
Ҳама аз табъи худодод навишт,
Хома чун дар кафи андеша ниҳод,
Нукта пай дар паи устод навишт.
Номаи зиндагии ӯ ногоҳ
Осмон бар варақи бод навишт.
Ақл таърихи вафоташ ба ду тавр
Санаи нуҳсаду ҳаштод навишт.

* * *

Хадеви* мулк Акбаршоҳи ғозӣ,
Ки бод аз давлати ӯ чашми бад дур,
Ба ҳангоме ки воло кавкаби бахт
Ба анзори* саъодат буд манзур,
Сипоҳ ангехт баҳри фатҳи Гуҷрот,
Бар он кишвар музаффар гашту мансур*.
Аҷаб мулке, ки бошад шаҳрбандаш
Кушоишбахши табъи масту мастур.
Шаҳи он мулкро маъдум карда
Фиреби як-ду нофарзона дастур.
Ба зӯри газлику* афсуну найранг
Зи лавҳи Чин сутурда* нақши Фағфур.

Ба иқболи шаҳаншоҳӣ дар он мулк
Навиштанд аз навиди фатҳ маншур.
Ба фармони шаҳаншоҳӣ супурданд
Калиди ганҷи шоҳонро ба ганҷур.
Яке афканд бар сар чодари амн,
Яке шуд аз либоси зиндагӣ ур.
Илоҳо, бод маъмур аз адолат,
Ки шуд таърих ҳам «Гуҷроти маъмур».

* * *

Шаҳаншоҳи ҷаҳон чун сӯи Аҷмир
Ба тавфи Каъбаи сонӣ гузар кард,
Ба по мерафт, ногаҳ дарди сар шуд,
Магар дар роҳи маънӣ боз сар кард.

* * *

Таборакаллаҳ аз ин сафҳаҳои сеҳрангор,
К-аз ин талаввуни* айём мебарад номус.
Магар зи дасти Масеҳост ин шигарф айвон,
Ки бар маҷолии авроқи сидра шуд маъкус*.
Зи пештоқи тахайюл назора мекардам,
Равона карда назарро ба шаш ҷиҳат ҷосус.
Баҳор зилзила мебурд бар сари фирдавс,
Тазарв қаҳқаҳа мерехт бар пари товус.

* * *

Шабе бо дуд гуфтам, к-эй сияҳрӯзи парешондил,
Ки чун парвонаи ҷонбоз бо оташ ҳамоғӯшӣ.
Ба сӯзи сина чандин печутобат чист, медонӣ?
Чӣ ғам дорӣ, сияҳпӯшида бар оташ чӣ меҷӯшӣ?
Бигуфто: Ман ба оташ зиндаам, акнун ба сад ҳасрат
Зи оташ дур мегардам, аз он дорам сияҳпӯшӣ.

* * *

Ин баёзест пур аз нуктаи сӯфия, бибин,
Дар маониш, ки дорад ба сафо мавсуфӣ.
Нуктасанҷони ниҳонхонаи доноиро
Аз саводаш кунад асрори азал макшуфӣ.

Сӯфии хирқакабуд аст ба ин нилӣ ҷилд,
Мутаҳаллӣ* шуда бо орифию маъруфӣ.
Ҳам ба ҳамрозии ӯ ақл кунад машғулӣ,
Ҳам ба дамсозии ӯ рӯҳ кунад машъуфӣ*.
Мактабаш пардагиёнанд, ки дар айни зуҳур
Ҳама доранд ба ҷилбоби хафо махфуфӣ.
Дидану хондани он нома гуворо бодаш,
Он ки дорад ба маонии фано маълуфӣ.
Вақфи наззораи соҳибназаронаш кардам,
Хотами дида задам бар сиҷили мавқуфӣ.
Номи ин номаву таърих тамомаш пайдост
Аз «баёзийяи софӣ»-ю «баёзи сӯфӣ».

* * *

Тахаллус ба ширкат бувад аксареро,
Шуд ин нукта маълум баъд аз тафаҳҳус*.
Маро гар ба ному тахаллус бихонӣ,
Абулфайз ном асту Файзӣ тахаллус.

* * *

Чист он ҳамнафас, ки ҳар соат
Бозгӯяд зи илми ғайб асрор?
Огаҳ аз ҳоли меҳру кори сипеҳр,
Воқиф аз сирри лайлу рози наҳор.
Гар бипурсӣ, бигӯядат ҳолӣ
Ҳоли хушкию рози дарёбор.
Ҳар ду гесӯ ҳамеша бофтааст,
В-аз хату хол дода зайн изор.
Холаш аз мушку хаддаш* аз кофур,
Хат зи шангарфи абруи зангор.
Чор ҷоми мусаллас аст дар ӯ,
Ҳафт соқии симтан даввор.
Барра чун шуд ба сояи хуршед,
Яке аз вай бувад ба сад динор.
Дарфитод офтоб бар моҳӣ,
Ройгонат диҳанд сад хирвор.
Номи вай қалби вақту акси май аст
Умри ӯ аз баҳор то ба баҳор.

## РУБОИЁТ

Ин хона, ки аз дараш расад бонги даро,
Ҷо карда дар ӯ тоифаи нуктасаро.
Азбаски ба мизони назар мавзун аст,
Таърихи бинои ӯст «байти шуаро».

Чандон ки ба ақл гирудор аст маро,
Сад гуна гиреҳ ба кору бор аст маро.
Эй ақл, бирав, ки аз ту корам накушуд,
В-эй бахт, биё, ки бо ту кор аст маро.

Субҳ асту барафрӯхта бин торумро,
В-аз партави меҳр нур деҳ мардумро,
Хоҳӣ бувадат риштаи тасбеҳ ба даст,
Дар риштаи хуршед бикаш анҷумро.

Эй ҳамнафасон, малол доред шумо,
Ё шавқе дар хаёл доред шумо.
Дер аст, ки аз шумо надорам хабаре,
Чунед шумо, чӣ ҳол доред шумо?

Султони русул, моҳи Аҷам, шоҳи Араб,
Санги дари ӯ қиблагаҳи аҳли тараб.
Аз тобиши қаҳри ӯ, ки душмансӯз аст,
Гар санг шавад мум, аҷаб нест, аҷаб.

Ё олими асрори бутунию ғуюб,
Ё дофиъи асбоби ҳумумию куруб,
Астабъиду мин кулли хатоин ва ауз
Астағфиру мин кулли зунубин ва атуб.

Нуре, ки зи меҳри оламоро пайдост,
Аз ҷабҳаи шоҳаншаҳи воло пайдост.
Акбар, ки ба офтоб дорад нисбат,
Ин нукта зи баййиноти асмо* пайдост.

Ид асту ҳарифи нозанинам ҳавас аст,
Риндона видои дилу динам ҳавас аст.
З-он май, ки бишӯядам сияҳномаи зуҳд,
Як ҷуръа ба ид бояд, инам ҳавас аст.

Ин нома, ки ғайрати суханбезон аст,
Аз риштаи маънияш дил овезон аст.
Ҳар тоза дубайтиям агар дарнигарӣ,
Беҳтар зи дугонаи саҳархезон аст.

Эй ҳажда ҳазор олам аз шавқи ту маст,
Сар дар раҳи орзуву ҷон дар кафи даст.
Бас нома сиёҳ гашту бас хома шикаст,
Ҳарфе нанавиштанд, бад-он гуна ки ҳаст.

Субҳ асту зи дида хоб бархостааст,
В-аз рӯи ҷаҳон ниқоб бархостааст.
Он хатти шуоъ нест, к-аз дидани шоҳ
Мӯ бар тани офтоб бархостааст.

Ин теғ, ки сад ҳикмати фарзона дар ӯст,
Як қатраву сад гавҳари якдона дар ӯст.
Сафҳои мухолиф тани танҳо бидарад,
Ҳиндист, вале одати туркона дар ӯст.

О ваҳ, ки фалак заҳр ба тарёк ниҳуфт,
В-андар гулу райҳон хасу хошок ниҳуфт.
Эй мурғ, ба ҳар дона мапар, к-ин сайёд
Аз баҳри фиреб дом бар хок ниҳуфт.

Он кас, ки ба нола ҳавдаҷи* дил барбаст,
Шабгиркунон рахт ба манзил барбаст.
Файзӣ, чӣ нишастаӣ дар ин марҳалагоҳ?
Ҷаммоза бирон, ки Каъба маҳмил барбаст.

Султони қазо, ки ҳафт маншур навишт,
Туғрои саҳар бар шаби дайҷур навишт.
Рӯзе, ки қалам ниҳод бар лавҳи азал,
Бар ҷабҳаи хуршед «ҳуваннур» навишт.

Дар гиряи ҳасрат аз сарам об гузашт,
К-ин умр чу нашъаи маи ноб гузашт.
Як чашм задан набуд бедор дилам,
Афсӯс, ки рӯзгор дар хоб гузашт.

Дарёб, ки субҳи айш рух бинмудаст,
Хуршед дари нур ба дил бикшудаст.
Бингар ба сафедадам, ки пешонии чарх
Дар саҷдаи хуршед ғуборолуд аст.

Ин сикка*, ки дасти бахт аз ӯ хотам ёфт,
Ҳар дам назаре зи нayyири аъзам ёфт.
Шуд нақшпазири номи Акбаршоҳӣ,
З-он рӯст, ки сурхрӯии олам ёфт.

Эй арши маҷид дар тавофи ҳарамат,
Дарёи муҳит ташнаи ним намат.
Мушкил, ки зи ҷустуҷӯи ту биншинам,
З-ин гуна, ки ёфтам нишони қадамат.

Эй фақр, куҷоӣ, ки Фаридун кунамат,
Гар хокнишинӣ, маҳи гардун кунамат.
Ҳар нақд, ки андар гираҳи ҳимматы туст,
Бар хок фурӯ рез, ки Қорун кунамат.

Субҳ асту дилам чу мурғ зорӣ дорад,
Чашмам чу сафеда ашкборӣ дорад,
Эй дил, зи сияҳгилемии шаб махурӯш,
К-айём сари сафедакорӣ дорад.

Афсунгарии ҳусни ту Ҳорут накард,
Мафтуни ту ҷуз боди ҳавас қут накард.
Дар ишқи ту нола мекунад бо дили ман
Он шева, ки алмос ба ёқут накард.

Аз хутбаи шоҳ рифъати минбар шуд,
В-аз сиккаи адл корҳо чун зар шуд.
Биншаст ба тахти салтанат Акбаршоҳ,
Таърихи ҷулус «нусрати акбар» шуд.

Шоҳе, ки сарири арш ҷояш бошад,
Иқбол ба пои аршсояш бошад.
Чун Каъба сазад қиблаи асҳоби сафо,
Санге ки бар ӯ нишони пояш бошад.

Ин нома, ки аз ғайб фароҳам омад,
Дар халқаи чарх нақши хотам омад.
Дар хондани ҳар рубоии дилкаши ман
Аҳсант зи чор рукни олам омад.

Алъайш, ки боди субҳ гулбӯ омад,
Давлат зи нишот таҳниятгӯ омад.
Хуш бош, ки бахти хуфта сар боло кард,
Май нӯш, ки оби рафта дар ҷӯ омад.

Сад шукр, ки ин нусхаи донишпайванд
Осон гуфтам ба табъи душворписанд.
Бе ҳиммати осмон зи ман мушкил буд
Агехтани ин ҳама мазмуни баланд.

Онҳо, ки ба дил нури қидам* ёфтаанд,
Аз санги сияҳ файзи ҳарам ёфтаанд.
Гумроҳ машав, ки раҳнавардони ҳарам
Манзил ба нишонаи қадам ёфтаанд.

Он рӯз, ки маҳди* ҳафт торам бастанд,
В-ин ҳажда ҳазор нақши олам бастанд,
Вологуҳару унсури шоҳаншоҳӣ
Дар нур ба офтоб тавъам бастанд.

Дар боғ бар ӯ зи вазн оин бастанд
В-он гоҳ тарозуи нигорин бастанд.
Шоҳин паи он зи шохи гул оварданд,
В-аз ҳар тарафаш пиллаи насрин бастанд.

Имрӯз, ки вазн шоҳ Акбар карданд,
Дар мизонаш баробари зар карданд.
Аз зар чу муроди халқ ҳосил мешуд,
З-он рӯ зарро ба шаҳ баробар карданд.

Шоҳе, ки дараш қиблаи олам донанд,
Гарди қадамаш сипеҳри аъзам донанд.
Ҳар дил, ки асарпазир набвад аз вай,
Ҳаққо, ки зи санги хорааш кам донанд.

Онон, ки сухан ба ҷодуӣ мегӯянд,
Ҳар як сухан аз тарки дуӣ мегӯянд.
Аз гул ту хабар пурсию мурғони чаман
Фарёдкунон туӣ-туӣ мегӯянд.

Фардо, ки ҳисоби моҷаро хоҳад буд,
Неку бади халқ бармало хоҳад буд.
Бар қадри амал агар ҷазо хоҳад буд,
Дар меъдаи дӯзах имтило* хоҳад буд.

Меъроҷи сууди хештан бояд буд,
Меҳроби суҷуди хештан бояд буд.
Баввоби ҳарими хештан бояд гашт,
Фарроши вуҷуди хештан бояд буд.

Ҳар субҳ дили файзталаб мебояд,
Дарюзаи нур аз дили шаб мебояд,
Эй зарра, чаро бесарупо мегардӣ?
Дар ҳазрати хуршед адаб мебояд.

З-ин бод, ки бар луҷҷаи асрор вазид,
Мавҷе заду гавҳар ҳама бар авҷ гузид.
Хон, зан набарӣ, ки хатти ман бенуқтаст,
З-анбӯҳии рамз нукта дар ҳарф хазид.

Ин қасри фиребанда ба таъмир расид,
Ё мамлакати ҳусн ба тасхир расид.
Бо айшу тараб бино шуд ин қасри шигарф,
Соле, ки навиди фатҳи Кашмир расид.

Эй ҳамнафасон, рӯ ба самовот кунед,
Раҳ дар ҳарами қиблаи ҳоҷот кунед.
Аз шавқи таҷаллиёти хуршеди азал
Бар Тури фалак шабе муноҷот кунед.

Ин қаср, ки ёфт бар лаби баҳр мадор,
Абрест сафед бар лаби дарёбор.
Не-не, ғалатам, агар зи ман мепурсӣ,
Дуррест, ки андохта дарё ба канор.

Ин ҳавз, ки аз зулоли раҳмат шуда пур,
Кам нест зи обутоб аз чашмаи хур.
Пур нодира ҷавҳарест обаш, ки намуд
Бар сабза зумуррадвашу бар санг чу дур.

Чун шоҳ ба шарқ кард оҳанги сафар,
Гардид фазои баҳру бар пурлашкар.
Дар бар чу надошт лашкараш гунҷоиш,
Ниме раҳи баҳр рафту ниме раҳи ҷар.

Чун шоҳи фалакқадр ба ҳангоми саҳар
Аз сидқ кунад ба сӯи хуршед назар,
Рав, мусҳафи тавҳид кушо дар ихлос,
Ҳозо раббӣ бихону ҳозо акбар.

Он шоҳи худопарасти хуршедшинос,
К-айём ба рӯзи тори худ дӯхт либос,
Ҳар гоҳ ниҳод тоҷи заррин бар сар,
Қад ашрақата-ш-шамсу ало самти-р-рос.

Эй рӯҳи ту бехабар зи асрори нуфус,
То кай сухан аз Арастуву Батлимус?
Онро, ки аҷал меъдаи ӯ фосид кард,
Муслиҳ набувад гувориши Ҷолинус.

Ё Раб, зи иноят назари хосам бахш,
Ҷоне ба ҳарими шавқ раққосам бахш.
Ҷинсе зи чаҳор сӯи эҳсонам деҳ,
Бӯе зи чаҳор сӯи ихлосам бахш.

Ин хонақаҳе, ки суда бо чарх сараш,
Фармуда бино подшаҳи баҳру бараш.
Таърихи биност «Хонақоҳи Акбар»,
«Дарвозаи хонақоҳ» таърихи дараш.

Онон, ки нишастанд ба зилли* аламаш,
Бастанд тарози дин зи зайли карамаш.
Буданд муқими остони ҳарамаш,
Рафтанд раҳи сидқ қадам бар қадамаш.

Субҳ асту хур аз даври уфуқ пардашикоф,
Домони фалак зи гарди анҷум шуда соф.
Бархезу бибин ба рӯи фархундаи даҳр,
К-оинаи хуршед баромад зи ғилоф.

Аз юмни замони шоҳи арбобсулук
Сад шукр, ки шуд роҳи шариат маслук,
Мардум ҳамагӣ рӯй ба шаръ оварданд,
З-он рӯй, ки анносу ала-д-дини мулук.

Эй гуфта қадамгоҳи адабро лаббайк,
Гар нашносӣ мақоми фалъазму алайк,
Зинҳор қадам зи натъи кавнайн бикаш,
Гар воқифӣ аз бисоти фахлаъ наълайк.

Аллоҳ акбар, зиҳӣ Худои мутаол,
Хуршеди ҷамолаш эмин аз бими завол.
Ҳарфаш зи хати ақл бурун, азза ва ҷалл,
Кунҳаш* зи ҳади фикр бурун, ҷалла ҷалол.

Моем дар ин доираи ваҳму хаёл
Паргоркушои ҷадвали нақсу камол.
Дилро гираҳи ишқу сутурлоби шуҳуд
В-андар назари мухтасарон сангу сафол.

Файзӣ, зи худию худпарастӣ бигусил,
З-ин кӯтаҳию дароздастӣ бигусил.
З-он пеш, ки банд-бандат аз ҳам гусилад,
Дасте зану мӯ ба мӯи ҳастӣ бигусил.

Сад шукр, ки омад ба ҳазорон икром
Нақши қадами муқаддаси хайри аном*.
Фархунда шуд аз мақдами хайраш айём,
Таърихи қудуми ӯст «хайруликдом».

Ё Раб, ман агар маст в-агар ҳушёрам,
Гар хуфтаи ғафлатам в-агар бедорам,
Ҳангоми ҷазо чу бо ту афтад корам,
Бар нийяти ман бибин, на бар кирдорам.

Он мунтахаби рисолаи илми қидам,
Дебочаи дилкушои феҳристи карам.
Нохонда саводи ғайбро равшан кард,
З-он пеш, ки бар лавҳ ниҳоданд қалам.

Ё Раб, зи камоли маърифат маҳҷурам,
Дар роҳи маҷоз аз ҳақиқат дурам.
Чун тоати ту натиҷаи маърифат аст,
Гар ҷумла гуноҳ кардаам, маъзурам.

Онам, ки ба кӯраи тамаъ хам накунам,
Шоҳини тарозуи назар дам накунам.
Килкам, ки дуруст кори ман чун зар аз ӯст,
Нархаш зи гиёҳи кимиё кам накунам.

Он нест, ки мо арзу само нашносем,
Сирри қадару рози қазо нашносем.
Ин ҳажда ҳазор оламу он чи дар ӯст,
Нашнохта беҳ, агар туро нашносем.

Омад шаби ид, рӯ ба хаммор кунем,
В-аз бода илоҷи дили бемор кунем.
То кай сӯзад гулӯи мо шарбати қанд?
Имрӯз ба оби талх ифтор кунем.

Ё Раб, ба сафои субҳи исонафасон,
Ё Раб, ба фурӯғи шоми мӯсоқабасон,
Абри карамат чу файз бахшад найсон,
Як қатра аз он файз ба Файзӣ бирасон.

Ширинқаламони нусхаи кавну макон,
Рангинрақамони ҷадвали нутқу баён.
Роҳу разияллоҳу таоло анҳум,
Ло зола алайҳиму-с-салоту-р-раҳмон.

Ин қасри дилафрӯз бибин ҷилвакунон,
Ҳар равзанааш бар осмон хандазанон.
Бинмуд гаҷи тоза ба ҳар девораш,
Чун сандали тар бар бадани симтанон.

Хоҳам ба ту арзи бенавоӣ кардан,
Нолидану бахтозмоӣ кардан.
Ҳарчанд ки шоҳ бе талаб мебахшад,
Шарт аст дар ин роҳ гадоӣ кардан.

Эй ҳарфнигори лавҳи пешонии ман,
В-эй пардакушои рози пинҳонии ман,
Донам, ки зи нодонии худ нодонам,
Донӣ, ба чӣ ҳад расид нодонии ман.

Эй дида, либоси хусрави воло бин,
Дар хилъати яктоии он якто бин.
Дар ҷилва ба хилъати сафедаш бингар,
Хуршеду сафедаи саҳар якҷо бин.

Ин лавҳи муқаддас ба дили огаҳ бин,
Аз нуқта забони қаламаш кӯтаҳ бин.
Дебочаи Ло илоҳа иллаллаҳ хон,
Унвони Муҳаммадун расулуллаҳ бин.

Эй шӯри дилам аз лаби чун шаккари ту,
Саргаштагиям зи кокули абтари* ту.
Хоҳам, ки ҳамеша аз сари нозу ниёз
Ту дар бари ман оию ман бар дари ту.

Он рӯз, ки карданд шумори ману ту,
Бурданд зи даст ихтиёри ману ту.
Фориғ бинишин, ки корсози ду ҷаҳон
Пеш аз ману ту сохта кори ману ту.

Эй он ки туӣ моили иншо ҳама гоҳ,
Хоҳӣ, ки шавӣ ба илми иншо огоҳ,
Аз хомаи ихтироъ мактубе чанд
Иншо кунам аз баҳри ту, иншоаллоҳ.

Моем ба лаб суханфурӯш афтода,
Ҳар сӯ зи забони мо хурӯш афтода.
Осуда касе, ки хамчу ханҷар ба миён
Бо теззабонист хамӯш афтода.

Ё Раб, қадаме ба роҳи тавҳидам деҳ,
Шавқе ба ниҳонхонаи таҷридам* деҳ.
Дилбастагие ба сирри таҳқиқам бахш,
Озодагие зи қайди тақлидам деҳ.

Ё Раб, зи карам умеди бебимам деҳ,
Илме ки ризои туст, таълимам деҳ.
Торикии ақл дар кашокаш дорад,
Аз шамъи ризо фурӯғи таслимам деҳ.

Ё Раб, зи саодати абад роҳам деҳ,
Бедории давлати саҳаргоҳам деҳ.
Равшан дили аз хештан огоҳам деҳ,
Як ламъа зи талъати шаҳаншоҳам деҳ.

Султони русулсипоҳ, шоҳи қарашӣ,
Моҳи аламаш шуҳра ба хуршедвашӣ.
Ҳарчанд набуд соя ӯро, лекин
Чун соя ба ӯ буд Билоли Ҳабашӣ.

Аз ҷону дилу димоғу хуну рагу пай,
В-аз шаҳду гулобу шарбату шаккару май
Ҳар зарра, ки бингарӣ зи хуршеди азал,
Файзест ба қадри қобилийят дар вай.

Субҳоналлаҳ, зи фарти бетимсолӣ,
Зоташ бувад аз соҳати дониш олӣ.
Як қатра зи файзи ӯ наёбам маҳрум,
Як зарра зи нури ӯ наёбам холӣ.

Файзӣ, сухан аз афъалу тафъал чӣ кунӣ?
Ноқис наӣ, аз саҳеҳу муътал* чӣ кунӣ?
Чун нуктаи арбоби яқин мухтасар аст,
Тадқиқи мабоҳиси мутаввал чӣ кунӣ?

Он зот, ки ақл аз ӯ нишон дид, наӣ,
В-он нур, ки дидаи гумон дид, наӣ.
Ҷуз нур наӣ, вале чу некӯ нигарам,
Нуре ки бад-ин дида тавон дид, наӣ.

## МУФРАДОТ

Нест қадам, ки сар кунам бодияи фироқро,
Нома ба бол бастаам тоири иштиёқро.

Навиштаанд ба дебочаи шамоили мо,
Ки захми теғи шаҳодат шавад ҳамоили мо.

Аз авҷи муҳаббат чӣ хабар булҳавасонро,
Парвози малоик набувад сагмагасонро.

Имрӯз касе нест ба дилдодагии мо,
Эй хоки ҷаҳон бар сари афтодагии мо!

Хаташ аз доираи хол бадар кард маро,
Ҳаракоти хуши ӯ зеру забар кард маро.

Дар ишқи бутон чун биравад ҷон зи тани мо,
Аз риштаи зуннор бидӯзӣ кафани мо.

Зи ҳар суду зиён фориғ ба худ доранд савдоҳо,
Шарибту-р – роҳа би-л-ақдоҳи аҳлоҳо ва асфоҳо.

Рӯзе, ки ёфтем ба каф зулфи ёрро,
Барҳам задем силсилаи рӯзгорро.

Ниҳодӣ аз сари ёрӣ қадам бар фарқи мо, ёро,
Ба ташрифи қудуми худ мушарраф сохтӣ моро.

Мерасад хоби аҷал мушкил, ки бинам ёрро,
Дидаи бедор бояд давлати бедорро.

Бибин ба гирди ҷаҳон ин кабуд торамро,
Магар ба нил фурӯ бурдаанд оламро?!

Ваҳ, ки шуд хонаи умрам зи дилу дида хароб,
Гарчи маъмурии манзил бувад аз оташу об.

Эй ду чашмат дуздии дил карда хуб,
Хайли мижгонат ҷавосисулқулуб.

Бар рухи худ макун аз зулф ниқоб,
Ки нахоҳам сари як мӯй ҳиҷоб.

Дар майкада имрӯз на ҷому на шароб аст,
Инҳо ҳама аз муҳтасиби хонахароб аст.

Имшаб ба худам хаёли ҷанг аст,
Ман аз дилу дил зи ман ба танг аст.

Ҳеч кас дар гулшани олам дили хуррам наёфт,
Дардро дармон надиду захмро марҳам наёфт.

Хатте, ки туро бар он изор аст,
Чун хатти муаддилуннаҳор аст.

## НАШИДУССАФИР

Расидам зи гулгашти улвӣ хиромон
Ба як даст фирдавсу як даст девон.
Чи фирдавс, к-аш баст хонад муҳаққиқ
На шаҳватгаҳи ошиқу ҳуру ғилмон.
Хутути шуъоъӣ ба чашми кавокиб,
Фароҳам ба ҷорӯбии гарди майдон.
Чӣ майдон, ҳама арсаи чашму дида,
Ғубораш ҳама зарраҳои дилу ҷон.
Пайи дурбоши ҳуҷуми малоик
Ба каф шохи тӯбӣ алам карда Ризвон.
Ба тифлони шашмоҳа ин поя набвад,
Ман ин раҳ чиҳилсола бурдам ба поён.
Навардидам ин роҳ манзил ба манзил,
Ҳама кӯҳ-кӯҳу биёбон-биёбон.
Забон чарбу ширин дар ин роҳ кардам
Ба лавзинаи фақру гулқанди ҳирмон.
Гаҳе бурда маҳмил ба ҷонҳои ғамгин,
Гаҳе карда манзил ба дилҳои вайрон.
Ҳама роҳ ҷаммозаи фикратамро
Нишебу фарози дилу дида яксон.
Ҳарифон на бо ман, ба ҷуз рӯҳи қудсӣ,
Рафиқе на бо ман, ба ҷуз файзи Яздон.
Нафас аз тароши ҷигар карда луъбат,
Сухан аз хароши гулӯ карда сӯҳон.
На бо ин ду по қатъи кавнайн кардам,
Ки судам дар ин раҳ дусад пои мижгон.
Нигориш кунам з-ин сафар саргузаште,
Тарозам ба дебочаи сидқунвон.
Ба фарқам чӣ овард реги фаёфӣ
Ба чашмам чӣ карданд хори муғелон?
Чу аз нуҳсаду панҷаҳу чорумин син
Даромад шаби панҷум аз шаҳри шаъбон,
Шаби саъд-мисдоқи аллайлу ҳаблӣ.
Дар анҷум нишони шакарханди вилдон*.

Саодатфишон аз уфуқ Ҳут толеъ,
Дар ӯ Муштарӣ ҳамчу шамъи дурахшон.
Ту гуфтӣ, ки моҳӣ фурӯ бурда гавҳар,
Ту гуфтӣ, дар абрӯ бувад чашми ҷонон.
Самовотро тугмаи нур дар зеҳ,
Саодотро гӯи давлат ба чавгон.
Муҳандис тарозуи хуршед дар каф
Атийёти* * аҷромро монда авзон.
Расад банд бархонда ҷадвал ба ҷадвал,
Назарҳои саъд аз тақовими аквон*.
Ба каффулҳазиб осмон файз бар каф,
Ки резад бад-ин осмони шабистон.
Ба тартиби масъуд автод* қоим
Ки хоҳам ба ҳаблулматин* баст домон.
Қамар зоидуннур, к-аз нури биниш
Тавонам масире ба такмили нуқсон.
Баҳорони Ҳинду ҷаҳон дар тароват,
Саҳоб* аз ҳаво рашҳаи файз борон.
Зи ҳар қатраи абр сад мужда, к-имшаб
Чу Файзӣ гуле медамад з-ин баҳорон.
Симоти* карам густаронида ҳастӣ,
Ки меояд аз ғайб шоиста меҳмон.
Ҷаҳоне ба наззораи самти соҳил,
Ки меғалтад аз баҳр луълуи ғалтон.
Фишонда бар офоқиён остине,
Сари худ баровардам аз нуҳ гиребон
Ҳамон дам гиромӣ падар, мадда зиллаҳ,
Ба гӯшам фурӯ хонд гулбонги имон.
Пайи номи ман фол зад рӯзи ҳафтум,
Ки шуд ҳафт кавкаб ба фарқам гулафшон.
Аён дида дар ман фуюзи* илоҳӣ,
Ҳам аз саҳму толеъ, ҳам аз кашфу виҷдон.
Абулфайз номам ниҳод аз тафаъъул,
Зи файёзи кул баҳри ман хост файзон.
Чӣ хунобаҳо дар раҳим нӯш кардам,
Ки хунам бадал гашт бо шири пистон.

Ба гаҳвора чанде фазо тахтабандам
Бипарварда бо лобаву лаъби сибён*.
Пас аз рӯзгоре зад устоди чобук
Ба гӯши шуурам даволи* дабистон.
Кадом устод, он муҳити маориф
Ки дурри маро сулби* ӯ буд уммон.
Магар баста бо Хизр паймони суҳбат,
Ки дар умр Нӯҳ асту дар илм тӯфон.
Зиҳӣ пардадори румузи ду олам,
Ки бинад аҳадро дар аснои иснон*.
Зиҳӣ, карда таълим мастони дилро
Зи ташреҳи акбоду* таршеҳи аҷнон.
Фуюзи маориф аз ӯ бурда эълон,
Фазои ҳақоиқ ба ӯ дида иқон*.
Чӣ ганҷури маънист, к-андар ҳақиқат
Дили ӯст ганҷу дами ӯст суъбон*.
Дар он эҳтимомаш, ки аркони дониш
Ниҳад дар тарозуи ман санги руҷҳон*.
Бар он ҳимматаш карда бозуи қудрат,
Кашам гавҳари назму наср аз ду мизон.
Нахустам алиф карда таълим, яъне,
Ки аз ростӣ шуд алиф тоҷи инсон.
Ҳазорон алиф шуд улуфи маонӣ,
Диловези ботин ба талқини иқон.
Фурӯ хонд аз ваҳдат арқоми касрат,
Ки алфи алиф буд дар асли ваҳдон.
Намуданд печу хами сарфу наҳвам,
Ки аз савту ҳарфаш хирад чида дуккон.
Даромад ҳама наҷм-наҷмам ба ботин
Зи тафсиру таъвили оёти Қуръон.
Шунидам аҳодиси олимаонӣ,
Ки донистамаш тавъами ваҳйи субҳон.
Усулу фуруъу улуму ҳақоиқ
Намудам нигориш бар ин лавҳи алвон.
Ба ақлу ба нақл он чи шуд мадраки ман,
Ба таҳқиқу тақлид гаштам варақхон.

Нафасқои шофӣ, ки зад пури Шофеъ,
Наъими яқин, к-омад аз пури Нуъмон.
Шудам фитна бар ихтилофи мазоҳиб,
Фурӯ рафтам андар тасорифи адён.
Фурӯғи ҳидоят ҷудо сохт як-як
Тасовири Ҳақ аз тамосили* бутлон.
Бар он дошт доно, ки чашме кушоям
Дар атвори афкору анҳои* азҳон.
Дароям ба майдони мардони ҳикмат,
Бибинам ба ҷавлони он гармайдон.
Чӣ диданд борикбинони Бобил,
Чӣ хонданд равшандарунони Юнон.
Аз ин ҳафт ҷадвал чӣ хат гашт пайдо,
В-аз ин чор гулшан чӣ гул монд пинҳон.
Назар кардам андозаи кунҳи ашё
Ба микёси ҳуҷҷат, ба қистоси* бурҳон.
Фурӯ рафтам андар ҳавосу табоеъ,
Шудам воқиф аз рабти арвоҳу абдон.
Чӣ бошад набарди мараз бо табиат,
Ки хонад ҳакими табииш бурҳон.
Чӣ сирр аст дар ихтилофи аносир,
Ки номаш ниҳанд истиқосоту аркон.
Чӣ ҳикмат бувад дар маволиди унсур,
Ки баъд аз ҷамоду набототу ҳайвон.
Ҳисоби сутурлоб кардам, ки бино
Падид орад аз суқбаи* арзу булдон.
Гузаштам бар адвору кардам тааммул
Ба таҳрики автоду иқоъи* алҳон.
Чаро васфи ҳайвон зи нахл аст зоҳир,
Чаро мунтаҳои ҷамод аст марҷон?!
Кадом аст ақли кулу нафси куллӣ,
Ҳаюло* чаро аз сувар ёфт эълон?!
Дар амроз кардам назарҳои шофӣ,
Ба ташреҳ мондам қадамҳои имъон*,
К-аз ин ҳастии нақш бастам ба фикрат
Зи атвори адвори ин гӯи гардон.

Шудам маҳмили шавқро рокиби тиб,
Ки дидам ба мантуқ ал-илму илмон.
Чу сарсар ба реги равон з-ин фаёфӣ
Бар ашколи рамл омадам нуктарезон.
Зи ҳар ҷунбиши килки мубдеъ, ки карда
Ба таҳрики як нуқта инкиси* лаҳён.
Чу сарсар ба реги равон з-ин фаёфӣ
Бар ишколи рамл омадам нуктарезон.
Басе сар ниҳодам ба курсии зону,
Басе даст мондам ба зери занахдон.
Танидам бар ин сафҳаи анкабутӣ,
Нишастам чу дар ҳуҷра аз хеш урён.
Аз ин илми касбӣ нашуд сер чашмам,
Пайи файзи ваҳбӣ назар монд ҷавъон*.
Тафосили илми илоҳию кавнӣ
Саросар намуд аз таолими тибён*.
Ба ҳиммат рафиқона кардам хитобе,
Ки: Эй баста бо дасти тақдир паймон,
Маро азми сайри маонист дар сар,
Биё ҳамраҳам то ба сарҳадди имкон.
Ҷавобам чунин гуфт, к-эй марди чобук,
Ки чун чарх дорад сарат майли гардон,
Манозилшиносони ин дашти ҳайрат,
Мароҳилнавардони ин роҳи паймон
Гузоранд худро ба гоми нахустин
Ба дилҳои ҷавъону ҷонҳои атшон*.
Ту худ ҳавдаҷи дида бар дил бибандӣ,
Пас он гаҳ кунӣ ҷилва чун гул бар ағсон*.
Туро наргиси дида ҳамхобаи гул,
Туро ғунчаи дил ҳамоғӯши райҳон.
Ба сад ҳасрати сина бурданд охир
Ба хок ин ҳавас чун ту мардум фаровон.
Надорӣ ба дил укдаи орзуе,
Ки анҷум кушоянд аз оби дандон.
Ҳарифе тавонад аз он бода мастӣ,
Ки бар ахгари дил ҷигар карда бирён.

Туро гар сари душманӣ нест бо худ,
Бикаш пои андеша аз байти аҳзон.
В-ар андарзи ман дар замират нагирад,
Ки дарди талабро накарданд дармон.
Маро ҳамнишин аст тавфиқи номаш,
Аз ӯ пурс к-ин орзу нест осон.
Зи тавфиқи ҳиммат, зи таҳқиқи иқбол
Ба нафсу ҳаво гашта дасту гиребон.
Хати роҳ бигрифтам аз шоҳи ҳиммат
Зи сатҳи замин то ба хуршеди рахшон.
Нахустин видоъи худ аз худ намудам,
Ҳавосу қуво монда дар раҳни аркон.
Дигар домани сурат аз даст ҳиштан,
Сари дил баровардан аз ҷайби аквон.
Яке гом пое задан бар таманно,
Дувум гом сар кардани роҳи ҳирмон.
Аз ин ҷо ба даргоҳи тавфиқ рафтам,
Ба бонге баландам фаро гуфт дарбон,
Ки эй навсафар, кистӣ? Чист ҳолат?
Ки мебинамат музтарибрангу ҳайрон.
Дар ин тангбозор чун по ниҳодӣ,
Бирав, к-ин на ҷоест, к-ой бад-ин сон.
Ман аз гуфти дил сар напечам зи доман,
Маранҷ аз ману хештанро маранҷон.
Бад – ӯ гуфтам аз раҳнамунии ҳиммат
Ҷабини талаб кардам он ҷо хайафшон.
Бигуфто, ки бо ин ҷаноҳи* далерӣ
Чӣ ном аст? Мурғи кадомин гулистон?
Давиданд ҳуҷҷоби* даргоҳи воло,
Ки девонае гашта занҷирҷунбон.
Бигуфтанд, к-аз худ чунин месарояд,
Ки ман Файзиям, мазҳари файзи Яздон.
Зи ҳиндинажодони ҷодутарона
Назад хуштар аз ман навои Хуросон.
Маро хона чун соқи арш аст муҳкам,
Маро сина чун сатҳи курсист рахшон.

Кашад сандалам бар ҷабин хоки Деҳлӣ,
Занад арғанун бар дамам боди Шарвон.
Ҳама рашҳаи килки ман бар саҳоиф
Чу бар гул таровидани абри найсон.
Фурӯ рафта ситам ба гӯши муаззин,
Бипечида савтам ба ноқуси руҳбон*.
Муноҷотиён хонда насрам ба наъра,
Хароботиён гуфта назмам ба дастон.
Ҳавас монда дар печу тоби хаёлам
Чу дар зулфи тарсо дили пири Санъон.
Нидо кард, к-эй марҳабо! Хайри мақдам!
Лака-л-иззу ва-л-фазл фӣ кулли аҳён,
Бирон, то бурун оварад гуна-гуна,
Ки бошад адими заминро дар анбон.
Саросема лаббайкгӯён давидам,
Чароғи назар машъали он шабистон.
Ниҳодам қадам бар қадам ҳамраҳи гард,
Гузаштам тутуқ бар тутуқ* то ба девон.
Бар он тахт биншаста ҳамчун хадеве,
Дар эҷоди ӯ осмон буд гардон.
Чӣ айвон, яке осмони муқарнас,
Чӣ қасри назар, курсияш аршбунён.
Дар он қаср бинҳод авранги* иззат
Мукаллал ба тарсеи ифзолу* эҳсон.
Бар он тахт биншаста воло хадеве,
Зи пешонияш партави нур тобон.
Қазо бар ямину қадам бар ясораш,
Симохи адаб ёр бо сити фармон.
Саодат ба иқболи дастури аъзам,
Хирад бо ридои шараф садри девон.
Ба рӯзу шабаш партавафкан ҷаҳонро
Шумуси* яқину қанодили ирфон.
Расидам фаро пешу аз бозуи дил
Кашидам дар оғӯши уммед хандон.
Бурун ҷаст тавфиқу биштофт берун
Зи роҳи пазира ба ансору аъвон*.

Ба ман гуфт, к-ин ҷо ту ҳам шод биншин,
Ба оби талаб шуълаи шавқ биншон.
Нишастам бар он муттакои саодат
Ба сад биму уммед тарсону ларзон.
Ба чашми пуралмосу ҷони пурозар
Задам ҳарфи дармону носури армон.
Ба ман гуфт, к-эй бандаи хоси Эзад,
Ки мулки адабро туӣ айну аъён,
Бигуфто: Ҳаниян лак, ин орзуест,
Насиби туро тангзарфист аз хон.
Гарат ин таманнои волост дар сар,
Биё, муътакиф шав ба даргоҳи султон.
Басомон дар он арсаи комронӣ,
Ки гардад сари орзуят басомон.
Рухаш дидаму гуфтам: Аллоҳу акбар,
Таоло мусаммоту мин рифъати-ш-шон.
Ҷалолу ҷамоли ҷаҳон шоҳ Акбар,
Ки ҳам нури субҳ асту ҳам зилли субҳон.
Шаҳи ҳафт кишвар, имоми чиҳил тан,
Маҳи нуҳ муқарнас, гули чор бустон.
Дар он ҷо, ки ҳаддоди* адлаш нишинад,
Тавонад, кунад ҳифзаш аз шиша сандон.
Тавонад ба даври шубонии додаш
Ҳамал шона созад зи дандони гургон.
Сазад, боздорад ниҳебу шикӯҳаш*
Замону заминро зи таҳрику искон,
Барад ҳушёрии ақли разинаш*
Зи паймонаи чархи бадмаст идмон*.
Ба худ дарнагунҷам зи файзе, ки омад
Навол аз рабеъу кафидан зи руммон*.
Зи ситаш мазомири ишрат мусавват
Зи файзаш басотини уммед райён*.
Чу хобида дар пардаи чашми афваш
Ҷароим зи бурқаъ ба ҷилбоби китмон*.
Гарав бурда дар дидаи мулку давлат
Ғубори сипоҳаш зи куҳли Сифоҳон.

Ҳама хаййи пешониям дурри Баҳрайн,
Ҳама сели ашкам чу ёқути сайлон.
Бувад номи волояш он Исми аъзам,
Ки зери нигин карда мулки Сулаймон.
Ба номи барин шоҳи маънии ваҳдат,
Ки бар ғайри ӯ номи шоҳ аст буҳтон.
Касеро, ки дар дил ҳавояш нагунҷад,
Бипечад уруқаш* чу афъии печон.
Хутути шуои маҳ аз бими адлаш
Гиреҳ карда хуршед бо тори каттон.
Заминро амину замонро амонӣ
Ба бахти ҷаҳонгиру адли ҷаҳонбон.
Ба ҷаззобии эътикофи ҷанобаш
Ҷаҳоне гузин карда ғурбат бар автон*.
Шаҳони ҷаҳонро ба ӯ нест нисбат,
Ба хуршед анҷум набошанд ақрон.
Зи абри карам кишти ҷонрост хирман,
Зи тухми сахо арзи дилрост деҳқон.
Вуҷудест комил, ки дар чашми биниш
Ҳам инсони айн асту ҳам айни инсон.
Ҳам аз тоби абрӯи ӯ вахми Қайсар,
Ҳам аз чини пешонияш бими Хоқон.
Ба иззат нигаҳдори қонуни Батҳо,
Ба ҳиммат ногаҳбони номуси аднон.
Зи дороии Юсуфи Мисри ҷудаш
Муаббид* Зулайхои ҳасрат ба зиндон.
Сахояш масун* аз табоҳӣ чу чашма,
Атояш бурун аз тааддуд* чу борон.
Асоси қавонини ақли баландаш
Қавипоятар аз биноҳои ҳирмон.
Ба ақлу хирад карда гетӣ мунаввар,
Ба доду диҳиш карда олам гулистон.
Ба давраш набинӣ рухе тар зи гиря,
Ба аҳдаш наёбӣ лабе хушк з-афғон.
Наборидӣ абре, нарустӣ гиёҳе,
Ҷаҳонро агар ин набудӣ ҷаҳонбон.

Аз он ҷо, ки бо куфру дин сулҳ дорад,
Ба пешаш чи кофар, чи муғ, чи мусалмон.
Ба бахташ қазо бо қадар карда байъат,
Ба аҳдаш азал бо абад баста паймон.
Яке рӯз бо толеи саъди гетӣ,
Яке рӯз бо ахтари бахти даврон.
Зи як сӯй мардум зи адлаш дуогӯй,
Зи як сӯй Эзад зи шарраш нигаҳбон.
Ба чоҳи каёнию қадри қубодӣ,
Ба дайҳими Кисрову бо тахти Хоқон,
Кулаҳгӯшаи хусравӣ баршикаста,
Чи бар шоҳи Эрон, чи бар хони Турон.
Талаб кард ман-бандарову барафрошт
Сарамро зи қадр аз бари авҷи Кайвон.
Давидам ба сар то дари пешгоҳаш,
Ки бошад пасин пояаш ин нуҳ айвон.
Саре пур зи саҷда, лабе пур зи бӯса,
Хаёли саноҷӯ, забони санохон.
Чӣ фармуд, гуфт: Эй Аблуфайзи Файзӣ,
Аз ин ҳазрат омад дигар бар ту фармон,
Ки сӯи Дакан гарм созӣ инонро,
На дарё шиносӣ, на кух, на биёбон.
Набинӣ, ки Бурҳони бешарму озарм,
Ки ҳам дарди хеш асту ҳам офати ҷон.
Ба тоат саре мефарозад ба саҷда
Ва ё гардани каҷ гузорад ба туғён.
Гар аз бандагон аст, бинвозаш аз шаҳ
В-ар аз тоғиён аст, шав теғи буррон.
Туро з-он бад-ин ҳукм дорам ишорат,
Ки ҳам марди базмию ҳам марди майдон.
Фарас гарм кардан кӣ донад? Диловар,
Сухан нек гуфтан кӣ донад? Ҳамадон.
Пазирои хидмат зи кохи шаҳаншаҳ
Ҷабинро қафо карда рафтам шитобон.
Ба ҳадди Дакан чун фарас гарм кардам,
Ҷанибат кашиданд ашрофу аъён.

Чӣ ҳосил зи хурмо кашидан ба Басра,
Чӣ суд ояд аз зира бурдан ба Кирмон?
Расидам ба мулки Дакан шоду хуррам
Ба васли нигорону фасли баҳорон.
Сабо хурда мебехт бар оби Халлух,
Чаман ханда мерехт бар хоки Канъон.
Зи гулгунии лолаҳои шукуфта
Ҳама кӯҳҳо пур зи лаъли Бадахшон.
Чу дасти маломатгарони Зулайхо
Кафи гул ба сад пора дар Мисри бустон.
Ҳама лоларо анбари тар ба ҳован,
Ҳама ғунчаро хурдаи зар ба ҳамён.
Ба зангоргун сабза печида сунбул
Чу бар сабзаи сабз тавқеъи райҳон*.
Ба оини шоиставу тарзи фаррух
Хирадманди давру худованди даврон.
Ба ишрат сар афрохт Бурҳон, ки омад
Баромад ба расми пазиро ба сомон.
Баророст боғе ба буъди ду фарсах,
Бипирост базме ба қурби ду майдон.
Ҳам аз лолаву гул, ҳам аз хаззу аксун
Баҳори чаманро талаввун дучандон.
Ба садраш яке фарш аз зар фикананд
Ситоишкунону ситоишнамоён.
Аз аввалсухан гуфтам аз молу давлат
Дигар аз дари ҳикмату илми Юнон.
Ба дастам бибурду бад-он ҷой биншонд,
Ки гӯӣ бари хулд аз он гашт урён.
Зи ҳар гуфтанӣ ҳар чӣ боист, гуфтам,
Ки эй носазо марди качхӯю каҷдон,
Агар лутфи шаҳ поймардат* набудӣ,
Куҷо мушти хокет медод Яздон?
Ҳам аз наҳси ахтар, ҳам аз гашти гардун
Бибудӣ ба ту толеъу бахт товон.
Магар марги ту бар ту кардаст шеван,
Магар теғи ту бар ту гаштаст гирён?

Ба мулки чунин бо ҷаҳондори гетӣ
Барои чӣ кӯрӣ, мабош аҳли хизлон*.
Ба доде касе барнаёяд ба довар,
Зи ноне касе рӯ натобад зи маннон.
Макан хонаи хештанро ба нохун,
Мазан ханҷари марги худро бар афсон*.
Магир он равиш дар итоат, к-аз ин раҳ
Нишинад ба пироҳанат гарди исён*.
Мабош аз фиреби бадандеш ғофил,
Шунидӣ, бар Одам чӣ овард шайтон?
Зи таъриху аз ҳикмати ҷангу новард
Шуниду напазруфт он нопушаймон.
Набахшид бар хешу бар давлати хеш,
Ситам бин, ки бар хеш кард он ситамрон.
Ба дафъу ба қамъаш* зи гурдони якдил
Бигардида дар арсае гармҷавлон.
Зи ногоҳ садмарда марди мубориз
Биянбошт бо афсараш гарди якрон.
Чунон рехт бар хок тоҷу сарираш,
Ки гӯӣ, ки бо хок будаст яксон.
Бале, он ки бо бахту давлат ситезад,
Бале, он ки печад сар аз аҳду паймон,
Ба иқболмандӣ чунин сар барорад,
Дарояд зи по, гар бувад чархи гардон.
«Нашидуссафар» номи ин нома кардам,
Ки бошад зи ман армағоне ба ихвон*.
Намудам ҳисобаш ба соли чаҳорум,
Ниҳодам ба наззорагоҳи ҳазорон.
Ба як суй тавфиқу як сӯй ҳиммат,
Сухан хатм кардам, алаллоҳи туклон.

## ДАР СИФАТИ ХУД

Шукри Худо, ки ишқи бутон аст раҳбарам,
Дар миллати бараҳману дар дини Озарам.
Бут чист? Рух нигошта маънии дилписанд,
К-андар калисиёи замир аст музмарам.
Устоди барҳаман, ки ба бутхонаи хаёл
Дар саҷдаи ҳузур фуруд оварад сарам.
Зуннори мӯйпечи хутути мусалсалам,
Ноқуси нағмахези давоти муанбарам.
Дар сӯминоти фикру санамхонаи хаёл
Руҳбони бутпарастаму усқуффи бутгарам.
Покии ишқ бин, ки дилу дин рабудаанд
Килку қалам зи сарвқадони суманбарам.
Симоби рамзу талқи маонию мисси лафз
Ҳал кард оташин нафаси кимиёгарам.
Дар кунҷи фикр оташи мӯсомуониқам,
Дар роҳи ҳарф боди масеҳотаковарам.
Мизмори* маҳфили ҷабарут аст хомаам,
Қонуни маҷлиси малакут аст мистарам.
Бо Хизр ним қатра напаймудаам, вале
Оби ҳаёт мечакад аз хомаи тарам.
Гар нӯги хомаам нашавад хушк, бингарӣ,
Домони рӯзгор пур аз нахли навбарам.
Дасти тахайюлам чу дари осмон занад,
Созанд дар ҳазор маонӣ муҳайярам.
Оина мебарад нафаси ман, ки қудсиён
Сад нома бастаанд ба боли кабӯтарам.
Аз субҳ бурдаам ба дури оташин гарав,
Ҷуз офтоб нест дар ин қисса доварам.
Дар баҳри маърифат, ки канораш падид нест,
Мардона бар сабӯи дили худ шиноварам.
Лоеҳ* бувад лавомиъи қудс аз ҳадиси ман,
Ҷавҳарнамои оинаҳои Сикандарам.
Бар атри ман бирақс, ки берун кашидаам
Аз нофи оҳувони ҳарам мушки азфарам*.

Роям бувад сиҷинҷили маҳпайкарони ғайб,
Дар дасти рӯзгори худоро на дарх(в)арам.
Ҳарфам бихон, ки руқъаи ин лавҳи нуҳхатам,
Нақшам бибин, ки муҳраи ин дайри шашдарам.
Нақшест дӯстӣ зи тасовири фитратам,
Маддест ростӣ зи мабодии* дафтарам.
Бар остони қудс гадои муайянам,
Бар хони ғайб ротибахори* муқарарам.
Нашнохта рисолати байтулхаёли ман,
Меъмори гил магӯй, ки баннои мармарам.
Бо нури табъ бар уфуқи илм кавкабам,
Бо фаҳми рост бар фалаки фазл меҳварам.
Бо диққати хаёл дараҷсанҷи ториқам*,
Бо фикрати баланд расадбанди ахтарам.
Паймудаам муҳаддаби* афлок сар ба сар,
Ҳарчанд уфтодаи чоҳи муқаъъарам*.
Азҳори қудсро чаманорои давҳаам*,
Аърози ақлро назарафрӯзи ҷавҳарам.
Дар сар маpост ақли Фалотуни хумнишин,
К-аз файзи ӯст олами маънӣ мусаввaрам.
Дар ҷадвали вуҷуд, ки нузҳатгаҳи сафост,
Мавзун ниҳоли фазл чу шаъри* Замашхарам.
Он нестам, ки будам аз ин пеш умрҳо,
Ҳайрони худ шавам, чу ба худ боз бингарам.
Моҳийяти дигар шудаам, к-андар оина
Тимсоли хеш менигарам, нест боварам.
Бар хӯрдаам зи ростии худ, ки кардаанд
Пайванд себу нор ба сарву санавбарам.
Наззораи чаман нагуворад ба чашми ман,
Бар сурию суман нашавад боз абҳарам*.
Дар зоҳир аз Калим маломатмухотабам,
Дар парда бо амомаи ҳикмат муваққарам*.
Хобам макун хаёл, ки аз айни ғафлат аст,
Гар пунбаҳои ҳуш бувад ҳашви бистарам.
Суратпараст, дар шабаҳи зоҳирам мабин,
Фазли мусаввар аст, ки дар ҷисми лоғарам.

Табъи далер дораму борикии хаёл,
Хун дар дили адӯст зи мӯи ғазанфарам*.
Аз осмон саре натавонад бурун кашид,
Ҳайрони ҳуққабозии ин ҳафт чанбарам.
Гар ахтарам далел бигардад ба дасти ишқ,
Бо ҳамраҳии реги равон роҳ биспарам.
Дар шоҳроҳи ишқ баланд аст мақсадам,
К-аз ошиқони ҳазрати хуршеди анварам.
Азхокбаргирифтаи Хоқони аъзамам,
Баросмонкашидаи Дорои акбарам.
Дар ҳазраташ ба зоҳиру ботин мукаррамам,
Дар давлаташ ба сурату маънӣ тавонгарам.
Аз файзи ӯст ин ҳама сероб гулшанам,
Дар базми ӯст ин ҳама лабрез соғарам.
Боғи фиреби чашми малак нақши хуштарам,
Атри димоғи рӯҳи қудус дуди миҷмарам.
Дорам хитоби хутбасароии мидҳаташ,
Пасту баланд сохта андеша минбарам.
Шоиста бебаҳо гуҳарам ганҷи шоҳро,
Лекин на гавҳаре, ки бигиранд дар зарам.
Рухсори ман зи холи дурангӣ муназзаҳ аст,
Алмоси абязам ману ёқути асфарам.
То ҳаст гавҳари суханам гӯшвори арш,
Мидҳатсарои тахту дуогӯи афсарам.
Дасти утуфаташ*, ки ба фарқам расида буд,
Дар корзори нафс ҳамон аст миғфарам*.
Фатҳ аст бар ҷунуди* мухолиф сафи маро,
К-аз хайли бандагони хадеви музаффарам.
Толеъ маро чу баста чу ба фитроки давлаташ,
Кас чун гумон барад, ки шикори муҳаққарам?
Мағзам пур аст аз намаки хони неъматаш,
Яъне, ки бо хулуси* ақидат мухаммарам.
Парвардаам ба моидаҳои наъими шоҳ,
З-он бо забони чарб чу лавзи муқашшарам*.
Ҳар бомдод қиблаи ман остони ӯст,
К-аз шавқи офтоби шараф рӯ ба Ховарам.

Ояд магар калиди саодат ба ҷайби ман,
Бар остона сисилабарпой чун дарам.
Дорам нитоқи* чокарию тавқи бандагӣ,
Дар ҳазраташ мабод ҷуз ин зебу зеварам!
Ҳиндустоние чу манаш банда айб нест,
Аз лашкарам, агарчи сиёҳии лашкарам.
Парвои осмон набувад ҳиммати маро,
Ҳамвора бод сояфикан чатри санҷарам!
Ҳарчанд қудватушшуароям, наям гадо,
В-ар худ гадо, гадои дари қасри Қайсарам.
Аз мадҳаш об ёфта теғи забони ман,
К-андар набарди маъракаи хасм сафдарам.
Иқболи ман мутобиқи мизони истивост,
К-аз боби инфиол гирифтанд масдарам.
Нақшу нигори даҳр надорад замири ман,
Бо лавҳи сода оинаи ҳафт кишварам.
Бепир нестам чу ҷавонони беадаб,
Шогирди наврасидаи устодпарварам.
Устоди ман касест, ки дар дарсгоҳи дил
Рӯзи нахуст ҳарфи адаб кард аз барам.
Баҳрест мавҷхез, ки аз ҷунбиши нахуст
Берун кашида аз садафи сулб гавҳарам.
Донӣ мубораку мутабаррик ба исму васф,
К-ифзолҳост аз баракоташ муяссарам.
Дарёи ҳиммат аст бар офоқ мавҷзан,
К-аз файзи ӯ чу абр ба зайли мутаҳҳарам.
Рӯзе, ки шуд зи батни бутун гавҳарам бурун,
Нуҳ баҳр фахр кард ба покии гавҳарам.
Нозам ба осмону замин, к-аз фурӯғи ақл
Нури ду чашми нуҳ падару ҳафт модарам.
Чандин ҳуқуқи дояи тавфиқ бар ман аст,
К-аз шири ӯст ин ҳама парварда шаккарам.
Аз ман ҳазор шамъ фурӯзад, ки дар насаб
Равшан шарорае, ки дурахшанда ахгарам.
Ҳар саҳфаам зи боди мухолиф паноҳ бод,
К-аз дудмони илм чароғи мунавварам.

Ҳут аст толеи ману з-ин толеи шараф
Чун ҳут дар шиноварии баҳри ахзарам.
Чун Муштарӣ ба хонаи худ буд мустақим,
Аз фазл тайласони шараф карда дар барам.
Аз майманатфишонии автоди арбаа
Маъруфи чор рукн ба некии маҳзарам.
Аз осмон расид Абулфайз номи ман,
То дар замона ном ба Файзӣ бароварам.
Дидӣ падар, чу зойчаи толеи маро,
Дарёфтӣ, ки файзи азалро чӣ мазҳарам.
Рӯзе, ки шуд сафинаи уммеди ман равон,
Ӯ бурд дар талотуми амвоҷ лангарам.
Дар вартае, ки киштии ман тахта-тахта шуд,
Чӯби асои ҳиммати ӯ гашт раҳбарам.
Дасти утуфаташ, ки ба фарқам расида буд,
Дар корзори нафс ҳамон аст миғфарам.
Аз гумраҳии ақл натарсам шаби шабоб,
Чун муҳтадӣ* ба шориъи шайхи Муаммарам.
Аз соҳибони фазлу ҳунар ӯст соҳибам,
В-аз сарварони илму адаб ӯст сарварам.
Ҳам илмҳо чу нукта бияндӯхт беҳадам,
Ҳам нуктаҳо чу мӯй биёмӯхт бемарам*.
Хуш давҳаест, борвар аз равзаи сафо,
Бодо ба сад шукуфаву гул соягустарам!
Бо инчунин падар, ки навиштам макоримаш,
Дар фазл муфтахар зи гиромӣ бародарам.
Бурҳони илму ақл Абулфазл, к-аз дамаш
Дорад замона мағзи маонӣ муаттарам.
Садсола раҳ миёни ману ӯст дар камол,
Дар умр агар аз ӯ ду-се соле фузунтарам.
Дар чашми боғбон нашавад қадри ман баланд,
Гар аз дарахти гул гузарад шохи аръарам.
Ҷое, ки аз баландию пастӣ сухан равад,
Аз осмон бузургтар, аз хок камтарам.
Дар ҳар мақом бо сифате мекунам зуҳур,
Дар баҳр агар наҳанг, дар оташ самандарам.

Чун деви хонасӯз наям оташимизоҷ,
Аз хоку боду оташу об аст пайкарам.
Тарсам, ки номи ман ба дурангӣ бароварад
Бар чеҳраи зарир сиришки муасфарам.
Гар нақши ман хатост, вале ҳарфи ман савоб,
Таънам мазан, ки мавриди ҳукми муқаддарам.
Дар қайди рӯзгор гирифториям мабин,
Урёнтан уфтода дар ин ҳафт чодарам.
Тӯтии нуктапарвари Ҳиндам, ки дар хаёл
Бо андалеби нағмазани Форс ҳампарам.
Товуси сидраҷилвадиҳи боргоҳи қудс
Нашносад аз сафири малак сити шаҳпарам.
Зоғони ҷифахори сияҳрӯзгорро,
То дар баробар аст фиғон, дар баробарам.
Ин он даовияст, ки бар соҳили муҳит
Хар бонг зад баланд, ки ман гови анбарам.
Ҳар гавҳари сухан, ки бараояд зи коми ҷаҳл,
Гар зарри ҷавҳарист, ба як ҷав намехарам.
Озор агар расад ба музаввир* зи ман, равост,
К-озодахотир аз суханони музавварам*.
Аз нақши тозиёнаи таъдиб камтар аст,
Бар фарқи мункирони сухан захми мункарам.
Табъи маро ғам аз дами ғӯлони дашт нест,
З-ин девбод чашма нагардад мукаддарам.
Бар издиҳоми муддаъиёнам чӣ илтифот,
К-аз баҳри хирмани хасу хошок сарсарам.
Теғи маро бараҳна наёбӣ, ки дӯхтанд
Аз синаи ҳасуд ғилофе ба ханҷарам.
Астағфируллаҳ! Ин чӣ газоф асту ин чӣ лоф,
Ғарқи арақ зи гармии табъи диловарам.
Ман аз куҷову арсаи чавгону ифтихор,
К-афтода зарравор ба ин гӯи ағбарам*.
Ҳар мӯи ман нишона сазад аз паи шумор,
К-аз нафси худ замоими ахлоқ бишмарам.
Хоки ҳарам ба носияи тоатам, вале
Дорад нишони сандали бут ҷисми кофарам.

Бар гирди лаб дами малакӣ удсӯзи рӯҳ,
Ҳаст аз дарун забоназанон нақши аждарам.
Поям ба гил фурӯ шуда, то фаршу аршиён
Сад ханда мезананд аз ин ҳафт манзарам.
Бо produce издиёди сурию нуқсони маънавӣ
Тасрифи даҳр карда чу лафзи мусағғарам.
Ман аз кучову қурби сарири сурури шоҳ,
К-аз пешгоҳи мартаба пасмонда чокарам.
Ман кистам? Маро ба падар нест нисбате,
Ӯ порсои муътакифу ман қаландарам.
Номи суботи нахли куҳан мебарам, вале
Хошоквор музтарибаҳволу музтарам.
Ин ним ҷони сӯхта, к-аш гӯиям нафас,
То чанд бар лаб ораму то кай фурӯ барам?
Симоби ногудохта дар гӯши ман бирез,
Аз истимоъи ҳарф наёбӣ агар карам.
Бо аҳли рӯзгор маро нест улфате,
Ин оқилон дигар, мани девона дигарам.
Ҳарфе ба хеш дораму хуш мекунам, вале
Бо худ куҷо дигар кашад афкори абтарам?
Оташ ба ман занед, ки бигдозадам тамом,
Ин ташнагӣ на кам шавад аз оби Кавсарам.
Гар мардиям алам нашавад дар набарди хеш,
Не дархури кулоҳ, ки шоёни миъҷарам.
Мардона бастаам камаре дар масофи худ,
Бодо дар ин мусодифа* тавфиқ ёварам!

## ДАР СИТОИШИ ХЕШТАН

Ҳарифи хилвати ман ақли зуфунуни ман аст,
Сарири килки ман овози арғануни ман аст.
Агар зи чеҳраи илмам ниқоб бардоранд,
Яқини мунтаҳиён аввалин зунуни* ман аст.
Вагар зи дидаи ақлам ҳиҷоб бардоранд,
Маорифи уламо нашъаи ҷунуни ман аст.
Аҷаб, ки ҳавсалаи рӯзгор бартобад,
Агар бурун фиканам, он чи дар даруни ман аст.
Ҷамоза, к-аз паи шабгири осмон бандам,
Ситора ҳамраҳу андеша раҳнамуни ман аст.
Муҳити қудсаму аз мавҷи файз меҷӯшам,
Буҳури фикрати дарёдилон уюни* ман аст.
Ба эътидоли хирад он ҷаҳони мунтазамам,
Ки осмону замин ҷунбишу сукуни ман аст.
Ба ҳафт дарё парвардаанд гавҳари ман,
Сафост, он чи даруни ману буруни ман аст.
Касе, ки ҷавҳари инсоф нест дар гуҳараш,
Ба айбчинии ақли ҳунарфузуни ман аст.
Дар он уруҷ, ки доранд суллами* ақлам,
Баландии сухан аз пояҳои дуни ман аст.
Ситуда мунтахаби коргоҳи ибдоъам,
Замона кист, ки дар банди озмуни ман аст?!
Ба коиноти даруну бурун ба як рангам,
Зуҳури ман ҳама оинаи бутуни ман аст.
Ба пешгоҳи адаб то зи ҳарф лаб бастам,
Ба ҳар куҷо, ки забоноваре, забуни ман аст.
Ба ҷодуи нафасам субҳ барнамеояд,
Забони муддаиён бастаи фусуни ман аст.
Гарат ҳавои баландист, сарфиканда хиром,
Ки сарбаландиям аз килки сарнигуни ман аст.
Азизи Мисри маонӣ дар ин ҷазира манам,
Сипеҳр қатраи дарёи нилгуни ман аст.
Ба арсаи сухан он шаҳсавори гармравам,
Ки барқ наъли бурунҷастаи ҳаюни ман аст.

Ба ғайри роизи* тавфиқ кас намедонад,
Ки тозиёназани тавсани ҳаруни ман аст,
Зи нӯги хомаи ман ним нуқта берун нест,
Шурӯҳи анфусу офоқ дар бутуни ман аст.
Гузин бинои баровардаи ядуллоҳам.
Фарози арш бар ин курсии сутуни ман аст,
Баланд давҳаи боғи баҳори ифзолам,
Ниҳоли тӯбӣ пайвандии ғусуни ман аст.
Даридачашм манам дар назораи малакут,
Ба ҳафт пардаи исмат назар масуни ман аст.
Қаробаам зи раҳиқи* рақиқи* даҳр тиҳист.
Қавоми бодаи мадҳушиям зи хуни ман аст.
Улувви* пояи назмам бад-он мақом расид,
Ки дуни ман бувад имрӯз, ҳар кӣ дуни ман аст.
Бурузи шаъшаъаи донишам ҷаҳон бигирифт,
Аз он чӣ суд, ки нодон пайи нигуни ман аст?!
Саре ба теғи қазо мезанад муониди* ман,
Дари хилоф задан хасмро шугуни ман аст.
Тилисми ҳастии ман мазҳарест раббонӣ,
Ки коинот ба наззораи шууни ман аст.
Сухан зи мабдаи Файёз мекунад Файзӣ,
Сияҳдил он, ки гирифтори чанду чуни ман аст.
Фурӯтанӣ зи хасон кай бувад таманноям,
Ба саҷдаи адабам килки вожгуни ман аст.

## ДАР ТАВСИФИ КАШМИР ВА ТАҲНИЯТИ ФАТҲИ ОН ВА МАДҲИ АКБАРПОДШОҲ

Ҳазор қофилаи шавқ мекунад шабгир,
Ки бори айш кушояд ба арсаи Кашмир.
Таборакаллаҳ аз он арсае, ки дидани ӯ
Варақнигори хаёл асту нақшбанди замир.
Саводи ӯ мутанаввеъ чу арсаи наққош,
Замини ӯ муталаввин* чу сафҳаи тасвир.
Ба тарзҳои гузин корхонаи ибдоъ,
Ба нақшҳои аҷаб корномаи тақдир.
Ғубори ӯ битавон хонд чашмро дору,
Гиёҳи ӯ битавон гуфт рӯҳро иксир.
Ба тан мувофиқати оби ӯ чу бодаву гул,
Ба ҷон муносибати боди ӯ чу шаккару шир.
Ба пеши файзи насимаш дами Масеҳ самум,
Ба назди оби равонаш зулоли Хизр ғадир*.
Гарав ба майкадаи ишқ хонақоҳи вараъ,
Бадал ба наъраи мастона сайҳаи* тазкир.
Ғиреви кӯс зи ҷӯшу хурӯши най имо,
Садои об зи овози арғанун таъбир.
Зи ҳуш мебарад, Аллоҳу акбар! Ин чӣ садост,
Фидош наъраи таҳлилу ғулғули такбир.
Фусули ӯ муташаббеҳ зи эътидоли ҳаво,
Ба ҳам яке даю урдибиҳишту баҳману тир.
Замини сандалияш нам зи барфи кофурӣ,
Ба ёд дода зи омезиши гулобу абир.
Насими ӯ зи сари об тез мегузарад,
Ки бодро натавон дошт пой дар занҷир.
Зи сар ҷавон шавад аз як насими субҳдамаш,
Кунанд қисмат бар ҷузв-ҷузв олами пир.
Дар ӯ ба ҷои гиё заъфарон ҳамерӯяд,
Ки обу хоки тарабро чунин бувад таъсир.
Ба ҳар тараф равӣ, аз баҳри файз моломол
Ҳазор чашмаи ҷӯшанда чун дили ниҳрир*.
Агар на фатвии ӯ мекашад ба қозии шаҳр,
Кунанд муҳтасибони вилояташ таъзир*.

Зи эътидоли ҳавояш шигифт нест шигифт,
Ки сар занад ҳама уннаб аз ниҳоли зарир.
Ба ҳайратам, ки чӣ осори қудрати азалист,
Ба ҳар наззора битозад назар ба сунъи қадир.
Дар ин диёр, муғаннӣ, тарона соз макун,
Бас аст аз лаби мурғони нағмасанҷ сафир.
Шароб хурда ҳарифон ба ҷои об дар ӯ,
Ки ташнагони ҳавасро ҳамин бувад тадбир.
Хароби он майи беғаш шавам, ки ҳаст чу ишқ,
Ба ақл дар таку тозу ба сабр дар заду гир.
Биайниҳи зари маҳлул оядат ба назар,
Агар аз ӯ фиканӣ қатрае ба чашмаи қир.
Кунад мушоҳида насфуннаҳор ҷирми Суҳо,
Шуои ҷавҳари ӯ гар фитад ба чашми зарир*.
Агар димоғи латофат шавад гулобталаб,
Кунанд аз тафи ин бода барги гул тақтир*.
Хурӯҷ карда инаб дар чаман сипоҳ-сипоҳ,
К-аш аз миёни фавокеҳ* гирифтаанд амир.
Шамими себ диҳад мағзи рӯҳро тартиб,
Насим барфиканад табъи завқ дар таътир*.
Басанда нест магар як дилаш чу ман дар айш,
Ки бо ҳазор дил ояд дар ин чаман анҷир?!
Ба аҷз муътарифам дар шумори меваву гул,
Ки ҳаст бар қади маънӣ либоси ҳарф қасир.
Ба ҷилваҳои фиреб оҳувони мушкинаш
Кашида шердилонро ба доми ишқ асир.
Зи баски маст кунад накҳати раёҳинаш,
Кунанд даст ҳамоил ба гардани нахчир.
Замини ӯ чу дили беғамон тарабхез аст,
Сипеҳр карда магар хоки ӯ ба бода хамир?!
Замона, то бирасад пойи шаҳрёр бар ӯ,
Фиканда лолаву гулро ба ҷои фарш ҳарир.
Биҳин гузидаи Эзад ягона Акбаршоҳ,
Хадеви ғайбсипаҳ, подшоҳи ақлвазир.
На чархро ба такопӯи хидматаш эҳмол,
На бахтро ба саранҷоми давлаташ тақсир*.

Намуда ҳамчу сифоти Худои азза ва ҷал,
Масун макорими зоташ зи васмати* тафсир.
Навиштаанд дар алвоҳи осмон номаш,
Чу Исми аъзам дар лавҳа-лавҳаи таксир*.
Чунончи воҷиб бар ҷузву кул бувад олам,
Бувад иҳотаи ӯ бар нақиру* бар қитмир*.
Низоми кул ба кафи ҳимматаш чу дод қазо,
Ба лутфу қаҳр шуд офоқро баширу* назир*.
Ба дафтари карамаш, ҷамъи нуҳ сипеҳр қалил,
Ба махзани назараш накди ҳафт ганҷ ҳақир.
Дар он замин, ки ба давлат фишонд ганҷи равон,
Навишта олами ҷудаш бар орзу тавқир.
Зи мавҷ бар рухи дарё чунин намудор аст,
Ки дасти ҳиммати ӯ зад тапончаи ташвир.
Аҷаб, ки дарди ҳасад кам шавад зи аъдояш,
Магар ба заҳри ҳалоҳил кунандашон тахдир*.
Чу ӯст кӯҳи гуҳарбахш, гӯ, адӯ, мекоҳ,
Чу ӯст зиндаи ҷовид, гӯ, ҳасуд, бимир!
Чунончи ақли кул омад нахустсатри вуҷуд,
Китоби фазл ба номаш хирад кунад тастир*.
Ба даври сайрафии ақли ростмеъёраш
Намонд қалби риё дар дукончаи тазвир.
Дигар салои ҳидоят диҳед оламро,
Ки ақл дар ламаон асту файз дар таксир.
Расид вақт, ки дигар зи ҳафт иқлимаш
Навиди фатҳ расонанд мунҳиёни* башир.
Диёри дилкаши Кашмирро мусаххар кард,
Бад-он сифат, ки Сулаймон парӣ кунад тасхир.
Чу дод Эзадаш он мулк, хост, то гардад
Дар он замини саодат ба саҷда шукрпазир.
Ғараз зи сайру сулукаш ҳамин, ки аз назаре
Харобаи дили дарвешро кунад таъмир.
Чу корҳо ҳама дар вақти хештан гарав аст,
Муҳол, агар сари мӯе дар он равад таъхир.
Ба соате, ки бувад зубдаи замони шараф,
Ба соате, ки бувад нухбаи қирони кабир.

Чи Муштарӣ ба саодат, чи Зуҳра айшсигол,
Ки Моҳ дар шарафу Офтоб дар танвир.
Зи айш дар раҳи он арса ронд мавкаби азм,
Ки шавқро зи тамошои ӯ набуд гузир.
Зиҳӣ чу толеи ошиқ ҳама нишебу фароз,
Зиҳӣ чу фикрати оқил ҳама мадору масир.
Ба чашми доно чун роҳҳои маънӣ саъб,
Ба пеши солик чун кӯчаҳои ишқ хатир*.
Зи морпечи раҳаш рам кунад назар, ки дар ӯст
Ҳазор кӯҳу ҳама чун фалак ба сад тазвир.
Бад-он сифат, ки дили ман бувад зи сангдилон
Зи санги ӯ ба хати шишаи сипеҳр асир.
Агар на ин ҳама автоди кӯҳ мебудӣ,
Замин зи ҷой ба рафтан асир буд, асир.
Ба ҳукми хусрави воло зи теша кӯҳканон,
Ҳазор ҷӯй равон кард софтар аз шир.
Чунон ба кӯҳу камар хораро тарошиданд,
Ки баҳри мавкиби шоҳӣ сазад мамарру масир.
Ба чашма чашма назар кун ба сел сел бибин,
Магар гаронии ӯ карда кӯҳро таъсир.
Замини арсаи Кашмир з-осмон бигузашт
Ба фарри давлати тақбили пояҳои сарир.
Шуданд нурпазир аз рухаш вазеъу шариф,
Шуданд файзситон аз кафаш кабиру сағир.
Дар он фазои фирebанда маҷлисе ороcт,
К-аз он ба ҳусн муҷассам назар кунад тафсир.
Дили назорагиён масти бӯи лолаву гул,
Димоғи маҷлисиён тоза аз набиду асир.
Ҳавас пиёла ба лаб дар тараннуми наю нӯш,
Нишот доира бар каф ба нағмаи баму зер.
Сабо ба мирваҳаи барг дар пайи тансим,
Шамол маҷмараи гул ба даст дар табхир.
Ба ғамзаву нигаҳ афтод кори аҳли назар,
Агарчи базми тараб нест ҷои ханҷару тир.
Дамида дам ба дам афсуни бехудӣ бар дил
Муғанниёни латофатсаро ба ҳар тахдир.

Зи баски рехт ба домони оз накди мурод,
Бар остони ҳавас орзу намонд фақир.
Парандпӯш шуданд уфтодагони ниёз,
Ки сарнавишти азал доштанд нақши ҳасир.
Санотарозии ин базм дарнамегунҷад
Ба назми шоири маънинигори насрдабир.
Ба соли сию чаҳорум, авосити хурдод,
Зи ибтидои ҷулуси хадеви оламгир.
Зи нуҳсаду наваду ҳафт буд моҳи раҷаб
Ки ёфт кавкаби иқболи ӯ чунин тасйир.
Худойгоно! Тақдир шуд ба фармонат,
Ба ҳафт кишвар фармон бирон бар ин тақдир.
Шамоиле, ки Худованд дар ту таъбия кард,
Хирад наёфт дар оинаи хаёл назир.
Ба зоҳир ар шумарам, даҳрро ту соҳибу шоҳ,
Ба ботин ар нигарам, халқро ту муршиду пир.
Туро се гавҳари яктост гӯшвораи бахт:
Ҷалолу оинаи чашму ноқидони басир.
Аз он се ҷавҳари қудсӣ яке сипеҳри камол,
Дувум муҳити саодат, севум саҳоби матир.
Ба макрумат ҳама офоқро малозу* маоз*,
Ба маъдалат ҳама иқболро муину заҳир.
Худо зи анфусу офоқ баргузида туро,
Ки кас ба ин ҳама давлат набуд ҷуз ту ҷадир*.
Ба айш базм фурӯзу ба ҷайш разм бисоз,
Ба шавқ рахш битозу ба теғ мулк бигир.
Қасам ба қабзаи қадри камони қудрати Ҳақ,
Ки бо ту нест кас аз рӯзгор дар як тир.
Ба сурат арчи мушобеҳ бувад, вале фарқ аст
Зи ғунчаи гули садбарг то ба уқдаи сир.
Рухи сухан чӣ нигорам, ки қадри олии туст
Бурун зи ҳитаи* фаҳму иҳотаи тақрир?!
Суханшиносо! Ман Файзиям, саногӯят,
Ки бар баёзи саҳар мидҳатат кунам таҳрир.
Чу дар нигориши маънӣ қалам биҷунбонам,
Ҳазор рақс кунад осмон ба бонги сарир.

Агарчи ҳинднажодам, вале ба иқболат
Маро зи дониши юнониён дилест хабир.
Ба чашми ақл назар кардаам саводи савод,
Ба дасти фикр навардидаам сафири сафир.
Ба иттифоқи Уторид зи фарқи худ Бирҷис
Ниҳода бар сари ақлам амомаи тавқир*.
Мабин забони хамӯшам, ки аз сародиқи* шавқ
Дилам расонда ба нуҳ пардаи сипеҳр нафир.
Ҷавоҳири суханам бар ҷамоза мегардад,
Ки мири қофила натвон шудан ба ҷинси ясир*.
Азизсохтаи кибриёи лутф туро
Фалак наёрад дидан ба дидаи таҳқир
Дигар сухан ба дуои ту хатм хоҳам кард,
Чунон ки назм шавад мунтазам ба ҳарфи ахир.
Ҳамеша то, ки бувад солро дувозда моҳ,
Ки дар дувозда бурҷ ояд офтоби мунир,
Дувоздаҳ сифатат хоҳам, арчи медонам.
Ки ин дувозда з-авсофи туст ушри ашир:
Ҷаҳон мусаххару толеъ саиду умр дароз,
Фалак мушовиру давлат ҷалису бахт мушир*,
Хизона вофиру* лашкар фузуну мулк ободод,
Қазо мутеъу қадар ёвару Худой насир!*

## ТАРКИББАНД
## ДАР МАРСИЯИ МУҲАММАДКАМОЛ –
## ПИСАРИ СЕСОЛАИ ХУД

Хоҳам дигар ба ҳалқаи мотам алам задан,
Бар боми шодмонии дил кӯси ғам задан.
Хоҳам дигар ба килки сияҳрӯи дилхарош
Аз ҳасби ҳоли худ ду-се ҳарфе рақам задан.
Хоҳам дигар ба шӯриши як оташин хурӯш
Ҳангомаи нишоти ҷаҳоне ба ҳам задан.
Хоҳам дигар ба дуди дилу оташи ҷигар
З-ин моҷаро, ки бар сари ман рафт, дам задан.
Хоҳам дигар зи сӯзи дарун наъраи баланд
Бар хобгоҳи хилватиёни адам задан.
Хоҳам дигар ба чашми рафиқони ошно
Дасте ба фарқ мондану дар хун қадам задан.
Хоҳам дигар зи баҳри ҳарифони заҳрнӯш
Беҳушдоруе ба шароби алам задан.
Ҳуш дор, то кай, эй фалаки обгиначашм,
Бар обгинаам ҳама санги ситам задан?!
То ин сиёҳнома наяфтад ба чашми ман,
Хоҳам саводи дида ба нӯги қалам задан.
Ин номаи расида зи мулки адам маро,
Маншури мотам аст зи султони ғам маро.

Бозам чӣ шуд, ки дил ҳама тӯфони ғам кашад,
Оташ ба ҷои об зи чашмам алам кашад.
Бозам қалам чу пайкари тобут ғамфизост,
То ин сиёҳпӯши муофӣ* рақам кашад.
Боз ин чӣ қисса мекунам имло, ки ҳар замон
Дастам ба сад ҳазор гаронӣ қалам кашад?!
Дар шарҳи ғам хамида равон аст хомаам,
Коҳе чӣ гуна ин ҳама кӯҳи ситам кашад?
Дил аз куҷову оби бақо, ин ки он нафас
К-оташ сабӯ-сабӯ зи шароби адам кашад.
Дар рӯзгор ҳамнафасе нест, то касе
Хуне ба ҳам бигиряду оҳе ба ҳам кашад.

Эй дил, биёву аз мижа хунобаҳо бирез,
То ин замин, ки ташна ба хун аст, нам кашад.
Лекин чӣ суд, дидаву дил гар ҳазор бор
Хуноба бартароваду шӯроба ҳам кашад?
Ёрон, маломатам макунед аз хурӯши дил,
Хоҳам, ки ниммурдаи ман як-ду дам кашад.
Эй ҳамдамон, чароғи ман аз тундбод мурд,
Оташ занед хона, ки шамъи мурод мурд.

Шуд вақти он, ки дида чу дил ғарқи хун кунам,
Хунобаи гиреҳшуда аз дил бурун кунам.
Он ғуссае, ки пеш нахурдам, кунун хурам,
В-он нолае, ки пеш накарам, кунун кунам.
Дил баргудозам аз тафи оҳу зи хуни гарм,
Дар ҷони нимсӯхта оташ фузун кунам.
Сабри далерпоям агар рӯбарӯ шавад,
Аз як тапончааш ба кафи ғам забун кунам.
Дилро, ки лофи сабр задӣ дар баробарам,
Гӯ, то ба сад ҳазор бало озмун кунам.
В-ин ақлро, ки парданишини саломат аст,
Аз ним нола бодиягарди ҷунун кунам.
Гӯянд ғофилон: Раҳи сабр ихтиёр кун,
Чун ихтиёр дар кафи ман нест, чун кунам?
Танҳо дар ин алам ғами як дил басанда нест,
Хоҳам ба дил ғами ҳама олам дарун кунам.
То гавҳари ниҳуфта ба хокам бурун фитад,
Чун осмон сазад, ки замин сарнигун кунам.
Дардо, ки кард ногаҳ аз ин тангно хиром,
Он к-аз камол ҳеч надида бағайри ном.

Во ҳасрато, к-аз ин чаман он навниҳол рафт,
В-аз рафтанаш зи боғи тараб эътидол рафт.
Чун лола доғҳо ба дили мост, к-аз ҷаҳон
Ночида лолаи ҳавасе он ғизол рафт.
Дар хоку хун ба ҷилва чу товуси бисмилам
З-он тӯтии биҳишт, ки накшуда бол рафт.

Тифлон ба ҷои ширу шакар хоку хун хуранд,
К-он тифли ширхораи шаккармақол рафт.
Сабре, ки солҳо нигаҳаш доштам ба дил,
Пиронасар зи рафтани он хурдсол рафт.
Дар эҳтироқ мондаам аз бахти хештан,
К-он ахтари саодати ман дар вабол рафт.
Фархунда кавкабе, ки ба вақти ғуруби ӯ
Партав зи офтобу фурӯғ аз ҳилол рафт.
Гаҳ чашми хеш моламу гаҳ дасти хештан,
К-ин як-дурӯза умр ба хобу хаёл рафт.
Олам бувад ба дидаи ман тира бе рухаш,
Ман низ меравам, чу зи олам Камол рафт.
Он к-ӯ ғамаш ба роҳи адам тӯшаи ман аст,
Дилбанди дигарону ҷигаргӯшаи ман аст.

Тифле гузашт, к-ӯ адабомӯзи пир буд,
Ҳуснаш ба чашми покдилон дилпазир буд.
Меҳраш ба ҷони бандаву озода роҳ дошт,
Ҳарфаш ба гӯши пиру ҷавон ҷойгир буд.
З-ин ғам забона мезанадам оташи дарун,
К-оташфикан шарораи ман зудмир буд.
Бишкоф хоку гарди ба рӯяш нишаста бин,
Он, к-ӯ ғубори оинааш аз абир буд.
Бар дилхарош тахтаи тобут монда тан,
Нозуктане, ки такягаҳи ӯ ҳарир буд.
Кардӣ ба хандаҳои диловез сайди халқ,
Танҳо на ҷони сӯхтаи ман асир буд.
Мерехт хуни дил ба шакархандаҳои гарм,
Бо он ки ғунчааш шакаролуди шир буд.
Нагрифта аз муаллими одоб лавҳи илм,
Дар эътидоли ҳусни адаб беназир буд.
Азбаски буд ақли ҳаюлоияш баланд,
Мекард зоҳир, он чи маро дар замир буд.
Табъи адабтарозу маонинавард дошт,
Тифли сесола дониши сисола мард дошт.

Бар хок рехт ҳамчу гул он тозарӯ, дареғ,
Хуршедпорае ба замин шуд фурӯ, дареғ!
Ин чархи хирачашм, ки хокаш ба фарқ бод,
Бар хоки тира рехт маро оби рӯ, дареғ!
Гуфтам, ба нолае бикушоям дили ҳазин,
Мондаст пора-пора ҷигар дар гулӯ, дареғ!
Меҷустамаш, вале зи чунин гавҳари мурод
То фарқ суда шуд қадами ҷустуҷӯ, дареғ!
Бояд зи хоки тира таяммум кунанд халқ,
З-оби зулол баҳри намозаш вузӯ, дареғ!
Шаклу шамоилаш набувад ҳадди одамӣ,
З-он дилрабо фаришати ҷибрилхӯ, дареғ!
Эй дил! Чӣ суд з-ин ҳама хунобарезият,
К-он оби рафта боз наёяд ба ҷӯ, дареғ!
Гулдастаи мурод зи дастам ба хок рехт,
З-он обутоб ҳайфу аз он рангу бӯ, дареғ!
Ҳар сӯ чу боди субҳ саросема меравам,
Бӯяш вале намерасад аз ҳеч сӯ, дареғ!
З-ин ҳаҷри ҷонгудоз хароб аст ҳоли ман,
Тоқат намонда, оҳ, куҷо шуд Камоли ман?

Оҳ аз аҷал, ки бар дилам алмос суду рафт,
Ёқутпорае зи кафи ман рабуду рафт.
Ин турки фитнаҷӯ, ки ҷаҳоне шаҳиди ӯст,
Бар ман ҳазор теғи бало озмуду рафт.
Гуфтам, ки мевае хурам аз шохи орзу,
Он шохро зи бех баногаҳ дуруду рафт.
То рӯзи ман сияҳ кунаду рӯзгор ҳам,
З-ин оташи ниҳуфта баровард дуду рафт.
Ҳасратфазост рафтани он наврасидаам,
Гӯӣ зи дур гӯшаи абрӯ намуду рафт.
Аз ковиши ҷигар мижаам дар таровиш аст,
К-аз дил ҳазор чашмаи хунин кушуду рафт.
Дилсӯз доғҳо ба сари ҳам ниҳоду сӯхт,
Ҷонкоҳ нолаҳо зи паи ҳам фузуду рафт.
Он шохи наргисе, ки саропо шукуфта буд,
Чашмаш зи баҳри хоби гароне ғунуду рафт.

Сад хори ҳасрат аст маро дар ҷигар, ки ӯ
Барги гуле начид зи боғи вуҷуду рафт.
Бинед он ҷанозаву он нахли тозааш,
Дилҳои пора бастаи нахли ҷанозааш.

Эй равшании дидаи равшан, чӣ гунаӣ?
Ман бе ту тирарӯз, ту бе ман чӣ гунаӣ?
Ман дар фироқ дасту гиребони сад ғамам,
То дар кафан ту пой ба доман чӣ гунаӣ?
Мискин ман аз фироқи ту дар обу оташам,
Ту зери хок сохта маскан, чӣ гунаӣ?
Мотамсарост хонаи ман дар фироқи ту,
Ту дар лаҳад гирифта нишеман чӣ гунаӣ?
Бар хору хас, ки бистару болини хоби туст,
Эй ёсаминъизори сумантан, чӣ гунаӣ?
Гул-гул шукуфта гулшани чашмам зи хуни дил,
Эй рангбахши ин гулу гулшан, чӣ гунаӣ?
Дорем нолае, ки ҷигар мекунад шикоф,
Ҳангомасози ҳалқаи шеван, чӣ гунаӣ?
Месӯзам аз фироқу нишонат намедиҳад
Эй шуълаҳои[1] ғамбадилафкан, чӣ гунаӣ?
Пажмурд бе насими ту боғу баҳори ман,
Эй рангу бӯи сурию савсан, чӣ гунаӣ?
Чун дар ҷаҳон намедиҳадам кас нишони ту,
Гӯям дуо ба шодии рӯҳу равони ту.

Ё Раб, рухат чароғи шабистони нур бод,
Нури ту шамъи хилвати доруссурур бод!
Шамъе, ки равшан аст аз ӯ тоқи марқадат,
Парвонаи зиёдиҳи аҳли қубур бод!
З-он сон ки ҷоми лаъли ту саршори шир буд,
Лабрез соғарат зи шароби таҳур бод!
Гар аз канори доят айём баргирифт,
Оромбахши нахли ту оғӯши ҳур бод!

[1] Шояд: “Ин шуълаҳои” бошад, Девон, с.159.

Ҳар дам зи чарх мегузарад бе ту нолаам,
Фарёдҳои мотамиён аз ту дур бод!
Дар гирди равзаи ту гиёҳе, ки бардамад,
Аз нур барфурӯхта чун нахли Тур бод!
Чандон ки мехурам ғами ҳиҷрон, ту шод бош,
В-ин мотаме, ки мегузарад, бар ту сур бод!
Чун оқибат рухи ту ба ин чашм диданист,
Сабри ман аз ту то дами субҳи нушур бод!
Донам, фиғони халқ гарон аст бар дилат,
Дар шӯриши ғамат дили Файзӣ сабур бод!
Гар бас кунам зи нола, на аз ёд бурдамат,
Осудаам, ки дар канафи Ҳақ супурдамат.

## ДАР РИСОИ ПАДАР

Сабукъинон, ки аз ин арса так бурун задаанд,
Ба бодпои нафас наъли вожгун задаанд.
Ба ҳарфи силсилаи мабдаъу маъод мапеч,
Ки аҳли ақл ҳам ин ҷо дари ҷунун задаанд.
Дар ин сабӯкадаи мағзсӯз фикри хатост,
Ки косаи сари андеша сарнигун задаанд.
Тилисмро ҳама бишкан, ки соликони яқин
Дар ин мухотаба мисмор бар зунун задаанд.
Ба ҳеч раҳ натавон кард нуқтае каму беш,
Ки муҳри хатм ба маншури кофу нун задаанд.
Зи остини ядуллаҳ калиди фатҳ талаб,
Ки қуфли дар-дари нуҳ кохи бесутун задаанд.
Таборакаллаҳ аз ин интизоми ҷузву кул,
Ки аҳли ҳуш бар афсонаву фусун задаанд.
Забон бибанд, ки носуриёни захми қазо
Зи худ бурун шудаву наъра аз дарун задаанд.
Хуш он гурӯҳ, ки талхобаҳои заҳри аҷал
Сабӯ-сабӯ ба баму зери арғанун задаанд.
Ҷилои носия аз гарди роҳи онон ҷӯй,
Ки чанги сидқ ба домони раҳнамун задаанд.

Муҳаққиқон, ки камолоти кул ҳисоб кунанд,
Ба ҳадди миръоти ошираш хитоб кунанд.
Имоми илму амал, муқтадои кашфу шуҳуд,
Ки фақрро зи дилаш молики нисоб кунанд.
Зи килки соиби* ӯ нуқтаи хато маталаб,
Мудаққиқон ҳама андешаи савоб кунанд.
Гузошт колбади Унсурӣ, ки покдилон
Ҳақоиқи азал аз рӯҳаш иктисоб кунанд.
Нигоркардаи килкаш шигарфтафсир аст,
Ки офарин ба чунон лавҳи мустатоб* кунанд.
Ҳама маорифи илҳом дар баён ояд,
Агар зи нуқтаи як ҳарфаш итихоб кунанд.
Чӣ сар зад ин ҳама асрори қудс аз он дили пок,
Адими дидаи мо ҷилди он китоб кунанд.

Навишт килки қазо «Манбаъулуюн» номаш,
Ки ташнагони дилаш марҷаъу маоб кунанд.
Дари ҳақоиқи кул бар дили кӣ шуд масдуд,
Аз ин калиди самовот фатҳи боб кунанд.
Хушо мавоиди ифзоли оламе, ки дилаш
Аз ин ҳаловати ҷовид комёб кунанд.
Қалам, ки обилапо бинамаш дар ин такупӯй,
Сазад, зи хуни дилам пойи ӯ хизоб кунанд.
Магӯ, ки аз назар он комили мукаммил шуд,
Ки баҳр мавҷ заду бо муҳит восил шуд.

Дареғ! Роҳбарони раҳи яқин рафтанд,
Зи пеши қофила мардони роҳбин рафтанд.
Мисоли унсури покон чу оби борон буд,
Ки з-осмон бичакиданду дар замин рафтанд.
Сафина аз ваҳали хокиён бадар бурданд,
Ба баҳри қудс зи полағзи моу тин рафтанд.
Ҳазор нохуна аз чашм, к-ин назорагиён
Зи хорзор ба гулгашти ёсамин рафтанд.
Агар ба дӯш кашиданд маҳди унсурашон,
Аҷаб мадор, ки мастони Ҳақ чунин рафтанд.
Хабар зи пешу паси корвониён ин аст,
К-азалқирон бирасиданд, абадқарин рафтанд.
Ҷамоза гарм ба бонги ҳадикашон ронданд,
Зи чашми обилапоён раҳи пасин рафтанд.
Касе наёфт зи ному нишон, ҳамин гуфтанд,
Касе нагуфт зи роҳу равиш, ҳамин рафтанд.
Мапурс маслаки ин пурдилон бар ин торам,
Ки соликони тариқи адаб бар ин рафтанд.
Сазад, ки қофила раҳ гум кунад дар ин зулмат,
Ки хайли машъаладорони роҳи дин рафтанд.
Сари назар зи гиребони чарх бар карданд,
Ба коинот барафшонда остин, рафтанд.

Дигар ба марҳалаи кавн ҷӯшу ғулғула чист?
Кӣ баст маҳмили реҳлат? Замин ба зилзила чист?

Агар ҷамозаи он раҳнамои кул бигузашт,
Мусофирони абадро сабили қофила чист?
Аҷал гусастамиҳор асту ғам дариданиқоб,
Чӣ фитна хост, надонам, хабар зи марҳала чист?
Ҷанозаи кӣ ба дӯши малоик аст равон,
Зи гиря боз ба чашми ситора обила чист?
Макаш ба худ хати бутлон зи чини пешонӣ,
Дар ин ҳарими адаб бо қазо муҷодала чист?
Баҳуш бош, ки савдо напечадат ба димоғ,
Хирад дар ин ҳарами роз тангҳавсала чист?
Фитод рӯзи сияҳ бар сари ҷаҳон, варна,
Зи оҳ ин ҳама дар нимрӯз машъала чист?
Кадом ғамкадаро рӯзи мотам аст имрӯз,
Ки мавти олим чун мавти олам аст имрӯз.

# ДАР РИСОИ МОДАР

Дӯстон, бори иқомат зи ҷаҳон барбандед,
Рахт аз ин манзили беномунишон барбандед.
Он чи кор аст, дар ин бодия, ҳин, бигзоред,
В-он чи бор аст, дар ин қофила, ҳон, барбандед.
Нафаси субҳи раҳил* асту дами кӯси сафар,
Чашми ғафлат бикушоеду миён барбандед.
Кашфи асрори ҳақиқат натавон кард ба хулқ,
Маҳрамони ҳарами ғайб, забон барбандед.
Наъши султони афоиф зи ҷаҳон мегузарад,
Қудсиён! Дидаи хуршеди равон барбандед.
Чашми анҷум насазад боз бар ин маҳди афоф,
Анбарин парда карон то ба карон барбандед.
Дари ҷаннат ба калиди нафасам бикшоед,
Нахли тобут ба гулҳои ҷинон барбандед.
Нахлбанде чу намоед ба гулҳои биҳишт,
Пораҳои дили ман ҳам ба миён барбандед.
Нахли гул гар на ба тобут мувофиқ бошад,
Бар рух аз дил бинигорам, ки чӣ сон барбандед.
Дар хазонзори ҳаётам қадаме ранҷа кунед,
Нахлҳоро ҳама аз барги хазон барбандед.
Корвонҳои дилу дидаи мо ҳамроҳ аст,
Ҳавдаҷи Каъбаи ҷонҳост, гарон барбандед.
Хушкчӯбе чу яке тахтаи тобут шудам,
Ин тани зори маро ҳам ба ҳамон барбандед.
Пораҳои ҷигарам бар сари мижгон бинихед,
Ба карам дидаи хунобачакон барбандед.
Бар тани ӯ кафан аз парри малоик созед,
Он гиромӣ кафан аз риштаи ҷон барбандед.
Ҳама бар роҳи гумон рӯи яқин бикшоед,
Ҳама бар рӯи яқин роҳи гумон барбандед.
Файзӣ ин ҷо на зи таслим сухан мегӯяд,
Ҷои он аст, к-аш аз хок даҳон барбандед.

Дӯстон, аз нафасам бӯи ҷунун меояд,
Нола аз синаам оғушта ба хун меояд.

Хун, ки аз меҳри ту шуд ширу ба тифлӣ хӯрдам,
Боз хун гаштаву аз дида бурун меояд.
Як қадаҳ хун, ки ман аз дида бурун мерезам,
Сад муҳити ғаму андӯҳ дарун меояд.
Гиряро ном мабар, к-ин ҳама селоби бало,
Гар намеомад аз ин пеш, кунун меояд.
Осмон низ бар он шуд, ки ситезад ба дилам,
Баски дар маъракаи сабр забун меояд.
Сабри бечора чӣ огоҳ, ки аз гардиши даҳр
Фитна бо ин ҳама найрангу фусун меояд?!

Кош дар ҳолати бемории ӯ мебудам,
То чунин хаставу бемор намефарсудам.
Ҳамчу дафтар дилам аз хуни сияҳ таҳ ба таҳ аст,
Ки чаро дафтари доноии худ накшудам.
Ҳоване баҳри вай аз косаи сар мекардам,
В-аз дили хаста ақоқир дар ӯ месудам.
Ақл мегуфт, ки худро бирасон бар қадамаш,
Мегазам даст, ки чун панди хирад нашнудам.
То ба оромгаҳи бистару болини шифо
Табъаш осуда намегашт, намеосудам.
Ҳадси буқротию даррокаи ҷолинусӣ
Ба чӣ ҳосил, ки илоҷи маразаш нанмудам?
Гар чунин воқиъа донистаме, аз умри Хизир
Вом мекардаму бар умри ту меафзудам.
Оташ афтад ба насибам, ки дар айёми мараз
Дар такопӯи сафар бод чаро паймудам.

Меҳрубон модарам, афсӯс, аз ин олам рафт,
Исии хеш чунин монда, чаро Марям рафт?
Рӯҳи қудсӣ-ш раҳи ҷаннати аъло бигирифт,
Нолаҳо низ ба сӯи фалаки аъзам рафт.
Бе рухаш дар гуҳари дидаи ман об намонд,
Каъба пӯшида ҷамол, аз назар Замзам рафт.
Хуфту аз хуфтани ӯ дидаи уммедам хуфт,
Рафту аз рафтани ӯ ҳоли дилам дар ҳам рафт.

Рӯи ман дид зи нохун, дили ман дид зи оҳ,
Он чи аз хомаи оҳан ба рухи ҷонам рафт.
Нест он дард, ки гардад ба дуо чорапазир,
Реш носур шуду хосият аз марҳам рафт.
Сабр мебояду чун сабр надорам, чӣ кунам,
……………………………………………

Эй дил, эй дил, чу ба чашми нигарон мебинам,
Оламу ҳар чӣ ба олам, гузарон мебинам.
Ҳар куҷо дида бар он реги равон мефиканам,
Ҳама чашму дили соҳибназарон мебинам.
Ҳар куҷо роҳ бар ин дашти куҳан месипарам,
Ҳама ҷону тани вологуҳарон мебинам.
Ҳар кӣ бар рӯи замин тарҳи иқомат андохт,
Чун назар мекунам, аз ҳамсафарон мебинам.
Корвон мегузарад тезтар аз ман, чӣ кунам?
Чӣ кунам? Маҳмили уммед гарон мебинам.
Менишинам, магар аз пай бирасад роҳраве,
Чӣ кунам? Маслиҳати кор дар он мебинам.
Баркарон нест кас аз доираи меҳнату ғам,
Давраи чарх карон то ба карон мебинам.
Бар рух аз дидаи тар хуни ҷигар мерезам,
Чун ҷигархории хунинҷигарон мебинам.
Баъд аз ин ҳоли дилам то ба куҷо анҷомад,
Ҳолиё сурати ҳоли дигарон мебинам.

## ДАР МАРСИЯИ МОДАРИ ХУД

Дурбинон дил ба ҷон пайвастаанд,
Ҷон ба он ҷони ҷаҳон пайвастаанд.
То ҳамон дар парда монад рози ғайб,
Сад яқинро бо гумон пайвастаанд.
То нагардад роҳ бар солик дароз,
Ин ҷаҳон бо он ҷаҳон пайвастаанд.
Тан ба он оин, ки пайвандад ба ҷон,
Бо Худои худ чунон пайвастаанд.
Ҷисму ҷонро дар замин фарсудаанд,
То назар бо осмон пайвастаанд.

Кош бар болини ӯ мебудаме,
То илоҷи кори худ бинмудаме.
Дафтари қонуни худ овардаме,
Ҳуққаи доруи худ бикшудаме.
Аз мағоки чашм ҳован кардаме,
В-аз дили софӣ гиёҳе судаме.
В-ар саранҷоми ҳаёташ дидаме,
Умри худ бар умри ӯ афзудаме.
Равған аз бодоми чашми хештан
Додамею хоби хуш фармудаме.
Ҷустаме осоиши ҷону танаш,
То наёсудӣ, намеосудаме.
Дар хаёли дафъи бехобии ӯ
Ҳамчу ақли худ даме нағнудаме.
Лек аз ӯ будам мани дилтанг дур,
Аз ҳарими ӯ ба сад фарсанг дур.

Умри ман, рафтию ҷонам сӯхтӣ,
Худ равон гаштӣ, равонам сӯхтӣ.
Меҳрубон будӣ ба ман, охир чӣ шуд,
К-инчунин номеҳрубонам сӯхтӣ?
Сарвро пиронасар оташ зананд,
Ту зи бемеҳрӣ ҷавонам сӯхтӣ.

## ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ

### А

**Абдол** – иддае аз солиҳон ва хоссони Худо, ки ҳеч гоҳ замин аз онон холӣ набошад, ба қавле ҳафт ва ба қавле ҳафтод нафаранд.
**Абраш** – аспе, ки рангҳои гуногун дорад
**Абтар –** ноқис
**Абҳар** – наргис
**Авқот –** ҷ. вақт
**Авранг** – тахт
**Автод** – аркони олам
**Автон –** ҷ. ватан
**Ағбар –** гардолуд, хокранг
**Ағсон –** шохаҳои дарахт
**Адиб –** адабомӯз
**Аёғ –** паймона, соғар
**Азфар –** тезбӯй, хушбӯй
**Азҳар –** равшан, дурахшон
**Акбод** – ҷигарҳо
**Аквон –** ҷ. кавн, ҳастиҳо, вуҷудҳо
**Акмаҳ –** нобинои модарзод
**Аксун –** навъе аз дебо
**Ақила –** ресмон, пойбанд, мояи гирифторӣ
**Ақтоб –** қутбҳо
**Амим –** тамом, комил
**Амроз –** бемориҳо
**Анзор** – дидагон, чашмҳо
**Анқариб –** ба зудӣ, ба наздикӣ
**Аном** – офаридагон
**Анҳо –** роҳҳо, равишҳо
**Араз –** он чи қоим ба ҷавҳар бошад, муқ. ҷавҳар
**Арбада –** тундхӯӣ, бадкорӣ
**Арса** – майдон
**Асар –** таъсир
**Асас** – миршаб, шаҳна
**Аслоф –** пешиниён, гузаштагон
**Асмо –** ҷ. исм, номҳо
**Асолиб –** услубҳо

**Асфал –** фурӯтарин, пасттарин
**Атийёт –** чизе, ки ба касе ато кунанд, бахшишҳо
**Атшон** – ташна
**Афаллоҳ –** Худо бибахшояд
**Афоф –** покдоманӣ
**Афсон –** санги фасон, қайроқсанг
**Ахлоф –** ҷонишинон, бозпасинон
**Аҳбоб** – дӯстон
**Аъвон –** ёрон, ёригарон
**Аъдал –** одилтарин
**Аъроз –** ҷ. араз, чизҳои ғайризотӣ

## Б

**Баёз –** дафтар
**Барзах –** ҳоиле байни ду чиз
**Бат** – мурғобӣ
**Бати бода –** хуми шароб
**Башир** – башоратдеҳ, муждарасон
**Бемар** – бешумор
**Бисмил** – кушташуда
**Бодия** – биёбон
**Борагӣ –** асп
**Бурд** – порчае катонӣ мансуб ба Яман, алоча
**Бурқаъ –** рӯйбанд, ниқоб
**Бухтӣ –** шутури қавиҳайкали дукӯҳона
**Бухур –** ҳар моддаи хушбӯе, дар оташ бирезанд ва бӯи хуш диҳад.
**Буъд –** дурӣ

## В

**Вабол –** азоб, гуноҳ, тақсир
**Вадиат –** моле, ки ба амонат пеши касе гузоранд.
**Варта –** бунбаст
**Васат –** миёна
**Васмат –** маҷ. туҳмат
**Вилдон** – кӯдакон
**Вофир** – бисёр, фаровон

## Г

**Газлик –** корде, ки теғаш дардаруни дастааш аст ва бозу баста мешавад.
**Гарева** – гардана, ақба

## Ғ

**Ғабғаб** – гӯшти барҷастаи зери занах
**Ғадир** – обгире, ки оби борон дар он ҷамъ ояд.
**Ғазанфар** – шер
**Ғайрат** – рашк
**Ғолия** – моддаест мураккаб аз мушку анбар ба ранги сиёҳ.
**Ғофил** – бехабар, ноогоҳ
**Ғоят –** поён, ниҳоят
**Ғуроб –** зоғ

## Д

**Давол –** тасмаи чармин
**Давоъӣ** – сабабҳо, ангезаҳо
**Давҳа** – дарахти тановар
**Дайр –** маъбади зардуштиён
**Дайҷур –** сиёҳ, торик, шаб
**Далқ** – навъе пашмина, ки дарвешон пӯшанд.
**Дараҷ –** дараҷа
**Даро –** зангӯлаи корвон
**Дашна** – ханҷар
**Дият –** хунбаҳо
**Дому дад** – ҷонварони аҳлӣ ва даштӣ
**Дувал** – давлатҳо
**Дурбош** – найзае душоха, ки дар қадим барои аз подшоҳ дур кардани мардум ба кор мебурданд.
**Дурҷ** – сандукча

## З

**Заман –** замон
**Замон –** кафил
**Зан(н) –** гумон
**Зарир** – нобино
**Зарқ –** дурӯӣ, нифоқ
**Зил –** соя
**Зиллуллоҳ –** сояи Худо, сифати подшоҳон
**Зод** – тӯшаи роҳ
**Зоил** – заволёбанда, нобуд
**Зойҷа** – лавҳаи мураббаъ, ки ситорашиносон барои санҷидани толеи касон ба кор мебурданд.

**Зоҳид** – порсо, парҳезгор
**Зулумот** – қисмате аз замин, ки ба ақидаи пешиниён он ҷо доим шаб бошад ва оби ҳаёт он ҷост.
**Зунун** – гумонҳо
**Зуфунун** – бисёрфан

### И

**Идмон** – кореро пайваста кардан
**Иксир** – ҷавҳари гудозанда, ки моҳияти ҷисмҳоро тағйир диҳад ва комилтар созад, масалан, симобро нуқра ва мисро тило созад.
**Иқди паран** – хӯшаи Парвин
**Иқоъ** – афкандан, ҳамоҳанг сохтани овозҳо
**Иқон** – яқин, бовар
**Имтидод** – кашиш, кашиш, дарозӣ
**Имтизоҷ** – омезиш
**Имтило** – пурӣ
**Имъон** – жарф нигаристан, дур дидан
**Инбисот** – густардагӣ, паҳноварӣ
**Инкис** – шаклест аз ашколи рамл, фолгирӣ
**Инқитоъ** – бурида шуддан, қатъ шудан, гусастан
**Интисох** – нусхагирӣ
**Инфиол** – шарм кардан
**Иршод** – роҳнамоӣ
**Исён** – гуноҳ
**Искон** – сокин шудан
**Иснон** – ду
**Исор** – базл кардан, ато кардан
**Истиво** – баробар шудан
**Истиғно** – бениёзӣ
**Истиқомат** – устуворӣ, пойдорӣ
**Истихора** – тафаъъул ба Қуръон барои иқдом ба коре
**Ифзол** – некӯӣ кардан, бахшиш кардан
**Ихвон** – бародарон
**Ихтилол** – халал пазируфтан
**Иҷлол** – бузург доштан, бузург шумурдан
**Иҷмол** – сухани хулоса, ба хулоса сухан гуфтан
**Иҷобат** – посух додан, баровардан, раво кардан

### К

**Кавкаб –** ситора
**Кавнайн –** ду олам, дунё ва охират
**Калаф –** доғе, дар офтобу моҳ дида мешавад.
**Катон –** гиёҳест, ки аз лифи он порчаҳои барроқу марғуб таҳия мекунанд.
**Кибриё –** бузургӣ, азамат
**Китмон –** пинҳон шудан
**Коло –** чиз, афзор
**Кумайт** – аспи сурхёли думсиёҳ, шароби сурхранги моил ба сиёҳӣ
**Кунҳ –** зоти аслии ҳар чиз, гавҳар
**Кусур** – нуқсонҳо
**Куҳлулчавоҳир –** сурма, ки дар он марворид ва дигар ҷавоҳир андохта месоянд.

### Қ

**Қабас –** пораи оташ
**Қамъ** – задан, саркӯб кардан
**Қароба –** шишаи шароб, сурохӣ
**Қаввол –** сурудхон, [офиз, нотиr
**Қатил** – кушта
**Қидам** – деринагӣ, аз дер боз будан
**Қирон –** наздик шудан, ба ҳам пайвастан
**Қистос –** тарозу
**Қитмир –** пӯсти борик бар тухми хурмо
**Қодирандоз –** тирандозе, ки тираш хато наравад
**Қудва –** пешво
**Қуддусиён –** покон
**Қулуб –** дилҳо
**Қум –** а. феъли амр – бархез
**Қурб –** наздикӣ

### Л

**Ламъа –** фурӯғ, равшанӣ, партав
**Лиллаҳилҳамд –** сипос мар Худойро
**Лоеҳ –** ошкор, ҳувайдо
**Лоуболӣ –** бебок, бепарво
**Лоҳут –** олами ғайб
**Луҷҷа –** жарфтарин ҷои оби баҳр

## М

**Мабодӣ –** мабдаъҳо аслҳо, оғозҳо
**Мавкиби ашк –** қатраҳои ашк, маҷ.сипоҳи ашк
**Мавқуф –** боздошташуда, тарккардашуда
**Мавлид –** зодгоҳ
**Мадор –** ҷои давр задан, чизе, ки дар гирди он чизи дигар бигардад.
**Мазоҳир –** ҷ. мазҳар, маҳалли зуҳур
**Макорим –** некиҳо
**Малоз –** паноҳгоҳ, ҷои паноҳ
**Мансуба –** майдони шатранҷ
**Мансур –** музаффар
**Мантиқи тайр –** забони мурғон
**Маншур –** фармон, паймон
**Маод –** ҷои бозгашт, ҷаҳони дигар
**Маоз –** паноҳгоҳ, маъман
**Марзангӯш –** навъе аз райҳон, ки баргҳои борик дорад, киноя аз зулф.
**Марҳалагоҳ –** ҷои фуруд омадан, фосилае байни ду манзил
**Масоъӣ –** саъйҳо, кӯшишҳо
**Мастур –** пӯшида
**Масун –** ҳифзшуда
**Мафтул –** тобдода, тобдор
**Мафтӯҳ** – боз
**Маҳд –** гаҳвора
**Машрӯҳ** – ошкор
**Машшота** – ороишгар
**Машъуф –** шефта, дилбохта
**Маъзул** – яксӯшуда, барканоршуда
**Маъкус** – божгуна
**Маърака** – ҷое, ки мардум барои тамошое ҷамъ оянд.
**Меҳнат –** ранҷу азоб
**Миғфар –** зиреҳе, ки зери кулоҳхӯд бар сар мегузоштанд.
**Мизмор**-най
**Мисоқ –** аҳд, паймон
**Моида –** хӯрданӣ
**Муаббид –** ибодатгар
**Муаттал –** бекормонда, беҳосил
**Муваккал –** гумошта, вакил
**Муваққар –** бовиқор, муҳтарам

**Муваллаҳ –** шефта, ошиқ
**Музаввар –** ботазвир, бардурӯғ
**Музаввир –** тазвиргар, риёкор
**Музтариб –** парешонҳол
**Мукаллал –** оросташуда, тоҷдор
**Муқайяд –** он чи дар банд аст
**Муқашшар –** пӯстканда
**Муқаъъар –** қаърдор, амиқ, жарф
**Муқир –** иқроркунанда, муътарифи гуноҳ
**Мунаҷҷим –** ситорашинос
**Мунзал –** фурудомада, фиристодашуда
**Мунтасаф –** нимаи чизе
**Муонид** – ситезакунанда, мухолиф
**Мунҳасир –** маҳдуд, вижа
**Мунҳӣ** – хабаркунанда, огоҳкунанда
**Муофӣ –** бахшудагӣ, озод будан аз анҷоми коре
**Мураввиҳ –** рӯҳбахш
**Мураққаъ –** ҷомаи пора – пораи ба ҳам дӯхташуда
**Мурассаъ –** ҷавоҳирнишон, гавҳарнишон
**Муршид –** пир, роҳнамо
**Муртоз** – риёзаткаш
**Мусаввада –** сиёҳнавис, навишта
**Мусодифа** – рӯбарӯӣ
**Муставӣ –** баробар
**Мустағнӣ –** бениёз
**Мустатоб –** пок, покиза
**Мустафиз –** файзёб, баҳраманд аз чизе
**Мустаҳиқ –** дархур, шоиста, сазовор
**Муталаввин –** рангоранг
**Мутаҳаллӣ –** ороста
**Мутаҳӣ** – баохиррасида, тамомшуда
**Муфарриҳ –** шодкунанда, фараҳовар
**Муфлис** – бечиз, тиҳидаст
**Мухаллад –** ҷовидон
**Муҳаддаб** – кӯжпушт
**Муҳаққар –** хор, ҳақир
**Муҳит –** уқёнус
**Муҳтадӣ –** ҳидоятшаванда
**Муҳтасиб –** маъмуре, ки кори ӯ назорат дар иҷрои аҳкоми дин бувад.

**Муҷаддад** – нав, тоза
**Мушир** – ишоракунанда, машвараткунанда, ройдиҳанда
**Мушоҷирот** – низоъҳо, пархошҳо
**Муштаҳир** – шуҳратёфта, машҳур
**Муътакиф** – гӯшанишин
**Муътал** – бемор, мариз

**Н**

**Наззорагӣ** – тамошогар, бинанда
**Назир** – бимдиҳанда
**Назоир** – монандҳо, монандгон
**Нақир** – тухми хурмо
**Намат** – равиш
**Насир** – ёрикунанда, мададгор
**Натъ** – майдони шатаранҷ
**Нафир** – фарёд, овози баланд
**Нафй** – рад кардан, ботил кардан
**Нафоис** – чизҳои нафису гаронмоя
**Наҳаҷ** – ошкору равшан
**Нашр** – зинда кардани мурда дар рӯзи қиёмат
**Ниам** – неъматҳо
**Нигор** – нақш
**Нитоқ** – камарбанд, миёнбанд
**Ниҳрир** – зирак, моҳир, доно
**Новак** – тир
**Ноқа** – шутури мода, шутур
**Носия** – пешонӣ
**Носур** – ҷароҳате, ки ба сахтӣ илоҷ пазирад.
**Нофа** – кисае дар зери шиками оҳуи Хутан қарор дорад, ки аз он он моддае хушбӯй хориҷ мешавад ва ба мушк мавсум аст ва дар атрсоз меравад.
**Нохудо** – киштибон, киштирон
**Ношикебо** – бесабр, носабур
**Ношунавон** – гаронгӯш
**Нуқат** – нуктаҳо
**Нуфур** – рамидан, дур шудан
**Нушур** – зинда кардан, зинда шудани мурдагон дар рӯзи қиёмат

**О**

**Оз** – ҳирс, тамаъ
**Окиф** – гӯшагиранда барои тоату ибодат

**Ол –** сурх
**Омос** – варам
**Офият –** тандурустӣ, растгорӣ

### П

**Пайкон –** оҳани сартезе, ки бар сари тиру найза насб кунанд.
**Паранд –** пардаи ҳарир
**Парихон –** ҷингир, парибанд
**Паркола –** пора
**Поймард –** мададгор

### Р

**Райён –** сероб
**Разин –** устувор, матин
**Рақиқ –** нозук, нарм
**Расос –** арзиз
**Раҳиқ –** бода, холис, ноб
**Раҳил –** кӯч, марг
**Раҳин –** гаравгузошташуда, марҳун
**Раҳнамун –** раҳнамо
**Ридо –** ҷомае, ки рӯи ҷомаҳои дигар пӯшанд.
**Риёз –** ҷ. равза, боғҳо
**Рикеб –** рикоб
**Ринд –** лоқайд, он ки пойбанди одобу русуми умумию иҷтимоӣ набошад.
**Роиз –** дастомӯз, ром
**Роиҳа –** бӯи хуш
**Ротибахор –** он ки аз ҷое ҳаққи рӯзона ё маош мегирад.
**Руммон –** анор
**Рутаб –** хурмо
**Руҳбон –** роҳиб, гӯшанишин
**Руҷҳон –** бартарӣ

### С

**Сабеҳ –** хубрӯю сафедчеҳра
**Сабил –** роҳ, тариқ
**Савмаа –** ибодатгоҳи роҳиб, дайр, хонақоҳ
**Савод –** хитта, марз
**Сайёла –** бисёр равон, ҷорӣ
**Сайрафӣ** – сарроф

**Сайҳа –** бонг, фарёд, наъра
**Салб –** бурдбор, сабур
**Сало –** овоз додан касе ё касонеро барои чизе додан
**Самак –** моҳӣ
**Самоъ –** рақс
**Самум –** боди гарми заҳролуд
**Сандал –** дарахтест, ки дар минтақаҳои гарм парвариш меёбад ва чӯбаш бӯи хушу хосияти давоӣ дорад.
**Саноеъ –** ҷ. санъат, санъатҳое, ки дар онҳо зарофат ба кор равад.
**Сародиқ –** хайма, саропарда, чодар
**Сарроф –** касе, ки ба доду ситади анвоъи пул сари кор дорад.
**Сарсар –** боди сахти сард
**Сафир –** фарёд
**Саҳоб** – абр
**Саҳбо** – бода, шароб
**Сибён –** кӯдакон
**Сидра –** номи дарахтест мисли коҷ, ки дерсол аст.
**Сикка –** пули филиззин, ки зарб шуда бошад.
**Силк –** риштае, ки чизеро бад – он бикашанд.
**Силсила –** занҷир
**Симок –** ҳар як аз ду ситора, ки дар пои бурҷи Асад бошанд, ки якеро «Симоки аъзал» (бесилоҳ) ва дигареро «Симоки ромиҳ» (найзадор) номанд.
**Симот** – суфра
**Симох –** сӯрохи гӯш
**Ситр –** пӯшиш, ҳиҷоб
**Сода –** пок, бенақш
**Соиб** – рост, дуруст
**Солус –** макру риё
**Сувайдо –** нуқтаи сиёҳи дил
**Судоъ –** дарди сар
**Суккон –** олате чӯбин ё филиззӣ, ки дар яке аз ду интиҳои киштӣ насб кунанд ва бо ҳаракати он самти ҳаракати киштиро тағйир диҳанд.
**Суқба –** сӯрохи кӯчак, сӯрох
**Сулб –** устувор, қавӣ
**Суллам –** нардбон
**Сур –** асбобе, ки ба он даманд, сури Исрофил
**Сурохӣ –** мино, зарфи шароб
**Сутурда** – покшуда

**Суҳайл –** ситорае, ки дар охири фасли гармо тулӯъ кунад ва чун дар Яман комилан ба назар мерасад, Суҳайли яманӣ хонанд.
**Суъбон –** аждаҳо

## Т

**Тааддуд** – бисёр шудан, фаровонӣ
**Тааққул –** андеша кардан, андешидан, хирадмандӣ
**Тааммул –** андешидан
**Табарзин –** навъе аз набот
**Таборакаллоҳ –** бузург асту пок аст Худо (ҳангоми таҳсин гуфта мешавад)
**Таваккул –** ба умеди Худо будан
**Тавбаи насӯҳ –** тавбаи холис, ки дигар ба гуноҳ бознагардад
**Тавқеъи райҳон –** хатти райҳон (тавқеъ ва райҳон номи ду хатти арабӣ)
**Тавқир –** бузург доштан, иззату ҳурмати касеро нигоҳ доштан
**Тавсан –** аспи саркаш, нофармон
**Тағофул –** нодида гирифтан
**Тайласон –** ҷомаи кушоду дароз, ки ба дӯш андозанд.
**Таксир –** кӯтоҳӣ, гуноҳ
**Тақарруб –** наздикӣ ҷустан
**Тақтир –** чакидан
**Талаввун** – рангорангӣ
**Таманно –** орзу
**Тамосил –** суратҳо, нигорҳо
**Таолаллоҳ –** бартар аст Худо (ҳангоми таҳсин гуфта мешавад)
**Тараҳҳум –** раҳм, дилсӯзӣ
**Тарф –** гӯшаи кулоҳ
**Тастир –** навиштан, таълиф кардан
**Татовул –** дароздастӣ кардан
**Тафаҳҳус** – баррасӣ, ҷустуҷӯ
**Тахаллуф –** сарпечӣ, рӯгардонӣ
**Таҳур –** поккунанда
**Тақсир** – кӯтоҳӣ
**Тахдир –** карахт гардонидан, суст гардонидан
**Таҳайюр –** ҳайронӣ
**Таҷрид** – танҳоӣ гузидан, танҳоӣ
**Таъвиз –** тӯмор
**Таъзир –** узр овардан, баҳона кардан
**Таътир –** хушбӯ кардан, атр задан

**Тибён** – ҳувайдо, равшан
**Толӣ** – пасрав, тобеъ
**Торик** – ситораи субҳ
**Тоҳир** – пок
**Турра** – зулф
**Тутуқ** – пардаи бузург
**Туюр** – парандагон
**Тӯбо** – номи дарахте дар биҳишт

**У**

**Удул** – баргаштан аз роҳ
**Укуд** – ақдҳо, паймонҳо
**Улув** – баландӣ, бузургии қадр
**Умми хабоис** – модари бадиҳо, шароб
**Ур** – урён, бепарда
**Урук** – рагҳо
**Утуфат** – муҳаббат, меҳрубонӣ
**Уюн** – чашмҳо

**Ф**

**Фавокеҳ** – меваҳо
**Фароғ** – осудагӣ
**Фатила** – пунба ё чизе монанди он, ки андаке тофта, дар чароғ ниҳанд
**Фитрок** – тасмае, ки аз пасу пеши зини асп овезанд
**Футур** – сустӣ, заъф
**Фуюз** – файзҳо

**Х**

**Хад** – рухсор, гуна
**Хаданг** – дарахтест бисёр сахт, ки ах чӯби он найзаву тир созанд, тир.
**Хадев** – подшоҳ
**Хай** – арақ
**Хайл** – сипоҳ, лашкар
**Хайт** – ришта
**Хазаф** – ҳар чизи гилӣ, ки дар оташ пухта шуда бошад, сафол.
**Хароботм** – майхона
**Хатир** – мушкил, пурхатар, азим
**Хизлон** – бебаҳрагӣ аз ёрӣ
**Хор** – хор – халаҷон, изтироб

**Хулд –** биҳишт
**Хулус –** покӣ, беолоишӣ

## Ҳ

**Ҳаблулматин –** расани устувор
**Ҳавдаҷ –** каҷовае, ки занон бар он савор шаванд, аморӣ.
**Ҳаддод –** оҳангар
**Ҳаз –** лаззат, баҳра
**Ҳазин –** ғамзада
**Ҳазор –** булбул
**Ҳалоҳил –** гиёҳе заҳрнок
**Ҳамоил –** овезон
**Ҳараҷ –** тангӣ
**Ҳарун –** астари саркаш
**Ҳасбатан лиллоҳ –** барои ризои Худо
**Ҳатим –** девори беруни хонаи Каъба ба ҷониби мағриб
**Ҳашам** – хешону касону чокарони мард
**Ҳашар** – гурӯҳ, лашкар
**Ҳашр –** барангехтан
**Ҳаюло –** моддаи аввалияи олам
**Ҳима** – ҳезум
**Ҳита –** замини фарох, ки атрофи онро иҳота карда бошанд.
**Ҳиҷла –** ҳуҷраи ороста барои арӯсу домод
**Ҳиҷоб –** парда
**Ҳодис –** нав
**Ҳудус –** нав пайдо шудан, ба вуҷуд омадан
**Ҳуққа –** қутие, ки дар он ҷавоҳир ё ашёи дигар гузоранд.
**Ҳур** – офтоб
**Ҳуҷҷоб –** ҷ. ҳоҷиб, пардадорон

## Ч

**Чангул –** панҷаи ҷонварони дарандаву шикорӣ
**Човуш –** пешрави лашкар ва корвон

## Ҷ

**Ҷабин –** пешонӣ
**Ҷавъон –** гурусна
**Ҷадир –** лоиқ, сазовор
**Ҷамил –** зебо
**Ҷаммоза –** шутури тезрав

**Ҷанох** – бол, канори лашкар
**Ҷарас –** зангӯла
**Ҷилбоб –** ҷомаи фарох, пироҳани кушод
**Ҷифа** – мурдор
**Ҷунуд** – лашкарҳо

### Ш

**Шабгир –** саҳаргоҳ, ҳангоми саҳар
**Шағаб –** шӯру ғавғо
**Шақ –** шикоф, чок
**Шангарф –** ранги сурхтоб
**Шаҷар** – дарахт
**Шаър –** порча, матоъ
**Шикеб –** сабр, таҳаммул
**Шикӯҳ** – тарс, бим
**Шумус –** ҷ. шамс, хуршедҳо, офтобҳо
**Шуъбада –** найранг, ҳуққабозӣ

### Э

**Эҳмол – таъхир**
**Эҳтироқ –** сӯхтан, оташ гирифтан
**Эъроз –** рӯ тофтан, нафрат доштан

### Я

**Яғмо –** ғорат, суфрае, ки аз моли ғоратшуда фароҳам шавад.
**Яди байзо –** дасти сапед, аз муъҷизоти Ҳазрати Мӯсо, ки чун дастро дар зери бағал мебурду берун меовард, нуре зоҳир мегашт.
**Ясир –** андак

## Ф Е Ҳ Р И С Т

Муқаддима ........ 3
Ғазалиёт........ 130
Муқаттаот ........ 286
Рубоиёт........ 300
Муфрадот ........ 312
Нашидуссафир........ 314
Дар сифати худ ........ 326
Дар ситоиши хештан........ 333
Дар тавсифи Кашмир ва таҳнияти фатҳи он
ва мадҳи Акбарподшоҳ........ 335
Таркиббанд дар марсияи Муҳаммадкамол –
писари сесолаи худ ........ 341
Дар рисои падар ........ 347
Дар рисои модар........ 350
Дар марсияи модари худ ........ 353
Луғот ва тавзеҳот ........ 354

**Абулфайзи Файзӣ**

**АШЪОРИ МУНТАХАБ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 10.04.2015 супорида шуд.
Чопаш 15.04.2015 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 23,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Офсет-Империя» чоп шудааст.